ISSN 2414 9217

https://www.gospravacheloveka.tnu.tj

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН

**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА

**Научно-практический журнал**

**№ 4 (28)**
**2022**

# ДАВЛАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ ИНСОН
**Маҷаллаи илмӣ-амалӣ**

**№ 4 (28)**
**2022**

**Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 196/МҶ-97 аз 12 апрели соли 2021 ба қайд гирифта шудааст.**
**Маҷалла ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.**
**Маҷалла соли 2016 таъсис дода шуда, дар як сол чор маротиба чоп мегардад.**

***Муассис: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ***



| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир:** | **Азиззода У.А. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Муовини сармуҳаррир:** | **Диноршоҳ А.М. – д. и. ҳ., профессор** |
| **Котиби масъул:** | **Салоҳидинова С.М. – н. и. ҳ.** |

**Ҳайати таҳририя:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ф., профессор** |
| **Маҳмудзода М.А.** | **академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. и. ҳ., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** |
| **Авакян С.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Зоир Ҷ.М.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. и. с., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. и. ҳ., дотсент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Раҳмон Д.С.** | **д. и. ҳ., профессор** |
| **Ҷамшедов Ҷ.Н.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Камолзода И.И.** | **н. и. ҳ., дотсент** |
| **Павленко Е.М.** | **н. и. ҳ., дотсент** |

**Муҳаррирони илмӣ ва мусаҳҳеҳон:**
**Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М., Наимов Б.Ғ., Сафарзода Н.Ф.**



**ISSN 2414 9217**

# ГОСУДАРСТВОВЕДЕНИЕ И ПРАВА ЧЕЛОВЕКА
**Научно-практический журнал**

**№ 4 (28)**
**2022**

**Издание зарегистрировано в Министерстве культуры Республики Таджикистан за № 196/МЧ-97 от 12 апреля 2021 года.**
**Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан.**

**Журнал выходит с 2016 года, издается 4 раза в год.**

***Учредитель: Таджикский национальный университет, юридический факультет***



| | |
|---|---|
| **Главный редактор:** | **Азиззода У.А. – д. ю. н., профессор** |
| **Заместитель главного редактора:** | **Диноршох А.М. – д. ю. н., профессор** |
| **Ответственный секретарь:** | **Салохидинова С.М. – к. ю. н.** |

**Члены редколлегии:**

| | |
|---|---|
| **Имомзода М.С.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ф. н., профессор** |
| **Махмудзода М.А.** | **академик Национальной Академии наук Таджикистана, д. ю. н., профессор** |
| **Насриддинзода Э.С.** | **д. ю. н., профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана** |
| **Авакьян С.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Ализода З.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Зоир Дж.М.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Шарипов Т.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Нуриддинов Р.** | **д. п. н., профессор** |
| **Шарофзода Р.Ш.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Золотухин А.В.** | **д. ю. н., доцент** |
| **Сафарзода Б.А.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Рахмон Д.С.** | **д. ю. н., профессор** |
| **Джамшедов Дж.Н.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Камолзода И.И.** | **к. ю. н., доцент** |
| **Павленко Е.М.** | **к. ю. н., доцент** |

**Научное редактирование и корректура:**
**Саъдизода Дж., Шоев Ф.М., Наимов Б.Г., Сафарзода Н.Ф.**



**ISSN 2414 9217**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

### НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ДАР БОРАИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)


| | | |
|---|---|---|
| **Раҳмон Д.С., Файзализода Б.Ф.** | Омилҳои ҳуқуқӣ-идории таъсиррасон ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил дар Тоҷикистон | **7** |
| **Азиззода У.А., Шодизода Н.М.** | Хавфи ҷамъиятии ҷиноят: таҳқиқоти умумӣ-назариявӣ | **27** |
| **Қодирзода М.А.** | Масоили амалишавии функсияи экологии давлат: назария ва қонунгузорӣ | **38** |
| **Миралиев И.Қ., Зокирова Н.И.** | Низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: заминаҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти он | **53** |
| **Шоев Ф.М.** | Бурҳонуддин Марғелонӣ ва ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии ӯ | **61** |
| **Қодирзода Ғ.Н.** | Аҳаммияти шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони МКД дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд | **69** |
| **Шарипов А.Б.** | Нақши афзалиятноки функсияи иҷтимоӣ дар низоми функсияҳои давлати муосир | **79** |
| **Азиззода У.А., Алиев И.И.** | Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ | **89** |


### ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)


| | | |
|---|---|---|
| **Раҳмон Д.С.** | Мубоҳисаҳо оид ба масъалаи мавқеи санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ | **102** |
| **Ҳалимзода К.Ҳ.** | Низоми кафолати конститутсионии ҳуқуқ ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист | **113** |


### ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)


| | | |
|---|---|---|
| **Раҳимзода М.З., Анушервони И.** | Проблемаи татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ: таҳлили ҳуқуқии назариявӣ | **123** |
| **Кодиркулов Х.Р., Курбонов Дж.С.** | К вопросу о судебной защите трудовых прав с иностранным участием | **138** |

| | | |
|---|---|---|
| **Абдураҳимов С.Қ.** | Дар бораи баъзе мушкилот ва дурнамои рушди субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **150** |
| **Шабонов Ш.С.** | Танзими ҳуқуқии баъзе масъалаҳои гардишпазирии роҳҳои автомобилгард | **176** |
| **Абдулхайри Ҳ.** | Баҳодиҳии соҳаи сайёҳӣ ва самаранокии ҳаракати маҳсулоти сайёҳӣ | **182** |


**ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)**


| | | |
|---|---|---|
| **Бобокалонов Г.М.** | Вопросы заключения трудового договора, с лицом на период замены временно отсутствующего работника, за которым сохраняется его рабочее место | **193** |
| **Ҷалилов М.Ш.** | Ҳуқуқҳои иттифоқи касаба дар соҳаи ҳифзи меҳнат | **202** |


**ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)**


| | | |
|---|---|---|
| **Мазарифов М.К.** | Мафҳум ва аломатҳои назариявии ҷиноятҳои кибернетикӣ | **210** |
| **Камолов Х.С.** | Мавқеи принсипи қонуният дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ | **218** |
| **Абдусаломзода Ҷ.А.** | Хусусиятҳои объекти ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт будуни мақсади тасарруф | **226** |


**ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)**


| | | |
|---|---|---|
| **Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т.** | Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ | **237** |
| **Абдуллозода П.С.** | Такмили Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар партави ислоҳоти қонунгузориҳои давлатҳои пасошуравӣ | **251** |


**ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)**


| | | |
|---|---|---|
| **Сайфуллоев С.Р., Муродзода У.У.** | История возникновения и развития института международно-правового признания | **275** |

## КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ-ЭКСПЕРТӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ (ИХТИСОС: 12.00.12) – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.12)


| | | |
|---|---|---|
| **Қодирзода Д.С.** | Проблемы тактики допроса свидетелей при расследовании уголовных дел, связанных с незаконным оборотом наркотиков | **286** |


## ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ (ИХТИСОС: 12.00.14) – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.14)


| | | |
|---|---|---|
| **Санавваров Г.Б.** | О совершенствовании миграционной политики Республики Таджикистан: вопросы административно-правовгo регулирования | **296** |
| **Шукуров Н.И.** | Баъзе масъалаҳои назарияи умумии принсипҳои назорати маъмурӣ | **309** |
| **Носиров А.С.** | Ҷанбаъҳои ҳуқуқӣ-маъмурии таъмини амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **319** |


## ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ


| | | |
|---|---|---|
| **Бобоҷонзода И.Ҳ.** | Тақриз ба китоби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ. «Андешаи давлати миллӣ». – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 684 с. | **326** |

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»** **332**

## НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТИ ҲУҚУҚӢ ВА СИЁСӢ (ИХТИСОС: 12.00.01) – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ ПРАВОВЫХ И ПОЛИТИЧЕСКИХ УЧЕНИЙ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)

# ОМИЛҲОИ ҲУҚУҚӢ-ИДОРИИ ТАЪСИРРАСОН БА ИНКИШОФИ ҲУҚУҚ БА ТАҲСИЛ ДАР ТОҶИКИСТОН

**Раҳмон Дилшод Сафарбек,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**E-mail:** S_dilshod85@mail.ru
**Тел:** (+992) 918-67-52-82

**Файзализода Бахтиёр Файзалӣ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail:** musavir_@mail.ru
**Тел:** (+992) 93-546-51-51

**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Ҳуқуқ ба таҳсил дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанги ҳуқуқи инсон ва таҷдиди муосири соҳаи маориф омили асосии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, аввалин зинаи дарку татбиқи тамоми доираи ҳуқуқҳои инсон ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳар кас азхудкунии дониш, маҳорат, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, фаъолияти пурсамари ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва амнияти миллиро кафолат дода, суботи ҷомеаро барқарор намуда, ба рушди давлати демократӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Дар замони фанновариҳои нав маориф на танҳо як соҳаи иҷтимоӣ, балки сармоягузорӣ ба ояндаи кишвар аст, ки дар он бояд давлат, ҷомеа, корхонаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон иштирок кунанд, зеро ҳама ба таҳсилоти босифат манфиат доранд.

Шароит ва равандҳои зеринро, ки ба ташаккули ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар даврони Истиқлол заминаи муҳим гузошт, метавон ба омилҳои таъсиррасон шомил кард: фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мукаммал гардонидани қонунгузории мамлакат дар соҳаи ҳуқуқ ба таҳсил; эътироф, риоя, ҳифз ва кафолати ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳимояи он; шомилшавии давлат ба созмонҳои байналмилалӣ ва этирофи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии вобаста ба

ҳуқуқ ба таҳсил; ба як низоми муайяни танзимнамоӣ даровардани низоми таҳсилот дар ҶТ; амалисозии сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи маориф (таҳсилот); заминасозии шароитҳои моддӣ (иқтисодӣ) барои ташкили раванди таҳсилот; тасвиб ва риояи принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз ҷониби давлат; татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар раванди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлат; омодасозии пояҳои методии таълим ва тарбия дар асоси таҷрибаҳои миллии таърихӣ ва пешрафтаи ҷаҳонӣ.

**Калидвожаҳо:** Конститутсия, ҳуқуқ ба таҳсил, таълим, тарбия, таҳсилот, маориф, қонуният, қонунгузор, қонунгузорӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, кафолатҳои ҳуқуқи инсон, санадҳои байналмилалӣ, механизмҳои байналмилалӣ, принсипҳои байналмилалӣ, сиёсати давлатӣ, барномаҳои давлатӣ, назорати давлатӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, заминаҳои моддӣ, ҷаҳонишавӣ, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.

## АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫЕ ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА РАЗВИТИЕ ПРАВА НА ОБРАЗОВАНИЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**Раҳмон Дилшод Сафарбек,**
доктор юридических наук, профессор, ректор Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки
**E-mail:** S_dilshod85@mail.ru
**Тел.:** (+992) 918-67-52-82

**Файзализода Бахтиёр Файзалӣ,**
соискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**E-mail:** musavir_@mail.ru
**Тел.:** (+992) 93-546-51-51

**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Право на образование в условиях глобализации культуры прав человека является главным фактором развития мирового сообщества, а современное обновление сферы образования является первым шагом в понимании и реализации всего комплекса прав человека. Право на образование гарантирует каждому приобретение знаний, навыков, развитие творческих способностей, эффективную деятельность государственных и общественных институтов и обеспечение национальной безопасности, восстанавливает стабильность общества, способствует развитию демократического, социального и правового государства. В эпоху новых технологий образование является не только социальной

сферой, но и инвестицией в будущее страны, в которой должны участвовать государство, общество, предприятия, организации, граждане, ведь в качественном образовании заинтересованы все. К числу влияющих факторов можно отнести следующие условия и процессы, заложившие важную основу для формирования права человека на образование в эпоху Независимости: деятельность законотворчества и совершенствования законодательства страны в сфере право на образование; признание, соблюдение, защита и гарантия права человека на образование в нормативных правовых актах и механизмы его защиты; вступление государства в международные организации и признание международно-правовых документов, касающихся права на образование; приведение системы образования в Республике Таджикистан к определенной системе регулирования; реализация единой государственной политики в сфере образования; создание материальных (экономических) условий организации образовательного процесса; утверждение и соблюдение государством принципов государственной политики в сфере образования; осуществление государством мер стимулирования в процессе реализации права на образование; подготовка методических основ воспитания и обучения на основе отечественного исторического и передового мирового опыта.

**Ключевые слова:** Конституция, право на образование, образование, обучение, воспитание, воспитание, законность, законодательная власть, законодательство, права и свободы человека, гарантии прав человека, международные документы, международные механизмы, международные принципы, государственная политика, государственные программы, государственный контроль, законотворческая деятельность, фундамент, материал, глобализация, уполномоченный по правам человека.

## LEGAL AND ADMINISTRATIVE FACTORS AFFECTING THE DEVELOPMENT OF THE RIGHT TO EDUCATION IN TAJIKISTAN

**Rahmon Dilshod Safarbek,**
doctor of Law, professor, rector of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki
**E-mail:** S_dilshod85@mail.ru
**Phone.:** (+992) 918-67-52-82

**Faizalizoda Bakhtiyor Faizali,**
competitor of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University
**E-mail:** musavir_@mail.ru
**Phone.:** (+992) 93-546-51-51

**Reviewer:** Sadizoda J., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** The right to education in the context of the globalization of human rights culture is the main factor in the development of the world community, and the modern renewal of the education sector is the first step in understanding and realizing the whole range of human rights. The right to education guarantees everyone the acquisition of knowledge, skills, the development of creative abilities, the effective operation of state and public institutions and the provision of national security, restores the stability of society, and contributes to the development of a democratic, social and legal state. In the era of new technologies, education is not only a social sphere, but also an investment in the future of the country, in which the state, society, enterprises, organizations, citizens should participate, because everyone is interested in quality education. Among the influencing factors are the following conditions and processes that laid an important basis for the formation of the human right to education in the era of Independence: the activity of lawmaking and improving the country's legislation in the field of the right to education; recognition, observance, protection and guarantee of the human right to education in regulatory legal acts and mechanisms for its protection; entry of the state into international organizations and recognition of international legal instruments relating to the right to education; bringing the education system in the Republic of Tajikistan to a certain system of regulation; implementation of a unified state policy in the field of education; creation of material (economic) conditions for organizing the educational process; approval and observance by the state of the principles of state policy in the field of education; implementation by the state of incentive measures in the process of realizing the right to education; preparation of methodological foundations of education and training based on domestic historical and advanced world experience.
**Keywords:** Constitution, the right to education, education, training, upbringing, upbringing, legality, legislative power, legislation, human rights and freedoms, guarantees of human rights, international documents, international mechanisms, international principles, state policy, state programs, state control, lawmaking activity, foundation, material, globalization, ombudsman.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои марбут ба таъмин намудани шароити зидагии арзанда ва некуаҳволии мардуми Тоҷкистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Чунки Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия давлати иҷтимоӣ эълон гардида, уҳдадор шудааст, ки ба ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Дар баробари ин, таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил низ яке аз уҳдадориҳои давлат ба ҳисоб рафта, ҳалли тадриҷии масъалаҳои иҷтимоии бо ҳуқуқ ба таҳсил алоқаманд дар кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд, ки: «Мо ба хотири рушди илму маориф тамоми захираву имконитяҳоро равона кардаем ва ин корро минбаъд низ бомаром идома

медиҳем. Зеро ояндаи миллат ва фардои давлат ба наслҳои ватандӯсту ватанпараст, бонангу номус, дорои ҳисси баланди миллӣ, соҳибмаърифату донишманд, забондон, дорои ҷаҳонбинии васеъ, меъморону муҳандисон, ихтироъкорону навоварон, дигар ихтисосҳои замонавӣ ва касбу ҳунарҳои муосир вобастагии мустақим дорад»[1].

Яке аз омилҳои асосии инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил ин заминаи моддии (иқтисодии) давлат ва дар асоси он таъмин намудани шароити мусоид ба ҳисоб меравад. Чунки бидуни иқтисодиёти инкишофёфта ва заминаҳои моддии давлат таъмин намудани шароити мусоид барои ба пуррагӣ амалӣ гардидани ҳуқуқи инсон ба таҳсил имконнопазир мегардад. Ҳамчунин, бе аҳаммиятии давлат дар таъмин намудани шароити муосид дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил ба косташавии сатҳи саводнокӣ ва иқтидори зеҳнии аҳолӣ оварда мерасонад. Мо бояд дарк кунем, ки инкишофи давлатдорӣ ва рушди ҷомеа аз мутахассисони донишманду босавод вобаста аст. Чи тавре, ки аз талаботҳои яке аз категорияҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2020 бармеояд, иқтидори зеҳнии аҳолӣ яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи рушди ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад[2].

Яке аз омилҳои асосии дигаре, ки ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил замина гузошт, ин фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мукаммал гардонидани қонунгузории мамлакат дар соҳаи ҳуқуқ ба таҳсил ва ба як низоми муайяни танзимнамоӣ даровардани низоми таҳсилот дар ҶТ мебошад. Агар ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуқуқ ба таҳсил то давраи Истиқлол дар ҶТ назар намоем, маълум мегардад, ки он низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо назардошти шароит ва вазъи онрӯзаи ҷамъият тартиб дода шуда, бо мурури замон, баробари пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятии ба ҳуқуқ ба таҳсил алоқаманд куҳна гардидаанд. Баъди қабули Конститутсияи ҶТ, мо ба низоми мукаммалгардонии қонунгузории соҳаи таҳсилот ворид гашта, вобаста ба ҳар як зина ва низоми таҳсилот санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабул намудем. Масалан, дар робита ба муносибатҳои ҷамъиятӣ дар раванди амалисози ҳуқуқ ба таҳсили олии касбӣ Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 амал мекунад, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятии дар раванди амалаигардии ҳуқуқи мазкурро ба танзим медарорад[3]. Ва ба

[1] Суханронӣ дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://tojikmatlubot.tj/syhanron%D3%A3-dar-r%D3%AFzi-donish-va-iftito%D2%B3i-bi№i-asosii-donishgo%D2%B3i-davlatii-tibbii-to%D2%B7ikiston-2/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[2] Ниг.: Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/storage/Dokument%27s/Bar№maho/85bef317aed011a78e9f15c1273d6ca7.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[3] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

ҳамин монанд, вобаста ба ҳар як зинаҳои таҳсилот ва тартиби амалисозии онҳо қонунҳои алоҳида қабул карда шудааст.

Омили дигари асосии инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ин коркарди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилот мебошад. Е.М. Павленко қайд менамояд, ки «дар ин роҳ коркард ва амалӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилот аз вазифаҳои муҳимми давлатӣ ба шумор рафта, омили асосии инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мебошад»[4].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии ҶТ маҳсуб меёбад. Давлат барои амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот мақомоти ваколатдори давлатӣ (Вазорати маориф)-ро вазифадор намуда, фаъолияти онро ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил равона мекунад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот дар ҶТ дар заминаи усулҳое қарор мегирад, ки онҳо моҳият, мақсад, мазмун ва таъиноти низоми таҳсилотро дар мамлакат бо тартиб додани стратегияҳои рушди маорифи ҶТ муайян менамояд[5]. Аз ҷумла, баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат, қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бартарии соҳаи маориф дар ҳама сатҳҳои идоракунии давлатӣ, ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ, дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ва ғ.

Масъалаи дарк ва фаҳмиши ҳуқуқ ба таҳсил низ аз омилҳои зикргардида ба ҳисоб рафта, предмети омӯзиши фанни таълимӣ гардидааст. Имрӯз дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Точикистон фанни ҳуқуқи таҳсилот ба донишҷуён дарс дода мешавад.

Аъзошавии давлат бо созмонҳои байналмилалӣ ва тасвиби санадҳои байналмилалӣ низ аз омилҳое мебошанд, ки ба инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мусоидат менамояд. Равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ сабаб гардид, ки ҶТ муҳимтарин санадҳои байналмилалиро дар самти ҳуқуқи инсон ба таҳсил ба имзо расонида, дар амал татбиқ намояд. Аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ва ғ. Масалан, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба таҳсилро кафолат дода, давлатҳоро уҳдадор намудааст, ки барои амалисозидани он шароити мусоид фароҳам оваранд, дар сурати баръакст паймон ҷавобгариро пешбини менамояд. Махсусан, ҶТ баъди аъзои созмонҳои байналмилалӣ шудан ва ба тасвиб расонидани онҳо уҳдадориҳои муайянро дар бахши ҳуқуқи инсон (аз он ҷумла, оид ба

[4] Павленко Е.М. Формирование культуры прав человека и конститутционного правосознания в современной России. – М., 2004. – С. 79.

[5] Ниг.: Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf. (санаи мурочиат: 10.02. 2022).

ҳуқуқ ба таҳсил) бар души худ гирифт, ки иҷроиши онҳо барои давлати мо ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳони шарти муҳим ба ҳисоб меравад.

Ин санадҳои байналмилалӣ, ки кафолатдиҳандаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил буда, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҶТ-ро ташкил медиҳанд. Воридшавии ҶТ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба имзо расонидани созишномаю санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба мо имкон дод, ки низоми таҳсилот дар ҳамгироӣ бо низоми ҷаҳонии маориф; мубодилаи дуҷонибаи донишҷӯён ва кадрҳои илмӣ; эътирофи дипломҳо ва дигар санадҳои расмӣ ба роҳ монда шавад; ҳамкориҳои чандҷониба дар робита ба пажуҳишоти илмӣ дар сатҳи ниҳодҳо ва муассисаҳои илмӣ ва таҳсилот ба роҳ монда шавад. Дар доираи созишномаҳои дар ҶТ амалкунандаи соҳаи маориф ҳар сол ба шаҳрвандони Тоҷикистон барои идомаи таҳсил дар мактабҳои олии кишварҳои ИДМ (Федератсияи Россия, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Украина ва ғ.) квотаҳо ҷудо карда мешаванд. Теъдоди созишномаҳои байни мактабҳои олӣ дар доираи ИДМ меафзояд. Шумораи донишҷӯёни кишварҳои ИДМ, ки дар муассисаҳои таълимии олии ҶТ таҳсил мекунанд, афзоиш меёбад. Масалан, бино бар омори расмӣ ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавонони тоҷик барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд[6].

Кафолати ҳуқуқи инсон ба таҳсил ва механизмҳои ҳимояи он аз омили дигари инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил мегардад. Дар асоси кафолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил таъсис дода шуда, шаҳрвандон ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқашон аз онҳо истифода мебаранд. Чуноне, ки А.М. Диноршоев қайд менамояд: «Кафолати ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд – ин восита ва шароитҳое мебошанд, ки имконияти истифода аз ҳуқуқҳои пешбиникардаи Конститутсия, шартномаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро таъмин месозанд»[7]. Масалан, қонун ба шаҳрвандон ҳуқуқи озодона интихоб намудани шакл ва намуди таҳсилро додааст. Ё ин ки шахс ҳуқуқ ба шароити мусоиди барои таҳсил таъминшударо дорад.

Дар ин ҷо дар хусуси кафолатҳои амалисозии ҳуқуқи инсон ба таҳсил метавонем ба фикри устод А.И. Имомов розӣ шавем. Чи хеле, ки муҳаққиқ кайд мекунад, ҳуқуқ ба таҳсил мувофиқи моддаи 41 Конститутсияи ҶТ аз зумраи ҳуқуқҳои позитивӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими ҳуқуқи инсон ба таҳсил имкониятҳои худро дар солҳои анҷоми асри XX ва оғози асри XXI, давраи номуайяни сохти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ба асос гирифтааст[8]. Минбаъд пурзӯр намудани кафолати ҳуқуқ ба таҳсил ба рушди имкониятҳои ҶТ дар самтҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ

---

[6] Ниг.: Паёми Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri. (Санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[7] Диноршоев А.М. Права человека. Учебник. – Душанбе, 2010. – С. 212.

[8] Ниг.: Имомов А.И. Ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии сиёсати иҷтимоии давлат / А.И. Имомов // Конститутсия роҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил (бахшида ба 20 солагии Конститутсияи ҶТ). – Душанбе, 2014. – С. 13, 25.

вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, давлатро зарур меояд, ки вобаста ба шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодии имрӯзаи давлат низоми таҳсилот ва кафолатҳои ҳуқуқии онро баробар намояд.

Риояи принсипҳои ахлоқӣ дар ҷараёни амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил яке аз омилҳои инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама, шинохти хонандаро бояд ба роҳ монд. Ӯро надониста набояд таълимро оғоз кард. Бахусус, ҳолати рӯҳии хонандаро бояд омӯхт, то ки аз тарзи рафтори муаллимон дар ӯ аксуламале ба вуҷуд наояд. Таҳсилро танҳо баъди анҷом додани ин зина метавон шуруъ кард. Ба инобат гирифтани ин ҷиҳатҳо имконият медиҳад, ки хонандагон соҳиби дониш шаванд ва дар баробари ин сатҳи маданияти ахлоқиашон низ баланд гардад.

Сатҳи зиндагонии аҳолӣ дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон омилӣ асосӣ ба ҳисоб меравад. Агар сатҳи зиндагии оила аз ҷиҳати молиявӣ хуб бошад, фарзанд барои таҳсил намудан дар шароити хуб қарор мегирад. Агар сатҳи молиявии оила имконияти дар шароити хуб таҳсил намуданро надиҳад, оқибат ба нокомӣ оварда мерасонад.

Омили дигар ин татбиқ намудани чораҳои ҳавасмандгардонӣ дар раванди амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлат мебошад. Масалан, озод намудан аз пардохти ҳаққи таҳсил дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва ғ. Ҳамчунин имрӯзҳо Ҳукумати ҶТ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва бо мақсади ҳавасманд гардонидани талабагон, донишҷӯёну аспирантон ва толибилмони дигари манфиатдор, ҳар сол барои донишомӯзӣ дар кишварҳои хориҷӣ стипендияҳои байналмилалии Президенти ҶТ (Дурахшандагон)-ро ҷудо менамояд[9].

Таълими сифатнок дар муассисаҳои таълимӣ низ метавонад ба сифати омили таъсиркунандаи инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил гардад. Чунки таълими сифатнок дар муассисаи таълимӣ на танҳо сатҳи интелектуалии хонандаро баланд мекунад, балки ба гузоштани мақсадҳои олӣ ва интихоби озодонаи роҳи ҳаёташ шароити хуб фароҳам меорад.

Яке аз омилҳои дигаре, ки дар амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил аҳаммияти хосса дорад, ин забони таҳсил мебошад. Аз ин сабаб қонун забони асосии таҳсилро дар муассисаҳои таълимии ҶТ забони давлатӣ эълон кардааст. Давлат ба шаҳрвандон интихоби забони таҳсилро кафолат дода, ба забони давлатӣ ва дар маҳалҳои сукунати сернуфузи миллатҳои дигар, дар доираи имконоти мавҷудаи соҳаи маориф, ба забони модарии онҳо гирифтани таҳсилоти умумиро кафолат медиҳад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ забони таҳсил бо роҳи ташкил намудани шумораи зарурии хонандагон синфҳо, гурӯҳҳо ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти онҳо муайян карда мешавад. Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ

[9] Ниг.: Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02 апрели соли 2009 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи стипендияи байналмилалии Президенти ҶТ (Дурахшандагон)» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

омӯзиши забони давлатӣ тибқи қонунгузории ҶТ ва стандартҳои давлатии таҳсилот ҳатмист[10].

Таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо техникаву технологияҳои нав дар раванди таълим яке аз омилҳои дигари инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб рафта, рушди пурра ва ҳаматарафаи сатҳу сифати таълимро таъмин менамояд. Президенти ҶТ ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳои ислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки «...дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳу сифати таҳсил ва маърифат дар ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд...»[11].

Бо назардошти вазъияти иҷтимоии давлат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ба роҳ мондани қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятии бо ҳуқуқ ба таҳсил алоқаманд, яке аз омилҳои дигари инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил ба ҳисоб меравад.

ЮНИСЕФ яке аз мақоми байналмилалӣ дар самти назорати ҳуқуқ ба таҳсил ҳангоми гузаронидани санҷишҳо дар давлатҳои дунё 6 омилҳои асосии инкишофи ҳуқуқ ба таҳсилро муайян намудааст. Аз он ҷумла:

- Вазъи иқтисодӣ ва молиявии давлат дар таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил;
- Арзиши олӣ доштани ҳуқуқҳои инсон дар давлат ва эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо;
- Таъмини Истиқлол ва оромӣ;
- Вуҷуд доштани сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот;
- Сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ва кам кардани арзиши ҳаққи таҳсил дар мактабҳо;
- Тарбияи дурусти насли солим дар оила[12].

Фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлат, аз қабили Ҳукумати ҶТ, Парлумони ҶТ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Вазорати маориф ва илми ҶТ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагии онҳо дар маҳалҳо ва ғ. ҳамчун татбиққунандагони сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ дар инкишофи соҳаи ҳуқуқи инсон ба таҳсил хеле назаррас мебошанд.

Ҳамчунин омилҳои дигар, аз қабили алоқамандии ҳуқуқ ба таҳсил бо ҳуқуқҳои дигари инсон низ асоси инкишофи ҳуқуқи инсон ба таҳсил мегардад.

[10] Ниг.: Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ (06.11.1994) / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М. Маҳмудзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 520 с.

[11] Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 24 апрели соли 2010. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/taxo№my/term/5/69. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[12] ЮНИСЕФ. Что такое Конвенция о правах ребенка? [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.unicef.org/tajikistan/ru/что-такое-конвенция-о-правах-ребенка. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

Тарбияи нодуруст дар муҳити оила, паст будани шуури ҳуқуқӣ ва мафкураи ҳуқуқӣ, таъсири мафкураи бегона ба шуури ҳуқуқии шахс, ки боиси шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мегардад, сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ, иқтидори иқтисодии давлат дар таъмин намудани шароити мусоид барои амалисозии хуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон ва танҳо дар доираи расмиёт мондани баъзе аз меъёрҳои қонунгузорӣ (кафолатҳо) дар амалисозии  ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар инкишофи ин ҳуқуқ мушкилотро ба вуҷуд меоранд.

Тарбияи дуруст дар оила бо мақсади дар руҳияи кӯдак бедор намудани шавқу рағбат ба таҳсил аз омилҳое мебошанд, ки иҷро намудани он шарт ва ҳатмист. Имрӯз ин талаботро Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011 расмӣ гардонида, иҷрои онро яке аз уҳдадориҳои падару модар муқаррар кардааст.

Сатҳи баланди таваллуд дар ҶТ боиси афзоиши рӯзафзуни шумораи аҳолии синну соли таҳсил мегардад. Ба ибораи дигар, ҳатто барои нигоҳ доштани ҳолати имрӯзаи соҳаи маориф махсусан, таъмини шароит барои таҳсил ҳаҷми бештари захираҳои молиявӣ, моддию техникӣ лозим аст. Дар шароити маҳдудиятҳои сахти буҷетӣ кишвар бояд на танҳо роҳҳои нигоҳ доштан, балки инчунин инкишоф додани соҳаи таҳсилотро дар назар бигирад.

Сатҳи баланди бекорӣ ва ташаккул наёфтани бозори меҳнат боиси он мегардад, ки шаҳрвандон фарзандони худро ба таҳсил фаро гирифта наметавонанд. Ин ҳолат маҳдудиятро дар таъминоти пурраи фарзандон ба маводҳои таълимӣ ва сару либоси дарсӣ гардонида, оқибат боиси дур мондани онҳо аз таҳсил мегардад.

Дар шароити тағйир ёфтани вазъи геополитикии ҷаҳон ва афзоиши таҳдиду хатарҳои нав идеологияи гурӯҳҳои тундрав ва ифротгаро низ метавонад, ки ба рушди давлатдории миллӣ ва манфиатҳои милливу давлатии мо, аз ҷумла ба амалигардии ҳуқуқ ба таҳсили шаҳрвандон монеаҳои ҷиддӣ эҷод намуда, мафкураи ҳуқуқии шаҳрвандонро кунд гардонида, оқибат онҳоро ба гурӯҳҳои ифротӣ шомил созад. Муҳаққиқон муайян кардаанд, ки яке аз сабабҳои шомил шудан ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ин аз таҳсил дур мондани онҳо ва таъсири ақидаҳои тундрави гурӯҳҳо мебошад. Ҳукумати ҶТ ҷиҳати роҳ надодан ба воридашавии ақидаҳои носолим ба зеҳну тафаккури ҷавонон дар ҷомеа ва пешгирии тарзи ҳаёти хурофотӣ чораҳои зарурӣ андешида, фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва сомонаву саҳифаҳои интернетие, ки ба амнияти миллии кишвар таҳдид менамоянд, қатъ намуд[13].

Бо мақсади аз байн бурдани камбудиҳои дар раванди амалисозии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил ҷойдошта ва таъмин намудани шароити

[13] Ниг.: Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26.12.2018. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/taxo№my/term/5/69. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

мусоид, Ҳукумати ҶТ 29 сентябри соли 2020 Қарор «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2030» қабул намуд. Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2030 бо мақсади «бунёди низоми самараноки маориф, ки имконияти фарогир ва баробарро барои инкишофи қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии ҶТ муҳайё месозад», қабул шудааст[14].

Дар системаи кафолатҳои ҳуқуқ ба таҳсил фаъолияти мақомоти давлатӣ ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Нақши онҳоро муайян карда, пеш аз ҳама ба мақомоти давлатӣ арҷ гузоштан лозим аст, зеро он худи давлатро таҷассум мекунад ва вазифадор аст ин ҳуқуқро таъмин намояд. Пажуҳишгари хориҷӣ К. Дитер бар ин назар аст, ки нисбат ба ҳуқуқ ба таҳсил уҳдадории давлат се ҷиҳат дорад: эҳтиром кардан (аз амалҳои бар хилофи иродаи шахс нигаронидашуда худдорӣ кардан), ҳимоя кардан (андешидани чораҳо барои пешгирии нақзи ҳуқуқ) ва амалӣ кардан (таъмин кардан, дастгирӣ кардан, ташвиқ кардан)[15]. Моҳияти уҳдадории охирин аз он иборат аст, ки давлат бояд ҳуқуқ ба таҳсилро таъмин (дар сурати мавҷуд набудани дастрасӣ ба таҳсил, кафолати он), дастгирӣ (сиёсати мувофиқеро, ки ба таъмини дастрасии таҳсилот равона шудааст) ва ҳавасманд (паҳн кардани дониш дар бораи ҳуқуқи инсон ба имкониятҳои ҳифзи он) намояд.

1. Ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби давлат тавассути:

- фаъолияти шабакаи васеи муассисахои таълимӣ, муассисахои илмӣ, марказҳои таҷрибаомузӣ;
- интихоби озоди намуд ва шаклҳои таълим;
- татбиқи ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён;
- маблағгузории тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби хароҷоти буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ;
- фароҳам овардани шароит барои гирифтани маълумот аз ҷониби шахсони дорои эҳтиёҷоти махсуси таҳсилот.

Чунин ба назар мерасад, ки барои иҷрои вазифаи амният тамоми механизми давлат бояд мураттаб кор кунад, ки дар он сарвари давлат нақши муҳим дорад. Таҳлили мақоми ҳуқуқи сарвари давлат дар шароити корпаративизми расмӣ-конститутсионӣ[16] шаҳодат медиҳад, ки сарвари давлат дар татбиқи ҳуқуқи мавриди назарамон баъзан мавридҳо ҳамчун миёнарав, дар ҳолатҳои дигар бевосита иштирок менамояд. Албатта, он мақоми махсуси соҳаи маориф нест ва пеш аз ҳама вазифаи намояндагиро иҷро мекунад. Аммо бо вуҷуди ин «дар ҳалли вазифаҳои сершумори дар назди давлат истода ва татбиқи вазифаҳое, ки давлат рӯ ба рӯ аст, сухани

[14] Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
[15] The Protection of the Right to Education by International Law. By Klaus Dieter Beiter. – Leiden, Boston: Martinus Nijhoff Publishers, 2006. – С. 75.
[16] Ниг.: Теория государства и права: курс лекций / [под ред. Н. И. Матузова и А. В. Малько]. – М.: Юристъ, 1999. – С. 86-134.

ҳалкунандаро маҳз ӯ дорад»[17].

Қобили зикр аст, ки вазифаи кафолати сарвари давлат дар сатҳи конститутсионӣ дар давлатҳои зиёде муқаррар шудааст. Хусусан, моддаи 102-и Конститутсияи Украина[18], моддаи Моддаи 79-и Конститутсияи Ҷумҳурии Беларус[19], моддаи 80-и Конститутсияи Федератсияи Россия[20] Президенти кишвар кафили конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф шудааст. Мувофики моддаи 5-и Конститутсияи Фаронса, вай риояи конститутсияро назорат мекунад. Моддаи 62-и Конститутсияи Испания[21] салоҳияти подшоҳро аз он иборат медонад, ки сарпарастии олии академияҳои шоҳигариро амалӣ созад.

Аммо Конститусияи ҶТ Президентро на кафил, балки ҳомии «қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» медонад[22]. Барои таъмини сохти конститутсионӣ, риояи конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба Сарвари давлат вазифа ва ваколатҳои дахлдор дода шудааст. Вай вазифаи қонунбарориро амалӣ намуда, дар кори қонунгузорӣ ширкат варзида, меъёрҳои ҳуқуқэҷодкунии худро, ки ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нигаронида шудааст, амалӣ менамояд. Санадҳои Сарвари давлат кафолати муҳимми ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил мебошанд.

Имрӯз дар як қатор кишварҳои ҷаҳон чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи минтақавӣ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак фаъолият мекунанд, ки Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост. Ин ниҳод дар кишварҳои аврупоӣ, аз қабили Австрия, Белгия, Юнон, Британияи Кабир, Исландия, Испания, Латвия, Литва, Олмон, Норвегия, Полша, Русия, Шветсия ва ғайра хуб рушд кардааст. Масалан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Австрия дар асоси қонунгузории таъминоти иҷтимоӣ амал карда, на танҳо ҳифзи иҷтимоии кӯдакон, балки ҳифзи ҳуқуқи онҳоро ба таҳсил низ таъмин менамояд. Ӯ ба кӯдакон маслиҳат медиҳад, ҳуқуқҳои онҳоро мефаҳмонад, барои ҳалли баҳси байни кӯдакон ва намояндагони қонунии онҳо ҳамчун миёнарав баромад мекунад ва ғайра. Мо чунин мешуморем, ки ба максад мувофиқ будани фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ низ бо як қатор сабабҳои объективӣ – хусусиятҳои инкишофи рӯҳӣ ва ҷисмонии кӯдакон, имконнопазирии ҳифзи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои

[17] Ҳамон ҷо. – С. 133.
[18] Ниг.: Конституция Республики Украина. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://zakon.rada.gov.ua /laws/show/254%D0%BA/96-%D0%B2%D1%80#Text. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
[19] Ниг.: Конституция Республики Беларуси. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.gov.by/ru/ gosudarstvo/constitution#:~:text=Конституция%20Беларуси%20была%20принята%2015,была%20изложена %20в%20новой%20редакции. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
[20] Ниг.: Конституция Республики Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.constitution.ru/10003000/10003000-6.htm. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
[21] Ниг.: Конституция Королества Испании. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/компетентные-юристы/правовая-библиотека/конституции-стран-мира/конституция-испании. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
[22] Ниг.: Конститутсияи ҶТ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ https://www.prokuratura.tj/legislation/the-constitution-of-the-republic-of-tajikistan.html. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

қонунии онҳо, вобастагӣ ба калонсолон, мавҷуд набудани адлияи ноболиғон дар кишвар муайян карда мешавад. Таҳлили таҷрибаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз мавқеи фаъоли ӯ дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил шаҳодат медиҳад. Ҳамин тариқ, ин ниҳод дар як муддати фаъолияташ дар соли 2020 ҳудуди 238 адад муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ намуда, дар 26 (соли 2019 – 46) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо ва муассисаҳои тарбиявӣ боздид, санҷиш ва мониторингҳо гузаронидааст (Камшавии теъдоди муассисаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда ба маҳдудиятҳои бинобар пешгирии паҳншавии бемории сироятии КОВИД-19 вобаста карда шудааст). Тамоми муроҷиатҳои воридгардида аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ бо тартиб ва дар доираи мухлатҳои дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» пешбинишуда баррасӣ гардида, ба муроҷиаткунандагон ҷавобҳои муфассал ирсол карда шудаанд[23].

Ҳокимияти қонунгузор кафолати ҷудонашавандаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад. Мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки моҳияти фаъолияти кафолатдиҳии парлумон дар механизми таъминоти конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқ ба таҳсил тавассути таҳлили вазифаҳои ба зиммаш гузошташуда ошкор карда шавад.

Парлумон вазифаи қонунгузориро амалӣ намуда, на танҳо қонунигардонии ҳуқуқ ба таҳсилро амалӣ мегардонад, балки эътирофи конститутсионии он ва дар қонунҳои асосии соҳаи маориф муайян намудани онро таъмин менамояд. Кафолати муҳимми парлумонии ҳуқуқ ба таҳсил дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар намудани ҳуқуқи ҳар як шахс ба таҳсил ва сатҳи ҳатмии таҳсилот мебошад. Чунин муносибати қонунгузор нишон медиҳад, ки ҳеҷ кас, аз ҷумла шахси воқеӣ ба татбиқи ҳуқуқи таҳсил монеъ шуда наметавонад.

Аз тарафи парлумон тасдиқ шудани барномаҳои миллии рушди иҷтимоӣ, аз ҷониби он муайян намудани принсипҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ кафолати таъмини ҳуқуқ ба таҳсил мебошад. Чунки ин самтҳои стратегии рушди давлат бевосита ба рушди минбаъдаи ҳуқуқ ба таҳсил ва имкониятҳои татбиқи он марбутанд.

Бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла маориф, мақомоти қонунгузор назорати парламентиро тавассути истифодаи чунин воситаҳо, аз қабили ирсоли дархостҳои намояндагӣ, саволҳо, шарҳҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз тобеият ва шакли моликияташон, гузаронидани тафтишот ва муҳокимаи парлумонӣ амалӣ менамояд. Амалияи назорати парлумоние, ки Маҷлиси намояндагон амалӣ мекунад, аз аҳаммияти он барои таъмини

[23] Ниг.: Маърӯзаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ барои соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://www.vhk.tj/images/reports/tj/Маърӯзаи_ВҲК_-_2020_-_фото_шрифт_14_точ_-_копия.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

ҳуқуқ ба таҳсил шаҳодат медиҳад. Аз рӯи натиҷаҳои он, парламент қарор қабул мекунад, ки тавсияҳои дахлдорро оид ба ҳалли масъалаи манфиатҳои ҷамъиятӣ тасдиқ мекунад. Масалан, 28 апрели соли 2022 таҳти раёсати раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони Вазорати маориф ва илми ҶТ дар мавзуи «Омӯзиш ва пешниҳоди роҳҳо ва усулҳои нави омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ, ташаккул додани тафаккури техникӣ ва вусъат бахшидан ба навовариву ихтирокорӣ» ҳамоиш баргузор гардидаст[24].

Мустақилият дар низоми мақомоти давлатӣ, ошкорбаёнӣ, набудани расмиёти барзиёд дар баррасии муроҷиатҳо, кӯмаки ройгон ба таҳкими нуфузи институти Ваколатдор дар системаи кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунанд. Ин эътимоди мардум ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ирсоли муроҷиатҳо ба ӯ бо дархости ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда ба таҳсилро шарҳ медиҳад.

Мутобиқи қонунгузории ҶТ Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолияти худро дар асоси маълумот дар бораи вайрон кардани ҳуқуқ ба таҳсил, ки на танҳо аз дархостҳои хаттии дигар субъектҳо, балки бо ташаббуси худ гирифта шудааст, амалӣ менамояд. Ғайр аз ин, вай чунин маълумотро аз воситаҳои ахбори омма гирифта, чораҳои дахлдор меандешад.

Воситаи муҳимми назорати парлумонӣ оид ба риояи ҳуқуқи инсон ҳисоботи солона ва махсуси Ваколатдор мебошад. Таҳлили муқоисавии онҳо моро ба ин натиҷа мерасонад, ки чун қоида, мазмуни ҳимояи ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби Ваколатдор ба талаботи қатъи ихтисори муассисаҳои таълимӣ, таъмини имконияти амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва кӯдакони эҳтиёҷманд ба кӯмаки иҷтимоӣ ва тавонбахшӣ, истифодаи китобхои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва маслиҳатҳои методӣ аз ҷониби муҳассилин, барҳам додани таъхир дар додани стипендия ва ёрдампулии донишҷӯёну курсантон ва ғ. ифода меёбад.

Дар Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ барои соли 2020, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар робита ба ҳуқуқ ба таҳсил чунин тавсияву пешниҳодотро ироа кардааст:

- андешидани чораҳо ҷиҳати азнавсозии муассисаҳои таълимӣ ва тақвият додани заминаҳои моддиву техникии онҳо;
- таъмини риояи ҳуқуқи кӯдак дар раванди таълим;
- дар таҳрири нав таҳия намудани китоби дарсии «Ҳуқуқи инсон» бо забонҳои давлатӣ ва русӣ;
- тақвият додани дониши хонандагон оид ба санадҳо ва механизмҳои

[24] Ниг.: Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад. Доир ба пешниҳоди роҳҳои нави омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ ҳамоиш баргузор гардид. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ https://parlament.tj/news/1099-mizi-mudavvar-barguzor-gardid. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

билливу байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак;

- тақвият додани фаъолият дар самти ҳамгироии кӯдакони ақаллиятҳои миллӣ ва зиёд намудани соатҳои дарсӣ аз фанни забони давлатӣ;

- ба эҳтиёҷоти кӯдакони дорои маъюбият мутобиқ намудани инфрасохтор ва заминаҳои моддию техникӣ ва кадрии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактаб-интернатҳо, махсусан дар маҳалҳо;

- рушди низоми фарогири таҳсилот ва қабул намудани Стратегияи нави таҳсилоти фарогир;

- бо такмили ихтисос фаро гирифтани омӯзгорон вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак, аз ҷумла кӯдакони маъюбиятдошта ба таҳсили фарогир;

- мутобиқ намудани санадҳои дохилиидоравии муассисаҳои махсуси кӯдакона бо қонунгузории миллӣ;

- тақвият додани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои махсуси кӯдакона[25].

Рушди ниҳоди Ваколатдори махсусгардонидашуда дар кишварҳои Аврупо моро водор мекунад, ки дар бораи ба мақсад мувофиқ будани омӯзиши таҷрибаи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи иштирокчиёни раванди таҳсил фикр кунем. Таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ин ниҳодро дар осори А. Батанов, А. Марселяк, М. Рудольф ва дигар олимон, ки дар пажуҳишҳои худ таҷрибаи хориҷии фаъолияти Ваколатдор ва комиссарони ҳуқуқи хонандагон ва донишҷӯёнро ошкор менамоянд, дидан мумкин аст.

Таҷрибаи фаъолияти омбудсменҳо оид ба ҳуқуқи донишҷӯён дар ИМА ва Русия вуҷуд дорад. Масалан, мактабҳои миёнаи Руссия чунин омбудсменҳои ғайрирасмӣ доранд, ки ҳуқуқи хонандагонро ҳимоя мекунанд. Онҳо дар асоси низомномаҳои тасдиқнамудаи мудирияти мактаб фаъолият мекунанд[26]. Онҳо шикояти инфиродии мактаббачагон ва намояндагони қонунии онҳоро баррасӣ намуда, ба мақомоти салоҳиятдор оид ба ҳуқуқҳои поймолшудаи кӯдакон маълумот медиҳанд, қонунҳоро ба донишҷӯён мефаҳмонанд, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра ташкил мекунанд. Мо чунин мешуморем, ки фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи иштирокчиёни раванди таҳсилот, пеш аз ҳама, аз нигоҳи ба даст овардани таҷрибаи ҳуқуқи инсон барои кӯдаконе, ки дар кӯдакистонҳо ба тарбият фаро гирифта шудаанд, хонандагони муассисаҳои таълимӣ, донишҷӯён, курсантон, мураббиёни кӯдакистонҳо, омӯзгорон, устодони донишгоҳ ва мудирияти тамоми муассисаҳое, ки дар зери роҳбарии Вазорати маориф ва илми ҶТ ҳастанд, муҳим аст.

Албатта, фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои донишҷӯён дар

[25] Ниг.: Маърӯзаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ барои соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://www.vhk.tj/images/reports/tj/Маърӯзаи_ВҲК_-_2020_-_фото_шрифт_14_точ_-_копия.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

[26] Ниг.: Уполномоченный по защите прав участников образовательного процесса. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://skola-8.ru/upol№mochennyy-po-zashchite-prav-uchastnikov-obrazovatel№go-protsessa. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

бисёр кишварҳо роиҷ нест, аммо чунин таҷриба дар Австрия, Британияи Кабир, Нидерландия, Русия, Канада ва ИМА вуҷуд дорад. Аз ҷумла, дар Федератсияи Русия вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён дар сатҳи федералӣ ҷорӣ шудааст ва ин ниҳоди ҳуқуқи инсон дар минтақаҳо – дар вилоятҳои Тюмен, Челябинск, Ярославл, Санкт-Петербург низ фаъолият мекунад. Ваколатдори донишҷӯён фаъолияти худро ба ҳифзи ҳуқуқҳои донишҷӯён, рушди худидоракунии мактабҳои олӣ, такмили қонунгузорӣ дар бораи таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии донишҷӯён равона мекунанд[27].

Дар Ҷумҳурии Австрия мутобиқи моддаи 31 Қонуни федералӣ «Дар бораи кафолати сифати берунии таҳсилоти олӣ ва Агентии кафолати сифат ва аккредитатсия (Қонун дар бораи назорати сифати таҳсилот)» аз 29 июли соли 2011, ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён низ ҷорӣ карда шудааст. Ин ниҳод дар сохтори Вазорати илм ва инноватсия кор мекунад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён мақоми расмӣ нест, он манфиатҳои қонунии донишҷӯёнро дар судҳо ва дигар мақомоти давлатӣ намояндагӣ намекунад. Воқеан, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯён нақши маркази иттилоотӣ ва хидматрасонии донишҷӯёнро мебозад. Вай мушкилоти онҳоро меомӯзад, оид ба таълим, тадқиқот, хидматрасонии маъмурӣ дар муассисаи таълимӣ ва ғайра маслиҳат медиҳад. Ваколатдор бо мақомоти худидоракунии донишҷӯён, бо муассисаҳое, ки ба салоҳияташон масъалаҳои маориф дохил мешаванд, зич ҳамкорӣ менамояд. Дар навбати худ, ӯ ҳақ дорад аз муассисаҳои таълимӣ маълумот ва маслиҳатҳои зарурӣ гирад. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи донишҷӯёни Австрия ҳар сол на дертар аз 15 декабр дар бораи натиҷаҳои фаъолияти худ ҳисобот медиҳад. Таҷрибаи фаъолияти омбудсмени донишҷӯён нишон медиҳад, ки онҳо ҳамчун воситаи оштӣ байни шахсони ҳуқуқ ба таҳсил амаликунанда, омӯзгорон, маъмурияти муассисаи таълимӣ ва алтернативаи татбиқи ҷазоҳои интизомӣ хизмат мекунанд.

Ба бовари гуфта метавонем, ки истифодаи таҷрибаи чунин ниҳод барои дар ҶТ ҷорӣ намудани ин муассиса муфид хоҳад буд. Чунин тахассусгардонӣ ба ҳифзи самарабахштари ҳуқуқи мавриди назар мусоидат мекунад. Бо мақсади пурзӯр намудани ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни раванди таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» иловаҳо дар мавриди ба меъёри фаъолиятҳои қонунӣ даровардани фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил, аз ҷумла, ҳуқуқ ва ухдадорихо, ба даст овардан ва қатъ намудани ваколатҳо ва кафолатҳои фаъолияти ӯ пешниҳод карда мешавад. Ба андешаи мо, азбаски яке аз салоҳиятҳои Ҳукумати ҶТ таъмини татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аст, таъсиси ниҳоди доимӣ (Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил) дар назди он додан ба мақсад мувофиқ аст, то ки аз вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ин соҳа

---

[27] Ниг.: Ешев М.А. Уполномоченный по правам студентов как элемент механизма защиты прав и свобод / М.А. Ешев, А.О. Поддубный, Г.А. Благова // Бизнес. Образование. Право. – 2018. – № 2 (43). – С. 269-272.

пешгирӣ бикунад.

Ба андешаи мо, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқ ба таҳсил бояд ваколатҳои зеринро дошта бошад: шикояти хонандагон, донишҷӯён ва падару модарони кӯдакони ноболиғ ва ҳамчунин, кормандони соҳаи маорифро дар бораи амал ё беамалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, муассисон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар соҳаи маориф барои баррасӣ қабул намояд; ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба таъмини шароит барои пурра амалӣ намудани ҳуқуқ ба таҳсил аз ҷониби шаҳрвандон тавсияҳо диҳад; бо дархост ба мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба андешидани чораҳо оид ба таъмини ҳуқуқ ба таҳсил муроҷиат намояд; ба Ҳукумати ҶТ оид ба такмили конунгузорӣ дар сохаи маориф тавсияҳо пешниход кунад. Фаъолияти ин ниҳод дар сохтори Ҳукумат вазифаи ҳифзи ҳуқуқи онро тақвият мебахшад.

Бо назардошти таҷрибаи кишварҳои Аврупо, мо чунин мешуморем, ки барои таъмини ҳуқуқ ба таҳсил дар ҶТ танзими қонунгузорӣ ва амалияи назорати ҷамъиятиро дар соҳаи маориф такмил додан зарур аст. Воқеан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» танҳо як модда ба назорати давлатии муассисаҳои таълимӣ бахшида шудааст, ки муқаррароти умумиро дар бар мегирад. Мо чунин мешуморем, ки бояд ба Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» фасли алоҳидаи «Назорат дар соҳаи маориф» дохил карда шавад, ки дар он мафҳумҳо ва намудҳои ин гуна назорат ба таври муфассал муқаррар гардида, салоҳиятҳои мақомоти назорати давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф пешбинӣ гардад. Дар баробари ин, азбаски Қонуни ҶТ дар бораи таҳсилоти олӣ (моддаи 33) қайд мекунад, ки назорати давлатӣ аз болои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм амалӣ карда мешавад, бояд дар сатҳи қонунӣ ваколатҳои ин ниҳодро муайян кард. Таъкид мекунем, ки дар ягон санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба соҳаи таҳсилот ва маориф вобаста ба ҷуз аз ишора ба ин мақом ҳеҷ маълумоти дигар вуҷуд надорад. Масъалаи дақиқ сохтани тамоми паҳлуҳои фаъолияти ин мақоми давлатиро мо яке аз масъалаҳои зарурӣ мешуморем.

Ҳамчунин, дар қонунгузории соҳавӣ ҷой кардани меъёрҳоеро, ки арзиши меъёрии ҳуқуқ ба таҳсилро вайрон намуда, боиси поймол гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил мегарданд, аз ҷумлаи омилҳои дигаре бояд донист, ки ба инкишофи ҳуқуқ ба таҳсил таъсири манфӣ мерасонад.

Масалан, мувофиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, №1753 – ба хизмати ҳатмии ҳарбии мухлатнок шаҳрвандони ҷинси марди аз 18 то 27-солаи дар қайди ҳарбӣ қарордошта ё шаҳрвандоне, ки уҳдадоранд дар қайди ҳарбӣ бошанд ва барои ба таъхир гузоштани мухлати даъват ё озод

шудан аз даъват ба хизмати ҳатмии ҳарбии муҳлатнок ҳуқуқ надоранд, ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳо ва воҳидҳои дигари ҳарбӣ, дар вазифаҳои сарбозон ва сержантон даъват карда мешаванд.

Мувофиқи банди 3 қисми 2-и моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ шаҳрвандони зерин ҳуқуқ доранд:

- Онҳое, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси дараҷаи бакалавр ва мутахассис бори аввал таҳсил менамоянд – дар давраи таҳсил.

Вале мутаасифона, талаботи меъёри зикршуда имрӯз сабаби поймол гардидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил гардида истодааст. Чунки меъёри мазкур муқаррар намудааст, ки онҳое, ки дар шуъбаҳои рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси дараҷаи бакалавр ва мутахассис бори аввал таҳсил менамоянд, дар давраи таҳсил ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро доранд. Масалан, агар шаҳрванди ҶТ моҳи сентябри соли 2021 ба факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, бинобар сабаби давомоти нокифоя ва ё ин ки ҳар сабаби дигар, дар охири соли таҳсил аз донишгоҳ хориҷ гардад ва агар соли 2022 таҳсили худро барқарор кунад, номбурда фақат ба хотири як маротиба аз таҳсил хориҷ шуданаш ба хизмати ҳарбӣ сафарбар карда мешавад. Қонунгузорӣ ин ҳолатро тамоман ба назар нагирифтааст, ки сарфи назар аз он ки ин шаҳрванд як маротиба хориҷ шудааст, аммо айни замон ӯ донишҷӯ аст ва донишҷӯ дар кадом шароите набошад ҳуқуқи ба таъхир гузоштани муҳлати даъват ба хизмати ҳарбиро бояд дошта бошад.

Дар шароити имрӯза комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи банди 3 қисми 2-и моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»-ро ба инобат гирифта, тамоми донишҷӯёнро, ки як маротиба хориҷ шуда боз барқарор гардидаанд, дар давраи таҳсил ба хизмати ҳарбӣ сафарбар намуда, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионии шахс ба таҳсилоти олиро поймол менамоянд.

Пешниҳоди мо дар робита ба ин ин ҳолат чунин аст, ки қонунгузор бояд талаботи банди 3 қисми 2-и моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ”-ро бо дигар меъёрҳои қонуни зикршуда ва шароити замон мувофиқ кунад.

**Адабиёт:**

1. The Protection of the Right to Education by International Law. By Klaus Dieter Beiter. – Leiden, Boston: Martinus Nijhoff Publishers, 2006. – 752 p. – С. 75.

2. Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад. Доир ба пешниҳоди роҳҳои нави омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзиву дақиқ ҳамоиш баргузор гардид. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ https://parlament.tj/news/1099-mizi-

mudavvar-barguzor-gardid. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
3. Диноршоев А.М. Права человека / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2010. – С.212.
4. Ешев М.А. Уполномоченный по правам студентов как элемент механизма защиты прав и свобод / М.А. Ешев, А.О. Поддубный, Г.А. Благова // Бизнес. Образование. Право. – 2018. – № 2(43). – С. 269-272.
5. Имомов А.И. Ҳуқуқ ба таҳсил қисми таркибии сиёсати иҷтимоии давлат / А.И. Имомов // Конститутсия роҳнамои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил (бахшида ба 20 солагии Конститутсияи ҶТ). – Душанбе, 2014. – 13 – 25 с.
6. Конститутсияи ҶТ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ https://www.prokuratura.tj/legislation/the-constitution-of-the-republic-of-tajikistan.html. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
7. Конституция Королества Испании. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/компетентные-юристы/правовая-библиотека/конституции-стран-мира/конституция-испании. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
8. Конституция Республики Беларуси. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://president.gov.by/ru/ gosudarstvo/constitution#:~:text=Конституция%20Беларуси%20была%20принята%2015,была%20изложена%20в%20новой%20редакции. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
9. Конституция Республики Российской Федерации. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.constitution.ru/10003000/10003000-6.htm. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
10. Конституция Республики Украина. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://zakon.rada.gov.ua /laws/show/254%D0%BA/96-%D0%B2%D1%80#Text. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
11. Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02 апрели соли 2009 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи стипендияи байналмилалии Президенти ҶТ (Дурахшандагон)» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
12. Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://http://mmk.tj/content/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
13. Маърӯзаи ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ барои соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://www.vhk.tj/images/reports/tj/Маърӯзаи_ВҲК_-_2020_-_фото_шрифт_14_точ_-_копия.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).
14. Павленко Е.М. Формирование культуры прав человека и конститутционного правосознания в современной России /Е.М. Павленко. – М., 2004. – С.79.
15. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз

26.12.2018. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/taxo№my/term/5/69. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

16. Паёми Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри соли 2021. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/9389/pajomi-prezidenti-tojikiston-peshvoi-millat-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri. (Санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

17. Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 24 апрели соли 2010. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/taxo№my/term/5/69. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

18. Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

19. Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ барои давраи то соли 2030. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/СТРАТЕГИЯҲО/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

20. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/storage/Dokument%27s/Bar№maho/85bef317aed011a78e9f15c1273d6ca7.pdf. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

21. Суханронӣ дар Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои асосии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://tojikmatlubot.tj/syhanron%D3%A3-dar-r%D3%AFzi-donish-va-iftito%D2%B3i-bi№i-asosii-donishgo%D2%B3i-davlatii-tibbii-to%D2%B7ikiston-2/. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

22. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) ҶТ (06.11.1994) / Зери таҳрири Раиси Суди конститутсионии ҶТ, академики Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М. Маҳмудзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2009.– 520 с.

23. Теория государства и права: курс лекций / [Под ред. Н. И. Матузова и А. В. Малько]. – М.: Юристъ, 1999. – С. 86-134.

24. Уполномоченный по защите прав участников образовательного процесса. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://skola-8.ru/upol№mochennyy-po-zashchite-prav-uchastnikov-obrazovatel№go-protsessa. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022).

25. ЮНИСЕФ. Что такое Конвенция о Правах Ребенка? [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.unicef.org/tajikistan/ru/что-такое-конвенция-о-правах-ребенка. (санаи муроҷиат: 10.02. 2022)

# ХАВФИ ҶАМЪИЯТИИ ҶИНОЯТ: ТАҲҚИҚОТИ УМУМӢ-НАЗАРИЯВӢ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Тел.:** +992 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо,**
унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** +992 907811285
**E-mail:** najibullo.shodizoda@inbox.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи масъалаҳои умуминазариявии хавфи ҷамъиятии ҷиноят меравад.

Ба ақидаи муаллифон ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ҳамчун як шакли ҷиноят дар асл бо ду объект – рафтори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, ки мазмуни ҷиноятро ташкил медиҳад ва меъёри қонуни ҷиноятие, ки онро манъ мекунад, алоқаманд мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоми муқаррар намудани робитаи байни мазмун ва шакли ҷиноят истифода бурдани дарки махсуси гносеологии шакли инъикос мантиқтар мебуд.

Муаллифон бар он назаранд, ки бо ворид намудани тағйирот ба м. 17 Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки мафҳуми ҷиноятро муқаррар менамояд, он беҳтар аст дар шакли таҳрири зайл пешниҳод гардад: «Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) барои ҷамъият хавфнок, гунаҳгорона, зиддиҳуқуқии ба унсурҳои таркиби ҷиноят мувофиқ, ки ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро манъ кардааст, ҷиноят эътироф мешавад». Ворид намудани чунин тағйирот ба мазмуни мафҳуми ҷиноят бисёр мушкилоти зиёдеро,ки мутаассифона дар амалия ва назария ба мушоҳида мерасанд, ҳаллу бартараф менамояд.

**Калидвожаҳо:** Ҳуқуқвайронкунӣ, ҷиноят, ҷазо, санксия, ҷавобгарии ҷиноятӣ, қонуни ҷиноятӣ, моддӣ, расмӣ, гуноҳ, принсип.

# ОБЩЕСТВЕННАЯ ОПАСНОСТЬ ПРЕСТУПЛЕНИЯ: ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ

**Азиззода Убайдулло Абдулло**,
заведующей кафедрой теории и истории государства и права юридического

факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор
**Тел.:** +992 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Шодизода Наджибулло Махмадризо,**
соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** +992 907811285
**E-mail:** najibullo.shodizoda@inbox.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются общетеоретические вопросы общественной опасности преступления.

По мнению авторов, уголовное правонарушение как вид преступления фактически связано с двумя объектами – общественно опасным поведением, составляющим содержание преступления, и нормой уголовного закона, запрещающей его. Поэтому при установлении связи между содержанием и формой преступления логичнее было бы использовать специальное гносеологическое понимание формы отражения.

Авторы считают, что ст. 17 УК РТ, устанавливающей понятие преступления, изложить в следующей редакции: «Деяние (действие или бездействие), опасное для общества, виновною, противоправное, соответствующее признакам состава преступления, это Кодекс угрожает, наказание запрещает, преступление признано». Внесение таких изменений в содержание понятия преступления решает многие проблемы практики и теории.

**Ключевые слова:** Правонарушение, преступление, наказание, санкция, уголовная ответственность, уголовный закон, материал, формал, вина, принцип.

## PUBLIC DANGER OF CRIME: GENERAL THEORETICAL RESEARCH

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo**,
head of the theory and history of state and law department of the law faculty of the Tajik national university, doctor of legal sciences, professor
**Phone.:** +992 907811285
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Shodizoda Najibullo Mahmadrizo,**
applicant of the National Center of Legislation under the President of the Republic of Tajikistan

**Phone.:** +992 907811285
**E-mail:** najibullo.shodizoda@inbox.ru

**Annotation:** This article discusses the general theoretical issues of the social danger of crime.

According to the authors, a criminal offense as a type of crime is actually associated with two objects - socially dangerous behavior that constitutes the content of the crime, and the norm of the criminal law that prohibits it. Therefore, when establishing a connection between the content and the form of a crime, it would be more logical to use a special epistemological understanding of the form of reflection.

The authors believe that Art. 17 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, which establishes the concept of a crime, shall be stated as follows: “Act (action or inaction), dangerous to society, guilty, unlawful, corresponding to the elements of a crime, this Code threatens, prohibits punishment, the crime is recognized.” The introduction of such changes in the content of the concept of crime solves many problems of practice and theory.

**Keywords:** Offense, crime, punishment, sanction, criminal liability, criminal law, material, formal, guilt, principle.

Ҷомеаи инсонӣ аз замонҳои қадим то кунун ба яке аз падидаҳои манфии иҷтимоӣ ҷиноят ва ҷиноятқорӣ рӯ ба рӯст. Он падидаи таърихан тағйирёбандаи иҷтимоии ҳуқуқие мебошад, ки дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеаи инсонӣ вобаста ба шароитҳои иҷтимоию маишии ҳамон давра аз ҷиҳати шакл, намуд, сифат, доираи субъектҳо, шуури ҷамъиятӣ, вазъи сиёсию ҷамъиятӣ ва дигар омилҳо хусусиятҳои муайянро соҳиб гаштааст[28]. Дар баробари ин, ҳифзи манфиатҳои сохти давлатӣ ва синфи ҳукмрон низ ба ин ҷараён таъсир гузоштаанд[29]. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва рушди давлатдорӣ кирдорҳои мухталифе ҳамчун ҷиноят эътироф карда шудаанд, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии аз онҳо ба миён омада, боиси ташаккул ва рушди институтҳои мукаммали ҳуқуқӣ гардидаанд[30].

Ҷиноят ҳамчун як навъи ҳуқуқвайронкунӣ яке аз мавзуъҳои асосии омӯзиши илми ҳуқуқшиносиро ташкил медиҳад. Атрофи мафҳум ва таърифи категорияи ҷиноят фикру андешаҳои зиёде аз тарафи олимону муҳаққиқон пешниҳод гардидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки айни замон дар илми ҳуқуқшиносӣ категорияи ҷиноят ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок аз ҷиҳати аҳаммияти воқеии худ мақоми махсусро соҳиб аст[31]. Худи истилоҳи категория ҳамчун фаҳмиши ниҳоят васеъ фаҳмида мешавад, ки

[28] Ниг.: Кузнецова Н.Ф. Преступление и преступность. – М., 1969. – С. 173.
[29] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ // Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – С. 50.
[30] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Монография. – Душанбе, 2016 – 413 с.
[31] Ниг.: Васильевич А.М., Мошкин С.В. Теоретические проблемы современности к пониманию преступления // Теория и практика общественного развития. – 2011. – № 6. – С. 195.

хосиятҳои умумӣ ва муҳимтарин, аломатҳо, робитаҳо ва муносибатҳои ашё, падидаҳои олами объективиро инъикос мекунад. Категорияҳо он мафҳумҳои махсуси илмиро дар бар мегиранд, ки барои дарк намудан ва рушди соҳаҳои дахлдори дониш заруранд. Д. Керимов дар асари худ «Проблемаҳои фалсафаи ҳуқуқ» ёдовар шуда буд: «Мафҳумҳо танҳо ҳамон вақт воқеан илмӣ ва воқеӣ ҳисобида мешаванд, ки агар хислатҳои муҳим ва хусусиятҳои хосси падидаи таҳқиқшавандаро ошкор намуда тавонанд»[32]. Одатан, назарияи ҳуқуқ ду аломати ҷиноятро фарқ мекунад – моддӣ ва расмӣ, ки расмият ва инкишофи худро дар доираи равияҳои сотсиологӣ ва классикии ҳуқуқ пайдо намудаанд. Ба ақидаи П.Н. Панченко, ҷиноят аз хусусиятҳои иҷтимоӣ ва меъёрӣ иборат мебошад[33].

Таҳлили афкори назариявии муосир оид ба ҷиноят ҳамчун навъи ҳуқуқвайронкунӣ нишон медиҳад, ки хусусияти моддии он рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ва хусусияти шаклии он ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ мебошад. Ҳамин тавр, кирдори ҷиноятӣ ҳамчун як навъ падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ пайдо шуда, моҳияти он дар шакли мантиқии инъикоси табиати иҷтимоию ҳуқуқии он инъикос мегардад[34]. Ин нуқтаи назар дар бораи ҷиноят ба тезисҳои детерминизми иҷтимоии падидаҳои ҳуқуқӣ, ки ғояи асосии фаҳмиши моддии ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ба принсипи ягонагии диалектикии мазмуни иҷтимоӣ ва шакли ҳуқуқии он асос ёфтааст.

Аксари муаллифон ба мазмуни мафҳуми «ҷиноят» аломатҳои дигар (гуноҳ, сазовори ҷазо, бадахлоқӣ, даст задани шахси мукаллафи ҷисмонии ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида ва ғайра)-ро дар таркиби мафҳуми ҷиноят ворид мекунанд. Саъю кӯшиши онҳо ба эҷоди мафҳуми қонунгузории ҷиноятӣ нигаронида шудааст, ки онро бо ду институти дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ: «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазо» ба таври қатъӣ пайваст мекунанд.

Илми ҳуқуқшиносии муосир ҷинояткориро як навъи рафтори ҳуқуқӣ (дақиқтар, ҳуқуқвайронкунӣ) бо тамоми хосиятҳои хоси худ медонад[35]. Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) қайд мекунанд, ки: «Ҳуқуқвайронкунӣ амали зиддиҳуқуқӣ буда, бар хилофи муқарраротӣ қонун сурат мегирад»[36]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода ҳуқуқвайронкунӣ – ин кирдори ба ҷамъият хавфнок, зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳгоронаи субъект мебошад, ки ба тартиботи муқарраршудаи қонун тааруз намуда, ба шахс,

[32] Ниг.: Керимов Д.А. Философские проблемы права. – М., 1972. – С. 64.

[33] Ниг.: Панченко Л.Н. Уголовно-правовые вопросы криминализации общественно-опасных деяний // Актуальные проблемы криминализации и декриминализации общественно опасных деяний: Сб. науч. тр. – Омск, 1980. – С. 7.

[34] Ниг.: Васильевич А.М., Мошкин С.В. Теоретические проблемы современности к пониманию преступления // Теория и практика общественного развития. – 2011. – № 6. – С. 196.

[35] Ниг.: Васильевич А.М., Мошкин С.В. Теоретические проблемы современности к пониманию преступления // Теория и практика общественного развития. – 2011. – № 6. – С. 196.

[36] Ниг.: Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 674.

ҷомеа ва давлат зарар мерасонад[37]. Бо дарназардошти ин, аломатҳои иловагии ба мафҳуми кирдори ҷиноятӣ воридгардидаро метавон мушаххасоти хусусиятҳои моддӣ ва ҳуқуқии он ҳисоб кард. Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки ҷудо кардани ҷанбаҳои моддию расмии ҷиноят танҳо бо мақсадҳои маърифативу омӯзишӣ ҷоиз аст. Навгонии мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таърифи дар қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ муқарраркардаи қонунгузор, таърифи расмӣ-моддии ҷиноят буда, дар он аломатҳои нормативӣ, ба монанди гуноҳ, зиддиҳуқуқӣ ва сазовори ҷазо будани кирдори ба ҷамъият хавфнок бартарӣ доранд[38].

Ба таври алоҳида падидаи ҷиноятӣ иҷтимоӣ (рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок) ё ҳуқуқӣ (рафтори аз ҷиҳати ҷиноятӣ ғайриқонунӣ) вуҷуд надорад. Он танҳо дар ягонагии мавҷудияти худ ҳамчун рафтори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ва бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда маълум аст. Қаблан олимони советӣ аз нигоҳи синфӣ чунин таърифро ба ном моддӣ маънидод намуда, дар баробари ин таърифи аслии мафҳуми моддии ҷиноятро ҷудо намуда, аломати асосӣ ва муҳимми онро дар доштани хавфи ҷамъиятӣ арзёбӣ менамуданд. Дар солҳои 20-30 асри XX назарияи моҳияти синфии ҷиноят  ба вуҷуд меояд. М.Ю. Козловский бо ишора ба ин мавзуъ таъкид менамояд: «Барои марксист ҳар як ҷиноят маҳсули оштинопазирии зиддиятҳои синфӣ мебошад»[39].  Инкишофу рушди ин муқаррарот боис ба он гардид, ки хавфи иҷтимоии (синфии) таҷовуз ва шахс ба сифати асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба инобат гирифта шуда, ба қонунгузории ҷиноятӣ меъёри аналогия – як навъ кафолати ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ (ҳолати мехнаткашон аз кирдорҳои ошкоро хавфнок, ки бо баъзе сабабҳо дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ нагардидаанд), ворид карда шавад. Аммо «Асосҳои конунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, ки соли 1958 қабул шуда буданд,  ба таърифи мафҳуми ҷиноят аломати зиддиҳуқуқӣ буданро ворид намуда,  ҳамзамон аналогияи механизми ҷуброни нуқсонҳои ҷойдошта вобаста ба тадвину эҷоди меъёрҳои ҳуқуқиро аз муқаррарот хориҷ намуданд. Ҳамин тавр, дар ниҳоят мафҳуми ибтидоии принсипи қонуният барқарор карда шуд. Ш.М. Исмоилов ва Р.Ш. Сотиволдиев дар ин замина чунин изҳори назар менамоянд: «Принсипи қонуният маънои онро дорад, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти босалоҳият мутобиқи тартиби муқарраршуда татбиқ мекунанд»[40]. Муносибати тафриқавии баҳодиҳии мазмун ва ҷузъҳои ҳуқуқии ҷиноят боиси тафовут ва гуногунии консепсияҳои мафҳуми ҷиноят гардид. Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ се сохтори асосии мафҳуми ҷиноят

[37] Ниг.: Зокирзода З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ: нашри дуюм. – Душанбе: Ашӯриён, 2022. – С. 30.
[38] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – С.  50.
[39] Ниг.:  Козловский М.Ю. Пролетарская революция и уголовное право // Октябрьский переворот и диктатура пролетариата. – М., 1919. – С. 234.
[40] Ниг.: Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: «Деваштич», 2008. – С. 269.

мавҷуд аст: моддӣ, расмӣ ва омехта (расмӣ-моддӣ)[41]. Олимони тоҷик Ш.Т. Шарипов, А.И. Сафарзода сохтори асосии мафҳуми ҷиноятро аз қисми моддӣ ва нормативӣ иборат медонад. Чунончӣ, хусусияти моддӣ (иҷтимоӣ) таърифи ҷиноят дар заминаи аломати ба ҷамъият хавфнокии кирдор меистад (қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ). Дар иртибот бо ин КҶ ҶТ кирдори камаҳаммияте, ки барои ҷамъият хавфнок нест, яъне кирдоре, ки дар он аломати моддӣ ҷой надорад, ҷиноят эътироф наменамояд (қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ).

Хусусияти нормативии ҷиноят (гунаҳкорона, зиддиҳуқуқӣ, сазовори ҷазо) нишондиҳандаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор буда, аломати зиддиҳуқуқии ҷинояти онро мустаҳкам менамояд. Ҳамин тариқ, аломати нормативии ҷиноят воситаи ҳуқуқи ҷиноятиест, ки тавассути он ба ҷамъият хавфнокии кирдор ифода мегардад[42].

Дар айни замон барои назарияи ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ва амалияи қонунгузорӣ аҳаммият дар он аст, ки қонун бо таҳдиди татбиқи ҷазо ҷиноятро манъ намояд. Он аз фаҳмиши ҷиноят танҳо ҳамчун рафтори барои ҷамъият хавфнок бармеояд. Р.Ш. Шарофзода чунин менависад: «Хавфнокии ҷамъиятии ҳуқуқвайронкунӣ ба маънои зарари расонидашуда ё хатари зарар фаҳмида мешавад»[43]. Ба андешаи У.А. Азиззода дар Кодекси ҷиноятии ҶТ номгӯи кирдорҳое муайян ва муқаррар шудаанд, ки ҳамчун ҷиноят арзёбӣ шудаанд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони дахлдор дар сурате метавонад имконпазир бошад, ки шахс дар содир намудани ин ё он кирдори зикршуда гумонбар дониста шавад[44]. А.Я. Эстрин ҷиноятро аз нуқтаи назари синфи ҳукмрон ҳамчун кирдор ё беамалии барои ҷамъият хавфнок ҳисоб мекард[45].

Фаҳмиши моддии ҷиноят, бо вуҷуди номувофиқ буданаш, ба таълимоти ҷиноятҳорӣ таъсири калон расонид. Аз ҷумла, Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷиноятҳоро вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии онҳо тасниф намудааст, ки онҳо ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин (қ. 1 м. 18) ҷудо мешаванд. Инчунин, хусусият ва дараҷаи хавфи барои ҷамъият доштаи ҳар як категорияи ҷиноят бо роҳи нишон додани шакли гуноҳ (қасдона ё аз беэҳтиётӣ) ва дифференсиатсияи санксия расмӣ кунонида шудааст.

Барои мақсадҳои таҳқиқоти мазкур ду ҳолати зерин аҳаммияти калон доранд. Аввалан, дар адабиёти илмии муосир ба ҷанбаи моддии ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ҷанбаи иҷтимоии он таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Дар натиҷа хавфи ҷамъиятии рафтор бо моҳияти ҳуқуқвайронкунӣ баробар карда мешуд. Ба назари мо хавфи ҷамъиятӣ на

[41] Ниг.: Соловьев А.Н. Понятие преступления: теоретические, законодательные и правоприменительные аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – С. 84.
[42] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И. Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ // Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – С. 50.
[43] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 674.
[44] Ниг.: Азиззода У.А., Шодизода М.Н. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – № 1 (37). – С. 28.
[45] Ниг.: Эстрин А.Я. Преступление // Энциклопедия государства и права. – М., 1926. – С. 482-483.

танҳо барои ҷиноятҳост, балки барои дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо, инчунин кирдорҳои инфиродии шахсе низ мебошад, ки бевосита дар қонун пешбинӣ нашудаанд, буда метавонад. Ҳар яке аз навъҳои номбаршудаи рафтори инсон аз ҷониби ҷомеа ва давлат восита ва шакли муайяни ҷавобгариро (ҷавобгарии мусбӣ ва манфӣ) талаб мекунад. Аз ҳамин лиҳоз метавон гуфт, ки ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ андозаи нисбатн баланди хавфи ҷамъиятӣ дорад.

Аломати ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро аслан дар мазмуни мафҳуми ҷиноят муқаррар намудан мумкин аст. В.С. Прохоров қайд менамояд, ки «Зиддиҳуқуқӣ будани кирдор аз дараҷаи хавфи ҷамъиятии он бармеояд, зеро қонунгузор маҳз ба сабаби доштани хавфи ҷамъиятӣ содир намудан ё худдорӣ намудани амали муайянро манъ кардааст»[46]. Н.Ф. Кузнетсова ақидаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, таъкид мекунад, ки: «... моҳияти ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ дар хавфи ҷамъиятӣ доштани он ифода меёбад ва манъ намудани он дар қонун хусусияти зиддиҳуқуқӣ доштани онро инъикос менамояд»[47].

Бояд гуфт, ки таърихан аввалин маротиба дар назарияи ҳуқуқи ватанӣ таърифи расмии ҷиноят ҳамчун намуди ҳуқуқвайронкунӣ дар доираи мактаби классикӣ (П.Д. Калмыков, А.Ф. Кистяковский, П.П. Пустороспев, В.Д. Спасович, Р.Ш. Шарофзода, Т.Ш. Шарипов, У.А. Азиззода, А.И. Сафарзода ва дигарон) таҳия шудааст. Масалан, Ю.В. Салопанов мафҳуми ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро ин тавр муайян менамояд: «... кирдоре, ки қонун бо таҳдиди ҷазои ҷиноятӣ манъ кардааст»[48]. С.В. Векленко, ба он истилоҳи «кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок»-ро илова намуда, онро хусусияти баҳодиҳие меномад, ки он дар ихтиёри иҷрокунандаи қонун гузошта шудааст»[49].

Айни замон муносибати расмӣ ба таърифи ҷиноят мавриди интиқоди муҳаққиқон қарор гирифтааст. Чунончи, В.В. Малтсев норозигии худро баён карда, қайд менамояд, ки аз тарафи қонунгузор рад шудани таърифи моддии ҷиноят на илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва на мақомоти ҳифзи ҳуқуқро аз равшан сохтани масъалаи вобаста ба мазмуни иҷтимоии ҷиноят озод намекунад[50]. А.В. Наумов бинобар доштани хусусияти аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфноки кирдор, ба беасос будани кӯшишҳои рад намудани аломати моддӣ ишора менамояд[51]. Илова бар ин, назарияи ҳуқуқи ҷиноятии ғарбӣ вуҷуд доштани хусусияти хавфи ҷамъиятиро дар кирдори ҷиноятӣ рад

---

[46] Ниг.: Прохоров В.С. Преступление и ответственность. – Л., 1984. – С. 61.

[47] Ниг.: Кузнецова Н.Ф. Проблемы квалификации преступлений: Лекции по спецкурсу «Основы квалификации преступлений» / Науч. ред. В.Н. Кудрявцев: – М., Издательский Дом «Городец». 2007. – С. 31.

[48] Ниг.: Салопанов Ю.В. Криминологическое прогнозирование и планирование борьбы с преступностью. – М., 1983. – С. 23.

[49] Ниг.: Векленко С.В. Законодательное определение умышленной вины нуждается в совершенствовании // Уголовное право. – 2003. – № 1. – С. 16.

[50] Ниг.: Мальцев В.В. Проблема отражения и оценки общественно опасного поведения в уголовном праве: Автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – М., 1993. – С. 9.

[51] Ниг.: Наумов А.В. Уголовное право. Общая часть: Курс лекций. – М., 1996. – С. 117-122.

намекунад[52]. Ба давлатҳои демократӣ танҳо таърифи расмии ҷиноят хос аст. А.М. Алакаев таърифи расмии мафҳуми ҷиноятро ҷонибдорӣ намуда, асоси онро дар дахолат накардан ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии шаҳрвандон муайян месозад[53]. Рафтори ғайриқонунӣ аз нигоҳи дарку фаҳми ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ, амале дониста мешавад, ки аз рӯи қасд ба манфиатҳои шахсӣ ё ҷамъиятӣ зарари ҷиддӣ ворид месозад ё ба он таҳдид мекунад. Ю. Красиков пешниҳод мекунад, ки ҳангоми баҳодиҳии ҳуқуқвайронкунӣ «... амали ғайриқонунӣ ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии он ба назар гирифта мешавад»[54]. Дар адабиёти илмии муосир дар муқоиса бо ҷанбаи моддии ҷиноят бештар ба ҷанбаи расмии он аҳаммият дода мешавад. Дар натиҷа, хавфи ҷамъиятии кирдор бо моҳияти аслии ҷиноят баробар баҳогузорӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, модели омехта (расмӣ-моддӣ)-и мафҳуми ҷиноят инъикоскунандаи ҳолати дуруст ва воқеии дарки ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ мебошад. Он дар назарияи ҳуқуқ ҷонибдорони шинохта ва муътабар дорад ва аз ҷониби қонунгузор ҳангоми таҳияи таърифи меъёрии ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ қабул карда шудааст. Таърифи расмии мафҳуми ҷиноят дар қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ чунин муқаррар шудааст: «Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳкоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст, ҷиноят эътироф мешавад».

Ин меъёр хусусияти дуалистии (иҷтимоию ҳуқуқии) дарки ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро эътироф мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи мазмун ва аломатҳои ҳуқуқии ҷиноят то ба охир таҳқиқу баррасӣ нашудааст. То ибтидои солҳои 90-уми асри XX диққат ба афзалияти бечунучарои сифати моддии кирдор (хавфи ҷамъиятӣ) нисбат ба аломати расмии он бинобар аҳаммияти доштаи он ҳамчун асоси ҷинояткорӣ таъкид мешуд. Дигаргуниҳои куллие, ки дар мамлакат дар риштаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавию ахлоқӣ ва махсусан арзишӣ-ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ба амал омадаанд, ба аз нав дида баромадани чунин вазъият мусоидат карданд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, қонуният набояд ба ғояҳои адолат ва инсондӯстӣ, ки дар низоми принсипҳои ҳуқуқ ва махсусан қонуни ҷиноятӣ инъикос ёфтаанд, мухолифат кунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки аҳаммияти якранги аломати моддӣ ва расмии ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ё кирдори ҷиноятӣ эътироф карда шавад. Муносибати ҳуқуқвайронкунӣ ва хавфи иҷтимоии онро метавон ҳамчун муносибати мавҷуд миёни шакли ҳуқуқии рафтор ва мазмуни моддии он арзёбӣ кард. Ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, махсусан ҷиноят амали воқеии рафтори ғайриқонунии субъект мебошад,

---

[52] Ниг.: Бытко Ю.И. Понятие преступления // Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учеб. / под ред. Р.Р. Галиакбарова. – Саратов, 1997. – С. 91; Мурзинов А.Н. Преступление и административное правонарушение: учеб. пособие. – М., 1985. – С. 28.

[53] Ниг.: Алакаев А.М., Красиков Ю.А. Понятие преступления. Множественность преступлений. Уголовное право. Курс лекций. Лекции 2-3. – М., 1996. – С. 3-10.

[54] Ниг.: Красиков Ю.А. Алакаев А.М. Уголовное право. Курс лекции. Лекция 2-3. Понятие преступления. Множественность преступлений // Под ред. проф. А. Н. Игнатова. – М., 1996. – С. 73.

ки дорои хавфи ҷамъиятӣ мебошад. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода ҳуқуқвайронкуниро субъектони хосси дар қонун муайянгардида содир мекунанд. Дар ин асос, аксар муаллифон кирдори аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро мазмуни ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии ҷиноятиро шакли он мешуморанд. Чунин баҳогузорӣ мантиқан асоснок ва комилан қонунӣ буда, моҳияти ягонаи иҷтимоию ҳуқуқии ҷиноятро инъикос менамояд.

Муҳаққиқони ватанӣ Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов истилоҳи «ҷиноят»-ро бо дарназар гирифтани аҳаммияти он инъикоси воқеияти антологии (мавҷудият) ва гнесеологии (дарккунии) ин падида мешуморанд[55].

Ба андешаи онҳо, аввал, истилоҳи «ҷиноят» ифодакунандаи мавҷудияти кирдорест, ки муносибатҳои ҳукмрони ҷамъиятро бо роҳи ба онҳо расонидани зарари ҷиддӣ халалдор мекунанд ва ё метавонанд халалдор кунанд.

Дуюм, истилоҳи «ҷиноят» ифодакунандаи мафҳуми воқеан вуҷуддошта мебошад. Асоси ин гуфтаҳо метавонад таърифи бо қонун муқарраршудаи ҷиноятро ташкил диҳад. Мазмуни ҷиноят ҳамчун падидае фаҳмида мешавад, ки қонунгузор онро расман дар меъёрҳои ҳуқуқӣ (дар қонун ифодаёфта) муайян кардааст.

Сеюм, ибораи «ҷиноят» барои ифода намудани воқеияти консептуалӣ, ки дар он ҷиноят (бо аҳаммияти якум ва дуюм) предмети назарияи махсус, яъне силсилаи донишҳо оид ба таркиби ҷиноятро ташкил медиҳад, хизмат мекунад[56].

Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ҳамчун як шакли кирдори бо қонун манъшуда ва хавфноки ҷамъиятӣ хусусияти духуррагӣ дорад, яъне он – бо рафтори аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок, ки мазмуни ҷиноятро ташкил медиҳад ва меъёри қонуни ҷиноятие, ки онро манъ мекунад, алоқаманд мегардад. Аз ин рӯ, ҳангоми муқаррар намудани робитаи миёни мазмун ва шакли ҷиноят истифода бурдани дарки махсуси гносеологии шакли инъикос мантиқан дуруст мебошад. Бо ворид намудани тағйирот ба м. 17 Кодекси ҷиноятии ҶТ, ки мафҳуми ҷиноятро муқаррар менамояд, он беҳтар аст дар шакли таҳрири зайл пешниҳод гардад: «Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) барои ҷамъият хавфнок, гунаҳгорона, зиддиҳуқуқии ба унсурҳои таркиби ҷиноят мувофиқ, ки ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо онро манъ кардааст, ҷиноят эътироф мешавад». Ворид намудани чунин тағйирот ба мазмуни мафҳуми ҷиноят бисёр мушкилоти зиёдеро, ки мутаассифона дар амалия ва назария ба мушоҳида мерасанд, ҳаллу бартараф менамояд.

**Адабиёт**:

[55] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – С. 50.
[56] Ниг.: Ҳамонҷо. – С. 51.

1. Азиззода У.А. Шодизода М.Н. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – № 1 (37). – С. 28.

2. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование. Монография. – Душанбе, 2016 – 413 с.

3. Алакаев А.М., Красиков Ю.А. Понятие преступления. Множественность преступлений. Уголовное право. Курс лекций. Лекции 2-3. – М., 1996. – С. 3–10.

4. Бытко Ю.И. Понятие преступления // Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учеб. / под ред. Р.Р. Галиакбарова. – Саратов, 1997. – С. 91.

5. Васильевич А.М., Мошкин С.В. Теоретические проблемы современности к пониманию преступления // Теория и практика общественного развития. – 2011. – № 6. – С. 195.

6. Векленко С.В. Законодательное определение умышленной вины нуждается в совершенствовании // Уголовное право. – 2003. – № 1. – С. 16.

7. Зокирзода З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ: нашри дуюм. – Душанбе: Ашӯриён, 2022. – 40 с.

8. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод. – Душанбе: “Деваштич”, 2008. – 295 с.

9. Керимов Д.А. Философские проблемы права. – М., 1972. – С. 64.

10. Козловский М.Ю. Пролетарская революция и уголовное право // Октябрьский переворот и диктатура пролетариата. – М., 1919. – С. 234.

11. Кузнецова Н.Ф. Преступление и преступность. – М., 1969. – С. 173.

12. Кузнецова Н.Ф. Проблемы квалификации преступлений: Лекции по спецкурсу «Основы квалификации преступлений» / Науч. ред. В.Н. Кудрявцев: Издательский Дом «Городец». – М., 2007. – С. 31.

13. Мальцев В.В. Проблема отражения и оценки общественно опасного поведения в уголовном праве: автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – М., 1993. – С.9.

14. Мурзинов А.Н. Преступление и административное правонарушение: учеб. пособие. – М., 1985. – С. 28.

15. Наумов А.В. Уголовное право. Общая часть: Курс лекций. – М., 1996. – 560 с.

16. Панченко Л.Н. Уголовно-правовые вопросы криминализации общественно-опасных деяний // Актуальные проблемы криминализации и декриминализации общественно опасных деяний: Сб. науч. тр. – Омск, 1980. – С. 7.

17. Прохоров В.С. Преступление и ответственность. – Л., 1984. – С. 61.

18. Салопанов Ю.В. Криминологическое прогнозирование и планирование борьбы с преступностью. – М., 1983. – С. 23.

19. Соловьев А.Н. Понятие преступления: теоретические, законодательные и правоприменительные аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. Волгоград, 2000. – С. 84.

20. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – С. 784 с.
21. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ. Китоби дарсӣ // Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – 223 с.
22. Эстрин А.Я. Преступление // Энциклопедия государства и права. – М., 1926. – С. 482-483.

# МАСОИЛИ АМАЛИШАВИИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ: НАЗАРИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ

**Қодирзода Мирзоқодир Аюб,**
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи граждании Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** +992 550-50-69-90
**E-mail:** mirzokodir-1@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Ғафурзода А.Д., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масоили назариявии мақсад ва моҳияти амалишавии функсияи экологии давлат дар асоси ғояҳои муосири самти мазкур мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ҳақиқат ҳам имрӯзҳо масъалаи вобаста ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар тамоми миқёси кишварҳо мубрам боқӣ монда истодааст. Аз ин рӯ, бояд механизми амалинамоии функсияи экологии давлатро яке аз самтҳои қобили таваҷҷуҳ қарор додан зарур мебошад.

Дар баробари ин, проблемаҳои мавҷудаи экологӣ, ба монанди истифодаи самаранок ва оқилонаи сарватҳои табиӣ, гармшавии бесобиқаи иқлими сайёра, аз ҳадди муқаррарӣ барзиёд обшавии пиряххо, биёбоншавӣ, вазъи ногувори эпидемиологии сайёра, норасогии об, рахнашавии барзиёди қабатҳои озонии ҳавои атмосферӣ, ифлосшавии ҳаво ва монанди инҳо дар маркази диққати ҷиддии ҳуқуқшиносон, экологҳо, иқтисодчиён, файласуфон, сиёсатшиносон, географҳо ва намояндагони дигари донишҳои илмӣ ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ қарор доранд.

Бо ин назардошт, зарур аст, ки ба ҳалли масъалаҳои экологӣ диққати ҷиддӣ дода шавад, чунки меҳвари асосии амалишавӣ ва таъмини ҳуқуқҳои инсон аз муҳити зисти солим вобастагии зич дорад. Танҳо дар мавриди таъмини муҳити зисти мусоид инсон имконияти истифода намудани дигар ҳуқуқҳои худро пайдо менамояд. Ҳамзамон муҳити зист тамоми шароити барои зиндагии инсон заруриро фароҳам меоварад.

**Калидвожаҳо:** Давлат, функсияи экологӣ, мақсад, моҳият, амалишавӣ, ҳифзи муҳити зист, сарватҳои табиӣ, истифодаи оқилона, фаъолияти давлат, табиатистифодабарӣ, муносибати инсон бо табиат, зиёдшавии истеҳсолоти саноатӣ, амнияти экологӣ, бӯҳрони экологӣ, қонунгузории экологӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, замин, сарватҳои зеризаминӣ, фазои ҳавоӣ, ифлосшавии ҳаво, партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ, муқаррароти конститутсионӣ, ҳамкориҳои байналмилалии экологӣ, об.

# ВОПРОСЫ РЕАЛИЗАЦИИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВА: ТЕОРИЯ И ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВО

**Кодирзода Мирзокодир Аюб,**
и.о. заведующий кафедрой гражданского права Института повышения квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан
**Тел.:** +992 550-50-69-90
**E-mail:** mirzokodir-1@mail.ru

**Научный руководитель**: Гафурзода А.Д., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В статье анализируются и исследуются теоретические вопросы цели и сущности реализации экологической функции государства на основе современных концепций в этой области. Действительно, сегодня вопрос защиты и рационального использования природных ресурсов остается актуальным для большинства стран. Следовательно, необходимо сделать механизм реализации экологической функции государства одним из важнейших направлений.

В то же время существующие экологические проблемы – неэффективное и нерациональное использование природных ресурсов, беспрецедентное потепление климата, чрезмерное таяние ледников, опустынивание, неблагоприятная эпидемиологическая ситуация на планете, нехватка воды, истощение озонового слоя атмосферы, загрязнение воздуха и т.п., находятся в центре внимания юристов, экологов, экономистов, философов, политологов, географов и других представителей научной среды и представителей государственной власти.

Также необходимо уделить особое внимание решению экологических вопросов, ибо ключ к реализации и обеспечению прав, свобод и законных интересов человека зависит от здоровой окружающей среды. Только в случае обеспечения благоприятной экологической среды лицо имеет возможность осуществлять свои права и обязанности. В то же время окружающая среда обеспечивает все необходимые условия для жизнедеятельности человека.

**Ключевые слова:** Государство, экологическая функция, цель, сущность, реализация, охрана окружающей среды, природные ресурсы, рациональное использование, деятельность государства, природопользование, связь человека с природой, увеличение промышленного производства, экологическая безопасность, экологический кризис, природоохранное законодательство, Конституция Республики Таджикистан, земля, недра, воздушное пространство, загрязнение атмосферного воздуха, отходы производства и потребления, реализация законодательных положений, конституционные положения, международное экологическое сотрудничество, вода.

## ISSUES OF THE IMPLEMENTATION OF THE ENVIRONMENTAL FUNCTION OF THE STATE: THEORY AND LEGISLATION

**Qodirzoda Mirzoqodir Ayub,**
a. head of the Department of Civil Law of the Institute for Advanced Studies of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan
**Phone.:** +992 550-50-69-90
**E-mail:** mirzokodir-1@mail.ru

**Research supervisor:** Gafurzoda A.D., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Sadizoda J., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** The article analyzes and investigates the theoretical issues of the aim and essence of the implementation of the ecological function of the state on the basis of modern concepts in this area. Indeed, today the issue of protection and rational use of natural resources remains relevant for most countries. Therefore, it is necessary to make the mechanism for the implementation of the state's ecological function one of the most important directions.

At the same time, the existing environmental problems - inefficient and irrational use of natural resources, unprecedented climate warming, excessive melting of glaciers, desertification, unfavorable epidemiological situation on the planet, lack of water, depletion of the ozone layer of the atmosphere, air pollution, etc., are at the center attention of lawyers, ecologists, economists, philosophers, political scientists, geographers and other representatives of the scientific community and government officials.

It is also necessary to pay special attention to solving environmental issues, because the key to the implementation and provision of human rights, freedoms and legitimate interests depends on a healthy environment. Only if a favorable ecological environment is ensured, a person is able to exercise his rights and obligations. At the same time, the environment provides all the necessary conditions for human life.

**Keywords:** State, ecological function, aim, essence, realization, environmental protection, natural resources, rational use, state activity, environmental management, human connection with nature, increase in industrial production, environmental safety, environmental crisis, environmental legislation, the Constitution of the Republic of Tajikistan, land, subsoil, air space, air pollution, production and consumption waste, implementation of legislative provisions, constitutional provisions, international environmental cooperation, water.

Функсияи экологӣ дар соҳаи ҳимояи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои экологӣ амалӣ карда мешавад. Тағйири иқлими сайёра, кам

шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва паррандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб мекунанд. Давлат бо мақсади самаранок амалӣ намудани функсияи экологӣ қонунгузории экологиро такмил медиҳад.

Аҳаммияти глобалӣ пайдо намудани проблемаҳои экологӣ боиси аз ҳудуди як давлат берун баромадани функсияи экологӣ мегардад. Ҳоло давлатҳо баҳри ҳалли проблемаҳои экологии глобалӣ, наҷот додани сайёра, таъмини ҳастии инсонӣ дар курраи Замин талош доранд. Ҳифзи табиат ва муҳити зист вазифаи ҷомеаи башарӣ мебошад[57].

Дар фазои муносибатҳои экологӣ яке аз механизмҳои муҳимтарин барои бартарафнамоии ҳолатҳои манфӣ дар мавҷудияти муҳити зист ва муносибати инсонҳо бо табиат, ин функсияи экологии давлат ба шумор меравад. Сатҳи фазои идоракунӣ, танзим ва амалисозии механизмҳои расмӣ-ҳуқуқии ҳифзи муҳити зистро функсияи экологии давлат ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаҳои экологӣ диққати махсус дода мешавад, ки ҳолати мазкурро мо аз ташаббусҳои сатҳи байналмилалии кишварамон мушоҳида карда метавонем. Ташаббусҳои экологии давлат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъи проблемаи экологии сатҳи ҷаҳонӣ бетараф набуда, дар ин маврид тарафдор ва саҳмгузори таъмини амнияти экологӣ, солимии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба наслҳои ояндаи башарият мебошад.

Яке аз муаммоҳои мавҷудаи экологие, ки даҳсолаҳои охир барои самаранок амалишавии сиёсати функсионалии экологии давлат халал расонидааст, ин зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолии барои муҳити зист зараровар мебошад, ки бо микдори зиёди партовҳои газӣ, моеъгӣ ва сахти худ ба ҳолати экологии зараррасонанда табдил ёфтаанд.

Аз зикри далели боло маълум мегардад, ки ҳоло сатҳи зарурии татбиқи механизми ҳуқуқиву иқтисодии фаъолияти субъектони истеҳсолкунанда, ки дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд вобаста ба талаботҳои экологӣ ҷавобгӯй намебошанд. Бинобар ин зарур аст, ки сохторҳои муайян ва субъектҳои дахлдори ба фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд чорабиниҳои беҳсозии дараҷаи зарарнокии ҳолатҳои зикргардидаро амалӣ намоянд. Тавсия ва ҳолатҳои болозикр танҳо барои тақвият додани функсияи экологии давлат равона нагардида, балки барои таҷрибаи дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад такони мусоиди ояндабинонаро ба вуҷуд оварад.

Албатта, барои ба расмият шинохта шудани дилхоҳ самти фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва мавриди танзим қарор додани онҳо бояд асоси меъёрӣ-ҳуқуқӣ мавҷуд бошад. Роҷеъ ба масоили танзими принсипалии муносибатҳои экологӣ дар Тоҷикистон моддаи 13 Конститутсияи

[57] Ниг.: Петров В.В. Экологическое право России: учебник для вузов. – М., 1995. – С. 239.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки чунин муқаррар менамояд: «замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад». Ҳамчунин, дар моддаи 44 Конститутсия чунин муқаррар шудааст: «ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст»[58].

Аз муқаррароти меъёрҳои Конститутсия муайян мегардад, ки давлат дар асоси салоҳдиди мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои истифодаи самаранок ва ҳифзи ҳамаҷонибаи боигариҳои табиӣ амалкардҳои мухталифро роҳандозӣ менамояд. Ҳамчунин, муқаррароти мазкур хусусияти умумиҳатмиро доро буда, барои амалигардонии сиёсати давлатии экологӣ тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия ва судӣ)-ро муваззаф месозад.

Дар амалигардонии функсияи экологии давлат фаъолият оид ба: таваҷҷуҳ ва талаботи ҷамъият роҷеъ ба сарватҳои табиӣ, ки ба моликияти давлатӣ қарор дорад; таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ; таъминнамоии амнияти экологӣ, дохил мешаванд.

Дар баробари ин, дар баамалбарории функсияи экологии давлат нақши сиёсати экологии давлат низ бисёр муҳим мебошад, ки мо бояд фарқияти баамалбарории функсияи экологии давлатро аз амалигардонии сиёсати экологӣ дониста бошем. Вақте ки мо оид ба функсияи экологии давлат ва механизми амалишавии он истода мегузарем, асосан ба заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ такя менамоем. Дар баробари ин, функсияи экологии давлат ҳамчун самтҳои мушаххаси ба чаҳорчӯбаи муайян даровардашуда ва ба салоҳияти мақомоту идораҳои дахлдор вогузоршударо дар назар дорем.

Сиёсати экологӣ ва механизми амалигардонии он нисбат ба функсияи экологии давлат характери васеътарро дошта, дар баробари фаро гирифтани асосҳои ҳуқуқии он ҳамчунин маърӯзаҳои расмии Президент ва доктринаҳои олимон ва муҳаққиқонро дар бар мегирад. Гарчанде мо тафовути зиёдеро байни ин ду мафҳум мушоҳида намоем ҳам, лекин бояд дар назар дошта бошем, ки мақсади асосии фаъолиятҳои мазкур аз истифодаи дуруст, ҳифз, барқарорнамоии сарватҳои табиӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар дохили кишвар ва берун аз он мебошад.

Ба андешаи М.И. Василева сиёсати давлатии экологӣ фарогири низоми ақидаҳо, консепсияҳо, пешниҳодҳо оид ба мақсад, принсипҳо, самтҳо, тарз ва воситаҳои ҳифзи сарватҳои табиӣ мебошад[59].

А.К. Голиченков, чунин андешаро пеша менамояд, ки сиёсати давлатии экологӣ – ин фаъолияти давлат, самт оид ба нигаҳдории

[58] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999 сол., 22.06.2003 сол ва 22.05.2016 сол. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.11.2022).
[59] Ниг.: Васильева М.И. Концептуальные вопросы совершенствования экологической политики и законодательства об охране окружающей среды // Экологическое право. – 2007. – № 2. – С. 8.

низомнокии табиат, дастгирии ҳолати мукаммалӣ ва функсияи таъминкунандагии ҳаётӣ барои рушди ҷамъият, баланднамоии сатҳи ҳаёт, беҳтарнамоии нишондоди саломатии аҳолӣ, ҳолати демографӣ ва таъмини амнияти экологии кишвар мебошад[60].

Аз андешаҳои боло зикргардида маълум мегардад, ки самаранок татбиқ намудани ҳадафҳои расмӣ ва ғоявиро дар кишвар метавон ба сифати сиёсати экологӣ ҳисобид.

Бо такя ба сиёсати «дарҳои кушода» давлати мо равиши хоси дипломатияи худро дарёфт намуда, имрӯз дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаъолона иштирок менамояд ва дар арсаи байналмилалӣ ба ҳайси як кишвари хостгори таъмину таҳкими сулҳу суботи сартосарӣ шинохта шудааст. Ҳамин буд, ки дар оғози соли 2016 бо ташаббуси Дабири кулли СММ ва Президенти Бонки Ҷаҳонӣ бо иштироки роҳбарони даҳ кишвари узви СММ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об таъсис ёфта, ба фаъолият шурӯъ кард. Ҳамзамон бо ин, ба мақсади идомаи талошҳои байналмилалӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба обу беҳдошт, мо таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ташаббуси нав – эълон кардани Даҳсолаи байналмилалӣ таҳти шиори «Об барои рушди устувор» ҷалб намудем. Боиси хушнудист, ки ин иқдоми тозаи Тоҷикистон, ки дар Форуми 7-уми умумиҷаҳонии об моҳи апрели соли 2015 дар шаҳри Тэгуи Ҷумҳурии Корея муаррифӣ гардид, мавриди дастгирии рӯзафзун қарор дорад. Мутобиқи қатъномаи мазкур давраи солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон мешавад, ки он аз 22-юми марти соли 2018 шурӯъ шуда, 22-юми марти соли 2028 ба анҷом мерасад[61].

Аз ҳолати болозикр маълум мегардад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ташаббускори марказӣ дар амалинамоии ҳадафҳои некбинонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёти инсоният ва бо ин васила таъмини амнияти экологии сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ҳақиқат ҳам имрӯзҳо яке аз муаммои бисёр ҳам айнизамонии фазои муносибатҳои экологии сатҳи ҷаҳониро масъалаи иқлим ва гармшавии тоқатфарсои он ташкил менамояд. Дар баробари ин, гармшавии иқлим метавонад боиси хатарҳои силсилавӣ, ба монанди зиёд гардидани сатҳи об, обшавии пиряххои азим ва ба ҳамин васила хушксолӣ гардад.

Дар ҳамин маврид Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 03 марти соли 2021 сол дар мулоқоти якуми «Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар сиғаи видеоконференсия» чунин ибрози андеша карданд: «Мусаллам аст, ки тағйирёбии иқлим, пеш аз ҳама, аз ҳисоби таъсиррасонӣ ба захираҳои об ба ҳаёти ҳаррӯзаи мо дигаргунӣ ворид менамояд. Аз дидгоҳи мо яке аз нишондиҳандаҳои асосии раванди мазкур ин обшавии босуръати пиряхҳо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ

[60] Ниг.: Голиченков А.К. Экологическое право России: словарь юридических терминов: учебное пособие для вузов. – М.: Издательский Дом «Городец», 2008. – С. 54.
[61] Ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – С. 418-419.

мебошад. Мутаассифона, имрӯзҳо мо босуръат об шудани яхро дар Арктика, Антарктида ва Гренландия мушоҳида менамоем.

Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар пиряххои воқеъ дар хушкӣ низ ба амал омада истодаанд»[62].

Дар баробари ин оид ба масъалаи пиряхҳо ва аҳаммияти онҳо дар ҳаёти инсоният ва муҳити зист, чунин андешаро иброз намуданд: «Пиряхҳо захираи асосии оби соф мебошанд. Обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад»[63].

Дар ҳақиқат, агар нисбат ба проблемаҳои мазкур чораҳои дахлдорӣ дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ роҳандозӣ карда нашаванд яқин аст, ки ба инсоният ва амнияти экологии сайёра раванди ҷиддӣ таҳдид менамояд. Дар ин маврид, гарчанде ки чунин ҳолат ҷой дорад, бояд функсияи экологии давлат ба таври мустаҳкам ва чандирӣ ба роҳ монда шавад, то ин ки ягон механизми таъсиррасонанда натавонад амалишавии муътадили онро халалдор намояд.

Вобаста ба ҳолати болозикр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд, ки: «Мутаассифона, обшавии пиряхҳои Арктика ва Антарктида боиси баландшавии сатҳи уқёнуси ҷаҳонӣ гардидааст. Ин омил, дар навбати худ метавонад ба ҳаёт ва некӯаҳволии садҳо миллион сокинони замин, хусусан дар кишварҳои хурди ҷазиранишин ва минтақаҳои наздисоҳилии онҳо, таҳдид ба бор орад. Возеҳ аст, ки ин масъалаи доғи рӯз бояд дар меҳвари таваҷҷуҳи хоси ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хусусан пешвоёни сиёсӣ қарор дошта бошад. Дар робита ба ин пешниҳод менамоям, ки соли 2025-ум «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардида, санаи Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шавад»[64].

Албатта ҳолати болозикршуда аз як тараф аз тамоми сохторҳои марбутаи давлатӣ, ки фаъолияти онҳо барои амалинамоии функсияи экологӣ вобаста мебошанд, фаъолияти боз ҳам дучандро дар ин ҷода талаб менамояд. Аз тарафи дигар пешниҳодоти ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», исботи он мебошад, ки кишвари мо дар баробари амалинамоии функсияи экологии дохилидавлатӣ, ҳамчунин ба ҳолати амнияти экологии сайёра низ бетараф намебошад. Ҳамчунин, дар ҳолати мазкур мо мушоҳида карда метавонем, ки нақши функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти экологӣ бисёр муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад.

---

[62] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 03.03.2021 сол дар мулоқоти якуми "Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар сиғаи видеоконференсия". // Маводи эклектронӣ: Манъбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/25170 (Санаи муроҷиат: 11.11.2022 с.).

[63] Ҳамон ҷо.

[64] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганҷ, 2018. – С. 408.

Бояд тазаккур дод, ки дар фазои илми назарияи ҳуқуқ ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан оид ба функсияҳои давлат натиҷаҳои илмию таълимии олимони риштаи ҳуқуқшиносӣ Р.Ш. Шарофзода[65], С. Ҳасанов[66], Э.С. Насриддинзода[67], М.З. Раҳимзода[68], У.А. Азиззода[69], А.Д. Ғафурзода[70], А.Ғ. Холиқзода[71], Р.Ҷ. Ҷабборов[72], А.З. Куканов[73], М.М. Соҳибзода[74], Д.Қ. Иброҳимзода[75], С.Ш. Шарифзода[76], Ш.Х. Ҳафиззода[77] ва дигарон бисёр бузург арзёбӣ карда мешавад. Барои он ки бо натиҷаи заҳматҳои чанд даҳсолаҳои охири номбурдагон дар фазои назарияи ҳуқуқ ва давлат ва афкори сиёсиву ҳуқуқӣ бо сабку усули хоссаи илмӣ ба сатҳи маънавиёт, урфу одат, мафкураи эътиқод ва сиёсати ояндабинонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг гардонида шуданд. Ҳолати мазкур имкон фароҳам овард, ки механизмҳои заминавии

[65] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.; Шарофзода Р.Ш., Шарифзода С.Ш. Функции государства Таджикистан в условиях трансформации общества, усиления глобализационных вызовов и угроз: монография / Под ред. профессора Шарофзода Р.Ш. – Душанбе, 2021. – 290 с.; Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ: ҷилди 1. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – 484 с.

[66] Ниг.: Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Илм», 2017. – 496 с.

[67] Ниг.: Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. – 204 с.

[68] Ниг.: Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – 292 с.

[69] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.

[70] Ниг.: Ғафурзода А.Д., Рашидов Ҷ.Қ. Ташаккулёбӣ ва инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ: масъалаҳои назариявӣ-таърихӣ // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №2 (51). – С. 129-136.; Исмоилов Ш.М., Шонасриддинов Н.Ш., Нодиров Ф.М., Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 400 с.; Ғафуров А.Д., Боев М.Ф. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ». – Душанбе: Бухоро, 2013. – 70 с.

[71] Ниг.: Холиков, А.Г. Правовая система зороастризма: автореф. дис.… докт. юрид. наук. – Душанбе, 2004. (Электронный ресурс) Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/pravovaya-sistema-zoroastrizma (дата обращения: 11.11.2022).

[72] Ниг.: Ҷабборов Р.Ҷ. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 198 с.

[73] Ниг.: Куканов А.З. Форма правления государства Таджикистан: историко-теоретическое исследование: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 23 с. (Электронный ресурс): Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/forma-pravleniya-gosudarstva-tadzhikistan-istoriko-teoreticheskoe-issledovanie (санаи муроҷиат: 11.11.2022).

[74] Ниг.: Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми умумӣ: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 584 с.; Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 400 с.; Соҳибов М.М., Қодиров М.А. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Промэкспо, 2015. – 200 с.; Соҳибов М.М. Баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқҳои экологии инсон ва ҳифзи муҳити зист дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / Зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 112-117.

[75] Ниг.: Ибрагимов Д.К. Информационная функция государства и ее реализация в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 228 с.

[76] Ниг.: Шарифзода С.Ш. Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар марҳилаи муосир: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 233 с.

[77] Ниг.: Ҳафиззода Ш.Х. Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 215 с.

мутобиқгардонии базаи қонунгузории амалкунанда ба талаботи мавҷудаи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ коркард карда шаванд. Дар ҳамин асос стратегия ва барномаҳои давлатии сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ дар амал татбиқ карда шудаанд ва шуда истодаанд. Дар раванди мазкур фаъолияти функсионалии давлат, махсусан сиёсати ҳуқуқии он дар самти ҳифзи муҳити зист истисно намебошад.

Муҳаққиқ В.Н. Кузмин чунин ибрози андеша менамояд, ки ҳоло башарият бо мушкилоти шадиди экологӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки барои ин сатҳи инкишофу рушди нерӯи инсонӣ таъсири манфии аввалиндараҷаро мерасонад. Дар ин раванд, аҳамиятнокии функсияи давлат дар таъмини амнияти экологӣ бо он муайян карда мешавад, ки тавассути татбиқи механизмҳои ҳуқуқӣ давлат мушкилоти гуногуни мавҷударо мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳад. Ҳамчунин, ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои радиоактивӣ ва саноатӣ, кам шудани захираҳои ҷангал, муносибати бераҳмона дар истифодаи захираҳои табиӣ ва дигар оқибатҳои номатлуб воқеияти мавҷудияти муосири инсон мебошанд[78].

Андешаи ишорагардида далели возеҳ мебошад, ки дар ҳақиқат ҳам муаммои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар тамоми мамлакатҳои рӯи дунё мавҷуд мебошанд. Бинобар ин зарурат ба амал омадааст, ки на бо тарз ва воситаҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, балки бо тамоми василаҳои мавҷуда ва маънагардида чорабиниҳои ояндабинона дар ин ҷода роҳандозӣ карда шавад.

Илова бар ин бӯҳрони экологӣ, ки дар даҳсолаҳои охир тақрибан тамоми сайёраро фаро гирифтааст, баррасии ҳамоҳангшуда ва муносибати навро ба ҳалли мушкилоти марбут ба татбиқи самтҳои асосии фаъолияти давлат дар таъмини амнияти экологӣ талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлил ва омӯзиши масоили амалишавии функсияи экологии давлат чунин хулосаҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Таснифоти функсияи экологии давлат ин раванди низомноки фаъолияти илмӣ-назариявӣ вобаста ба ҳадаф, мақсад ва дурнамои сиёсати давлатии экологӣ бо дарназардошти самтҳои асосии фаъолияти дохилӣ, минтақавӣ, берунӣ ва байналхалқӣ оид ба таъмини муҳити солиму мусоиди экологӣ ба наслҳои имрӯзаю ояндаи инсоният, роҳандозӣ намудани механизми созгори муносибати одамон ба табиат, амалисозии ҳадафҳои созанда барои истифодаи самаранок, нигоҳдорӣ, ҳифз ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ ва таъмини рушди низомноки қонунгузории соҳаи экологӣ мебошад.

2. Рафти таҳқиқи масоили таснифоти функсияи экологӣ собит намуд, ки функсияи экологӣ ба дохилӣ, берунӣ ва минтақавӣ таснифбандӣ карда мешавад.

Функсияи берунии экологӣ ин маҷмӯи тадбирҳои сатҳи байналхалқии татбиқшавандае, ки барои беҳтарсозии вазъи экологии сайёра, минтақа ва

---

[78] Ниг.: Кузьмин В.Н. Правовые формы обеспечения экологической безопасности. Авто. дис…канд.юрид.наук: 12.00.02 / Кузьмин, Валерий Николаевич – Москва – 2001. 44 с. Электронный ресурс: Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/pravovye-formy-obespecheniya-ekologicheskoi-bezopasnosti (Дата обращения: 11.11.2022).

кишвари алоҳида равонагардида фаҳмида мешавад. Барои он, ки ҳолати экологии минтақаи муайян сарҳадбандӣ карда намешаванд ва ба ҳамдигар пайвандии бевоситаро доро мебошанд, ҳолати мазкурро дар обшавии пиряххо, олудашавии ҳавои атмосферӣ, норасогии сартосарии захираҳои оби нӯшокӣ ва ғайраҳо мушоҳида намуданамон имконпазир мебошад.

Дар баробари ин, таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло масоили экологӣ на фақат таваҷҷуҳи ташкилотҳои умумиҷаҳонӣ, балки давлатҳои минтақаи муайянро барои масъалагузорӣ ба ҳам овардааст. Ҳолати мазкур аз ин гувоҳӣ медиҳад, ки вобаста ба амалияи ҳолати функсионалии ҳифзи муҳити зист ва ҳолати захираҳои табиӣ он хислати минтақавиро пайдо намудааст.

Аз ин хотир функсияи минтақавии экологии давлатҳо рӯи кор омадааст, ки мақсади асосии он ҷорӣ намудани тадбирҳои созишномавӣ ва амалӣ бо ҳамбастагии ташкилотҳои байналмилаливу ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба кам кардани хатари ногувор ба вазъи муҳити зист ва истифодаю барқарорсозии сарватҳои табиӣ мебошад.

Механизми минтақавии амалисозии функсияи экологии давлат барои ҳаллу фасл намудани масоили муҳимми экологӣ, ба монанди гармшавии иқлим, норасоии ҳавои барои инсоният мусоиди беолоиш, обшавии пиряхҳо аз меъёри пешгӯишаванда барзиёд, сӯзиши пайдарҳами ҷангалзор ва чакалакзорҳо, фурӯравии қитъаҳои замин, ботлоқшавии заминҳо, бодлесшавии заминҳо ва монанди инҳо аз ҷониби иттиҳоди давлатҳои минтақаи муайян роҳандозӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ маълум мегардад, ки ба функсияи минтақавии экологии давлат он корҳои амалишавандае дохил мешавад, ки барои нигоҳдорӣ, истифодаи самаранок ва барқарорсозии неъматҳои табиӣ ва фароҳамоварии шароити арзандаи экологӣ ба муҳити зисти инсонҳо ва наслҳои оянда нигаронида шудаанд.

Функсияи дохилии экологии давлат фарогири тамоми тадбирҳои дохилидавлатӣ дар асоси қонунгузории амалкунанда ва уҳдадориҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эҳтиром ва риояи арзишҳои ҳуқуқии экологӣ вобаста ба истифодаи оқилона, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сарватҳои табиӣ мебошад. Аз андешаву натиҷаи таҳқиқотҳои болозикр маълум мегардад, ки функсияи дохилии экологӣ метавонад ба сифати таснифоти нави умуминазариявӣ баромад намояд, ки ғояву андешаҳои манзургардидаи назарияи мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ низ ин ҳолатро собит намудаанд.

3. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа, дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ ва болоравии босуръати саноат, якбора бад шудани сифати муҳити табиӣ ба амал омад, ки аксар давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор кард, ки дар бораи мушкилоти экологӣ ва ҳалли фаврии онҳо тадбирҳои зарурро амалӣ намояд.

4. Ба андешаи мо бо дарназардошти ғояҳои бештари ҳуқуқӣ ва бо такя ба муқарраротҳои қонунгузорӣ метавонем чунин мафҳуми функсияи экологии давлатро муносиб донем: «Фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектони ваколатдор, салоҳиятдор, уҳдадор ва масъулиятдоштаро оид ба

истифодаи оқилона, ҳифз, нигаҳдорӣ ва азнавбарқарорнамоии сарватҳои табиӣ, ки баҳри беҳбудии зиндагии одамон ва наслҳои оянда равона гардидаанд».

**5. Бо мақсади пурра амалишавии функсияи экологии давлат** ва нақши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар рушди функсияи мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» моддаҳои нав дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 82¹. Афзалиятҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи экологӣ**

1. Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалинамоии ҳамкориҳои байналмилалии экологӣ ба чунин афзалиятҳо асос меёбад:

1) муҳимияти ҳифзи муҳити зист барои устувории ҳаёт ва саломатии инсон;

2) афзалияти манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи экологӣ;

3) коҳишдиҳии ҳарчи бештари ифлосшавии фаромарзӣ;

4) ташаккул додани муносибатҳои сармоягузориву иқтисодӣ бо назардошти манфиатҳои экологӣ;

5) дар ҳолатҳои фавқулоддаи экологӣ амалинамоии ёрии башардустона;

6) мавриди истифода қарор додани меъёрҳои байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти минтақавию байналмилалӣ;

7) қобили таваҷҷуҳ нигоҳдории ташаббусҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи муҳити зист.

2. Вазифаҳои афзалиятноки ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи экологӣ дар заминаи ҷаҳонӣ (глобалӣ), фаромарзӣ, минтақавӣ ва дуҷониба ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 82². Механизмҳои ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи экологӣ**

1. Механизмҳои ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаи экологӣ иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи уҳдадориҳои шартномаҳои байналмилалӣ дар расмиёти зерини байналмилалӣ ва фаромарзӣ муайян менамояд:

1) мубодилаи иттилооти экологӣ;

2) гузаронидани мониторинги муштараки экологӣ дар асоси талаботҳо ва стандартҳои мувофиқашуда;

3) муайян ва ҳифзи намудҳои биологӣ ва объектҳои табиии дорои аҳаммияти байналмилалидошта;

4) гирифтани розигии асосноки пешакӣ барои иҷрои намудҳои фаъолияти алоҳидае, ки мавзуи танзими байналмилалии экологӣ мебошанд;

5) додани иҷозатномаҳои махсус барои намудҳои алоҳидаи фаъолият, ки ба муҳити зист ва саломатии инсон эҳтимоли таҳдид доранд;

6) танзими муштараки таъсироти экологӣ ва баҳодиҳии самараноки татбиқи он;

7) баҳодиҳии таъсири фаромарзӣ ба муҳити зист;

8) иттилоотикунонӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодда ҳангоми таҳдиди эҳтимолии хатари фаромарзӣ ба муҳити зист;

9) расонидани кӯмак бо дархости дигар давлатҳо дар ҳолатҳои фавқулодда ҳангоми таҳдиди хатари фаромарзӣ, аз ҷумла таҳияи нақшаҳои дахлдори муштарак;

10) таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои миллӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ;

11) баҳодиҳии риояи уҳдадориҳои шартномаҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби мақомоти махсуси ваколатдори байналмилалӣ гузаронида мешаванд;

12) татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба муҳити зисти дигар давлатҳо ё минтақаҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 82³. Принсипҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи экологӣ**

Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи экологӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

1) софдилона иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалӣ;

2) эҳтироми ҳуқуқи соҳибихтиёрии давлатҳо барои истифодаи сарватҳои табиии худ;

3) ҳамгироии ҳифзи муҳити зист ва рушди иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор;

4) масъулияти давлат барои таъмини чораҳо оид ба пешгирии зарар ба муҳити зист;

5) эҳтиёт ва андешидани чораҳои пешгирикунанда;

6) ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ;

7) қаблан огоҳнамоӣ ва машваратҳои тарафайн оид ба таъсири хатарҳои назарраси фаромарзии экологӣ.

**6. Пешниҳод мегардад, ки дар моддаи алоҳидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ»** принсипҳои амалӣ намудани экспертизаи экологӣ бо тартиби зерин муқаррар карда шаванд:

– усули афзалият доштани шароити мусоиди зисти инсон;

– таъмини бехатарии мутахассисони экспертиза ҳангоми иҷрои ваколатҳояшон;

– баҳисобгирии вобастакунии манфиатҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии инсон, ҷамъият ва давлат ба мақсади таъмини рушди устувору муносиби муҳити зист;

– бартарӣ доштани ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;

– афзалият дар ҳифзи гуногунии биологӣ, аз он ҷумла агробиогуногунӣ ҳангоми гузаронидани экспертизаи биологӣ;

– инкишоф додани маърифати экологии аҳолӣ оид ба экспертизаи экологӣ;

– тақвият додани ҳамкории байналмилалӣ вобаста ба ташкил ва амалинамоии экспертизаи экологӣ;

– хусусияти ҳатми доштани маблағгузории экспертизаи экологӣ аз ҷониби субъектони фаъолияти хоҷагидорие, ки ба муҳити зист таъсиргузоранд;

– ба талаботҳои мавҷудаи рушди самтҳои қобили таваҷҷуҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат.

**7. Амалияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва механизмҳои татбиқи он** ишора ба он менамояд, ки барои самтҳои муҳими фаъолияти давлатиро танзим ва идора намудан дар баробари қабули қонунгузории алоҳида, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ низ нақши меҳвариро дорост. Аз ин хотир амалишавии функсияи экологии давлат низ дар баробари доштани хислати илмӣ-назариявӣ ҷабҳаҳои амалиро низ ба худ касб намудааст. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешвад, ки барои дақиқ, ҳадафмандона бо дарназардошти муайян намудани ҳолати кунунӣ, муаммо ва дурнамои самти амалишавии функсияи экологии давлат вақти он расидааст, ки «Стратегияи рушди функсияи экологии давлат» таҳия ва қабул карда шавад. Албатта ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки роҳҳои нави такон додани амалинамоии қонунгузории амалкунанда, ҳадафҳои пешгузоштаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян ва ба амал бароварда шаванд.

**Адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999 сол., 22.06.2003 сол ва 22.05.2016 сол. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.11.2022).

2. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.

3. Васильева М.И. Концептуальные вопросы совершенствования экологической политики и законодательства об охране окружающей среды // Экологическое право. – 2007. – № 2. – С. 7-13.

4. Голиченков А.К. Экологическое право России: словарь юридических терминов: учебное пособие для вузов. – М.: Издательский Дом «Городец», 2008. – 540 с.

5. Ғафурзода А.Д., Рашидов Ҷ.Қ. Ташаккулёбӣ ва инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ: масъалаҳои назариявӣ-таърихӣ // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №2 (51). – С. 129-136.

6. Исмоилов Ш.М., Шонасриддинов Н.Ш., Нодиров Ф.М., Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 400 с.

7. Ғафуров А.Д., Боев М.Ф. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ». – Душанбе: Бухоро, 2013. – 70 с.

8. Ибрагимов Д.К. Информационная функция государства и ее реализация в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 228 с.

9. Куканов А.З. Форма правления государства Таджикистан: историко-теоретическое исследование: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 23 с. (Электронный ресурс): Режим доступа:

https://www.dissercat.com/content/forma-pravleniya-gosudarstva-tadzhikistan-istoriko-teoreticheskoe-issledovanie (санаи мурочиат: 11.11.2022).

10 Кузьмин В.Н. Правовые формы обеспечения экологической безопасности. Авто. дис…канд.юрид.наук: 12.00.02 / Кузьмин, Валерий Николаевич – Москва – 2001. 44 с. Электронный ресурс: Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/pravovye-formy-obespecheniya-ekologicheskoi-bezopasnosti (Дата обращения: 11.11.2022).

11. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Меҳрона-2017, 2019. – 204 с.

12. Петров В.В. Экологическое право России: учебник для вузов. – М., 1995.– 330 с.

13. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – 784 с.

14. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ: ҷилди 1. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – 484 с.

15. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми умумӣ: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 584 с.

16. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 400 с.

17. Соҳибов М.М., Қодиров М.А. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Промэкспо, 2015. – 200 с.

18. Соҳибов М.М. Баъзе аз масъалаҳои ҳуқуқҳои экологии инсон ва ҳифзи муҳити зист дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / Зери таҳрири н.и.ҳ., Сафаров Б.А. – Душанбе, 2014. – С. 112-117.

19. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 03.03.2021 сол дар мулоқоти якуми «Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар сиғаи видеоконференсия». // Маводи эклектронӣ: Манъбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/25170 (Санаи мурочиат: 11.11.2022 с.).

20. Тафсири Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳимзода М.З. – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – 292 с.

21. Холиков, А.Г. Правовая система зороастризма: автореф. дис…. докт. юрид. наук. – Душанбе, 2004. (Электронный ресурс) Режим доступа: https://www.dissercat.com/content/pravovaya-sistema-zoroastrizma (дата обращения: 11.11.2022).

22. Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Илм, 2017. – 496 с.

23. Ҳафиззода Ш.Х. Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 215 с.

24. Ҷабборов Р.Ҷ. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 198 с.

25. Шарифзода С.Ш. Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар марҳилаи муосир: диссертатсияи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 233 с.

26. Шарофзода Р.Ш., Шарифзода С.Ш. Функции государства Таджикистан в условиях трансформации общества, усиления глобализационных вызовов и угроз: монография / Под ред. профессора Шарофзода Р.Ш. – Душанбе, 2021. – 290 с.

27. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: Ганҷ, 2018. – 609 с.

# НИЗОМИ МУОСИРИ СУДҲОИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАЪСИС ВА ФАЪОЛИЯТИ ОН

**Миралиев Исафандиёр Қарахонович,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** (+992) 908483869
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Зокирова Нодира Иномҷоновна,**
доктор Phd-и курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 105-02-00-00
**E-mail:** nodirazokirova300@gmail.com

**Фишурда:** Мақолаи мазкур масъалаи ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва инчунин низоми муосири судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ дода, дар васеъ шарҳ додани функсия, фаъолият ва салоҳиятҳои судҳои иқтисодӣ ва инчунин комилан дарк намудани таркиб ва сохтори онро мавриди зикр қарор медиҳад. Ҳадафи асосии интихоби мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар васеъ шарҳ додани функсия, фаъолият ва салоҳиятҳои судҳои иқтисодӣ ва инчунин баҳри дуруст ва комилан дарк намудани таркиб ва сохтори он мебошад. Зеро, судҳои иқтисодӣ маҳз баҳсҳоеро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, ки онҳо дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа аҳамияти хоссаро доро мебошанд. Фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар навъи фаъолияти иқтисодӣ баҳри ташаккул ва ривоҷи давлат нақши муассирро касб мекунанд. Ҳар як тадқиқотҳои илмӣ ҳам аз ҷиҳати методологияи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалиявӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Усулҳои назариявии мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, аз лаҳзаҳои таърихи ташаккул то замони рушди марҳилаҳои он вобаста ба қонунгузориҳои муосир мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Методи амалиявии он бошад, аз рафти фаъолияти судҳои иқтисодӣ, хусусан фаъолияти амалии судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда мешавад.

**Калидвожа:** Судҳои иқтисодӣ, ташаккулёбии судҳои иқтисодӣ, роҳҳои рушди судҳои иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, функсия ва фаъолияти судҳои иқтисодӣ, салоҳияти судҳои иқтисодӣ, ҳокимияти судӣ, низоми суд, сохтори судӣ, адолати судӣ, баробарҳуқуқӣ, волоияти қонун, инсондӯстӣ.

# СОВРЕМЕННАЯ СИСТЕМА ЭКОНОМИЧЕСКИХ СУДОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ЕЕ СОЗДАНИЯ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Миралиев Исфандиёр Карахонович,**
доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук
**Тел.:** (+992) 908483869
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Зокирова Нодира Иномджоновна,**
доктор Phd 2-го курса очного отделения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 105-02-00-00
**E-mail:** nodirazokirova300@gmail.com

**Аннотация:** В данной статье раскрывается правовой вопрос создания и деятельности экономических судов, а также современная система экономических судов Республики Таджикистан в период государственной независимости, и подробно описываются функции, деятельность и полномочия экономических судов, а также полное понимание его состава и структуры. Основной целью выбора данной темы является прежде всего подробное разъяснение функций деятельности и полномочий экономических судов, а также правильное и полное понимание их состава и структуры. Ведь экономические суды рассматривают именно те споры которые имеют особое значение экономической значение в экономической жизни общества. Предпринимательство и другие виды экономической деятельности играют важную роль в становлении и развитии государства. Каждое научное исследование оценивается с точки зрения как теоритической так и практической методологии. Теоретические методы данной темы изучаются, прежде всего, с моментов истории становления до времени этапов ее развития в связи с современным законодательством. Его практический метод оценивается из деятельности экономических судов, особенности практической деятельности экономической деятельности экономических судов в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** Экономические суды, формирование экономических судов, пути развития экономических судов, экономические отношения, предпринимательская деятельность, функции и деятельность экономических судов, компетенция экономических судов, судебная власть, судебная система, судебной строй, правосудие, равноправие, законность, гуманность.

# THE MODERN SYSTEM OF ECONOMIC COURTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: THE LEGAL BASIS FOR ITS CREATION AND ACTIVITIES

**Miraliev Isfandiyor Qarakhonovich**,
docent of the department of the Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law of Tajik National University
**Phone:** (+992) 908-48-38-69
**E-mail:** isfand88@mail.ru

**Zokirova Nodira Inomjonovna,**
2nd year full-time doctor Phd of the department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law of Tajik National University
**Phone:** (+992) 105-20-00-00
**E-mail:** nodirazokirova300@gmail.com

**Annotation:** This article explains the legal issue of the establishment and operation of economic courts, as well as the modern system of economic courts of the Republic of Tajikistan at the time of state independence and describes in detail the functions activities and powers of economic courts as well as fully understanding its composition and economical courts, as well as a complete understanding of their composition and structure. After all, economic courts consider precisely those disputes that are of particular economic importance in the economic life of society. Entrepreneurship and other types of economic activity play an important role in the formation and development of the state. Each scientific study is evaluated in terms of both theoretical and practical methodology. The theoretical methods of this topic are studied, first of all, from the moments of the history of formation to the time of the stages of its development in connection with modern legislation. His practical method is evaluated from the activities of economic courts, the features of the practical activities of the economic activities of economic courts in the Republic of Tajikistan.

**Key words:** Economic courts, formation of economic courts, ways of development of economic courts, economic relations, business activity, function and activity of economic courts, jurisdiction of economic courts, judicial authority, court system, judicial structure, rule of law, humanity.

Бо эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр арзи ҳастӣ намуда, ба сӯи рушди мустақилона қадам ниҳод. Сокинони мамлакат Конститутсияи худро қабул намуданд ва он ҳамчун қонуни олии кишвар таҷзияи ҳокимияти давлатиро ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ муқаррар намуд. Тӯли 31 соли соҳибихтиёрӣ бо ташаббус, роҳнамоӣ ва сиёсати устувори

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, дар ҳамаи соҳаҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабул карда шуда, мунтазам фаъолияти мақомоти давлатӣ таҳкиму рушд меёбад. Албатта, пеш аз оне моҳияти фаъолияти судҳои иқтисодиро шарҳ диҳем, моро мебояд сараввал диққати хешро ба ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимиятҳо ва принсипҳои ташкили он равона созем ва маълумоти муфассалро рӯи қоғаз оварем, то шавқи хонанда нисбат ба хониши мавзуъ ҷолибтар гардад.

Таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ ба тамоми қишрҳои ҷомеа яке аз роҳу равиши густариши ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбад. Дар ин раванд баҳри таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани нақши мақомоти судӣ дар ҷомеа то инҷониб бо фармони Пешвои миллат се Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ амалӣ ва корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Аз ҷумла, аз ҳайати ҳокимияти иҷроия баровардани масъалаҳои судӣ, такмили сохтори судӣ, таъсиси сохтори нав марбут ба ҳуқуқи инсон, сохтори мустақил доир ба иҷрои санадҳои судӣ, такмил дода шудани қонунгузорӣ, ба хусус, мутобиқ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар таҳрири нав қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳаро танзим менамоянд. Тадбирҳои мазкур албатта барои таъмини мустақилияти суд равона карда шудаанд.

Тоҷикистон бо баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатии худ Эъломия «Дар бораи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон»[79] қабул кард, ки аввалин маротиба принсипи тақсимоти ҳокимиятро ба қонунгузор, иҷроия ва судӣ муайян намуд. Эълони тақсими ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои мустақил гарчанде дастоварди назарраси фазои ҳуқуқии давлат бошад ҳам дар илми ҳуқуқшиносӣ назарияи ягонаи умумиятдошта нисбат ба шохаҳои ҳокимияти давлатӣ вуҷуд надошт. Зеро, худи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар масири ташаккулёбӣ буда, намудҳои мухталифи он дар таҷрибаи давлатдорӣ эътироф шуда буд. Бинобар он мутаносибан бо воқеият, мазмун ва муҳтавои шохаҳои ҳокимияти давлатӣ низ такмил меёфт, ки он барои шинохт ва баҳодиҳии табиати аслии ҳокимияти давлатӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ муаммоҳои ҳалталабро ба бор меоварад.

Дар ин радиф вазъи шинохти шохаи ҳокимияти судӣ ҳамчун самти вижаи ҳокимияти давлатӣ муддати дароз номуайян ва мубрам боқӣ монд. Ҳокимияти судӣ – ин шохаи мустақил ва соҳибихтиёри ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки танҳо аз ҷониби суд бо воситаи истеҳсолоти Суди конститутсионӣ, гражданӣ, маъмурӣ, арбитражӣ ва ҷиноятӣ дар шакли адолати судӣ дар асоси принсипҳои ташаккул ва фаъолияти муайянкардаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

---

[79] Ниг.: Декларация о принятии суверенитета // Ведомости Верховного Совета Тадж. ССР. – 1990. – №16. – С.47.

Ҳокимияти судиро ҳамчун навъи махсуси ҳокимияти давлатӣ шарҳ медиҳанд, ки ба воситаи низоми мақомоти махсуси ваколатдор – судҳо амалӣ ва аз ҷониби шахсони ҷудогонаи мансабдор – судяҳо татбиқ мегарданд. Судяҳо вазифаашонро дар асоси касбият барои иҷрои функсияҳои ҳуқуқ татбиқкунанда бо истифодабарии маҷбурият аз ҷониби онҳо, ки вазифаи махсус ва тарзҳои таъмини онҳоро дорад, амалӣ менамоянд[80].

Аксарияти ҳуқуқшиносон чунин ақида иброз медоранд, ки ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, аз тарафи суди мустақил дар ҳамкорӣ бо дигар институтҳои давлат ва ҷомеа дар шакли муқарраргардидаи татбиқи ваколатҳои пешбинӣ гардида бо мақсади таъмини ҳифзи сохтори конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеа ва давлат бо роҳи баровардани адолати судӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, назорати конститутсионӣ ва судӣ аз рӯи қонунӣ будани амалҳо ва қарорҳои мақомот ва шахсони мансабдори ҳокимият, таъмини иҷрои ҳукмҳо ва дигар санадҳои судӣ дар фаъолияти иттиҳодияҳои судяҳо, таъмини ташкилии фаъолияти судҳо ва иштирок дар такмили қонунгузорӣ бо истифодаи ташаббуси қонунгузорӣ амалӣ менамоянд.

Вобаста ба ақидаҳои мухталифи аксари муаллифон, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки онҳо мафҳуми ҳокимияти судиро аз такмил бахшидани категорияҳо ва падидаҳои ҳуқуқӣ ба монанди принсипҳои ташаккул ва фаъолияти судҳо, шакли фаъолияти суд, мақсад ва вазифаҳои судҳо мукаммал мегардонанд. Аммо дар асоси баъзе аз маълумотҳо, категорияҳои мазкур, аз он ҷумла принсипҳо, мақсадҳо, вазифаҳо ва шаклҳои истеҳсолоти судӣ дар муайян намудани мафҳум аҳамияти дуюмдараҷа доранд. Аз ин лиҳоз, ҳангоми муайянсозии мафҳуми ҳокимияти судӣ диққати асосиро мебояд ба таъинот ва функсияҳои он равона сохт.

Ҳокимияти судӣ шохаи соҳибихтиёри ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки аз тарафи суд амалӣ гардида, баҳри барқарорсозии адолати судӣ, баррасӣ ва ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ, гражданӣ оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар асоси принсипҳое, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар карда шудааст, фаъолият мекунад[81].

---

[80] Вяткин М.Ф. Конститутционно-правовое регулирование судебной власти в Российской Федерации: дис. канд. юрид. наук / Вяткин Михаил Федорович. – Челябинск, 2004. – С. 8.

[81] Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: Давраи шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ): дис. Барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Абдуллозода Фарҳод Нусратулло. – Душанбе, 2009. – С. 144.

Аз ин лиҳоз, дар мувофиқа бо моддаи 44 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии судӣ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманданд, инчунин парвандаҳои дигари аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасигардида ба ҳисоб рафта, назорати судиро аз болои фаъолияти Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе оид ба парвандаҳои иқтисодии дар тобеияти онҳо буда амалӣ намуда, барои ташкили кори Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе, таъминоти моддию техникии онҳо, хоста гирифтан ва тайёр намудани номзадҳо ба вазифаи судя, такмили ихтисоси судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, пешниҳод барои ба вазифа интихоб ва таъин намудан, аз вазифа бозхонд ва озод кардани судяҳо, ташкили имтиҳоноти тахассусӣ ва иҷрои ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад.

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти олии судии судҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ назорати судиро аз рӯи фаъолияти судҳои зинаҳои поёнӣ амалӣ месозад. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳо, тартиби интихоб, таъин, бозхонд ва озод намудани судяҳоро Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намуда, инчунин дигар муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо ба танзим медарорад. Боби чаҳоруми қонуни мазкур ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, тартиби фаъолияти он пурра оварда шудааст.

Бо ташкил ёфтани муносибатҳои бозоргонӣ талабот ба ташкилкунии системаи судии мустақил, ки махсус барои баррасӣ намудани баҳсҳои иқтисодии байни субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқ гардонида шудаанд, ба миён омад. Зарурияти такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии хоҷагӣ дар соли 1995 ба кор карда баромадан ва қабули ду санади нав: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда расонд, ки асоси ҳуқуқии системаи сохтори судӣ ва мурофиаи судии судҳои иқтисодӣ гаштанд. Онҳо табдил ёфтани собиқ арбитражҳои давлатиро ба мақомотҳои комили пурраи ҳокимияти судӣ ифода менамуданд ва бори аввал салоҳияти баамалбарории адолати судиро аз рӯи парвандаҳои хоҷагӣ ба зиммаи мақомоти судӣ гузоштанд. Идомаи такмили қонунгузории низоми судии кишвар соли 2001 ба қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда расонид.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ, ки адолати судиро оид ба парвандаҳои иқтисодӣ, дастрасии он, сари вақт

ва самаранок ҳимоя гардидани ҳуқуқ ва озодии шахсият, манфиати ҷомеа ва давлатро дар бештари мавридҳо таъмин менамояд, амал мекунад. Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодии амалкунанда ба принсипҳои конститутсионии мубоҳисавӣ, баробарҳуқуқии тарафҳо, диспозитивӣ ва ошкоро будани баррасии парвандаҳои иқтисодӣ дар суд асосан мутобиқ буда, меъёрҳои он ҷавобгӯи талаботи стандартҳои байналмилалии муҳокимаи одилонаи судӣ мебошад.

Дар барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои такмили минбаъдаи сохтори судӣ, таҳкими мустақилият ва масъулияти судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо, рушди қонунгузории соҳа ва таъмини дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии баландихтисос мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Баъд аз эълон намудани соҳибихтиёрӣ дар ҳудуди давлати шуравии пошхӯрда, давлатҳо ба гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ, ки натиҷаи он, аз ҷумла қабули қонунҳои нави мутобиқ ба талаботи замони истиқлолият буд, шурӯъ намуданд. Ҳамзамон, дар ин давлатҳо як қатор барномаҳои гуногуни ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Тибқи барномаи мазкур ба мақомоти олии ҳокимияти судии давлатҳои соҳибистиқлол нақши муҳим вогузор карда шуд[82].

Бо мақсади амалӣ намудани барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ҷиҳати дар низоми судии кишвар ворид намудани ниҳоди нав – «коромӯз-судя» ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Вобаста ба такмили қонунгузории низоми судҳои иқтисодӣ дар санаи 5 январи соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи судии иқтисодӣ» қабул карда шуд, ки мутобиқи он, Кодекси мазкур аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор дода шуд. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои куллиеро дар роҳи демократикунонии мурофиаи судии иқтисодӣ, таъмини мустақилияти иштирокчиёни мурофиа ва ба таври мубоҳисавӣ гузаштани мурофиаи суди иқтисодӣ, зиёд намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиа ва таъмини кафолати истифодаи самараноки ин ҳуқуқу уҳдадориҳо, баланд бардоштани нақши судҳоро дар мавриди ба амал баровардани адолати судӣ, таъмини бемайлони мустақилияти судяҳоро пешбинӣ намудааст. Дар шароити кунуни мувофиқи Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои марҳилаҳои гуногун мебошад.

[82] Ниг.: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997, № 692 “Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1997, № 3-4. – С. 85; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – С. 186; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.01.2011, № 976 “Дар бораи барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013” // Қарорҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон . – Душанбе, 2011. – № 1-3. – С. 146.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки қабули як қатор қонунҳои мурофиавӣ барои таҳкиму такмилу ҳокимияти судӣ ва таъмини мустақилияти судҳо қадами устуворе буд. Аз ҷумла, Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2008 мавриди амал қарор гирифта, баррасии парвандаҳои судиро дар асоси принсипҳои ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, диспозитивӣ ва ошкоро будани муҳокимаи судӣ ва дигарҳо муайян намудааст.

Кодекси мазкур аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ба амал баровардани адолати судӣ дар соҳаи соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ, вазифаҳои мурофиаи иқтисодӣ, ҳуқуқ ба мурочиат ба судҳои иқтисодӣ, тартиби ҳалли парвандаҳоро муайян намуда, амали судяро дар ҳамаи марҳилаҳои мурофиавӣ мушаххас нишон додааст.

Ҳамин тариқ, пайдо шудани судҳои иқтисодӣ – ин натиҷаи мустақим ва қонунии (табии) ислоҳоти асосии иқтисодиёт ва системаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Вайроншавии тез, қариб барқвори иқтисодиёти нақшавии ба моликияти давлатӣ асос шуда, аз як тараф, зарурати муҳими бурдани баррасии судии баҳсҳо ва мунокишаҳои иқтисодии иқтисоди бозоргонии ташкил ёфта истодаро, ки аллакай ба моликияти омехта, аз он ҷумла моликияти хусусӣ низ асос шуда буд, ба вуҷуд овард, аз дигар тараф бошад, арбитражи давлатӣ ва идоравиро бекор гузошт. Роҳи баромад дар он дида шуд, ки арбитражи давлатӣ, инчунин идоравӣ низ барҳам дода шуда, дар базаи кадрӣ ва моддии онҳо системаи ягона ва томи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуданд.

**Адабиёт:**

1. Декларация о принятии суверенитета // Ведомости Верховного Совета Тадж. ССР. – 1990. – №16. – 60.
2. Вяткин М.Ф. Конституционно-правовое регулирование судебной власти в Российской Федерации: дис. канд.юрид.наук / Вяткин Михаил Федорович. – Челябинск, 2004. – С. 200.
3. Абдуллозода Ф.Н. Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: Давраи шуравӣ ва пасошуравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ). – Душанбе, 2009. – С. 200.
4. Буриев И.Б. Становление и развитие государственности на территории Таджикистана (досовесткий период) Душанбе, 2007 г. – С. 180.
5. Боголюбов А.С. Пресечение и наказание в мусульманском праве (VIII-IX вв.) // Ислам. Религия, общество, государство. – М.: Наука, 1984. – С. 250.
6. Ш. Монтеске. О духе законов. – М.: РИПОЛ классик, 2018. – С.190.

## БУРҲОНУДДИН МАРҒЕЛОНӢ ВА АҚИДАҲОИ ДАВЛАТӢ-ҲУҚУҚИИ Ӯ

**Шоев Фируз Маҳмадаминович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru
**Тел.:** (+992) 918-55-77-99

**Мушовири илмӣ:** Холиқзода А.Ғ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурдафа:** Дар мақолаи мазкур мавзуи «Бурҳонуддин Марғелонӣ ва ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии ӯ» мавриди омӯзишу тадқиқот қарор гирифтааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур мухтасаран ҳаёт, фаъолит, осор, асарҳо ва ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Бурҳонуддин Марғелонӣ яке аз намояндагони барҷастаи шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафияи оилаи ҳуқуқи мусулмониро мавриди омузиш, тадқиқ, таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Мутафаккири барҷаста, ҳуқуқшинос Бурҳонуддин Марғелонӣ солҳои 1117-1197 зиндагонӣ кардааст.

**Калидвожаҳо:** Таълимот, афкор, ақидаҳо, давлат, ҳуқуқ, мутафаккирон, оилаи ҳуқуқи мусулмонӣ, мактаби ҳуқуқии ҳанафия, шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия, намояндаи барҷастаи шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия, мутафаккири барҷаста, олими барҷаста, олими олимон, сардари аҳли илм, олими илоҳиётшинос, олими энсиклопедист, аллома, фақеҳ (донандаи ҳуқуқи мусулмонӣ), ҳуқуқшинос, қонуншинос-фақеҳ (ҳуқуқшинос), Бурҳонуддин Марғелонӣ, ҳаёт, фаъолият, осор, асарҳо, асари оламшумул, «Ҳидоя»-и Бурҳонуддин Марғелонӣ, шарҳи ҳуқуқи мусулмонӣ, соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ, ҳуқуқи андоз (закот), андоз (закот), ҳуқуқи оилавӣ, никоҳ, оила, ҳуқуқи мерос, мерос, ҳуқуқи гражданӣ (маданӣ), шартнома, ҳуқуқи замин, заминистифодабарӣ,ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷазо.

## БУРХАНУДДИН МАРГИНАНИ И ЕГО ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ ВЗГЛЯДЫ

**Шоев Фируз Махмадаминович,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru
**Тел.:** (+992) 918-55-77-99

**Научный консультант:** Холикзода А.Г., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статьи изучается и исследуется тема «Буханиддин Маргиани и его государственно-правовые взгляды». Автор данной статьи коротко изучал, исследовал, проанализировал и рассматривал жизнь, деятельность, наследие, творчество, произведения, труды и государственно-правовые взгляды Бурхануддина Маргинани одного из видающихся представителей мавераннахрского ветви ханафитской правовой школы мусульманской правовой семьи. Великий мыслитель, правовед Бурхануддин Маргинани жил в 1117-1197 гг.

**Ключевые слова:** Учение, воззрение, взгляды, государство, право, мыслители, мусульманская правовая семья, ханафится правовая школа, мавераннахрская ветва ханафитской правовой школы, выдающийся представитель мавераннахрской ветви ханафитской правовой школы, великий мыслитель, великий учённый, учённый из учённых, глава науки, учёный богослов, учённый энциклопедист, факих (знаток мусульманского права), юрист, законовед-факих (правовед), Бурхануддин Маргинани, жизнь, деятельность, наследие, труды, произведения, трактат, «Хидая» Бурхануддина Маргинани, комментарии мусульманского права, отрасли и институты права, налоговое право (закят), налог (закят),

семейное право, брак, семья, наследственное право, наследство, гражданское право, договор, земельное право, землепользование, уголовное право, преступление, наказаниие.

## BURHANUDDIN MARGHINANI AND HIS STATE-LEGAL VIEWS

**Shoev Firuz Makhmadaminovich,**
Candidate of Juridical Sciences, Docent of the Department of Human Rights and Comparative Law of the Law Faculty of the Tajik National University
**E-mail:** f.m.shoev@mail.ru
**Phone:** (+992) 918-55-77-99

**Scientific consultant:** Kholikzoda A.G., Doctor of Juridical Sciences, Professor
**Reviewer:** Sadizoda J., Candidate of Juridical Sciences, Docent

**Annotation:** In this article, the topic "Bukhaniddin Margiani and his state-legal views" is studied and researched. The author of this article briefly studied, researched, analyzed and considered the life, activities, heritage, creativity, works, works and state-legal views of Burkhanuddin Marginani, one of the prominent representatives of the Maverannahr branch of the Hanafi legal school of the Muslim legal family. The great thinker, jurist Burkhanuddin Marginani lived in 1117-1197.

**Key words:** Doctrine, outlook, views, state, law, thinkers, Muslim legal family, Hanafi legal school, Maverannahr branch of the Hanafi legal school, prominent representative of the Maverannahr branch of the Hanafi legal school, great thinker, great scientist, scientist among scientists, head of science, learned theologian, learned encyclopedist, faqih (expert in Muslim law), lawyer, jurist-faqih (jurist), Burhanuddin Marginani, life, work, heritage, works, works, treatise, "Khidaya" by Burkhanuddin Marginani, comments on Muslim law, branches and institutions law, tax law (zakat), tax (zakat), family law, marriage, family, inheritance law, inheritance, civil law, contract, land law, land use, criminal law, crime, punishment.

Баъди ба даст даровардани Истиқлоли давлатӣ дар давлатдории халқи тоҷик давраи наве, ки ба бунёди давлати миллӣ асос гузошт, оғоз шуд[83]. Омузишу тадқиқи осори ниёгонамон, олимону мутафаккирони тоҷику форс яке аз мақсаду ҳадафҳои давлату ҳукумат ба ҳисоб рафта, то имрӯз дар ҷумҳурӣ дар ин самт олимону муҳаққиқони ватанӣ кушишҳои зиёде карда истодаанд[84]. Омӯзишу тадқиқоти мавзуи «Бурҳонуддин Марғелонӣ ва ақидаҳои давлатӣ-

---

[83] Ниг.: Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 684 с.; Холиқов А.Ғ. Бунёдгузори давлати миллӣ – пешвои миллат. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 172 с.; Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 588 с.; Холиқзода А.Ғ. Пешво ва оини давлатсозӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 472 с.; Холиқзода А.Ғ., Шарифзода М.М., Шосаидзода Ш.Ш. Пешво ва мактаби давлатдорӣ (Пешвои миллат – поягузори давлати миллӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2022. – 512 с. ва ғ.

[84] Ниг.: Сативалдыев, Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекого мусульманского Востока: на примере «Кабуснамэ», «Сиасет-намэ», «Синдбаднамэ»: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Сативалдыев Рустам Шарофович. – М., 1999. – 38 с.; Кенджаев, Ш.Ю. Государственно-правовые взгляды Джами: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кенджаев Шухратджон Юсуфович. – Душанбе, 2003. – 210 с.; Шоев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шоев Фируз Махмадаминович. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 58 с.; Ш оев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шоев Фируз Махмадаминович. – Душанбе, 2018. – 218 с.; Қодирзода С.М. Афкори сиёсию ҳуқуқии Абуалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ: автореф. дис. … ном. илм. ҳуқ.: 12.00.01 / Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 56 с.; Қодирзода С.М. Афкори сиёсию ҳуқуқии Абуалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ: дис. … ном. илм. ҳуқ.: 12.00.01 / Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло. – Душанбе, 2021. – 204 с.; Давлатов М.Н. Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва аҳамияти он дар замони муосир: автореф. дис. … ном.илм.ҳуқ.: 12.00.01 / Давлатов Маъруфҷон Нарзиалиевич. – Душанбе, 2022. – 61 с.; Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2007. – 92 с.; Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли: монография / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 192 с.; История прав человека. Учебник для вузов / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 320 с.; Права человека: история, теория, практика. Коллективная монография / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе: Офсет-Империя, 2016. – 584 с.; Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва

ҳуқуқии ӯ» маҳз яке аз мавзуҳои омузишу тадқиқи осори ниёгонамон, олимону мутафаккирони тоҷику форс мебошад.

Бурҳонуддин Абул-Ҳасан Али инб Абубакр ал-Марғелонӣ ар-Рошидонӣ, ки бештар бо номи Бурҳонуддин ал-Марғелонӣ машҳур буда, яке аз мутафаккирони асримиёнагии шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия мебошад.

Бурҳонуддини Марғелонӣ – мутафаккир, файласуф, диншинос, қонунгузори исломӣ-фақеҳ буда, барои хизматҳои шоёнаш дар пербурд ва инкишофи шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия ба ӯ рутбаи «Шайх-ул-ислом» додаанд. Бурҳонуддини Марғелонӣ яке аз мутафаккирони барҷастаи осиёмиёнагии шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия соли 1117 дар Рошидони Фарғона, имрӯза Ҷумҳурии Узбекистон таваллуд шуда, соли 1197 дар шаҳри Самарқанд, имрӯза Ҷумҳурии Узбекистон аз дунё гузаштааст.

Самти фаъолияти ин мутафаккири барҷаста фиқҳ (ҳуқуқ) буда, касбу фаъолияташ муҳадисӣ, фақеҳӣ (ҳуқуқшиносӣ), муаллифӣ, қозигӣ (судягӣ) мебошад.

Бурҳонуддин Марғелонӣ яке аз бузургтарин шахсиятҳои ҷаҳони илм ва маънавиёт буда, олим, мутафаккир ва фақеҳи (ҳуқуқшиноси) асримиёнагии Шарқ аст, ки аз худ осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ дошта, барои наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда хизмат намуда истодаанд. Танҳо як асари безаволи ӯ «Ҳидоя» тавонистааст обрую эҳтироми ӯро дар арсаи ҷаҳонӣ оламшумул намояд.

Бурҳонуддин Марғелонӣ олими ҳуқуқи мусулмонии асри XII буда, намояндаи шохаи мовароуннаҳрии мактаби ҳуқуқии ҳанафия мебошад. Бурҳонуддин Марғелонӣ дар баробари олими баруманди илми фиқҳ (ҳуқуқ) будан, инчунин вазифаи қозигиро (судягиро) иҷро менамуд.

Мутафаккири барҷастаи мовароуннаҳрӣ Бурҳонуддин Марғелонӣ асарҳои зиёде навиштааст. Осори асосии ӯ чунин аст:

1. «Нашр ал-мазҳаб» («Паҳншавии мазҳаб»);
2. «Китоб ал-маносик ал-ҳаҷ» («Китоб дар бораи қоидаҳои баҷоварии ҳаҷ»);
3. «Китоб ул-фароиз» («Китоб дар бораи ҳуқуқи мерос»);
4. «Китоб ат-таҷнис вал-мазид» («Китобе, ки ситоиши илмро мекунад»);
5. «Мухторот ул-навозил» («Маҷмуъ-ул-навозил» – «Китоб дар бораи чизҳое, ки Офаридгор нозил кардааст»);
6. «Китоб ул-машойих» («Китоб дар бораи шайххо»);
7. «Мазид фи-фуру-ул-ҳанафий» («Иловаҳо ба мактаби ҳанафия»);
8. «Шарҳ ал-Ҷомиъ ал-Кабир Мухаммад аш-Шайбони» («Тафсир ба китоби аш-Шайбони «Ал-Ҷомиъ ал-Кабир»»);
9. «Бидоятуль-Мубтадиъ» («Муқаддима ба омузиши қонун»);
10. «Кифоятул-мунтаҳий» («Таҳсили хотимавӣ барои хатмкунандагон», шарҳи ҳашт ҷилда барои «Бидоятул-Мубтадиъ»);
11. «Ҳидоя» (шарҳи чор ҷилда ба китоби «Кифоятул-мунтаҳий»)[85].

Асарҳои навиштаи аллома Бурҳонуддин Марғелонӣ дар омузишу тадқиқотҳои дигар нисбатан ба таври дигар оварда шудаанд:

1) «Ат-таҷнис» («Ат таҷнису вал мазид ва ҳува аҳлун ли аҳлил фатво ғайру атид»);
2) «Ал фароиз» («Фароизи Усмонӣ»);
3) «Мухторул фатаво» («Мухторотун навозил»);
4) «Шарҳи «Ал ҷомеъ-ул-кабир»»;
5) «Ал мазиду фи фурӯъил ҳанафия»;
6) «Ал маносик»;
7) «Ал мунтақал марфӯъ» («Ал мунтақо»);
8) «Нашрул мазоҳиб»;
9) «Аз зиёдот»;
10) «Мӯъҷамул машоиҳ» («Ал машиха»);

---

афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.; Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. Монография.– Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.; Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с. ва ғ.

[85] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С 39.

11) «Бидоятул мубтадӣ» (ин китоб дар масоили фиқҳи ҳанафист, ки муаллиф дар он ду матни фиқҳӣ: «Ал ҷомеъ ус-сағир»-и Муҳаммади Шайбонӣ ва «Мухтасари Қудурӣ»-ро ҷамъ, тартибу таҳзиб ва шарҳу баён кардааст);

12) «Кифоятул мунтаҳӣ» (ин китоби сиҷилда шарҳи китоби «Бидоятул мубтадӣ» аст);

13) «Ал ҳидоя»[86].

«Ҳидоя фи фуру ал-фиқҳ» – «Ҳидоя. Шарҳи ҳуқуқи мусулмонӣ» – асари заминавӣ буда, ба омӯзиши васеъи ҳуқуқи мусулмонӣ (шариат) бахшида шудааст.

«Ҳидоя» дар асри XII аз ҷониби фақеҳи-ҳуқуқшиноси машҳури оилаи ҳуқуқи мусулмонӣ, зодаи Мовароуннахр Бурҳонуддини Марғелонӣ навишта шудааст.

Дар «Ҳидоя» нуқтаи назари олимон-ҳуқуқшиносони мактаби ҳуқуқии ҳанафияи равияи суннии оилаи ҳуқуқи мусулмонӣ шаҳр дода шудааст.

Дар он инчунин нуқтаи назари намояндагони мазҳабҳои ҳуқуқии дигари ҳуқуқи мусулмонӣ аз рӯи масъалаҳои гуногуни шариат шарҳ дода шудааст.

«Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ ба омӯзишу тадқиқоти масъалаҳои ҳуқуқии зерин бахшида шудааст:

1. Дар «Ҳидоя» ба талаботҳои одату анъанаҳои мусулмонӣ равшани андохта шудааст.

2. Дар «Ҳидоя» меъёрҳои никоҳию оилавӣ, меросӣ, молумулкӣ, молиявӣ ва дигар муносибатҳое, ки ба самти ҳуқуқи гражданӣ мансубанд, мавриди омузиш қарор дода шудаанд.

3. Дар «Ҳидоя» ҷанбаҳои ҳукуқие, ки бо ҷиноят ва ҷазо алоқамананд, кушода дода шудаанд.

4. Дар «Ҳидоя» хусусиятҳои мурофиавии баррасии парвандаҳо дар суд барасмият дароварда шудааст.

5. Инчунин дар «Ҳидоя» ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқии ҳаёти ҳамарӯзаи инсонҳо ва фаъолияти одамон барраси гардидаанд[87].

«Ҳидоя»-и Бурҳонуддин и Марғелонӣ асарест, ки то имрӯз омухта мешавад ва ба сифати воситаи асосии роҳбарикунанда дар мадрасаҳо ва донишгоҳҳои мусулмонии кишварҳои Шарқ хизмат менамояд, ки дар онҳо шариат, хусусан таълимоти мактаби ҳуқуқии ҳанафия ҳамчун пешина нуфузи худро нигоҳ медорад.

«Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ ба ҳуқуқшиносон, таърихшиносон, шарқшиносон, диншиносон, инчунин ба тамоми шахсоне, ки ба таърихи кишварҳои Шарқ ва ҳуқуқи мусулмонӣ шавқу ҳавас доранд, пешбини карда шудааст.

Мазмун ва муҳтавои «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ чунин аст:

Ҷилди якуми китоби «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ дар баргирандаи китобҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум ва шашум мебошад[88].

Китоби якум дар бораи закот (андоз) ном дошта, ҳашт бобро дар бар мегирад.

Боби якум муқаддима ном дошта, муқаррароти умумии закотро дар бар мегирад. Аз қабили: 1) уҳдадории закот ва шартҳое, ки ҳангоми онҳо закот ҳатми мегардад; 2) закот набояд аз ноболиғон (кудакон) ва номукаллафон (беақлон) ситонида шавад; 3) дар баъзе ҳолатҳои истисноӣ закот бояд аз шахсони номукаллаф (аз ақл берун шудагон) низ ситонида шавад; 4) закот набояд аз мукотабон ситонида шавад; 5) закот набояд аз қарздоронони муфлис ситонида шавад; 6) закот аз чизҳои зарурӣ барои ҳаёт ситонида намешавад; 7) закот аз амволи шубҳанок ситонида намешавад; 8) закот бояд аз амволи бебаҳс ситонида шавад; 9) нияти савдои ягон моликият ин амволро ба закот дучор мекунад; 10) ҳангоми пардохти закот барои боэътибории ин амал нақди ният зарур аст; 11) истисноҳо аз қоидаҳои қаблӣ.

Боби дуюм дар бораи закот аз савоим, яъне аз гала ва чорво ном дорад, ки аз панҷ қисмат иборат мебошад. Қисми якум дар бораи закот аз шутур ва амсоли он ном дорад. Қисми дуюм дар бораи закот аз чорвои калони шохдор ном дорад. Қисми сеюм закот аз бузҳо ном

---

[86] Ниг.: Имом Бурҳонуддин Абӯҳасан Алӣ ибни Абӯбакри Марғелонӣ. Ҳидоя Дар 2 ҷилд. Ҷилди I / Аз хати ниёгон ба криллӣ баргардони Ҳоҷӣ Акбар Насимзода; муқаддима, такмили матни тоҷикӣ, шарҳу тавзеҳот ва тахриҷи аҳодис аз Маъруф Раҳимов; муҳаррир Сироҷиддин Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 25-28.

[87] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С 2.

[88] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С 65-402.

дорад. Қисми чорум закот аз аспҳо ном дорад. Қисми панҷум закот аз бузғолаҳо, гусолаҳо ва шутурбачаҳо ном дорад.

Боби сеюм закот аз амволи шахсӣ ном дошта, дар худ се қисматро ҷой додааст. Қисми якум закот аз нуқра ном дорад. Қисми дуюм закот аз тилло ном дорад. Қисми сеюм закот аз амволи шахсӣ ном дорад.

Боби чорум дар бораи қоидаҳо нисбати шахсоне, ки ба назди ҷамъоварандагони закот ҳозир мешаванд, ном дорад.

Боби панҷум дар бораи конҳо ва ганҷҳо ном дошта, он ба закотбандӣ ва ситонидани закот аз конҳо ва ганҷҳо бахшида шудааст.

Боби шашум дар бораи закот аз ҳосили заминҳо ном дошта, он ба пардохти закот аз ҳосили заминҳо, хусусан ба пардохтани закот аз зироатҳо ва меваҳо бахшида шудааст.

Боби ҳафтум дар бораи пардохти закот ва дар бораи он шахсоне, ки ба манфиати ӯ рӯй меоранд, ном дорад.

Боби ҳаштум дар бораи садақа-фитр ном дошта, он як қисматро дар бар мегирад.

Китоби дуюми ҷилди якуми китоби «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ дар бораи никоҳ ном дошта, шаш бобро дар бар мегирад.

Боби якум муқаддима ном дошта, он аз як қисмат иборат мебошад. Ин қисм дар бораи дараҷаҳои манъшудаи хешутаборӣ ва хусусиятҳое, ки ҳангоми издивоҷ кардан бояд риоя карда шаванд; яъне дар бораи заноне, ки бо онҳо издивоҷ кардан мумкин аст ва дар бораи онҳое, ки бо онҳо издивоҷ кардан ғайриқонунӣ аст, ном дорад.

Боби дуюм дар бораи парасторӣ ва баробари байни тарафҳои издивоҷкунанда ном дошта, он аз ду қисмат иборат аст. Қисми якум дар бораи кафоат ё баробарӣ ном дорад. Қисми дуюм дар бораи ваколатнома ё ваколатнома ҳангоми бастани ақди никоҳ ном дорад.

Боби сеюм дар бораи маҳр ё бисот (ҳадяи издивоҷ, молу мулке, ки ба арус дода мешавад) ном дошта, он аз як қисмат иборат аст.

Боби чорум дар бораи никоҳи ғуломон ном дорад.

Боби панҷум дар бораи никоҳи мушрикон ном дорад.

Боби шашум дар бораи қисм ё тақсими издивоҷи якҷоя ном дорад.

Китоби сеюм дар бораи ризо ё хешутабории ширӣ ном дорад.

Китоби чорум дар бораи талоқ ё ҷудошавӣ ном дошта, дар худ 15 бобро дар бар гирифтааст. Боби якум дар бораи талоқи сунна ё ҷудошавии дуруст ном дошта, он аз як қисмат иборат аст. Боби дуюм дар бораи амали намудани талоқ (ҷудошавӣ) ном дошта, он чор қисматро дар бар мегирад. Боби сеюм дар бораи ваколат ба ҷудошавӣ ном дошта, се қисматро дар бар мегирад (дар бораи ҷудошавии ихтиёрӣ ё ваколати ҷудошави бо ихтиёри худ; дар бораи алямру-филяди ё озодии ҷудошавӣ; дар бораи ҷудошавии фармонӣ). Боби чорум дар бораи ҷудовашавӣ тавассути айман ё савганди шартӣ ном дошта, дар худ як қисмро (дар бораи шартан ё истисно) дар бар мегирад. Боби панҷум дар бораи ҷудошавии (талоқи) беморон ном дорад. Боби шашум дар бораи руҷъат ё баргаштан ба назди зани ҷудошуда ном дошта, он як қисмро бо номи дар бораи он ҳолатҳое, ки зани ҷудошуда барои шавҳараш ҳангоми онҳо қонунӣ мегардад, дар бар мегирад. Боби ҳафтум дар бораи йла ном дорад. Боби ҳаштум дар бораи хула ном дорад. Боби нуҳум дар бораи зиҳор ном доша, он аз як қисм (дар бораи кафорат) иборат аст. Боби даҳум дар бораи леан ё лаънати тарафайн ном дорад. Боби ёздаҳум дар бораи нотавонии мардона ном дорад. Боби дувоздаҳум дар бораи иддат ном ношта, он як қисмро бо номи дар бораи ҳидод ё мотам дар бар мегирад. Боби сездаҳум дар бораи муайян кардани пайдоиши кӯдак ном дорад. Боби чордаҳум дар бораи хизонат ё нигоҳубини кудакони хурдсол ном дошта, он як қисматро дар бар мегирад. Боби понздаҳум дар бораи нафақа ё нигоҳубинӣ ном дошта, он аз шаш қисм иборат мебошад.

Китоби панҷум дар бораи итоқ ё озод кардани ғуломон ном дорад, ки имрӯзҳо аз эътибор соқит гаштааст[89].

Китоби шашум дар бораи аймон ё қасамҳо ном дошта, 14 бобро дар бар гирифта, муҳтавои онҳо чунин аст: 1) маълумоти умумӣ; 2) дар баёни чизе, ки қасам мешавад ва чизе, ки қасам намешавад; 3) дар бораи кафорат; 4) дар бораи қасам дар духул ва макони сукунат; 5) дар

[89] Ниг.: Имом Бурҳонуддин Абӯҳасан Алӣ ибни Абӯбакри Марғелонӣ. Ҳидоя. Дар 2 ҷилд. Ҷилди II / Аз хати ниёгон ба криллӣ баргардони Ҳоҷӣ Акбар Насимзода; такмили матни тоҷикӣ, шарҳу тавзеҳот ва тахриҷи аҳодис аз Маъруф Раҳимов; муҳаррир Сироҷиддин Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.379-456; Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С 351.

бораи қасами берун шудан, омадан, савор гаштан ва ғайри он; 6) дар бораи қасам дар хӯрданӣ ва нӯшокӣ; 7) дар бораи қасам дар калом; 8) дар бораи қасам барои озод кардани ғулом ва талоқ; 9) дар бораи қасам дар хариду фурӯш, никоҳ ва ғайри он; 10 ) дар бораи қасам дар ҳаҷ, намоз ва рӯза; 11) дар бораи қасам дар пӯшидани либос, зевар ва ҷузви он; 12) дар бораи қасам дар қатл, зарб ва ғайра; 13) дар бораи қасам дар адои дирҳамҳо; 14) дар бораи масоили гуногун.

Ҷилди дуюми китоби «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ дар баргирандаи китобҳои ҳафтум, ҳаштум, нуҳум, даҳум, ёздаҳум, дувоздаҳум, сездаҳум, чордаҳум, понздаҳуи, шонздаҳум, ҳабдаҳум, ҳаждаҳум, нуздаҳум, бистум, бисту якум ва бисту дуюм мебошад[90].

Китоби ҳафтум дар бораи ҳудуд ё ҷазоҳо ном дошта, шаш бобро дар бар гирифтааст. Боби якум дар бораи зино ё фоҳишагӣ ном дошта, як қисматро дар бар гирифта, ба тарзи ҷазо ва иҷроиши он бахшида шудааст. Боби дуюм дар бораи ба ҷазо кашидан ва ба ҷазо накашидани ҷуфтшавии ҷисмонӣ ном дорад. Боби сеюм дар бораи далелҳои зино ва даст кашидан аз далелҳои пешниҳодшуда ном дорад. Боби чорум дар бораи ҳадди шурб ё ҷазо барои нӯшидани шароб ном дорад. Боби панҷум дар бораи ҳадди казфа ё ҷазо барои тӯҳмат ном дорад. Боби шашум дар бораи таазир ё ҷазо бо ихтиёри худ ном дорад.

Китоби ҳаштум дар бораи сарак ё дуздӣ ном дошта, як бобро дар бар мегирад.

Китоби нуҳум дар бораи сияр ё фармонҳо ном дорад.

Китоби даҳум оид ба қонунҳо дар бораи лакитҳо ё ёфтшудагон ном дорад.

Китоби ёздаҳум дар бораи луқат ё бозёфтҳо ном дорад.

Китоби дувоздаҳум дар бораи ибок ё фирори ғуломон ном дорад.

Китоби сенздаҳум дар бораи мафкудҳо ё гумшудагон ном дорад.

Китоби чордаҳум дар бораи ширкат ё шарикӣ ном дошта, се қисматро дар бар мегирад.

Китоби понздаҳум дар бораи вақфҳо ном дошта, як қисматро дар бар мегирад.

Китоби шонздаҳум дар бораи хариду фурӯш ном дошта, ёздаҳ бобро дар бар гирифта, муҳтавои он чуни наст: 1) муқаддима; 2) дар бораи озодии интихоби шартҳо; 3) дар бораи озодии интихоби азназаргузаронӣ; 4) дар бораи ҳуқуқи радкунӣ бо сабаби камбудиҳои ашёи харидашуда; 5) дар бораи фурӯши беэътибор, ношоиста ва фаҳш (ду қисмати он: дар бораи қонунҳои марбут ба фурӯши беэътибор; дар бораи хариду фурӯши ношоиста); 6) дар бораи ақал ё қатъи фурӯш; 7) дар бораи мурофибот ва тавлиот, яъне фурӯшҳо ба хотири фоида ва дӯстӣ; 8) дар бораи рибо ва лихво; 9) дар бораи ҳуқуқҳо ва мансубиятҳо; 10) дар бораи даъвоҳои шахсони сеюм нисбати мавзуи фурӯш (қисмати он: дар бораи фурӯши амволи бегона бе розигии молик); 11) дар бораи фурӯшҳои салям (қисмати он: ҳолатҳои гуногун).

Китоби ҳабдаҳум дар бораи фурӯши сарф ном дорад.

Китоби ҳаждаҳум дар бораи кафолат ё зомин ном дошта, се бобро дар бар гирифта, муҳтавои онҳо чунин аст: 1) муқаддима (қисмати он: дар бораи зоминҳо ё кафилҳо); 2) дар бораи кафолати ду шахс; 3) дар бораи кафолати озодон барои ғуломон ва ғуломон барои озодон.

Китоби нуздаҳум дар бораи гаволит ё интиқоли қарз ном дорад.

Китоби бистум дар бораи вазифаҳои қозиҳо (судяҳо) ном дошта, чор бобро дар бар гирифта, муҳтавои онҳо чунин аст: 1) муқаддима (қисмати он: дар бораи маҳрум кардан аз озодӣ); 2) дар бораи муносибати як қозӣ (судя) нисбат ба дигараш (инчунин як қисматро дар бар мегирад); 3) дар бораи мурофиаи ҳакамӣ (қисмати он: ҳолатҳои гуногун марбут ба таърифҳои судӣ); 4) оид ба қарорҳои қозиҳо дар бораи мерос (инчунин як қисматро дар бар мегирад).

Китоби бисту якум дар бораи шаҳодат ё далелҳо ном дошта, аз панҷ боб иборат буда, ба масъалаҳои зерин бахшида шудааст: 1) муқаддима (дорои як қисмат буда, маълумоти умумиро дар бораи шаҳодат ва далелҳо дар бар мегирад); 2 ) дар бораи қабул ва рад кардан дар қабули далелҳо; 3) дар бораи ихтилофи шоҳидон дар шаҳодати онҳо; 4) дар бораи далелҳо дар парвандаҳо оид ба мерос; 5) дар бораи исботи далелҳо (инчунин як қисматро дар бар мегирад).

Китоби бисту дуюм дар бораи даст кашидан аз шаҳодатдиҳӣ (шаҳодат додан) ном дошта, дар он ба масъалаҳои мазкур равшани андохта шудааст[91].

---

[90] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С 403-780.

[91] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С. 63-780.

Ҷилди сеюми китоби «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ дарбаргирандаи китобҳои бисту сеюм, бисту чорум, бисту панҷум, бисту шашум, бисту ҳафтум, бисту ҳаштум, бисту нуҳум, сиюм, сиву якум, сиву дуюм, сиву сеюм, сиву чорум, сиву панҷум, сиву шашум, сиву ҳафтум ва сиву ҳаштум мебошад[92].

Ҷилди чоруми китоби «Ҳидоя»-и Бурҳонуддини Марғелонӣ дар баргирандаи китобҳои сиву нуҳум, чилум, чилу якум, чилу дуюм, чилу сеюм, чилу чорум, чилу панҷум, чилу шашум, чилу ҳафтум, чилу ҳаштум, чилу нуҳум, панҷоҳум, панҷоҳу якум, панҷоҳу дуюм ва панҷоҳу сеюм мебошад[93].

**Адабиёт:**


1. Давлатов М.Н. Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва аҳамияти он дар замони муосир: автореф. дис. … ном.илм.ҳуқ.: 12.00.01 / Давлатов Маъруфҷон Нарзиалиевич. – Душанбе, 2022. – 61 с.
2. Диноршоев А.М. Права человека в истории общественной мысли: монография / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2013. – 192 с.
3. Диноршоев А.М., Саъдизода Ҷ., Имомова З.Б. Андешаи ҳуқуқи инсон: нигоҳе ба сарчашма, дин ва афкори донишмандон. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 136 с.
4. Имом Бурҳонуддин Абӯҳасан Алӣ ибни Абӯбакри Марғелонӣ. Ҳидоя Дар 2 ҷилд. Ҷилди I / Аз хати ниёгон ба кириллӣ баргардони Ҳоҷӣ Акбар Насимзода; муқаддима, такмили матни тоҷикӣ, шарҳу тавзеҳот ва тахриҷи аҳодис аз Маъруф Раҳимов; муҳаррир Сироҷиддин Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 624 с.
5. Имом Бурҳонуддин Абӯҳасан Алӣ ибни Абӯбакри Марғелонӣ. Ҳидоя. Дар 2 ҷилд. Ҷилди II / Аз хати ниёгон ба кириллӣ баргардони Ҳоҷӣ Акбар Насимзода; такмили матни тоҷикӣ, шарҳу тавзеҳот ва тахриҷи аҳодис аз Маъруф Раҳимов; муҳаррир Сироҷиддин Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 632 с.
6. История прав человека. Учебник для вузов / Под ред. д.ю.н., профессора А.М. Диноршоева. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 320 с.
7. Кенджаев, Ш.Ю. Государственно-правовые взгляды Джами: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Кенджаев Шухратджон Юсуфович. – Душанбе, 2003. – 210 с.
8. Қодирзода С.М. Афкори сиёсию ҳуқуқии Абуалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ: автореф. дис. … ном. илм. ҳуқ.: 12.00.01 / Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 56 с.
9. Қодирзода С.М. Афкори сиёсию ҳуқуқии Абуалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ: дис. … ном. илм. ҳуқ.: 12.00.01 / Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло. – Душанбе, 2021. – 204 с.
10. Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 1. Т. I-II / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – 808 с.
11. Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 2. Т. III-IV / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – 656 с.
12. Права человека: история, теория, практика. Коллективная монография / Под ред. д.ю.н. Диноршоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А. – Душанбе: Офсет-Империя, 2016. – 584 с.
13. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф. Права человека: от культурного различия к диалогу цивилизаций: монография. – Душанбе, 2018. – 176 с.
14. Сативалдыев, Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекого мусульманского Востока: на примере «Кабуснамэ», «Сиасет-намэ», «Синдбаднамэ»: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.01 / Сативалдыев Рустам Шарофович. – М., 1999. – 38 с.
15. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. Монография.– Душанбе: Баҳманрӯд, 2016. – 164 с.
16. Холиқзода А.Ғ. Мафкураи миллӣ ва ҳуқуқ. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 588 с.
17. Холиқзода А.Ғ. Пешво ва оини давлатсозӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 472 с.
18. Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 684 с.


[92] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 2. Т. III-IV / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – С. 32-348.

[93] Ниг.: Маргиани, Бурхануддин. Комментарии мусульманского права: в 2 ч. Ч. 2. Т. III-IV / пер. с англ.; под ред. Н.И. Гродекова; отв. ред., авт. предисл. вступ. ст. и науч. комм. проф. А.Х. Саидов. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – С. 349-610.

19. Холиқов А.Ғ. Бунёдгузори давлати миллӣ – пешвои миллат. – Душанбе: ЭР-граф, 2015. – 172 с.

20. Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2007. – 92 с.

21. Шоев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шоев Фируз Махмадаминович. – Душанбе: «Эр-Граф», 2018. – 58 с.

22. Шоев Ф.М. Государственно-правовые взгляды Мухаммада Газали: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / Шоев Фируз Махмадаминович. – Душанбе, 2018. – 218 с.

# АҲАММИЯТИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ ВА МАДАНИЯТИ ҲУҚУҚИИ КОРМАНДОНИ МКД ДАР ЭЪМОРИ ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТИВУ ҲУҚУҚБУНЁД

**Қодирзода Ғолиб Нурулло,**
муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳукуқии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 93-992-68-75
**E-mail:**golibjon2020@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Мансурзода А.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақола ба мафҳуми шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Аҳамиятнокии шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон нуктаҳои назари олимон-ҳуқуқшиносони ватаниву хориҷиро вобаста ба шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва сатҳи касбияти онҳоро вобаста ба дарки падидаҳои давлативу ҳуқуқӣ, аз қабили давлати демокративу ҳуқуқбунёд мавриди назар қарор дода шудааст. Инчунин ба он омилҳое таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст, ки ба раванди амалигардии давлати демокративу ҳуқуқбунёд таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баробари ин ба раванди ҷаҳонишавӣ ва фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, нақши қонуният, адолат, инсондӯстӣ ҳамчун принсипҳои муҳими фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва таъсири онҳо ба раванди амалигардии давлати демокративу ҳуқуқбунёд таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Ба он амалу рафтори корманди мақомоти корҳои дохилӣ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, ки метавонад қадру манзалат ва нуфузи давлати демокративу ҳуқуқбунёдро коста гардонад. Дар мақола нақши шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқиро дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дар ҳамбастагӣ будани чунин падидаҳо тадқиқ гардидааст. Ҳамзамон нақш ва аҳамиятнокии шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро ба раванди амалигардии хусусиятҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд мавриди коркард қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** Мақомоти корҳои дохилӣ, шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, падидаҳои давлатӣ, аҳамияти шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ, сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ, омилҳои манфӣ, омилҳои мусбат, принсипҳои қонуният, адолат, инсондӯстӣ, ҷаҳонишавӣ, давлати демократӣ, давлати ҳуқуқбунёд.

# ЗНАЧЕНИЕ ПРАВОВОСОЗНАНИЯ И ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ СОТРУДНИКОВ МВД В ПОСТРОЕНИИ ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО И ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА

**Кодирзода Голиб Нурулло,**
старший преподаватель кафедры государственно-правовых дисциплин факультет № 2 Академии МВД Республики Таджикистан
**Тел.**: (+992) 93-992-68-75
**E-mail:**golibjon2020@mail.ru

**Научный руководитель:** Мансурзода А.М., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Статья посвящена понятию правосознания и правовой культуры сотрудников органов внутренних дел. Исследовано значение правосознания и правовой культуры сотрудников органов внутренних дел в построении демократического и правового государства. В то же время, точки зрения отечественных и зарубежных ученых-правоведов, касающиеся правосознания и правовой культуры сотрудников органов внутренних дел и уровня их профессионализма, связаны с пониманием таких государственно-правовых явлений, как демократическое государство и обсуждались вопросы верховенства права. Уделено внимание и тем факторам, которые негативно влияют на процесс реализации демократического и правового государства. При этом уделено внимание роли законности, справедливости, гуманизма как важных принципов деятельности сотрудников органов внутренних дел и их влиянию на процесс реализации демократического и правового государства в процессе глобализации и деятельности всех ветвей государственной власти. Обращено внимание на действия и поведение сотрудников органов внутренних дел, которые могут снизить престиж и влияние демократического и правового государства. В статье исследуется роль правосознания и правовой культуры в построении демократического и правового государства и взаимообусловленность таких явлений. При этом проработаны роль и значение правосознания и правовой культуры сотрудников органов внутренних дел в процессе реализации характеристик демократического и правового государства.

**Ключевые слова:** Органы внутренних дел, правосознание, правовая культура, государственные явления, значение правосознания и правовой культуры, высокий уровень правосознания, негативные факторы, позитивные факторы, принципы законности, справедливость, гуманность, глобализация, демократическое государство, правовое государство .

# THE IMPORTANCE OF LEGAL AWARENESS AND LEGAL CULTUREEMPLOYEES OF THE MOI IN THE DEMOCRATIC AND LAW-BASED STATE

**Kodirzoda Golib Nurullo,**
senior lecturer of the department state legal disciplines faculty № 2 Academy of the Ministry of Internal Affairs Republic of Tajikistan
**Phone:** (+992) 93-992-68-75
**E-mail:** golibjon2020@mail.ru

**Scientific adviser:** Mansuroda A.M., Candidate of Law, associate Professor

**Annotation:** The article focuses on the concept of legal consciousness and legal culture of the employees of internal affairs bodies. The importance of legal consciousness and legal culture of the employees of the internal affairs bodies in the construction of a democratic and law-based state has been studied. At the same time, the points of view of domestic and foreign legal scholars related to the legal consciousness and legal culture of the employees of internal affairs agencies and their level of professionalism related to the understanding of state and legal phenomena such as the democratic state and the rule of law were discussed. Attention has also been paid to those factors that have a negative impact on the implementation process of a democratic and law-based state. At the same time, the role of legality, justice, humanity as important principles of the activities of internal affairs officials and their influence on the implementation process of a democratic and law-based state has been paid attention to the process of globalization and the activities of the branches of state power. Attention has been paid to the actions and behaviors of internal affairs officials, which can reduce the prestige and influence of a democratic and law-based state. The article examines the role of legal consciousness and legal culture in the construction of a democratic and law-based state and the interdependence of such phenomena. At the same time, the role and importance of legal consciousness and legal culture of the employees of the internal affairs bodies in the process of implementation of the characteristics of a democratic and law-based state has been processed.

**Key words:** Law enforcement agencies, legal awareness, legal culture, state phenomena, the importance of legal awareness and legal culture, a high level of legal awareness, negative factors, positive factors, principles of legality, justice, humanity, globalization, democratic state, rule of law.

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату миллати тоҷик ба ҳисоб меравад, ки 9 сентябри соли 1991 ба даст омадааст. Маҳз Истиқлолият имкон фароҳам овард, ки бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 мардуми кишвар роҳи

бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёдро интихоб намоянд. Дар замони муосир хусусияти давлати демокративу ҳуқуқбунёд ба монанди волояти қонун, арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияту осоиштагии ҷомеа ва давлат аҳаммияти муҳим пайдо намудааст. Зеро раванди ҷаҳонишавӣ, фаъолияти ғайриқаноатбахши мақомоти давлатӣ, паст будани шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандону хизматчиёни давлатӣ метавонад ба тамоми падидаҳои давлативу ҳуқуқӣ таъсир расонад. Бахусус раванди ҷаҳонишавӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву идеологии ҷомеа метавонад таъсири мусбӣ ва манфӣ дошта бошад. Чи хеле, ки муҳақиқи ватанӣ Д. Раҳмон иброз менамояд, бо шиддатёбии раванди ҷаҳонишавӣ ҷанбаҳои функсионалии давлатҳои муосир дигаргун мегарданд. Аз ҷумла, бо вусъатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ соҳибихтиёрии давлат дар шаклҳои мухталифи зуҳури худ (сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, мафкуравӣ ва ғ.) осебпазир мегардад[94]. В.И. Пантин иброз менамояд, ки агар дар аввал равандҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаҳои мухталиф ба рушди демократия ба таври васеъ мусоидат намояд, пас дар марҳилаҳои баъдӣ оқибатҳои манфии равандҳои ҷаҳонишавӣ метавонад ба рушди демократия халал расонад[95]. Пас зарур аст, ки ҳар як шаҳрванд ва хизматчии давлатӣ, аз ҷумла кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо дарки масъулияти баланд ба ин дастовард назар намоянд ва баҳри устуворгардии он саҳмгузор бошанд. Зеро арзиши чун соҳибистиқлолӣ, ваҳдати миллӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомадааст. Бахусус, ҳанӯз дар амалисозии чунин хусусиятҳои давлатдорӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар дар баробари дигар фаъолони ҷомеа саҳми кормандони мақомоти корҳои дохилӣ низ назаррас буд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ ба фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ намуда, иброз намудаанд, ки кормандони милитсия барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таъмини оромиву суботи ҷомеа, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, яъне волояти қонун аз лаҳзаҳои нахустини соҳибистиқлолии кишвар .... саҳми бисёр арзанда гузоштаанд[96]. Ин дигаргуниҳо аз пешравии ҷомеа ва шинохти нави давлатдорӣ вобаста буд. Вале раванди амалисозии чунин хусусиятҳои давлатдорӣ тӯлонӣ буда, чи хеле, ки иброз мегардад чандин даҳсолаҳо хоҳад гузашт, то ки ғояи давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба ҳақиқат мубадал гардад. Роҳ ба сӯи давлати ҳуқуқбунёд тӯлонист[97]. Ҳамзамон метавон иброз намуд, ки принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ва

---

[94] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ, дис. … док. юрид. наук: 12.00.01 / Раҳмон Дилшод Сафарбек. – Душанбе, 2019. - С. 118.

[95] Ниг.: Баранов Н.А. Современная демократия: эволюционный подход / Н.А. Баранов, балт. гос. техи. ун-т. – СПб, 2007. – С. 191.

[96] Ниг.: Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи милитсия аз 09 ноябри соли 2020. [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www. president.tj (санаи муроҷиат 15.02.2021).

[97] Ниг.: Тоҳиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009. - С. 88.

фаъолияти қонунии онҳо дар самтҳои қабули қонун, татбиқи одилонаи он ва баровардани адолати судӣ яке аз ҷузъҳои асоси дар роҳи устувории давлати демокративу ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Зеро чи хеле, ки иброз мегардад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва ҳокимияти судӣ оид ба таъмини вазъи ҳуқуқии шахс муқаррар карда шудаанд. Танҳо риоя ва татбиқи ин принсипҳо нақши ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судиро дар соҳаи танзими вазъи ҳуқуқии шахс баланд мебардорад. Дар акси ҳол, нигилизми ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, ки ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар Тоҷикистони муосир монеъ мешавад[98].

Шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ ҳамчун омили асосии рушди давлати демокративу ҳуқуқбунёд мебошад. Чи хеле, ки Н.Л. Гранат иброз менамояд дар илми ҳуқуқшиносии муосир мафҳуми ягонаи шуури ҳуқуқӣ ҷой надорад[99]. Мутафаккир Ш.О. Геннадевич бар он назар аст, ки шуури ҳуқуқӣ на танҳо муносибат бо ҳуқуқро ифода менамояд, балки дарки давлатро низ дар бар мегирад[100]. Р.Ш. Шарофзода низ иброз менамояд, ки шуури ҳуқуқӣ дарки давлатиро низ дар назар дорад, чунки ҳуқуқ ва давлат бо ҳамдигар алоқаи зич дорад. Воқеияти давлатӣ ва ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо нестанд. Дарки падидаҳои ҳуқуқӣ айни замон дарки давлат ва падидаҳои давлатиро талаб мекунад[101]. Сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ на танҳо ба талаботҳои ҳуқуқӣ, балки ба бахшҳои асосии фаъолияти давлати демокративу ҳуқуқбунёд низ мусоидат менамояд.

Дар баъзе аз маводи таълимӣ оид ба истилоҳи фарҳанги ҳуқуқӣ (В.С. Нерсесянс[102], В.П. Салников[103], Ф.Т. Тоҳиров[104], ва дигарон), ва дар ҷои дигар бошад маданияти ҳуқуқӣ (Р.Ш. Шарофзода[105] ва дигарон) истифода гардидааст. Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ низ ибораи «маданияти ҳуқуқӣ» истифода гардидааст[106]. Ф.Т. Тоҳиров мафҳуми фарҳанги ҳуқуқиро ба тарви васеъ маънидод намуда иброз менамояд, ки фарҳанги ҳуқуқӣ фарогири ҳуқуқ (ҳам ба маънои объективӣ ва ҳам субъективӣ), шуури ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ,

---

[98] Ниг.: Тошев А.М. Эволюция правового статуса личности в Республике Таджикистан: историко-правовое исследование: дис… ном.илм. ҳуқ: 12.00.01 / [манбаи электронӣ]: Тошев Амиршоҳ Мансурович, – Москва. – 2014.

[99] Ниг.: Гранат Н.Л Правосознание и правовая культура Общая теория государства и права. – М., 2000; Байниязов Р.С. Проблемы правосознания в современном российском обществе: дис... канд. юрид. наук - Саратов, 1999; Белканов Е.А. Структура и функции правосознания: дис. канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 1996; Евплова Н.Ю. Правосознание молодежи: теоретический и социологический аспекты: дис. . канд. юрид. паук. – Волгоград, 2000; и др.

[100] Ниг.: Геннадьевич Щ.О. Этнические особенности русского правосознания. [текст]: Автореферат: 12.00.01 / Щедрин Олег Геннадьевич. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 13.

[101] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: «Сино», 2018. – С. 711.

[102] Ниг.: Нерсесянц В.С. Философия права: учебник для вузов. – М.: Норма, 2004. – С. 43.

[103] Ниг.: Сальников В.П. Правовая культура: проблемы формирования гражданского общества и правового государства // Демократия и законность. – Самара, 1998. – С. 61.

[104] Ниг.: Тахиров Ф.Т. Демократизация и проблемы формирования правовой культуры // Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009. – С. 96.

[105] Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2005, – С. 457.

[106] Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои ҶТ, д.и.ҳ., профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009. – С. 268.

ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳамзамон дигар навъи фаъолияти ҳуқуқӣ аст»[107]. Аз ин бар меояд, ки натиҷаи амалигардии воқеии шуури ҳуқуқӣ, ки риояи Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ин сатҳи баланди ташаккулёфтаи фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад.

Чи хеле, ки академик Ф.Т. Тоҳиров иброз менамояд дар давраи гузариш ва инкшофи худ ҷомеаи мо аз фарҳанг, махсусан фарҳанги ҳуқуқӣ вобаста мебошад. Имрӯз яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи демократикунонии ҷомеа сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад[108]. Аз ин бар меояд, ки барои ба ҳақиқат мубадал гардонидани падидаҳои болозикр ба натиҷаи вожаҳои шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, қонуният, адолат, ҷомеаи шаҳрвандӣ расидагӣ карда тавонист. Бахусус падидаҳои шуури ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ, давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро дар таносуб қарор дода, барои воқеӣ гардонидани давлати демокративу ҳуқуқбунёд метавон ба аҳаммиятнокии заминавии шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ диққати хоса зоҳир намуд. Ф.Т. Тоҳиров иброз намуда буд, ки мафҳуми демократия, ҳуқуқ, маданияти ҳуқуқӣ аҳаммияти нав пайдо намуда, онҳо бо ҳам робитаи мутақобила дошта, дар раванди сиёсати навин ҳамдигарро тавъам мекунанд[109]. Э.С. Насриддинзода бар он назараст, ки бунёди давлати ҳуқуқбунёд фарҳанги баланди ҳуқуқиро тақозо мекунад[110].

Дар ин баробар Р.М. Раҷабзода қайд менамояд, ки арзишҳои нави ҳуқуқӣ, аз ҷумла давлати ҳуқуқбунёд, давлати иҷтимоии ҳуқуқӣ, волоияти ҳуқуқ, арзиши иҷтимоии ҳуқуқҳои инсон, волоияти ҳуқуқҳои фитрии инсон, қонунияти конститутсионӣ, қонунияти ҳуқуқӣ ва дигар ҷузъи шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад[111]. Ҳамзамон метавон ба андешаи А.М. Мансурзода мувофиқ буд, ки чунин иброз менамояд: раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва бунёди давлати ҳуқуқбунёд самти навро бо истифодаи шуури ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи танзими иҷтимоии рафтори қонунии кормандони милитсия ва таҳкими волоияти қонун пешбинӣ менамояд[112].

Аз ин лиҳоз дар ҳамбастагии падидаҳои болозикр метавон аҳаммиятнокии шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии касбиро (кормандони мақомоти корҳои дохилӣ), ки яке аз намудҳои шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд муҳим арзёбӣ намуд. Бахусус шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони

---

[107] Тахиров Ф.Т. Демократизация и проблемы формирования правовой культуры // Государство и право. – Душанбе, 1996. – № 1. – С. 135-136.

[108] Ниг.: Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009. – С. 96.

[109] Ниг.: Ҳамонҷо. – С.88.

[110] Ниг.: Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010.

[111] Ниг.: Раҷабзода Р.М.Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии методологӣ: дис… док. илм. ҳуқ: 12.00.01 /[манбаи электронӣ]: Раҷабзода Равшан Муҳитдин, Душанбе, 2021.

[112] Ниг.: Тошев А.М. Правосознание и законность в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан // Соблюдение законности и обеспечение правопорядка в деятельности органов внутренних дел: сборник трудов межвузовского научного семинара. – М.: Акад. управ. МВД России, 2013. – С. 159-165.

мақомоти корҳои дохилӣ дорои қобилияти таъмин намудани ҷараёни инкишофи давлати демокративу ҳуқуқбунёд гардида, инчунин заминаи устуворгардии низоми ҳуқуқӣ ва сохтори давлатдорӣ мегардад.

Дар воқеъ фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ маҳз тавассути принсипҳои қонуният, адолат, инсондӯстӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад, ки чунин принсипҳо ҳамчун нишонаҳои хоси давлати демокративу ҳуқуқбунёд арзёбӣ мегардад. Риояи чунин принсипҳои фаъолият аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ шаҳодат аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқӣ медиҳад ва барои воқеияти давлати демокративу ҳуқуқбунёд асос мегардад. Зеро қонуният ҳамчун принсипи ташаккулу фаъолияти ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд, талаботи фаъолияти мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, усули амалисозии ҳокимияти давлатӣ, ифодаи низоми ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ тавсиф карда мешавад[113]. Пас метавон иброз намуд, ки аҳаммиятнокии шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо назардошти принсипҳои болозикр дар он зоҳир мегардад, ки заминаи боэътимоди эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёдро гузошта, устувории эътимоду боварии инсон ва шаҳрвандро ба давлати демокративу ҳуқуқбунёд мустаҳкам мегардонад. Дар ин баробар татбиқи самаранокии қонунгузории кишвар аз шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста буда, ба пешрафти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии давлат нақши муассир мегузорад. Ҳамбастагӣ ва устувории шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба устувории волоияти қонун ва адолат дар ҷомеа асос гардида, ба раванди амалигардии хусусиятҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд замина мегардад. Фаъолияти пурсамари кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии онҳо вобаста буда, он муаррификунандаи асоси низоми давлати демокративу ҳуқуқбунёд гардида, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити зиндагии осуда, волоияти қонун, пойдории адолат аз он вобаста мебошад. Чунин аҳаммиятноки боис бар он гардидааст, ки дар асоси «Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2013-2020», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2013, № 1438 тасдиқ гардида буд, муқаррар гардидааст, ки тайёркунии касбӣ барои кормандони милитсия бояд ба арзишҳои бунёдии демократия, волоияти қонун, ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд асос ёбад, кормандони милитсия бояд бо арзишҳо ва принсипҳои асосии давлати демократӣ ҳамраъй бошанд[114].

Дар воқеъ шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба таври дилхоҳ ба натиҷаҳои назарраси фаъолияти давлати демокративу ҳуқуқбунёд ноил мегардад. Аммо ҳангоми аз ҷониби корманди мақомоти корҳои дохилӣ поймол кардани ҳуқуқу

[113] Ниг.: Ҳафизода Ш.Х. Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: дис. … ном. илм. ҳуқ: 12.00.01 / Ҳафиззода Шодӣ Хуршед. – Душанбе, 2018. — С. 76.

[114] Ниг.: Стратегияи ислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2013 тасдиқ шудааст: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www. president.tj (санаи муроҷиат 15.02.2021).

манфиатҳои шаҳрвандон, беасос монеъ гардидан ба фаъолияти корхонаю муассиса ва ташкилотҳо ва ҳатто содир кардани ҷиноят, метавонад нуфузу мавқеияти давлати демокративу ҳуқуқбунёдро аз бовариву эътимоди шаҳрвандон дур созад. Зеро шаъну шараф ва обрӯву нуфузи давлатро хизматчиёни давлатӣ бахусус кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки воқеияти амалигардии давлати демокративу ҳуқуқбунёд аз онҳо вобаста аст, баланд мебардоранд. Нодида гирифтани талаботи қонунгузорӣ на танҳо дар татбиқи қонун, балки бовариву эътимоди шаҳрвандонро ба сиёсати давлати демокративу ҳуқуқбунёд коста мегардонад. Чи хеле, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони роҳбарикунандаи мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, ки 9-уми феврали соли 2020 доир гардид, иброз намуданд, ҳар як амали ғайрикасбӣ, бесифат ва бемасъулиятии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ обрӯву нуфузи давлатро паст мекунад[115]. Дар воқеъ риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ на танҳо дар татбиқи самаранокии қонун, костагардии боварӣ нисбат ба давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва фаъолияти мақомоти давлатӣ, инчунин фазои нигилизми ҳуқуқиро дар байни шаҳрвандон боз ҳам дучанд мегардонад.

Аз ин лиҳоз, мебояд дар баробари чунин падидаи умумибашарӣ истодагарӣ намуда, аслу мақсади роҳандозии онро дарк намуд. Зарур аст ҳар як корманди мақомоти корҳои дохилӣ бо истифода аз донишу малака, шуури баланди ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ мазмуну моҳият, аҳаммиятнокии давлати демокративу ҳуқуқбунёдро дар раванди ҷаҳонишавӣ ба таври боз ҳам зарурӣ дарк карда тавонад.

Ҳар як амали ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз сатҳи баланди шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии онҳо гувоҳӣ дода, волоияти қонун, арзишмандии ҳуқуқ, адолат, кафолат ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва монанди инҳо аз он вобаста буда, аз амалӣ гардидани принсипи қонуният дар давлати демокративу ҳуқуқбунёд шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, метавон иброз намуд, ки бидуни шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии касбӣ бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд, ки ба волоияти қонун, баробарии ҳама дар назди қонун, инсондӯстӣ ва озодӣ асос ёфтааст, ғайриимкон мебошад.

**Адабиёт:**

1. Баранов Н.А. Современная демократия: эволюционный подход. – Балт. гос. техи. ун-т. – СПб, 2007. – 208 с.
2. Байниязов Р.С. Проблемы правосознания в современном российском обществе: дис... кан. юрид. наук. – Саратов, 1999.
3. Белканов Е.А. Структура и функции правосознания: дис. канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 1996.

[115] Ниг.: Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳайати роҳбарикунандаи сохтори қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, ки 9 феврали соли 2020 доир гардид: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://prokuratura.tj/ru/news/338 (санаи муроҷиат 7.02.2020).

4. Гранат Н.Л. Правосознапие и правовая культура // Общая теория государства и права. – М., 2000.
5. Евплова Н.Ю. Правосознание молодежи: теоретический и социологический аспекты: дис. канд.. юрид. паук. – Волгоград, 2000; и др.
6. Геннадьевич Щ.О. Этнические особенности русского правосознания. [текст]: автореферат: 12.00.01 / Щедрин Олег Геннадьевич. – Ростов-на-Дону, 2004. – 36 с.
7. Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳайати роҳбарикунандаи сохтори қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти тартиботи ҳуқуқӣ, ки 9 феврали соли 2020 доир гардид: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://prokuratura.tj/ru/news/338 (санаи мурочиат 7.02.2020).
8. Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.
9. Нерсесянц В.С. Философия права: учебник для вузов. – М.: Норма, 2004.
10. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи милитсия аз 09 ноябри соли 2020. [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www. president.tj (санаи мурочиат 15.02.2021).
11. Раҳмон Д.С. Ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ, дис.… док. илм. ҳуқ.: 12.00.01 / Раҳмон Дилшод Сафарбек, – Душанбе, 2019.
12. Раҷабзода Р.М. Фарҳанги ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии методологӣ дис… док. илм. ҳуқ: 12.00.01 / [манбаи электронӣ]: Раҷабзода Равшан Муҳитдин, – Душанбе, 2021.
13. Сальников В.П. Правовая культура: проблемы формирования гражданского общества и правового государства // Демократия и законность. Самара, 1998.
14. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: «Сино», 2018.
15. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2005.
16. Стратегияиислоҳоти милитсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2013 тасдиқ шудааст: [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат 15.02.2021).
17. Тоҳиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009. – 369 с.
18. Тахиров Ф.Т. Демократизация и проблемы формирования правовой культуры // Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2009.

19.Тошев А.М. Эволюция правового статуса личности В Республике Таджикистан: историко-правовое исследование: дис… канд. юрид. наук: 12.00.01 / [электроный ресурс]: Тошев Амиршоҳ Мансурович, Москва – 2014.

20.Тошев А.М. Правосознание и законность в профессиональной деятельности сотрудников органов внутренних дел Республики Таджикистан // Соблюдение законности и обеспечение правопорядка в деятельности органов внутренних дел: сборник трудов межвузовского научного семинара. – М.: Акад. управ. МВД России, 2013. – С. 159-165.

21. Ҳафиззода Ш.Х. Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: дис… ном.. илм.. ҳуқ.: 12.00.01 / Ҳафиззода Шодӣ Хуршед. – Душанбе 2018. – 215 с.

22. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири академики Академияи илмҳои ҶТ, д.и.ҳ., профессор Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009.

23. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи милитсия аз 09 ноябри соли 2020. [манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат 15.02.2021).

# НАҚШИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФУНКСИЯИ ИҶТИМОӢ ДАР НИЗОМИ ФУНКСИЯҲОИ ДАВЛАТИ МУОСИР

**Шарипов Амирсаид Беҳрузович,**
доктори Ph.D-и кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултелти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992)888-999-400
**E-mail:** sa4790783@gmail.com

**Роҳбари илмӣ:** Шарофзода Р.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Куканов А.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур мафҳум ва нақши функсияи иҷтимоии давлат дар низоми функсияҳои давлат таҳқиқ мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба низоми функсияҳои давлат, шаклҳои нави робитаи байни функсияҳои давлат дода мешавад. Мафҳуми функсияи иҷтимоии давлат ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти давлат, мавқеи он дар низоми функсияи давлат таҳлил карда мешавад. Робитаи функсияи иҷтимоӣ бо функсияҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, экологӣ, ҳифзи ҳуқуқии давлат муайян карда мешавад. Худи функсияи иҷтимоии давлат ин таъмини амнияти иҷтимоӣ ва зиндагии арзандаи шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити мусоид барои амалӣ гардонидани ҳуқуқи онҳо ба меҳнат мебошад. Мақсади асосии функсияи мазкур аз байн бурдан ё паст кардани шиддати эҳтимолии иҷтимоии ҷомеа, барои баробар кардани мавқеи иҷтимоии одамон, рушди соҳаи тандурустӣ, маориф, фарҳанг, бо кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ашхоси ниёзманди давлат; дастгирӣ кардан, инчунин таъмини некӯаҳволии ҷамъият, барои ҳамаи шаҳрвандон имкониятҳои баробар фароҳам овардан мебошад. Давлат барои иҷрои функсияи иҷтимоӣ фондҳои махсус таъсис медиҳад, ки маблағҳои он барои нафақа, ёрдампулӣ, нигаҳдории тандурустӣ ва маориф сарф карда мешаванд. Давлат барномаҳоеро тартиб ва ба амал мебарорад, ки шуғлнокии аҳолиро муътадил мегардонанд ва бекориро кам мекунанд, музди корро (ба ин ё он дараҷа) ба тартиб медароранд ва ғайра.

**Калидвожаҳо:** Функсияҳои давлат, низоми функсияҳои давлат, функсияҳои дохилӣ, функсияҳои берунӣ, функсияи иҷтимоии давлат, функсияи экологӣ, функсияи сиёсӣ, функсияи иқтисодӣ ва молиявӣ, функсияи ҳифзи ҳуқуқӣ, давлати иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати иқтисодӣ.

# ПРИОРИТЕТНАЯ РОЛЬ СОЦИАЛЬНОЙ ФУНКЦИИ В СОВРЕМЕННОЙ СИСТЕМЕ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ ГОСУДАРСТВА

**Шарипов Амирсаид Бехрузович,**
доктор Ph.D кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального Университета
**Тел:** (+992)888-999-400
**E-mail:**sa4790783@gmail.com

**Научный руководитель:** Шарофзода Р. Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Куканов А.З., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В данной статье автор рассматривает понятие и роль социальной функции государства в системе государственных функций. Так же основное внимание автор уделил соотношению функций государства и их различиям. Социальная функция государства считается одной из внутренних функций государства, ее роль в системе государственной функции значительно возросла, доказательством чего является включение выражения социального государства в конституции большинства стран мира. Сама социальная функция государства заключается в обеспечении социальной защищенности и достойной жизни граждан, в создании благоприятных условий для реализации их права на труд. Основной целью этой функции является устранение или снижение возможной социальной напряженности общества, выравнивание социального положения людей, развитие здравоохранения, образования, культуры, обеспечение занятости трудоспособного населения и социальной защиты населения. нуждающиеся лица государства; поддержки, а также обеспечение общественного благосостояния, предоставление равных возможностей всем гражданам для его достижения. Государство создает специальные фонды для реализации социальных функций, средства которых расходуются на пенсии, пособия, здравоохранение и образование. Государство готовит и реализует программы, стабилизирующие занятость населения и снижающие безработицу, регулирующие заработную плату (в той или иной степени) и т.д.

**Ключевые слова:** Функции государства, система функций государства, внутренние функции, внешние функции, социальная функция государства, экологическая функция, политическая функция, экономико-финансовая функция, функция правовой защиты, социальное государство, социальная политика, экономическая политика.

# THE PRIORITY ROLE OF THE SOCIAL FUNCTION IN THE MODERN SYSTEM OF STATE FUNCTIONING

**Sharipov Amirsaid Behruzovich,**
doctor Ph.D. at the department of theory and history of state and law of the faculty of law of the Tajik National University
**Phone:** (+992)888-999-400
**E-mail:** sa4790783@gmail.com

**Scientific adviser:** Sharofzoda R.Sh., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Kukanov A.Z., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** In this article, the author considers the concept and role of the social function of the state in the system of state functions. The author also paid the main attention to the correlation of the functions of the state and their differences. The social function of the state is considered one of the internal functions of the state, its role in the system of state function has increased significantly, as evidenced by the inclusion of the expression of the welfare state in the constitutions of most countries of the world. The very social function of the state is to ensure social security and a decent life for citizens, to create favorable conditions for the realization of their right to work. The main purpose of this function is to eliminate or reduce the possible social tension in society, equalize the social status of people, develop health care, education, culture, ensure employment of the able-bodied population and social protection of the population. needy persons of the state; support, as well as ensuring public welfare, providing equal opportunities for all citizens to achieve it. The state creates special funds for the implementation of social functions, the funds of which are spent on pensions, benefits, health care and education. The state prepares and implements programs that stabilize employment and reduce unemployment, regulate wages (to one degree or another), etc.

**Keywords:** Functions of the state, system of functions of the state, internal functions, external functions, social function of the state, ecological function, political function, economic and financial function, function of legal protection, social state, social policy, economic policy.

Омӯзиши низоми функсияҳои давлат яке аз самтҳои асосии назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Низоми функсияҳо маҷмуи функсияҳоест, ки давлат дар марҳилаи муайяни таърихии рушди худ иҷро мекунад. Ҳар яке аз функсияҳо як соҳаи мушаххаси муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд. Дар илм мафҳумҳои гуногуни функсияи давлат пешниҳод мешаванд. Айни замон дар аксарияти асарҳои илмӣ мафҳуми функсияи давлат дар робита бо самтҳои фаъолияти давлат муайян карда мешавад. Чунончи, профессор Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «Функсияҳои давлат – самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд, ки моҳият ва таъйиноти

иҷтимоии давлатро ифода намуда, бо мақсади иҷрои мақсад ва вазифаҳои давлат роҳандозӣ мешаванд»[116].

Аз нигоҳи Г.С. Азизқулова ва И.И. Камолов функсияҳои давлат ин самтҳои (намудҳои) асосии фаъолияти давлат мебошад, ки баҳри амалишавии вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғ., ки назди давлат қарор доранд, ҳамчунин барои расидан ба мақсадҳои муайян вобаста аз моҳияти синфӣ, ҷамъиятӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ равона карда шудаанд[117].

Ба ақидаи В.Н. Хропанюк функсияҳои давлат самтҳои асосии фаъолияти давлат мебошанд, ки вобаста ба моҳият ва мақсадҳои иҷтимоии давлат, инчунин мақсаду вазифаҳое, ки дар марҳилаи муайяни таърихии рушд дар назди он истодаанд, ба роҳ монда мешаванд[118].

Функсияҳо бо вазифаҳои иҷтимоии давлат зич алоқаманд буда, дар давлатҳое, ки моҳияти гуногун, аз ҷумла моҳияти синфӣ ё умумииҷтимоӣ доранд, амалӣ карда мешаванд. Ҳатто дар ҷомеаи ба синфҳо тақсимшуда давлат манфиатҳои умумии ҷамъиятиро ифода намуда, аз номи тамоми ҷамъият амал мекунад. Ба гуфтаи Л.А. Морозова «ҳар қадаре, ки саҳми умумии ҷамъият дар функсияҳои давлат зиёд бошад, нақши давлат ҳамчун воситаи рафъи зиддиятҳо ҳамон қадар баландтар мешавад»[119]. Ҳамин тариқ, мазмуни умумии иҷтимоӣ ба функсияҳои давлат хос аст, зеро беҳбудии инсон ва манфиати шахс мақсади асосии тамоми фаъолияти давлат мебошад.

Асосҳои таснифи функсияҳои давлат зиёданд, вале муҳимтарини онҳо вобаста ба соҳаи фаъолияти давлат мебошад. Дар илми ҳуқуқ функсиҳои давлатиро ба функсияҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо мекунанд. Функсияҳои дохилии давлат самтҳои асосии фаъолияти он дар танзими ҳаёти дохилии кишвар мебошанд. Аз рӯи объектҳои таъсирасониаш функсияҳои дохилии давлатро метавон ба сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ҳифзи-ҳуқуқӣ, молиявӣ ва фарҳангӣ ҷудо кард.

Дар қисми 3 моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти иҷтимоии давлати Тоҷикистон ифода гардидаст. Тибқи моддаи мазкур: «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад»[120]. Сарфи назар аз ифодаи конститутсионӣ давлати иҷтимоӣ дар ҷараёни ташаккул қарор дошта, ҳамчун ҳадаф баромад мекунад. Ноил шудан ба он тавассути амалисозии функсияи иҷтимоӣ имконпазир аст. Ба назари С.С. Олейникова: «Мақоми иҷтимоиро танҳо ҳамон давлате ба даст меорад, ки дар низоми функсияҳои дохилии он функсияи

[116] Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – С. 204.

[117] Ниг.: Азизкулова Г.С, Камолов И.И. Теория государства и права. Схемы определения и вопросы тестов. – Душанбе, 2013. – С.125.

[118] Ниг.: Хропанюк В.Н. Теория государства и права: Учебник для вузов. 2-е изд., доп. и исправл. – М.: Интерстиль; Омега-Л, 2006. – С. 156.

[119] Морозова Л.А. Функции Российского государства на современном этапе // Государство и право. – 1993. – № 6. – С. 100.

[120] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе, – 2016.

иҷтимоӣ нақши пешбарандаро мебозад»[121]. Бо ҳамин сабаб мо аҳамияти функсияи иҷтимоиро дар низоми функсияҳои давлат таҳлил мекунем.

Давлат ҳамчун муҳофизи олӣ ва ҳимоятгари манфиатҳои шахс баромад мекунад. Айни замон афзалияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон кишварҳои пешрафтаро ба он водор мекунад, ки сиёсати иҷтимоии худро бо таъмини некӯаҳволии инсон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди шахсият равона созанд. Ин боиси афзоиши нақши функсияи иҷтимоӣ дар низоми функсияи давлат мегардад.

Фаъолияти давлати иҷтимоӣ ба таъмини шароити зиндагии мӯътадили одамон ва рушди тамоми ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи шаҳрвандон нигаронида шудааст. Самти иҷтимоии фаъолияти функсионалӣ хусусияти ҳатмии давлати некӯаҳвол мебошад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи мавқеъи махсуси функсияи иҷтимоӣ нисбат ба дигар функсияҳои давлат сухан ронем.

Фаъолияти давлатро дар соҳаи иҷтимоӣ функсияи иҷтимоӣ меноманд[122]. Он ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як шахс, инчунин муҳаё сохтани имкониятҳои баробар барои рушди шахсият нигаронида шудааст. Ба таъминоти иҷтимоӣ ба табақаҳои камбизоат, оилаҳои серфарзанд, маъюбон ва дигар категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ эҳтиёҷманди шаҳрвандон аз ҷониби давлат таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Дар низоми функсияҳои давлат функсияи мазкур функсияи нав буда, он дар давраи нав ба низоми функсияҳои давлат ворид гардидаст. Унсурҳои алоҳидаи фаъолияти иҷтимоӣ дар фаъолияти давлат дар марҳилаҳои аввали рушд ба вуҷуд омадаанд, вале хусусияти мақсаднок ва мунтазам надошта, ба эҳтимолияти зиёд онҳо амалҳои якдафъаина буданд. Инро дар мисоли инкишофи давлат дар давраи аввал ва инкишофи минбаъдаи низоми функсияҳо дида метавонем.

Функсияи иҷтимоӣ дар низомии функсияҳои дохилии давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи афзалиятнок дорад, зеро вазифаи асосии он фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаёти шоистаи инсон дар ҷомеаи муосир мебошад. Маҳз аҳамияти махсус дар таъмини ҳаёти одамон мавқеи махсуси функсияи иҷтимоиро муайян мекунад. Дар байни ҳамаи функсияҳои давлат алоқаи зич мавҷуд аст ва ин робита ба инкишофи тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад.

**Робитаи байни функсияҳои иҷтимоӣ ва сиёсии давлат.** Функсияи сиёсӣ самти фаъолияти давлат дар соҳаи ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Ҳадафи асосии он бунёди ҷомеаи демократӣ ва таъмини демократия мебошад. Давлат ҳамчун намояндаи расмии ҷамъият баромад намуда,

---

[121] Ниг.: Олейникова С.С. Становление социальной функции государства в системе его внутренних функций // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 5, Юриспруденция. – 2011. – № 2 (15). – С. 59-60.

[122] Ниг.: Рассказов Л.П. Теория государства и права: Учебник для вузов. 3-е изд. – М.: РИОР; ИНФРА-М. 2010. – С. 81.

дар назди он масъул мебошад. Давлат вазифадор аст, ки ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро риоя ва иҷро намояд, суботи сиёсиро дар ҷомеа нигоҳ дорад ва ба рушду шукуфоии он мусоидат намояд.

Таъмини сохти демократӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди ҷамъият бо татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, ки ба муҳайё сохтани шароити мавҷудияти шахсият нигаронида шудааст, зич алоқаманд аст. Агар давлат барои зиндагии шоиста шароит муҳайё накунад, одам аз тамоми ҳуқуқҳои ба ӯ додашуда пурра истифода бурда наметавонад. Дар ҷамъияте, ки барои ҳаёти инсон шароит мавҷуд нест, ҳуқуқи вай эҳтиром ва таъмин карда намешавад, зиддиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ба миён меоянд, норизогӣ аз ҳокимияти давлатӣ меафзояд, ки ин дар ниҳояти кор боиси инқилобҳои иҷтимоӣ мегардад. Давлат вазифаи ҳакамиро ба зимма гирифта, тавассути созиши иҷтимоӣ ба мақсади асосии худ – таъмини некӯаҳволии ҷамъият ноил мегардад. Давлат ба таҳкими адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагӣ дар ҷомеа, инчунин низоми демократие, ки шахсиятро ҳимоя мекунад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд[123]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахолати давлат ба соҳаи иҷтимоӣ хеле калон аст. Ин ба аҳамияти баланди ҳам соҳаи сиёсӣ ва ҳам соҳаи иҷтимоӣ дар тараққиёти тамоми ҷамъият вобаста аст.

**Робитаи байни функсияҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат**. Функсияи иқтисодӣ аз ташаккул ва ҳамоҳангсозии самтҳои стратегии фаъолияти давлат оид ба рушди иқтисодиёти кишвар иборат аст. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ давлат фаъолияти худро бо мақсади пешгирӣ намудани оқибатҳои манфии он, аз ҷумла афзоиши бекорӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, коҳиш ёфтани фаъолияти корхонаҳои алоҳида ва ғайра пеш мебарад. Барои рафъи чунин мушкилоти муносибатҳои бозорӣ тадбирҳои иҷтимоиро ба амал баровардан лозим аст, ки ба мӯътадил гардондани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ нигаронида шудаанд.

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ дастгирии иҷтимоии аҳолии камбизоат аҳамияти назаррас дорад. Тавре ки И.А. Илйин менависад: «Ҳар як шаҳрванд бояд мутмаин бошад, ки ӯро ҳифз мекунанд, ба ӯ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва аз давлат кӯмак хоҳад гирифт ва айни замон ҳама бояд аз лиҳози иқтисодӣ мустақил бошанд»[124].

Ҳамин тариқ, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ давлат барои тақсимоти одилонаи захираҳои моддӣ чораҳои муассир меандешад. Рафъи натиҷаҳои манфии муносибатҳои бозаргонӣ бо ёрии барномаҳои иҷтимоӣ имконпазир аст. Моҳияти функсияи иҷтимоӣ дар он аст, ки тавассути тадбирҳои иҷтимоӣ сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ то ҳадди имкон паст карда мешавад.

---

[123] Мазаева Е.С. Социальная функция современного Российского государства: дис. ... к.ю.н. – Н. Новгород, – 2001. – С .8.

[124] Ильин И.А. Из книги «Путь духовного обновления». Глава «О государственном правосознании» // Новый мир. – 1991. – № 10. – С. 200-204.

Самаранок амалӣ гардондани функсияи иҷтимоӣ бештар аз сиёсати иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Тамоюли иҷтимоии иқтисоди бозаргонӣ имконият медиҳад, ки вазифаҳои давлат дар самти баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандони кишвар бомуваффақият ҳалли худро меёбанд. Дар баробари афзоиши некӯаҳволии ҷамъият самаранокии маблағгузорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ таъмин гардида, шаҳрвандон метавонанд то дараҷаи зарурӣ ҳаёти худро мустақилона таъмин кунанд. Барои ҳамин, дар назди давлат вазифаи таъмини тамоюди иҷтимоии муносибатҳои иқтисодӣ гузошта шудааст.

Яке аз аломатҳои давлати некӯаҳволро ба даст овардани таносуби байни сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ба шарофати пешрафти иқтисодиёти мамлакат афзоиши буҷети давлатӣ имконпазир мегардад, ки ин бо татбиқи чорабиниҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷамъият мусоидат мекунад. Тараққиёти иқтисодиёт барои амалӣ гардондани фаъолияти иҷтимоии давлат шароит фароҳам меоварад. Дар баробари ин афзоиши некӯаҳволии шаҳрвандон ба майлу хоҳиши онҳо ба фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонад. Ҳамин тавр, рушди иқтисодиёт, бешубҳа, ба баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири судманд мерасонад.

**Робитаи байни функсияҳои иҷтимоӣ ва экологии давлат.** Функсияи экологии давлат ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ нигаронида шудааст. Байни функсияҳои экологӣ ва иҷтимоӣ робитаи зич мавҷуд аст, ки бо уҳдадориҳои давлат оид ба таъмини неъматҳои экологии шаҳрвандон ва амнияти экологии тамоми кишвар алоқаманд аст. Ҳаёт ва саломатии инсон, инчунин амнияти тамоми давлат бевосита аз вазъи экологии кишвар вобаста аст. Дар робита ба бад шудани вазъи экологӣ, давлат сиёсати фаъоли экологиро оид ба назорати муҳити зист, роҳҳои ҳифз ва муқаррар намудани он, инчунин пешгирии офатҳои экологӣ пеш мебарад.

Ҳифзи муҳити зист системаи чорабиниҳои давлатӣ ва ҷамъиятии дорои хусусияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, маърифатӣ ва байналмилалиро дар бар мегирад, ки ба таъмини ҳамоҳангии муносибати мутақобилаи ҷамъият ва табиат дар асоси ҳифз ва барқарорсозии муҳити табиӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, беҳтар намудани сифати муҳити зисти инсон, пешгирӣ ва рафъи таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият ба муҳити зист ва бартараф намудани оқибатҳои он равона гардидаанд[125]. Сабабҳои бад шудани муҳити зист бо истифодаи интенсивии он дар фаъолияти истеҳсолӣ, вайрон кардани қонунгузории экологӣ алоқаманданд. Давлат бо мақсади пешгирии таъсири манфӣ ба муҳити табиӣ режими ҳуқуқии истифодаи табиатро муайян намуда, талаботи

[125] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011 / [Сарчашмаи электронӣ ] // http://mmk.tj/content/

экологиро муқаррар менамояд, барои нигоҳ доштан, барқарор намудан ва беҳтар намудани сифати муҳити табиӣ чораҳо мебинад.

Функсияи экологӣ барои таъмини бехатарии ҳаёти одамон, пешгирии хатарҳои табиӣ ба муҳити зист ва одамон аҳамият дорад. Муҳити табиӣ манбаи ҳаёти инсон буда, саломатӣ ва давомнокии умри аҳолӣ аз он вобаста аст. Ҳастии инсоният дар сурати нобудшавии сарватҳои табиӣ зери хатар мемонад. Бо ин мақсад сиёсати мутобиқшудаи экологиро оид ба идоракунии оқилонаи табиат ва ҳифзи муҳити зист пеш бурдан лозим аст. Ҳангоми фароҳам овардани шароит барои ҳаёти инсон робитаи зичи байни функсияҳои экологӣ ва иҷтимоии давлат мушоҳида мешавад.

**Робитаи байни функсияҳои иҷтимоӣ ва молиявии давлат.** Функсияи молиявӣ ё функсияи ҷамъоварии андозу хироҷ дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат аҳамияти махсус дорад. Бо ёрии он буҷетҳои ҳамаи зинаҳо ташкил карда мешаванд, ки аз онҳо дар оянда барномаҳои иҷтимоӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Мавҷудияти категорияҳои шаҳрвандоне, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазиранд ва дар таъмини некӯаҳволии худ душворӣ мекашанд, зарурати дастгирии иҷтимоӣ ва ҳифзи онҳоро аз тарафи давлат собит менамояд. Давлат маҷбур аст, ки ба муносибатҳои бозорӣ дахолат карда, сиёсати аз нав тақсим намудани хароҷотро пеш гирад, то ин ки ба нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷамъият роҳ надиҳад. Аз ҳисоби ҷамъоварии андозу хироҷ буҷети давлат пурра мегардад, ки он барои қонеъ гардондани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва дигар эҳтиёҷоти умумидавлатӣ сарф карда мешавад. Ба шарофати функсияи зикршуда маблағгузории пурраи сиёсати иҷтимоӣ, ки ба таъминоти моддии табақаҳои эҳтиёҷманди шаҳрвандон нигаронида шудааст, ба амал меояд.

Ҷанбаи дигари таъсири сиёсати молиявии давлатро ба соҳаи иҷтимоӣ имконияти додани имтиёзҳои андоз, қарзҳои имтиёзнок барои оилаҳои камбизоат, серфарзанд ва дигар категорияҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири шаҳрвандон ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, самтҳои ҷудогонаи функсияи иҷтимоӣ дар соҳаи таъмини некӯаҳволии шаҳрвандон. инкишофи шахсият, таҳсили ройгон, шуғли аҳолӣ фаъолияти мустақилонаи молиявӣ-иқтисодии одамонро таъмин мекунад. Дар ин ҳолат робитаи байни функсияҳои иҷтимоӣ ва молиявӣ бештар зоҳир мешавад.

**Робитаи байни функсияҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ.** Дар давлати иҷтимоӣ манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат аз ҳар гуна таҷовуз ҳифз карда мешаванд. Давлат функсияи ҳифзи ҳуқуқиро доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс ба амал бароварда, айни замон манфиатҳои худи ҷамъиятро ҳифз мекунад. Азбаски дар давлати муосири ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ эълон мешаванд, робитаи байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва функсияҳои иҷтимоӣ бо истифода аз шаклу усулҳои нав ба роҳ монда мешавад. Ба

шарофати функсияи иҷтимоӣ ҳуқуқҳои шаҳрвандон амалӣ мегарданд, ки аз ҷониби қонун муқаррар гардидаанд ва аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд. Бидуни таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва риояи талаботи қонунгузорӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ устуворӣ ва адолатро таъмин кардан ғайриимкон аст.

Ҷанбаи дигари робитаи байни функсияҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқро тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ташкил медиҳад. Функсияи иҷтимоии давлат тавассути низоми маориф дар шуури шахс эҳтиром ба қонунгузории миллӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатиро ташаккул дода, ба ташаккул ва баланд гардидани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Ин тадбирҳо ба таъмини амали ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат намуда, ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи давлат натиҷаҳои мусбӣ мерасонад.

Ташаккули давлати демократии иҷтимоӣ, ки дар он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд, бе сиёсати фаъоли иҷтимоии мақсаднок имконнопазир аст. Арзиши олӣ эълон гаштани инсон ва ҳуқуқҳову озодиҳояш маънои онро дорад, ки акнун танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти инсон ва ҳуқуқҳояш, бо истифодаи бештар усулҳои диспозитивии танзими ҳуқуқӣ (озодиву мустақилияти иштирокчиёни онҳо), имкониятҳои танзими шартномавӣ, баҳри инсон ва қонеъгардонии талаботаш сурат мегирад ва тамоми функсияҳои давлат баҳри иҷрои ҳифзу таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда мешаванд[126]. Ҳамин тариқ, дар низоми функсияҳои давлат функсияи иҷтимоӣ яке аз ҷойҳои пешбарандаро ишғол мекунад. Функсияи баррасишаванда бо тамоми функсияҳои давлат робитаи уствор дошта, барои ҳалли вазифаҳои иҷтимоии давлат мусоидат мекунад. Айни замон рушди ҳаёти иҷтимоӣ ба иҷрои самарабахши функсияҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар функсияҳои давлат мусоидат мекунанд.

Низоми функсияҳои давлати иҷтимоӣ тамоюли иҷтимоӣ дошта, робитаи ҳамаи функсияҳои давлатро бо мақсади таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва рушди инсон таъмин мекунад. Ҳамаи функсияҳои давлат барои амалӣ гардидани сиёсати иҷтимоии давлат мусоидат менамоянд. Ҳалли вазифаҳои иҷтимоии давлат дар соҳаи илм, маориф, фарҳанг, хизмати тиббӣ, таъминоти иҷтимоӣ, хизмати иҷтимоӣ, алоқа, нақлиёт, бунёди инфрасохтори иҷтимоӣ (биноҳои таҳсилотӣ, тандурустӣ, фарҳангиву фароғатӣ ва дигар) амалӣ намудани тадбирҳои муассири иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ ва дигари давлатиро талаб мекунад.

**Адабиёт:**

1. Азизкулова Г.С., Камолов И.И. Теория государства и права. Схемы определения и вопросы тестов. – Душанбе. 2013. – С.125.

[126] Шарифзода С.Ш. Ҳимояи ҳуқуқҳои инсон дар низоми функсияҳои давлат // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2016. – № 2 (02). – С. 27.

2. Ильин И.А. Из книги «Путь духовного обновления». Глава «О государственном правосознании» // Новый мир. – 1991. – № 10. – С. 200-204.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе, 2016.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011 / [Сарчашмаи электронӣ ] // http://mmk.tj/content/

5. Мазаева Е.С. Социальная функция современного Российского государства: дис. ... к.ю.н. – Н. Новгород, 2001. – С. 8.

6. Морозова Л.А. Функции Российского государства на современном этапе // Государство и право. – 1993. – № 6. – С. 100.

7. Олейникова С.С. Становление социальной функции государства в системе его внутренних функций // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 5, Юриспруденция. 2011. – № 2 (15). – С. 59-60.

8. Рассказов Л.П. Теория государства и права: Учебник для вузов. 3-е изд. – М.: РИОР; ИНФРА-М, 2010. – С. 81.

9. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ :Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Сино», 2018. – 204 с.

10. Хропанюк В.Н. Теория государства и права: Учебник для вузов. 2-е изд., доп. и исправл. – М.: Интерстиль; Омега-Л. 2006. – С. 156.

11. Шарифзода С.Ш. Ҳимояи ҳуқуқҳои инсон дар низоми функсияҳои давлат // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2016. – № 2 (02). – С. 27.

# ФУНКСИЯИ ҶУБРОНСОЗИИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ҳ., профессор
**Тел.:** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Алиев Исмоил Исмонович,**
унвонҷӯи шуъбаи сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 985-51-55-59
**E-mail:** aliev_ismoil@list.ru

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур масъалаи амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон, зимни таҳқиқи масъалаи мазкур ба хулосае омадаанд, ки амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал татбиқ намудани функсияҳои ҷубронсозӣ, яъне ба амал баровардани ҷубронсозиро ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода намуда, дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба роҳ монда мешавад. Ба андешаи муаллифон, ҷубронсозӣ мафҳуми умумӣ буда, вобаста ба навъҳои зарар тағйир намеёбад. Яъне, тибқи қонунгузорӣ барои зарари маънавӣ ҷуброни зарари маънавӣ ва барои зарари моддӣ ҷуброни зарари моддӣ муқаррар шудааст, вале дар ҳар ду ҳолат ҷубронсозӣ дар шакли моддӣ (пулӣ) сурат мегирад.

**Калидвожаҳо:** Амалисозӣ, функсия, ҷубронсозӣ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ, зарари моддӣ, зарари маънавӣ, ҷуброни ихтиёрӣ, ҷуброни маҷбурӣ, қонунгузорӣ.

# РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕНСАЦИОННОЙ ФУНКЦИИ ЮРИДИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ

**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского национального университета, д.ю.н., профессор
**Тел.:** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Алиев Исмоил Исмонович,**
соискатель отдела государственного устройства, судебных и правоохранительных органов Национального законодательного центра при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 985-51-55-59
**E-mail:** aliev_ismoil@list.ru

**Аннотация:** В данной статье рассматривается вопрос реализации компенсационной функции юридической ответственности. Авторы, исследуя данный вопрос, пришли к выводу, что реализация компенсационной функции юридической ответственности осуществляется через правовые нормы реализации компенсационных функций, т. и осуществляется в двух формах: добровольной и принудительной. По мнению авторов, возмещение является общим понятием и не меняется в зависимости от видов ущерба. То есть согласно законодательству при возмещении морального вреда устанавливается возмещение морального вреда, а при возмещении материального вреда устанавливается возмещение материального ущерба, но в обоих случаях возмещение производится в материальной (денежной) форме.

**Ключевые слова:** Реализация, функция, возмещение, юридическая ответственность, материальный вред, моральный вред, добровольное возмещение, принудительное возмещение, законодательство.

## IMPLEMENTATION OF THE FUNCTION OF COMPENSATION OF LEGAL LIABILITY

**Azizzoda Ubaydullo Abdullo,**
Head of the Department of Theory and history of state and law, Faculty of Law, Tajik National University, Dr. jurid. sci., professor
**Phone:** (+992) 907-81-12-85
**E-mail:** ubaydullo_azizov@mail.ru

**Aliev Ismoil Ismonovich,**
applicant of the Department of Government, Judicial and Law Enforcement Bodies of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan
**Phone:** (+992) 985-51-55-59
**E-mail:** aliev_ismoil@list.ru

**Annotation:** This article discusses the issue of implementing the function of compensation for legal liability. The authors, investigating this issue, came to the conclusion that the implementation of the compensatory function of legal liability is realized through the legal norms for the implementation of compensatory functions, i.e., it is carried out in two forms: voluntary and compulsory. According to the authors, compensation is a general concept and does not change depending on the types of damage. That is, according to the law, in case of compensation for moral damage, compensation for moral damage is established, and in case of compensation for material damage, compensation for material damage is established, but in both cases, compensation is made in material (monetary) form.

**Key words:** Implementation, function, compensation, legal liability, material damage, moral damage, voluntary compensation, forced compensation, legislation.

Низоми ҳуқуқи миллии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарӣ барои кирдори содиршуда ва ҷуброни зараре, ки аз он ба шахс, ҷамъият ва давлат расонидаро пурра танзим намудааст. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои аз ҳуқуқвайронкунӣ ба миёномада ҳамчун низоми меъёрҳои мукаммали қонунгузорӣ давраи дурударози таърихиро аз сар гузаронидааст. Вобаста аз шарту шароитҳои давраҳои гуногуни таърихӣ, сатҳ ва дараҷаи шуури ҷамъиятӣ, вазъи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, сатҳи инкишофи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолатҳои дигари ҳаёти воқеӣ дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии кишвар, танзими меъёрӣ-ҳуқуқии ин муносибатҳои ҷамъиятӣ фарқ мекарданд. Барои дуруст ва пурра таҳқиқ намудани институти функсияи ҷуброннамоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ лозим аст, ки ин падида дар ҳар як давраи таърихӣ таҳлил карда шавад.

Низоми ҳуқуқи зардуштӣ, ки сароғози низоми ҳуқуқи миллии халқи тоҷик маҳсуб мешавад ва зиёда аз 700 сол низоми амалкунандаи давлатҳои алоҳида буд, ба таври хоси ҳамон замон муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла муносибатҳоро оид ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ танзим менамуд. Аслан, чи гунае, ки муҳаққиқон қайд мекунанд, дар давраи амали низоми ҳуқуқи зардуштӣ институтҳои ҳуқуқӣ пурра ташаккул наёфта буданд ва маҷмуи меъёҳои хоси соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамуданд[127]. Низомҳои ҳуқуқии таърихии дар ҳудуди Тоҷикистон амалкарда, ки хусусияти динӣ доштанд, институтҳои ҳуқуқӣ ва категорияҳои ҳуқуқии моҳияти динӣ-идеологии ҳамон динро иникос менамуданд. Албата дар ҳар марҳилаи баъдии таърихӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ва институтҳои танзимкунандаи онҳо назар ба марҳилаи пешин то андозае инкишоф ёфта буданд. Институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ва низомҳои ҳуқуқӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ объекти омӯзиши як

[127] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования: [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015.– 413 с.

қатор муҳаққиқони ватаниро ташкил додаанд. Чунончӣ, муҳаққиқон Р.Ш. Шарофзода[128], А.Ғ. Холиқзода[129], Э.Б. Буризода[130], У.А. Азиззода[131], И.Р. Шодиён[132], Р.С. Одиназода[133], Ф.М. Абдулхонов[134], З.Х. Зокирзода[135], С.А. Раҷабзода[136], Ф.А. Бобохонов[137] ва ҷабҳаҳои гуногуни таърихи инкишофи ҳуқуқи миллиро таҳқиқ намудаанд.

Функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ то андозае аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ таҳқиқ гардидааст, вале он ҳеҷ вақт объекти омӯзиши назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ қарор нагирифта буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки андешаи ягона ва умумиэътирофшуда оид ба ҷуброн ва ё ҷубронсозӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ҷой надорад. Муҳаққиқон андешаҳои мухталиф пешниҳод кардаанд. Ба андешаи У.А. Азиззода ва Ф.А. Бобохонов яке аз масъалаҳои баҳсталаб ин истилоҳи ҳуқуқии (ҷуброн, товон) вобаста ба масъалаи ҷавобгарӣ мебошад. Вобаста ба ин масъала дар забони тоҷикӣ истилоҳоти «ҷуброни зарар», «товони зарар» бештар истифода мегардад. Дар забони русӣ бошад, истилои «компенсация» ва «возмещение» серистеъмол мебошанд. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «компенсация» ҳамчун ҷуброн, подош, товон тарҷума

---

[128] Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Актуализация проблемы функций государства на современном этапе / Р. Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/7(213). – С. 213-223.

[129] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (Древнее право). – Душанбе: «Маориф ва фарханг», 2005.– 488 с.

[130] Ниг.: Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1–2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.

[131] Ниг.: Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография [Текст] / Ф.А. Бобохонов и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.; Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов, // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1. – С. 21-37.; Азиззода У.А., Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе [Текст] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Вестник Филиала Московского государственного Университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – № 2 (18). – С. 50-64.

[132] Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX - начало XXI вв): дис. ...канд. юрид. наук.– Душанбе, 2010. – 176 с.

[133] Ниг.: Одинаев Р.С. Формирование и развитие института мазалим в досоветском Таджикистане (историко-правовое исследование): дис. ...канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 174 с.

[134] Абдулхонов Ф.М. Ташаккулёбии ҳокимияти судӣ дар низоми идораи давлатии Тоҳириён ва Саффориён / Ф.М. Абдулхонов // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – № 4-2(49). – С. 156-162.

[135] Ниг.: Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [Матн] монография: нашри аввал / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.; Зокирзода З.Х., Бобохонов, Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР [Текст] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36-42.

[136] Ниг.: Азиззода У.А., Раҷабзода С.А. Товони зарар аз ҷиноят дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ: таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии муқоисавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, С.А. Раҷабзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3. (23). – С. 19-30.; Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3. (23). – С. 88-95.

[137] Ниг.: Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи шуравии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 2. – С. 256-262.; Инновационное развитие науки: фундаментальные и прикладные проблемы: монография [Текст] / Ф.А. Бобохонов и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 488 с.

шудааст[138]. Институти ҷуброни зарари маънавӣ бошад, амалӣ гардонидани функсияҳои ахлоқию иҷтимоӣ – дахлнопазирии шахсият, яъне функсияи ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад[139].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброни зарарро дар м. 22 ва товони зарарро дар м. 32 пешбинӣ намудааст. Дар Кодекси граждании мафҳуми «товон» танҳо як маротиба (м. 12) ва ибораи «ҷуброн» бошад, васеъ истифода гардидааст (м.м. 12,71). Дар Кодекси мурофиавии граждании низ истилоҳи «товон»-ро танҳо як маротиба (м. 22) истифода намуда, бештар истилоҳи «ҷуброн» (м.м. 31, 47) васеъ истифода гардидааст. Дар Кодекси ҷиноятӣ истилоҳҳои «подош», «ҷуброн» (м. 167), «товон» (м. 83) ва «талофӣ» (м. 72, 73) истифода гардидааст. Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ истилоҳи «ҷуброн»-ро дар м. 42, 122, «товон»-ро дар м. 12, 28, 30 пешбинӣ кардааст. Кодекси меҳнатӣ (м.м. 183, 195, 196) мафҳуми «ҷуброн» ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ истилоҳи «ҷуброн» ва «товон»-ро дар як маврид истифода намудааст (м. 49). Ҳамин ҳолатро дар Кодекси тандурустӣ (м.м. 40, 55) низ вохӯрдан мумкин аст[140].

Аз муқаррароти қонунгузорӣ бармеояд, ки истилоҳоти «ҷуброн» ва «товон» бештар ва ҳамчун дорои хусусияти умумидошта (яъне моддию маънавӣ-омехта) истифода гардидааст. Бинобар ин, муҳаққиқон истифодаи истилоҳи «ҷуброн»-ро дуруст мешуморанд[141]. Вале муҳаққиқон қайд менамоянд, ки қонунгузорӣ мазмуни «ҷуброн»-ро равшан накардааст ва танҳо татбиқ намудани онро дар шакли пулӣ пешбинӣ месозанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории граждании (м. 12 КГ ҶТ) ҷуброни зарари маънавӣ ҳамчун воситаи ҳифзи неъматҳои ғайримоддӣ муайян шудааст[142]. Бинобар ин, дар зери истилоҳи «ҷуброн» чӣ фаҳмида мешавад, бояд муайян карда шавад. Истилоҳи «ҷуброн» тарҷумаи тоҷикии истилоҳи русии «компенсация» мебошад, ки он аз калима лотинии «kompencatio – kompencare»-пурра кардан, ҷуброн кардан бармеояд, ки маънояш ҷубронсозӣ, қадрнамоӣ барои чизе мебошад[143]. Дар ҳамин асос З.Х. Зокирзода пешниҳод намудааст, ки дар қ. 5-и м. 57-и КҶ ҶТ ибораи «талофӣ гардидан» ба калимаи «ҷуброн» иваз карда шавад, чун ибораи «талофӣ» аз як ҷониб, ифодакунандаи пурраи мафҳуми мазкур буда наметавонад, ва аз ҷониби дигар, бояд истилоҳи қонунгузорӣ,

---

138 Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 223.

139 Ниг.: Дурнаикин Д.Г. Теоретико-правовые основы защиты личных неимущественных прав Российских граждан. Дис. ...канд. юрид. наук. – М., 2008. – 218 с.

140 Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 223-224.

141 Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 224.

142 Ниг.: Рябин В.В. Защита неимущественных прав личности посредством компенсации морального вреда. Дис. ...канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 132.

143 Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 224.

махсусан дар қонуни ҷиноятӣ як хел истифода бурда шавад. Дар сурати ғайр он боиси нодуруст шарҳ додани матни қонун мегардад ва ё ба рақобати нодурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Аз ҷониби дигар, мутобиқи муқаррароти қ. 3-и м. 40-и Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд[144]. Монандӣ ва тафовути ҳолатҳои истифодабарии ибора ва мафҳумҳои «возмещение» ва «компенсация»-ро дар шакли васеътар муҳаққиқ Е.В. Смиренской таҳқиқ кардааст[145].

Аммо ба андешаи муҳаққиқон истифодаи алоҳидаи категорияҳои мазкур тасодуфӣ нест ва вобаста ба ҳолати кор ва танзими муносибати ҳуқуқии бамиёномада мумкин аст, ки истилоҳоти мазкур мувофиқ истифода бурда шаванд. Чунончи, С.В. Смотров қайд менамояд, ки мафҳуми «компенсатсия» – «ҷуброн» дар робита бо зарари маънавӣ дурустар аст, ҳарчанд сухан доир ба ҷуброни вайрон кардани неъматҳои ғайримоддӣ дар шакли моддӣ равад ҳам. О.А. Пешкова масъалаи ҳифзи ҳуқуқи неъматҳои ғайримоддии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин хулосае омадааст, ки «ҷуброни зарари маънавӣ – ин институти мустақили ҳуқуқӣ мебошад, ки аз уҳдадории расонидани зарар ба ҳуқуқ, озодӣ ва неъматҳои ғайримоддии шаҳрванд ба вуҷуд омада, яке аз унсурҳои ҳифзи он ҳуқуқҳо ва неъматҳои шаҳрванд ба ҳисоб меравад»[146].

Ҳангоми татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ (дар ҷазои маъмурӣ) функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши муассир надорад ва шакли амалисозии он танҳо ихтиёрӣ буда метавонад. Функсияи ҷубронсозие, ки дар қонунҳои гуногуни марбут ба ҳуқуқи маъмурӣ истифода мешавад, тавассути истифодаи нишондодҳои қонунгузории граждангӣ амалӣ карда мешаванд, на ҷавобгарии маъмурӣ.

Ҷуброни ихтиёрии зарари молумулкӣ аз он иборат аст, ки шахс бе ягон маҷбурӣ зарари молумулкии расонидаашро (баргардонидани ашёи дуздидашуда, маблағи пулӣ пардохташуда, узр пурсидан ва ғайра) ҷуброн мекунад. Вобаста ба зарари воқеии расида, мо метавонем дар бораи пешгирӣ ё ҷуброни пурраи он сӯҳбат кунем. Ҷуброни ихтиёрии зарари молумулкӣ ва маънавии расонидашуда метавонад бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла сабук кардани гуноҳ сурат гирад, ки узрпурсии оммавии фаъол ҳисобида мешавад ва дар баробари дигар шартҳо барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахси ҷиноятсодиркарда асос шуда метавонад. Дар ин ҳолат факти ихтиёран ифода кардани ирода ва ҷуброни моддӣ аҳамияти

---

144 Ниг.: Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 227.

145 Ниг.: Смиренская Е.В. Компенсация морального вреда как деликтное обязательство. Дис... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – С. 36-39.

146 Ниг.: Пешкова О.А. Ответственность и защита при причинении вреда неимущественным правам и нематериальным благам граждан и юридических лиц: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Волгоград, 1998. – С. 13.

калон дорад.

Ҳамин тариқ, функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шаклҳои зикргардидаи татбиқи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар соҳаҳои асосии ҳуқуқ тавассути роҳу усулҳо ва тартиби муайяни хоси соҳаҳои ҳуқуқ амалӣ карда мешавад.

Чун дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷубронсозӣ низ дар ду шакл – ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба амал бароварда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки шакли ихтиёрии амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии конститутсионӣ мушкилот ва маҳдудияти сохтори моддӣ ва ташкилию ҳуқуқӣ дорад. Он аз таъсири сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандони алоҳида, созмонҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии мухолиф, фраксияҳои мақомоти қонунгузор иборат аст, ки амали онҳо мақомоти давлатиро маҷбур мекунанд, ки фаъолияти худро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда, мушкилоти дар ин самт мавҷудаи ҳуқуқиро ҳал кунанд. Асоси чунин фаъолият, пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ, низоми бисёрҳизбӣ ва як қатор дигар озодиҳои шаҳрвандиро эътироф ва эълон мекунад.

Шакли маҷбурии амалисозии функсияи ҷубронсозӣ дар асоси қонунгузории граждани хеле васеъ паҳн шудааст. Ин муосибатҳо пеш аз ҳама, дар натиҷаи иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадории ҷубронсозиро ба амал меоранд. Чунончи, иҷрои номатлуби шартномаи хариду фурӯш ҷавобгарии ҳуқуқии гражданиро ба вуҷуд овардааст, ки ин масъала дар меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро пайдо кардааст (м.м. 491, 494, 496, 504 ва ғ.)[147].

Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии граждани ҳангоми расонидани зарар ҳатмист. Зарар метавонад хусусияти моддӣ ва ғайримоддӣ дошта бошад. Зараре, ки онро бо пул арзёбӣ кардан мумкин аст, зарари молӣ мебошад. Он метавонад ҳам ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба вуҷуд ояд. Ҳамин тавр, масалан, дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатӣ ё марги шаҳрванд, яъне дар сурати расонидани зарар ба неъматҳои ғайримолумулкӣ мумкин аст ҷавобгарии молумулкиро ба миён орад, ки дар таллофӣ намудани музди меҳнат (даромади дигар), хароҷоти барқарор намудани саломатӣ (пули доруворӣ, табобати санаторӣ, протезҳо ва м.и.) ифода меёбад. Ҳамин тариқ, паҳн кардани маълумоти бадномкунанда, дар шакли туҳмат ва таҳқир, ки метавонад ба шаъну шараф, обрӯ ва эътибори кории шахс зарар расонад, боиси расонидани зарари маънавӣ ва дар алоҳидагӣ зарари моддӣ (аз кор озод намудан, қатъ кардани шартномаи граждани, бекор кардани ақди никоҳ ва м.и.) гардад.

Зараре, ки онро бо пул баҳо додан ғайриимкон аст, зарари ғайримоддӣ мебошад. Он чун қоида, дар сурати вайрон кардани неъматҳои

---

[147] Ниг.: Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, № 884 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021).

(ҳуқуқҳои) шахсии ғайриамволии шахс ба вуҷуд меояд, вале дар сурати вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ низ ба вуҷуд омада метавонад.

Шакли ихтиёрии амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии гражданӣ имкон медиҳад, ки мавқеи баробарии тарафҳои шартнома, ки дар натиҷаи ҷуброни зарар, баргардонидани нархи хариди пардохташуда ва чораҳои дигар ба вуҷуд меояд, барқарор карда шавад.

Шакли маҷбурии амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ истифода мегардад. Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки баҳсҳо оид ба рӯёнидани зиёни молумулкӣ аз ҷониби суд тибқи тартиби мурофиаи судии гражданӣ ҳал мегарданд. Судя ҳангоми баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар сурати набудани баҳс оид ба рӯёнидани зарари молумулкӣ ҳуқуқ дорад ҳамзамон бо таъйини ҷазои маъмурӣ масъалаи рӯёнидани зарари молумулкиро низ ҳал намояд. Ҳангоми аз ҷониби дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ё шахси мансабдори ваколатдор баррасӣ гардидани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баҳси рӯёнидани зарари молумулкӣ аз ҷониби суд бо тартиби мурофиаи судии гражданӣ ҳал карда мешавад. Баҳсҳои рӯёнидани зарари маънавии аз ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба миён омада дар суд тибқи тартиби мурофиаи судии гражданӣ баррасӣ мешаванд[148].

Ба андешаи У.А. Азиззода, яке аз масъалаҳои баҳсталаби дигар шаклҳо ва андозаи пулии ҷуброни зарари маънавӣ мебошад, ки муҳаққиқонро ба як баҳси калони ҳуқуқӣ кашонидааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ду усули ҷуброни зарар ба таври анъанавӣ фарқ карда мешаванд:

1) дар шакли аслӣ (ҷуброн дар шакли аслӣ) – дар рафъи зарар ба амвол, пешниҳоди амволи ба он баробар ва ғ.;

2) дар ифодаҳои арзишӣ (ҷуброни пулӣ) ҳангоми ситонидани зарари ифодаёфта: арзиши молу мулки гумшуда ё вайроншуда, инчунин даромади аздастрафта, фоидаи аздастрафта, хароҷоти беасос ва м.и.[149].

О.И. Осадчая ҳифзи ҳуқуқи инсонро аз зарари маънавӣ бо ду роҳ пешниҳод кардааст: якум, бо роҳи ҷуброни зарари маънавӣ; дуюм, аз рӯйи соҳаҳои ҳуқуқ, ки дар ҳар ду маврид усулҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ истифода мегардад[150].

Вале дар ҳама ҳолатҳо, чи гунае, ки таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ нишон медиҳад, ҷуброни пулӣ ҳамчун роҳи асосии ҳифзи ҳуқуқи инсон баромад мекунад. Бо чунин шакли ҳалли масъала баъзе олимон розӣ нестанд. Зеро аз моҳияти ҳуқуқ ба неъматҳои ғайримоддӣ, ки дар Конститутсияи

[148] Ниг.: Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021).

[149] Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 226.

[150] Ниг.: Осадчая О.И. Особенности конституционно-правовой защиты прав человека от последствий причинения морального вреда в Российской Федерации. Дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 114-127.

Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 5) ҳамчун арзиши олӣ дониста шудаанд, наметавонад баҳогузории молӣ ё пулӣ дошта бошанд. Чунончи, Ш.Т. Тағойназаров қайд менамояд, «... ҳаёт ва саломатии шаҳрванди шуравӣ бо пул баҳо дода намешавад. Таҳқири шаъну шараф ва ба саломатии инсон зарар расонидан дар шакли моддӣ барқарорнашаванда мебошад»[151]. Дар ҷойи дигар муҳаққиқ иброз медорад, ки ҷуброни моддии зарари маънавӣ ҳамчун роҳи беҳтари қаноатманд намудани манфиати ҷабрдидаи ҳуқуқвайронкунӣ намебошад. Баръакс, ҷуброни зарари маънавӣ дар шакли моддӣ таҳқири шаъну шараф ва эътибори инсон ба ҳисоб меравад. Ақидаи мазкурро М.Н. Малеин низ ҷонибдорӣ намуда, чунин иброз медорад: «Ҳеҷ яке аз тарафҳо наметавонанд ҷуброни зарари маънавиро бо пул баҳо диҳанд, барои мисол, ҳаёт, саломатӣ, номус ва монанди инҳо». Дар идома муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар ин робита сухан гуфтан на дар бораи ҷуброн, балки ҷавобгарӣ барои зарари ғайримоддӣ дурустар мебошад[152].

Таҳлили функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки институти мазкур бештар дар ҳолати мавҷудияти ҳуқуқвайронкунӣ ва зарар мавриди амал қарор мегирад. Дар ин хусус ҳақ ба ҷониби У.А. Азиззода мебошад, ки чунин қайд намудааст: "Вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ беҳтар мебуд, ки дар қонунгузорӣ моҳияти зарар ҳамчун асос барои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ равшан карда шуда, намудҳои он ҷудо карда шаванд: зарари молумулкӣ; зарари ғайримолумулкӣ; зарари маънавӣ. Маҳз вобаста ба намудҳои муқарраршудаи зарар тарзу воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда ва мувофиқан татбиқи қонунгузории мушаххаси соҳавӣ татбиқ карда мешавад[153].

Ба андешаи С.М. Воробёв, зарари маънавӣ ё функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда ба вуҷуд меоянд[154]. Доир ба монандӣ ва фарқияти мафҳумҳои зарар, зиён, хисорот дар сарчашмаҳо андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Андешае мавҷуд аст, ки мафҳумҳои зарар ва зиён ба ҳам монанд буда, мафҳуми хисорот ифодаи молумулкии онҳо мебошад. Маврид ба зикр аст, ки бисёре аз олимони ватанӣ низ мафҳуми зарарро истифода кардаанд[155], аз ҷумла, А.Ғ. Холиқзода[156], У.А. Азиззода[157], З.Х.

---

[151] Тагайназаров Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественых прав граждан в СССР. – Душанбе: Дониш, 1990 г. – С. 151.

[152]Ниг.: Сухаревский И.А. Компенсация морального вреда в уголовном судопроизводстве. Дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2003. – С. 102.

[153] Ниг.: Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 227.

[154] Ниг.: Воробёв С.М., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ ҳамчун институти комплексӣ-ҳуқуқӣ (байнисоҳавӣ) [Матн] / Ф.А. Бобохонов, // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 6. – С. 211.

[155] Ниг.: Бобохонов Ф.А. Доктрина о понятии, элементах и характеристиках морального вреда // Молодой ученый. – 2022. – Ч. 2. – № 7 (402). – С. 75.

[156] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древное право). – Душанбе, 2005. – С. 38.

[157] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 47.

Зокирзода[158]. Махсусан, З.Х. Зокирзода дар монографияи худ мафҳуми зарарро дар робита бо мафҳуми «ҷуброн» ва «товон» истифода карда, мафҳуми ҷубронро қобили қабул мешуморад[159]. Дар Конститутсияи ҶТ мафҳуми зарар, махсусан зарари маънавӣ, баён шудааст[160].

Дар қонунгузории граждании ҶТ мафҳумҳои «зарар» ва «зиён» ба таври васеъ истифода гардида, ҳамзамон иборaҳои «зарари маънавӣ» ва «зиёни маънавӣ» низ ба назар мерасанд, вале мутаассифона, мафҳуми зарари маънавӣ, ки чӣ гуна рафтор ё амали ҳуқуқвайронкунанда ҳамчун зарари маънавӣ ҳисобида мешавад, муқаррар нагардидааст, ки ин ба сатҳ, усул ва принсипҳои амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ бетаъсир намемонад.

Мувофиқи қонунгузории амалкунанда принсипҳои муайяни ҷуброни зарар муқаррар карда шудаанд. Зарар ба шаҳрвандон дар ҳамаи мавридҳо ҷуброн карда мешавад, агар он дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ё неъматҳои ғайримоддии ӯ ба амал омада бошад. Ҷуброни зарари маънавӣ дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи моликият танҳо дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки дар қонун махсус пешбинӣ шудааст. Ҷуброни зарари маънавӣ ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқи моликияти шаҳрвандон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»[161] аз 9 декабри соли 2004, №72 амалӣ мешавад.

Мутобиқи қонуни мазкур зараре, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқҳои бо қонунгузорӣ пешбининамудаи истеъмолкунанда ба ӯ расонидааст, аз ҷониби гунаҳкор ҷуброн карда мешавад. Зарари маънавӣ бошад сарфи назар аз пардохти товони зиёни амволӣ ҷуброн карда мешавад. Зарари маънавӣ бо пул ҷуброн карда мешавад. Ҳаҷми ҷуброни зарари маънавиро суд муайян мекунад (м. 15)[162].

Ҳамин тарик, дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амал татбиқ намудани функсияи ҷубронсозӣ, яъне ба амал баровардани ҷубронсозиро ҳамчун шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода намуда, дар ду шакл: ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба роҳ монда мешавад.

---

[158] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ: автореф. ... дис. ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 11.

[159] Ниг.: Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк: дирӯз ва имрӯзи он: монография. – Душанбе, 2016. – С. 53.

[160] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 29.10.2022).

[161] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" аз 9 декабри соли 2004, №72[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 29.10.2022).

[162] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" аз 9 декабри соли 2004, №72 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 29.10.2022).

2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ меъёрҳои зиёде пешбинӣ намуда, шаклҳо, тартиб ва тарзҳои ҷубронсозиро муқаррар кардаанд.

3. Ҷубронсозӣ мафҳуми умумӣ буда, вобаста ба навъҳои зарар тағйир намеёбад. Яъне, тибқи қонунгузорӣ барои зарари маънавӣ ҷуброни зарари маънавӣ ва барои зарари моддӣ ҷуброни зарари моддӣ муқаррар шудааст, вале дар ҳар ду ҳолат ҷубронсозӣ дар шакли моддӣ (пулӣ) сурат мегирад.

**Адабиёт:**


1. Абдулхонов Ф.М. Ташаккулёбии ҳокимияти судӣ дар низоми идораи давлатии Тоҳириён ва Саффориён / Ф.М. Абдулхонов // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – № 4-2(49). – С. 156-162.
2. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе [Текст] / У.А. Азиззода Ф.А. Бобохонов // Вестник Филиала Московского государственного Университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – № 2 (18). – С. 50-64.
3. Азиззода У.А., Бобохонов, Ф.А. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 222-229.
4. Азиззода У.А., Бобохонов, Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 1. – С. 21-37.
5. Азиззода У.А., Раҷабзода, С.А. Товони зарар аз ҷиноят дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ: таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии муқоисавӣ [Матн] / У.А. Азиззода, С.А. Раҷабзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3. (23). – С. 19-30.
6. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
7. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 01 / Азизов Убайдулло Абдуллоевич. – Душанбе, 2015.– 413 с.
8. Бобохонов Ф.А. Доктрина о понятии, элементах и характеристиках морального вреда [Текст] / Ф.А. Бобохонов // Молодой ученый. – 2022. – Ч. 2. – № 7 (402). – С. 75.
9. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи шуравии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 2. – С. 256-262.

10. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана. Т. 1, ч. 1–2 (от древнейших времен до начала XX века). – Душанбе: Ирфон, 2007. – 244 с.

11. Воробёв С.М., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ ҳамчун институти комплексӣ-ҳуқуқӣ (байнисоҳавӣ) [Матн] / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 6. – С. 209-213.

12. Дурнаикин Д.Г. Теоретико-правовые основы защиты личных неимущественных прав Российских граждан [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Дурнаикин Дмитрий Геннадиевич. – М., 2008. – 218 с.

13. Зокирзода З.Х. Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ [Матн]: автореф. дис. ...ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Зокирзода Зафар Хайрулло. – Душанбе, 2020. – 29 с.

14. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 218-225.

15. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР [Текст] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36-42.

16. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: [Матн] монография: нашри аввал / З.Х. Зокирзода Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.

17. Зокиров З.Х. Мусодираи молу мулк: дирӯз ва имрӯзи он. Монография [Матн] / З.Х. Зокиров. – Душанбе, 2016. – 96 с.

18. Инновационное развитие науки: фундаментальные и прикладные проблемы: монография [Текст] / Ф.А. Бобохонов и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 488 с.

19. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, № 884 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021).

20. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2021).

21. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 29.10.2022).

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” аз 9 декабри соли 2004, №72[Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 29.10.2022).

23. Одинаев Р.С. Формирование и развитие института мазалим в досоветском Таджикистане (историко-правовое исследование): дис. ...канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – 174 с.

24. Осадчая О.И. Особенности конституционно-правовой защиты прав человека от последствий причинения морального вреда в Российской Федерации. Дис. ...канд. юрид. наук. – М., 2006. – 203 с.

25. Пешкова О.А. Ответственность и защита при причинении вреда неимущественным правам и нематериальным благам граждан и юридических лиц: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. – Волгоград, 1998. – С. 13.

26. Раҷабзода С.А. Ташаккул ва инкишофи институти товони зарар аз ҷиноят дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ [Матн] / С.А. Раҷабзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3. (23). – С. 88-95.

27. Рябин В.В. Защита неимущественных прав личности посредством компенсации морального вреда. Дис. ...канд. юрид. наук. – М., 2004. – 210 с.

28. Сативалдыев Р. Ш. Актуализация проблемы функций государства на современном этапе / Р.Ш. Сативалдыев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/7(213). – С. 213-223.

29. Смиренская Е.В. Компенсация морального вреда как деликтное обязательство. Дис. …канд. юрид. наук. – Волгоград, 2000. – 178 с.

30. Сухаревский И.А. Компенсация морального вреда в уголовном судопроизводстве [Текст]: дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.09 / Сухаревский Иван Александрович. – Краснодар, 2003. – 173 с.

31. Тагайназаров, Ш.Т. Гражданско-правовое регулирование личных неимущественых прав граждан в СССР. – Душанбе: Дониш, 1990. – 216 с.

32. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография [Текст] / Ф.А. Бобохонов и др. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.

33. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (Древнее право). – Душанбе: «Маориф ва фарханг», 2005.– 488 с.

34. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX - начало XXI вв): дис. ...канд. юрид. наук.– Душанбе, 2010. – 176 с.

## ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ (ИХТИСОС: 12.00.02) – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МЕСТНЫЕ ОРГАНЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И САМОУПРАВЛЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)

# МУБОҲИСАҲО ОИД БА МАСЪАЛАИ МАВҚЕИ САНАДҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚ

**Раҳмон Далер Сафарбек,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 918678565
**E-mail**: daler.safarbekovich@gmail.com

**Муқарриз:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Суди конститутсионӣ дар давлати ҳуқуқбунёд мавқеи устувор дошта, санадҳои он аз амалигардии принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд шаҳодат медиҳад. Зеро, мавҷудияти назорати суди конститутсионӣ ба андешаи қисмати зиёди муҳақиқон яке аз аломатҳои давлатӣ ҳуқуқбуёд маҳсуб дониста мешавад. Пас, аз ин маълум мегардад, ки судӣ конститутсионӣ ва санадҳои он дар чунин давлат мақоми устувор дошта, дар амалигардонии ҳадафҳои давлатӣ ҳуқуқбунёд ба таври назаррас нақшгузор мебошанд. Ҳамчунин, дар байнии олимон андешаҳои гуногун вобаста ба мавқеи санадҳои Суди конститутсионӣ ҷой дорад. Қисме онҳоро сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда, дигарон бошанд, аз чунин андеша худдорӣ менамоянд. Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани баҳсҳо оид ба он ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳисоб мерав족 ё не ва муайян намудани мақоми онҳо дар низоми мазкур он аст, ки аксарияти давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ дохиланд. Аз рӯи доктринаи дар назарияи ҳуқуқ умумиэътирофгардида дар оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ санадҳои судӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ба ҳайси сарчашмаҳои ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ шинохта шаванд. Дар низоми ҳуқуқии мазкур ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ танҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Аз ин рӯ, оид ба он ки санадҳои Суди конститутсионӣ амсоли судӣ мебошанд ва ё ҳамчун санади меъёрии мустақиланд, баҳсу мунозира барпо мегардад. Бинобар ин муҳиммият, зарурат ба миён меояд, ки масъалаи мазкур мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шавад. Дар мақолаи мазкур баъзе аз паҳлуҳои норавшани масоили

дар боло зикргардида мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шуда, хулосаҳои амиқ ва пешниҳодҳои илман асоснок манзур карда мешавад.

**Калидвожа:** Суд, Конститутсия, санад, давлат, принсип, назорат, давлати ҳуқуқбунёд, сарчашмаи ҳуқуқ, моддӣ, расмӣ, меъёр, ҳуқуқ.

## ДИСКУССИИ ПО ВОПРОСУ О ПОЛОЖЕНИИ АКТОВ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СИСТЕМЕ ИСТОЧНИКОВ ПРАВА

**Рахмон Далер Сафарбек,**
доцент кафедры конституционного права юридического факультета ТНУ, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 918678565
**E-mail:** daler.safarbekovich@gmail.com

**Рецензент:** Диноршох А.М., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Конституционный суд занимает устойчивое положение в правовом государстве, а его акты свидетельствуют о реализации принципов правового государства. Потому что, по мнению большинства исследователей, наличие надзора конституционного суда считается одним из признаков правового государства. Итак, отсюда видно, что Конституционный суд и его акты имеют в таком государстве устойчивый статус и играют значительную роль в реализации целей государства. Ввиду ее важности необходимо сделать этот вопрос предметом научного исследования. Также среди ученых существуют разные мнения относительно позиции актов Конституционного Суда. Одни из них признают их источником права, другие воздерживаются от такого мнения. Одной из основных причин возникновения споров о том, считаются акты Конституционного Суда источником права или нет и определяющими их статус в этой системе, является тот факт, что большинство постсоветских государств, в том числе и Республика Таджикистан, являются частью романо-германской правовой семьи. Согласно общепризнанной доктрине теории права в романо-германской правовой системе судебные акты не могут быть признаны источниками права при регулировании правоотношений. В этой правовой системе источником права признаются только нормативные правовые акты. Поэтому возникает дискуссия о том, являются ли акты Конституционного Суда аналогией суда или являются самостоятельным нормативным актом. В данной статье некоторые неясные аспекты вышеперечисленных вопросов подлежат научному анализу, представлены глубокие выводы и научные предложения.

**Ключевое слово**. Суд, Конституция, акт, государство, принцип, контроль, норма права, источник права, материал, должностное лицо, норма, право.

# DISCUSSIONS ON THE STATUS OF ACTS OF THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE SYSTEM OF SOURCES OF LAW

**Rahmon Daler Safarbek,**
associate Professor of the Department of Constitutional Law of the Faculty of Law of TNU, candidate of law
**Phone.:** (+992) 918678565
**E-mail:** daler.safarbekovich@gmail.com

**Reviewer**: Dinorshoh A.M., Doctor of Law, Professor

**Annotation**: The Constitutional Court occupies a stable position in the rule of law, and its acts testify to the implementation of the principles of the rule of law. Because, according to most researchers, the presence of supervision of the constitutional court is considered one of the signs of a rule of law state. So, this shows that the Constitutional Court and its acts have a stable status in such a state and play a significant role in realizing the goals of the state. In view of its importance, it is necessary to make this issue the subject of scientific research. In this article, some unclear aspects of the above issues are subject to scientific analysis, deep conclusions and scientific proposals are presented.
**Keyword**: Court, Constitution, act, state, principle, control, rule of law, source of law, material, official, standard, law.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ марбут ба донистани санадҳои Суди конститутсионӣ ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқ ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми ин сарчашмаҳо баҳснок ба шумор меравад. Сабаби чунин баҳсҳо мавҷуд набудани ақидаи ягона оид ба мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ва муносибату назарҳои мухталиф нисбат ба хусусиятҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии қабули санадҳои Суди конститутсионӣ мебошад.

Бинобар ин, пеш аз ҳама, мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро мавриди назар қарор додан зарур аст. Иброз бояд намуд, ки дар адабиёти муосири илми ҳуқуқшиносӣ ду нуқтаи назари асосӣ дар масъалаи муайян намудани ин мафҳум ташаккул ёфтаанд: моддӣ ва расмӣ.

С.В. Бошно мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба маънои моддӣ ҳамчун «ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои инъикоси комилан мувофиқи муносибатҳои ҳуқуқии дар ҳуқуқи мусбат, ё ирода (манфиат)-и кӣ ва чӣ гуна дар дастурҳои меъёрӣ дарҷ меёбад»[163]-ро шарҳ додааст. Қисми зиёди олимон мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба маънои расмӣ

[163] Бошно С.В. Соотношение понятий источник и форма права // Юрист. – №10. 2001. – С.18

ҳамчун шакли берунаи ифодаи ҳуқуқ, ки ба он хусусияти меъёри расмии ҳуқуқӣ медиҳад, мефаҳманд[164].

С.Л. Зивс масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, дар навбати худ қайд менамояд, ки «вақте сухан дар бораи сарчашмаҳои ҳуқуқ аз лиҳози материалӣ меравад, шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии рушди ҷамъият дар назар дошта мешаванд»[165]. Вақте сухан дар бораи сарчашмаи ҳуқуқ аз нуқтаи назари расмӣ меравад, пас «зери мафҳуми он «шакли таҷассумкунонии меъёрҳои ҳуқуқӣ» фаҳмида мешавад»[166].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҳамчунин назарҳои боз ҳам фарохтар оид ба мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» вомехӯранд. Ҳамин тавр, М.Н. Марченко қайд менамояд, ки категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро аз ду ҷанба метавон шарҳ дод: расмӣ-ҳуқуқӣ ва файласуфӣ[167]. Дар мавриди нуқтаи назари расмӣ-ҳуқуқӣ (махсус-юридикӣ) сарчашмаҳои ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари шаклҳои дохиливу берунии ифодаи ҳуқуқ зери таҳқиқ қарор дода мешаванд. Ҷанбаи файласуфӣ бошад, таҳқиқи сарчашмаҳои ҳуқуқро дар асоси ғояву ақидаҳои файласуфӣ, ки бар онҳо бунёд ёфтааст, дар назар дорад. Ҳамин тариқ, олимон маъмулан манбаи воқеии (материалӣ, маънавӣ ва ғ.) ҳуқуқро ба сарчашмаи расмӣ интиқол медиҳанд, ё ин ки сарчашмаҳои воқеии ҳуқуқро аз диди назариявӣ ва сарчашмаҳои расмӣ-юридикиро – аз лиҳози амалӣ мавриди назар қарор медиҳанд.

Як қатор муаллифон мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқро» ба се маъно таҳқиқ карда – ба моддӣ ва расмӣ, ҳамчунин ҷанбаи мафкуравӣ[168] ё идеалӣ (маҷмӯи ақидаҳои ҳуқуқӣ) ҳамроҳ менамоянд[169]. Чунин шарҳи мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» масъалаҳои бо таълимоту доктрина ва ақидаҳои ҳуқуқии дар ҷамъият ташаккулёфта вобастаро, дар бар мегирад.

Дар адабиёти ватанӣ низ ин нуқтаи назар тасдиқи худро ёфтааст. Вобаста ба ин масъала, Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро аз се лиҳоз донистан зарур аст – материалӣ, файласуфӣ-мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ. Зери маънои якум мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ», ҳамчун шароити зиндагӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ), ки барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ мусоидат мекунад, дониста мешавад. Таҳти мазмуни дуюм мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ сарчашмаҳои ғоявиеро, ки ба доктринаҳои файласуфӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфтаанд, дар бар мегирад. Ба мазмуни сеюм бошад, «сарчашмаи ҳуқуқ» ҳамчун шакли ҳуқуқ фаҳмида мешавад, яъне сухан дар бораи сарчашмаи расмӣ (ғайримоддӣ) меравад[170].

---

[164] Александров Н.Г. Понятие источника права // ВИЮН. Ученые труды. 1946. Вып. 8. – С.47.

[165] Зивс С.Л. Источники права. – М., 1981. – С.58-60.

[166] Ҳамон ҷо. – С.58-60

[167] Марченко М.Н. Источники права. М.,- 2005. – С.50-52

[168] Баранов В.М. Формы (источники) права // Общая теория права / Под ред В.К. Бабаев. – Нижний Новгород, 1993. – С.249.; Комаров С.А., Малько А.В. Теория государства и права. – М., 2004. – С.312., Теория государства и права/Отв. Ред. А.В. Малько. – М., 2006. – С.159 и др.

[169] Российская юридическая энциклопедия. – М., 1999. – С.404.

[170] Сотиволдиев Р.Ш. Назария давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои макотиби олӣ. – Душанбе, 2009. – С.319.

Дар навбати худ Н.Л. Гранат пешниҳод менамояд, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ба ду мазмун шарҳ дода шавад. Ба маънии васеъ зери мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» «…сабаб ва қонуниятҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ё генезиси ҳуқуқ» дониста мешавад»[171]. Ба маънии маҳдуд бошад «ин воситаи мавҷудият ва устуворгардонии меъёрҳои ҳуқуқ ё сарчашмае мебошад, ки аз он ҳуқуқшинос ё субъекти дигари ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқиро ба даст меорад»[172].

Нуқтаҳои назари пешниҳодшударо омӯхта, мо ба чунин хулосаҳо омадем: мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» падидаи мураккабу бисёрҷанба мебошад. Мо бо нуқтаи назари муаллифоне, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро ба маъниҳои васеъ ва маҳдуд пешниҳод менамоянд, розӣ мебошем. Ба маънии васеъ мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ ҷанбаҳои материалӣ ва файласуфӣ-мафкуравии шаклгирии ҳуқуқро дар бар мегирад. Яъне, вақте сухан дар бораи сарчашмаи ҳуқуқ ба маънии васеъ меравад, мазмуни он ҷанбаҳои таърихии таҳаввулоти меъёр ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, инчунин шароит ва пешомадҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии пайдоиш ва рушди онро дар бар мегирад.

Дар асоси чунин муносибат олимони ватанӣ Эъломияи Куруши Кабирро ба сарчашмаи ташаккули ғояҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар тамаддуни шарқӣ ворид намуда, бо ин нуқтаи назари худро оид ба решаҳои шарқӣ доштани пайдоиши ҳуқуқи инсон собит менамоянд[173].

Ба маънои маҳдуд мафҳуми "сарчашмаи ҳуқуқ" ҳамчун шакли муосири устуворгардонӣ ва ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, истилоҳи мазкур санадҳои мухталифи аз ҷониби мақомоти давлатӣ муқарраршуда ё санксияшударо ифода мекунад, ки дар давлат барои танзими муносибатҳои мухталифи ҳуқуқӣ истифода мешаванд, яъне сарчашмаҳои ҳуқуқ ба маънои юридикӣ.

Бояд қайд намуд, ки оид ба ин масъала низ миёни олимон оид ба мафҳум ва мазмуни сарчашмаи ҳуқуқ нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Баҳсҳои асосӣ оид ба масъалаи таносуби мафҳумҳои «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ» сурат мегиранд.

Гуруҳи якуми олимон ин мафҳумҳоро айният медиҳанд, яъне манбаъҳои қонунро ба маънои расмӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида, онҳоро шаклҳои ифодаи ҳуқуқ меноманд.[174] Чунончи Р.Ш. Шарофзода қайд менамояд: «Сарчашмаи ҳуқуқ на ҳамчун шарти пайдоиши ҳуқуқ ва на асоси мафкуравии ҳуқуқ, балки ба ҳайси шакли ифодаи зоҳирии ҳуқуқ тафсир мешавад, аз ин лиҳоз, маъмулан мафҳуми шакл ва сарчашмаи ҳуқуқ якҷо истифода мешаванд»[175].

Гурӯҳи дуюми олимон ин мафҳумҳоро фарқ менамояд. Чунончи Н.В. Силченко мафҳумҳои «сарчашмаи меъёрҳои ҳуқуқ», «шакли ҳуқуқ» ва

---

[171] Гранат Н.Л. Источники права // Юрист. – 1998. – №9. – С.6.
[172] Ҳамон ҷо. – С.6.
[173] Ниг.: Диноршоев А.М. Ҳуқуқҳои инсон дар таърихи афкори ҷамъиятӣ.
[174] Теория государства и права / Отв. ред. А.В. Малько. – М., 1997. – С159.
[175] Сотиволдиев Р.Ш. Назария давлат ва ҳуқуқ. – С. 320.

«сарчашмаи ҳуқуқ»-ро махсус қайд менамояд. Зери мафҳуми «сарчашмаи меъёрҳои ҳуқуқ» «шаклҳои зоҳирии ифода ва устуворгардонии» ҳуқуқ, инчунин манбае, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқи амалкунанда расман устувор гардидаанд, фаҳмида мешаванд. Шаклҳои ҳуқуқро барои ишора намудани маҷмӯи ақидаҳо ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки «дар онҳо ҳуқуқи амалкунанда арзи вуҷуд дорад ва зоҳир мегардад» истифода мешаванд. Ба сарчашмаҳои ҳуқуқ бошад, «тамоми омилҳои ҳуқуқэҷодкунанда, инчунин, ҷараёнҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва идеологие, ки пештар ва дар айни замон ба ташаккулёбии ҳуқуқ таъсир мерасонанд», тааллуқ доранд[176].

Дар ин маврид, ба мо мавқеи гуруҳи якуми олимон, ки мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» ва «шакли ҳуқуқ»-ро ба маънии расмӣ-ҳуқуқӣ шабоҳат медиҳанд, наздиктар мебошад. Аз ин лиҳоз мо бо олимони ватанӣ (Р.Ш. Шарофзода ва И.И. Камолов) дар мавриди он ки дигар тобишҳои маъноии мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ», аз ҷумла, фалсафӣ, мафкуравӣ, моддӣ ва ғайра аҳамият надоранд, розӣ ҳастем. Сарчашмаҳои ғайриҳуқуқӣ (маънавӣ, моддӣ ва ғ.) ба ин маъно шаклҳои зуҳуроти ҳуқуқ ҳисобида намешаванд.

Ин мавқеъ, дар таърифи пешниҳодкардаи А.С. Пиголкин ва Ю.А. Дмитриева ба таври возеҳ инъикос ёфтааст, ки дар он «сарчашмаи ҳуқуқ» ҳамчун ҳуҷҷатҳои расмии амалкунандаи давлат, ки меъёрҳои ҳуқуқ, шаклҳои берунии ифодаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатро, ки бо ёрии онҳо иродаи қонунгузор ҳатмӣ мебошад, муқаррар ё санксия мекунанд»[177].

Ба назари мо мафҳуми «қонунгузор» бояд ба маънии васеъ шарҳ дода шавад ва дар худ на танҳо мақомоти давлатии қонунгузорро, балки мақомоти иҷроия ва судиро низ таҷассум намояд (аз ҷумла, Суди конститутсиониро). Чунончи Н.С. Бондар қайд менамояд: «чунин муносибат бо эътирофи вазифаҳои меъёрэҷодкунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимият, аз ҷумла, қонунгузории вогузоршуда тасдиқи худро меёбад»[178]. Дар ин замина, шарҳи мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқ, ки аз ҷониби В.В. Лазарев дода шудааст, қобили таваҷҷуҳ аст: сарчашмаи ҳуқуқ – чизест, ки барои асоснок намудани қарори кори ҳуқуқӣ истифода мешавад (барои истифода пешбинӣ шудааст)[179].

Аз ин сабаб, як қатор олимон пешниҳод менамоянд, ки муайян намудани мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» бо чанде аз аломатҳо пурра карда шавад. Аз ҷумла, З.М. Хаткова пешниҳод менамояд, ки ба ҳайси яке аз чунин аломатҳои сарчашмаи ҳуқуқ меъёри ҳуқуқтатбиқкунӣ дохил карда шавад. Вай инчунин ишора менамояд, ки "сарчашмаҳои ҳуқуқ дар баробари меъёрӣ ва ҳатмӣ буданашон, ҳамчунин дорои дигар сифати

---

[176] Сильченко И.В. Источники права Республики Беларусь // Правотворчество и технико-юридические проблемы формирования системы российского законодательства в условиях глобализации. – С. 171.

[177] Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – М., 2008. – С.407.

[178] Бондарь Н.С. Акты конституционного правосудия как источники права: их нормативно-доктринальная природа // Национальная государственность и европейские интеграционные процессы. – Минск: Изд. Центр БГУ, 2008. – С. 14-27.

[179] Лазарев В.В. Лоббирование правотворческих решений // Юридическая техника. – 2004.- №8.-С. 216

муҳим мебошанд, яъне ворид намудани тағйирот ба низоми амалкунандаи ҳуқуқӣ бо муқаддимаи он (тариқи муқаррар намудан, тағйир додан ва бекор кардани меъёрҳои амалкунанда)”[180].

Мавқеъҳои пешниҳодгардидаро мо ба дараҷаи кофӣ асоснокшуда меҳисобем. Воқеан, дар марҳилаи муосир дар қисми зиёди давлатҳо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти иҷроия ва судӣ бештар аҳамият пайдо карда истодааст. Чунин тамоюл ба принсипи таҷзияи ҳокимият, ки ба он як зумра олимон ишора менамоянд, ба пуррагӣ ҷавобгӯ намебошад. Вале ба назари мо ҳамагуна консепсия бояд вобаста ба вақту шароит тағйир ёбад. Дар ин маврид, принсипи таҷзияи ҳокимият низ истисно шуда наметавонад. Дар асри XXI муносибатҳои ҷамъиятӣ сатҳи баландро касб намуданд, ниёзҳои нави одамон шакл гирифта истодаанд, ки ин ҳама устуворгардонии ҳуқуқиро тақозо менамояд. Ҳокимияти қонунбарор ба ҳайси мақоми ҳуқуқэҷодкунанда дар айни ҳол наметавонад мустақилона ин масъалаҳоро ҳаллу фасл намояд, аз ин рӯ, беш аз пеш мақомоти иҷроия ва судии давлатҳои ҷаҳон санадҳои ҳуқуқэҷодкунанда қабул карда истодаанд, ки баъдан онҳо аз ҷониби мақомоти қонунгузор ба санадҳои қонунгузорӣ табдил дода мешаванд. Ба таври возеҳ ин дар мисоли эътироф намудани ҳуқуқҳои нави инсон (ҳуқуқи ҷисмонӣ, ҳуқуқи трансгендерҳо ва оилаҳои ҳамҷинсҳо) дида мешавад. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ бояд санадҳои мақомоти судӣ, хусусан Суди конститутсионӣ дохил карда шаванд.

Мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро муайян карда, бояд муқаррар намоем, ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд ё не? Агар, ҳа, пас онҳо кадом мақомро ишғол менамоянд?

Оид ба масъалаи мазкур дар мавриди он ки муайян намудани таносуб байни сарчашмаҳои ҳуқуқ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, бояд бо нуқтаи назари В.В.Захаров розӣ шуд. Дар ҳолатҳое, ки сухан дар бораи қарорҳои Суди конститутсионӣ меравад, набудани номуайянӣ дар дарк намудани ҷавҳари ҳуқуқии онҳо ба шаъну шарафи мақомоти адолати конститутсионӣ ва дар маҷмӯъ ба раванди татбиқи ҳуқуқ ба таври манфӣ таъсир мерасонад[181].

Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани баҳсҳо оид ба он ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳисоб мераванд ё не ва муайян намудани мақоми онҳо дар низоми мазкур он аст, ки аксарияти давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ дохиланд. Аз рӯи доктринаи дар назарияи ҳуқуқ умумиэътирофгардида дар низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ санадҳои судӣ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ба ҳайси сарчашмаҳои ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ шинохта шаванд. Дар низоми ҳуқуқии мазкур ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ танҳо санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф карда

[180] Теория государства и права/ Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – М., 2008. –С. 407.
[181] Захаров В.В. Решения Конституционного суда РФ в системе источников российского права// Журнал российского права. - №11. – 2006. – С.25.

мешавад. Аз ин рӯ, оид ба он ки санадҳои Суди конститутсионӣ амсоли судӣ мебошанд ва ё ҳамчун санади меъёрии мустақиланд, баҳсу мунозира барпо мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ (шуравӣ) чунин баҳс дар миёни солҳои 60-уми асри XX ба вуқуъ пайваста буданд ва одатан қарорҳои Суди Олиро дар бар мегирифтанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба он зоҳир мегардид, ки Суди Олӣ тавассути қарорҳои худ таҷрибаи судӣ ва омори судиро меомӯзад, ҷамъбаст ва таҳлил менамояд. Аз ҷониби Суди Олӣ эзоҳи роҳбарикунанда оид ба масъалаҳои истифодабарии қонунгузорӣ, ки дар ҷараёни баррасии кори судӣ ба вуқӯъ мепайванданд, дода мешавад. Ҳамчунин ишора карда мешуд, ки чунин қарорҳои Пленум барои иҷро аз ҷониби судҳои поёнии дар ҳудуди кишвар қарордошта ҳатмӣ мебошанд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешуд, ки чунин фаъолияти Суди Олӣ ҳамчун фаъолияти фаҳмондадиҳии ҳуқуқӣ ҳисоб карда шавад ва қарорҳои он бошад ба ҳайси сарчашмаи мустақили ҳуқуқ, яъне амсоли судӣ эътироф гарданд.

Мавқеи мазкур дар солҳои навадуми асри гузашта дастгирии васеъ пайдо намуд. Дар кишварҳои пасошуравӣ мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ ташкил гардиданд ва худи давлатҳо бошанд иштирокчии шартнома ва аҳдномаҳои гуногуни байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон гаштанд, ки дар доираи онҳо имконияти мурофиати шаҳрвандон ба инстантсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон пешбинӣ шуда буд. Дар натиҷа ин ба тавсеаи доира ва соҳаи истифодаи таҷрибаи судӣ ва тағйири муносибат ба он аз ҷониби олимон оварда расонид. Ин боис гардид, ки дар муайян намудани нақш ва мақоми санадҳои Суди конститутсионӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ ду муносибат ташаккул ёбад:

1) ҳамчун амсоли судӣ;
2) ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ.

Ҷонибдорони нуқтаи назари аввал ба он ишора менамоянд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ на танҳо хусусияти тавзеҳӣ доранд, балки меъёрҳои нави ҳуқуқиро муқаррар менамоянд. Ҳамин тавр, ба ақидаи С.А. Авакян аз ҷониби ҳокимияти муосири судии Россия, пеш аз ҳама, Суди конститутсионӣ, амалан функсияи ҳуқуқэҷодкунанда амалӣ карда мешавад.[182] В.Д. Зоркин низ чунин ақидаро дунбола карда, ишора менамояд, ки дар ҳоли ҳозир раванди тағйироти нақши ҳокимияти судӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба назар мерасад[183].

Оид ба он ки дар доктринаи ҳуқуқӣ тасаввурот оид ба амсоли судӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ тағйир меёбад, инчунин М.Н. Марченко ишора менамояд. Ба ақидаи ӯ, эътирофи расмии таҷрибаи судӣ ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқ бештар масъалаи амалӣ мебошад, чунки дар низомҳои миллии ҳуқуқӣ хусусиятҳои хос дар ҳуқуқэҷодкунии судӣ вуҷуд доранд. Аз ин лиҳоз якҷо намудани мафҳуми «амсоли судӣ» ба маънои классикӣ, ки

---

[182] Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. – М., 2000. – С. 206-209.
[183] Зорькин В.Д. Современный мир, право и Конституция. – М., 2010. – С.161.; Он же. Конституционно-правовое развитие России. – М., 2011. – С. 335.

дар низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ истифода мешавад, нодуруст буда ва ин бо таҷрибаи истифодаи амсол дар давлатҳои ҷаҳон тасдиқи худро ёфтааст[184].

Дар адабиёт дар бораи ҳуқуқи конститутсионӣ оид ба ин масъала пешниҳоди куллан нав ба назар мерасанд. Аз ҷумла, Н.А. Вересова пешниҳод менамояд, ки қарорҳои Суди конститутсионӣ ҳамчун амсоли конститутсионӣ таъйин карда шаванд, ки дар онҳо «қарорҳои судии бо тартиби истеҳсолоти судии конститутсионӣ қабулкардаи мақомоти махсуси назорати конститутсионӣ, бо мавҷудияти чунин аломатҳое, ба монанди уҳдадории умумӣ, ниҳоӣ, эътибори фаврӣ ва тоқатнопазирӣ, ки қисми таркибии он дорои аҳамияти меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба шумор меравaнд, аз тафсири санади конститутсионӣ иборат бошанд»[185].

Дар байни олимони ватанӣ ҷонибдорони тааллуқ доштани санадҳои Суди конститутсионӣ ба амсоли судӣ низ вомехӯранд. Аз ҷумла, ин мавқеъро С.Б. Мирзоев ҷонибдорӣ карда, дар асоси таҳлили фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае омадааст, ки қарорҳои ин мақомоти судӣ хусусияти амсолӣ доранд. Хулосаи худро вай бо он асоснок менамояд, ки қарорҳои Суди конститутсионии ҶТ барои тамоми мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиқкунанда барои иҷро ҳатмӣ мебошанд ва ҳамин мазмун санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро низ фаро мегиранд[186].

Ҷонибдорони нуқтаи назари дуввум санадҳои Суди конститутсиониро ба ҳайси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ медонанд. Мавқеи худро онҳо бо он асоснок менамоянд, ки санадҳои Суди конститутсионӣ аз тамоми сифат ва хусусиятҳои, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доранд, бархӯрдор мебошанд. Якум, ин ки санадҳои Суди конститутсионӣ на танҳо ба муқаррар кардан, балки ба тағйир додан ва бекор кардани меъёри ҳуқуқ ва ё тағйир додани доираи амали онҳо нигаронида шудаанд. Дуюм, санадҳои Суди конститутсионӣ хусусияти умумӣ доранд, чунки барои истифодаи муқаррарӣ ё чандинбора ба назар гирифта шудаанд ва нисбат ба доираи номуайяни субъектҳо амалӣ мешаванд ва умумиҳатмӣ мебошанд[187].

А.В. Кузменко дар ин маврид зери мафҳуми санадҳои тафсири судӣ «…навъи махсуси санадҳои давлатиро» мефаҳмад[188].

Дар байни олимони ватанӣ ҷонибдорони мавқеи мазкур низ ҳастанд. Аз ҷумла, К.Н. Холиқов қайд менамояд, ки санадҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, чунки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқии муқарраркунанда,

[184] Марченко М.Н. Источники права. – С. 385.
[185] Вересова Н.А. Конституционный прецедент в странах романо-германской группы права // Власть. – 2006. – №11. – С.79.
[186] Мирзоев С.Б. Ташаккул ва рушди назорат ва санҷиши конститутсионӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва умуминазариявӣ. – С.168
[187] Лазарев Л.В. Правовые позиции Конституционного Суда России. – М.: Городец, 2003. – С.56.
[188] Кузьменко А.В. Акты высших судебных органов в системе источников трудового права // Известия вузов. Правоведение. – 2012. – №2. – С. 247.

тағйирдиҳанда ва бекоркунанда вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, вай ба хулосае меояд, ки санадҳое, ки тартиби истеҳсолоти судии конститутсиониро муайян мекунанд, қарорҳое, ки дар онҳо ба меъёрҳои конститутсия ҷавобгӯ будани санадҳои ҳуқуқӣ ва масъалаҳои шарҳи меъёрҳои конститутсия муайян мегарданд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, ба ҳайси сарчашмаи ҳуқуқи конститутсионӣ шинохта мешаванд[189].

М. А. Маҳмудзода қайд менамояд, ки бо назардошти аҳамияти қарорҳои мақомоти назорати конститутсионӣ дар рушди низоми ҳуқуқӣ ва нақши он дар таъмин намудани қонунияти конститутсионӣ дар кишвар бояд эътироф кард, ки санадҳои Суди конститутсионӣ сарчашмаи нави ҳуқуқ буда, ба воситаи онҳо Суди конститутсионӣ вазифаи ҳуқуқтанзимкунандаро (ҳуқуқислоҳкунандаро) оид ба меъёрэҷодкунии ҳокимияти умумӣ, ки ба таъмин намудани волоияти Конститутсия равона гардидааст, иҷро менамоянд[190].

Дар асоси таҳқиқи нуқтаҳои назари пешниҳодшуда мо ба хулосаҳои зерин омадем: санадҳои Суди конститутсионӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ, аз ҷумла, ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон бо ин ба ақидаи мо онҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ба ҳайси санади меъёрии ҳуқуқӣ эътироф мешаванд. Мо бо мавқеи муаллифоне, ки қарорҳои Суди конститутсиониро ба амсоли судӣ тааллуқ намедонанд, ҳамфикрем ва ҷонибдори нуқтаи назар оид ба ҷудо намудани санадҳои Суди конститутсионӣ аз санадҳои судӣ доираи умумии ҳуқуқ ва арбитражӣ (иқтисодӣ), ки маҳз амсоли судӣ ҳисоб мешаванд, мебошем.

Пас аз муқаррар кардани он ки қарорҳои Суди конститутсионӣ дар шакли санади меъёрӣ сарчашмаи ҳуқуқ мебошанд, зарурияти муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар иерархияи сарчашмаҳои ҳуқуқ ва ҳуқуқи конститутсионӣ пеш меояд.

**Адабиёт:**


1. Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. – М., 2000. – С. 206-209.
2. Александров Н.Г. Понятие источника права // ВИЮН. Ученые труды. 1946. Вып. 8. – С. 47-54.
3. Баранов В.М. Формы (источники) права // Общая теория права / Под ред В.К. Бабаев. – Нижний Новгород, 1993. – С. 249-253.
4. Бондарь Н.С. Акты конституционного правосудия как источники права: их нормативно-доктринальная природа // Национальная государственность и европейские интеграционные процессы. – Минск: Изд. Центр БГУ, 2008. – С. 14-27.


---

[189] Холиқов К.Н. Суди конститутсионӣ ва истеҳсолоти конститутсионӣ дар Тоҷикистон. – С.129.

[190] Махмудзода М.А. Роль и значение решении Конституционного суда Республики Таджикистан в преодолении законодательных проблеов и правовой неопределенности/ Правовоая полтика и демократическое государство (Сборник статьей и выступлений). (на тадж. яз). – Душанбе, 2017 – С.26 Маҳмудзода М.А. Нақш ва аҳамияти қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафъи мушкилоти қонунгузорӣ ва номуайянии ҳуқуқӣ /Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (Маҷмуаи мақолаҳо ва суханрониҳо). (бо заб.тоҷикӣ). – Душанбе, 2017 – С.26

5. Бошно С.В. Соотношение понятий источник и форма права // Юрист. - №10. 2001. – С.18-22
6. Вересова Н.А. Конституционный прецедент в странах романо-германской группы права // Власть. – 2006. - №11. – С.77-79.
7. Гранат Н.Л. Источники права // Юрист. -1998. - №9. – С.6-11.
8. Захаров В.В. Решения Конституционного суда РФ в системе источников российского права// Журнал российского права. - №11. – 2006. – С.25-31
9. Зивс С.Л. Источники права. Монография – М., 1981. – 241 с.
10. Зорькин В.Д. Современный мир, право и Конституция. – М., 2010. – 545 с.
11. Комаров С.А., Малько А.В. Теория государства и права. – М., 2004. – 528 с.
12. Кузьменко А.В. Акты высших судебных органов в системе источников трудового права// Известия вузов. Правоведение. – 2012. - №2. – С. 247-252
13. Лазарев В.В. Лоббирование правотворческих решений// Юридическая техника. – 2004.- №8.- С. 216-223
14. Лазарев Л.В. Правовые позиции Конституционного Суда России. – М.: Городец, 2003. – 129 с.
15. Марченко М.Н. Источники права. М.- 2005. – 760 с.
16. Махмудзода М.А. Роль и значение решении Конституционного суда Республики Таджикистан в преодолении законодательных проблеов и правовой неопределенности/ Правовоая полтика и демократическое государство (Сборник статьей и выступлений). (на тадж. яз). – Душанбе, 2017 – С.26 -29
17. Маҳмудзода М.А. Нақш ва аҳамияти қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафъи мушкилоти қонунгузорӣ ва номуайянии ҳуқуқӣ /Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ (Маҷмуаи мақолаҳо ва суханрониҳо). (бо заб.тоҷикӣ). – Душанбе, 2017 – С.26-31
18. Мирзоев С.Б. Ташаккул ва рушди назорат ва санҷиши конститутсионӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва умуминазариявӣ. – С.168-173
19. Российская юридическая энциклопедия. – М., 1999. – 1110 с.
20. Сильченко И.В. Источники права Республики Беларусь// Правотворчество и технико-юридические проблемы формирования системы российского законодательства в условиях глобализации. – С. 171-175
21. Сотиволдиев Р.Ш. Назария давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои макотиби олӣ. - Душанбе, 2009. – 480 с.
22. Теория государства и права/Отв. Ред. А.В. Малько. – М., 2006. – 512 с.
23. Теория государства и права/Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. – М., 2008. – 516 с.

# НИЗОМИ КАФОЛАТИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚ БА МУСОФИРАТ ВА ИНТИХОБИ ОЗОДИ МАҲАЛЛИ ЗИСТ

**Ҳалимзода Карим Ҳалим,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Диноршоҳ А.М., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ухдадорӣ гирифтааст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз намояд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Онҳо ба ҳар кас барои амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо ва иҷрои вазифаҳои асосӣ кафолат медиҳанд.

Шарти зарурии ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ба вуҷуд овардани низоми возеҳи кафолатҳои ҳуқуқҳои шахсии шаҳрвандон мебошад. Дар айни замон чунин низом амалан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки механизми таъмини ҳуқуқии баррасишаванда бо таваҷҷӯҳи махсус ба ҳамкории зичи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар механизми таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба озодии мусофират, интихоби ҷои истикомат мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, такмил дода шавад.

Кафолатҳои ҳуқуқи инсон яке аз унсурҳои мақоми ҳуқуқии шахс мебошанд. Аммо ин категория дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Муайян намудани моҳият ва мураттабсозии мазмуни ин категория, инчунин таснифи намудҳои кафолатҳои ҳуқуқи инсон муҳим аст, зеро дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ таснифоти ягона таҳия нашудааст.

**Калидвожаҳо:** давлати ҳуқуқӣ, низоми кафолатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон, механизми таъмини ҳуқуқӣ, ҳамкории амалӣ, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти корҳои дохилӣ, кафолат, озодии мусофират, интихоби маҳалли зист.

# СИСТЕМА КОНСТИТУЦИОННОЙ ГАРАНТИИ ПРАВА НА ПЕРЕДВИЖЕНИЕ И СВОБОДНЫЙ ВЫБОР МЕСТА ПРОЖИВАНИЯ

**Халимзода Карим Халим,**
**с**оискатель кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Научный руководитель:** Диноршох А.М., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Анатация:** В соответствии с Конституцией Республики Таджикистан государство обязано признать, соблюдать и защищать права и свободы человека и гражданина. Права и свободы человека и гражданина охраняются Конституцией, законами республики и международными правовыми актами, признанными Таджикистаном. Они гарантируют каждому право на свободу и личную неприкосновенность.

Необходимым условием формирования правового государства является создание четкой системы гарантий личных прав граждан. В настоящее время такая система практически налажена в Республике Таджикистан. Однако необходимо рассмотреть механизм правового обеспечения с особым акцентом на тесное сотрудничество Миграционной службы Министерства труда, миграции и занятости населения РТ с правоохранительными органами, в механизме обеспечения права на свободу движения занимают, чтобы быть улучшены.

Гарантии прав человека – один из элементов правового статуса личности. Однако эта категория в науке конституционного права исследована недостаточно. Актуальным является выявление сущности и формулировки содержания данной категории, а также классификация видов гарантии прав человека, поскольку единой классификации в науке конституционного права до сих пор не выработано.

**Ключевые слова:** Правовое государство, система гарантий прав граждан, механизм правового обеспечения, практическое взаимодействие, Миграционной службы Министерства труда, миграции и занятости населения РТ, органы внутренних дел, гарантия, свобода передвижения, выбор места жительства.

# THE SYSTEM OF CONSTITUTIONAL GUARANTEE OF THE RIGHT TO TRAVEL AND FREE CHOICE OF RESIDENCE

**Halimzoda Karim Halim,**
applicant of the Department of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone:** (+992) 907373744
**E-mail:** halimzoda94@mail.ru

**Research supervisor**: Dinorshoh A.M., Doctor of Law, Professor
**Reviever:** Sadizoda J.,Candidate of law, dosent

**Anotation:** In accordance with the Constitution of the Republic of Tajikistan, the state is obliged to recognize, observe and protect the rights and freedoms of man and citizen. The rights and freedoms of man and citizen are protected by the Constitution of the laws of the republic and international legal acts recognized by Tajikistan. They guarantee everyone the right to liberty and security of person.

A necessary condition for the formation of a state based on the rule of law is the creation of a clear system of guarantees of personal rights of citizens. At present, such a system is practically established in the Republic of Tajikistan. However, it is necessary to consider the mechanism of legal provision with special emphasis on close cooperation of the Migration Service of the Ministry of Labor, Migration and Employment of the Republic of Tajikistan with law enforcement agencies, in the mechanism of ensuring the right to freedom of movement occupy to be improved.

Guarantees of human rights are one of the elements of the legal status of an individual. However, this category in the science of constitutional law has not been studied enough. Relevant is the identification of the essence and formulation of the content of this category, as well as the classification of types of guarantees of human rights, since a unified classification in the science of constitutional law has not yet been developed.

**Keywords:** Legal state, system of guarantees of citizens' rights, mechanism of legal support, practical interaction, Migration Service of the Ministry of Labor, Migration and Employment of the Population of the Republic of Tajikistan, internal affairs bodies, guarantee, freedom locomotion, choice place residence.

Кафолат (аз калимаи фаронсавии garantie – таъмин кардан) – низоми восита ва имконоти ҳуқуқии тавассути қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқараргардида, ки ба таври дахлдор иҷро намудани вазифа (ҳуқуқу уҳдадорӣ) - ро муайян менамояд[191].

Таъмини ҳуқуқу озодиҳо бе кафолатҳои возеҳи ташкилию ҳуқуқӣ ғайриимкон аст. Ба вуҷуд овардани низоми мутобиқшудаи кафолатҳои

---

[191]Ниг.: Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ. / Зери таҳрири н.и.ҳ Имомов А.И. ва Диноршоев А.М. – Душанбе: 2013. – С.184.

ҳуқуқҳои шахсии шаҳрвандон шарти зарурии ташаккули волоияти қонун мебошад.

Кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд – ин восита ва шароитҳое ҳастанд, ки дар Конститутсия, санадҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ ва санадҳои дигари меъёрӣ муқаррар гардида, имконияти истифодаи ҳуқуқҳоро таъмин менамоянд[192].

Ба ақидаи А. Имомов кафолат додани ҳуқуқу озодӣ таъмини ҳуқуқдорӣ ва истифодаю ҳифзи онҳоро аз вайронкунандагон ифода мекунад. Давлат бо роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои иҷрои вазифаҳо ва муқаррар намудану татбиқи чораҳои маҷбурӣ нисбати шахсоне, ки аз иҷрои онҳо сар мепечанд, ба таъмини иҷрои онҳо кафолат медиҳад[193].

Ба ҳамин монанд М.В. Баглай чунин таъриф мекунад, ки кафолатҳо воситаҳои ҳуқуқие, ки ба амал баровардани ин ё он ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад. Ҳар як ҳуқуқ танҳо дар сурате амали карда мешавад, ки он ба уҳдадории касе оид ба таъмини он мувофиқат кунад. Кафолатҳо аслан уҳдадориҳо мебошанд, нисбат ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ ин уҳдадории давлат мебошад[194].

Дар зери кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳо С.А. Авакян шарт ва шароитҳои моддию ташкилӣ, маънавӣ ва ҳуқуқӣ, ки воқеияти татбиқи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, иҷрои уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини ҳифзи онҳо аз маҳдудияту таҷовузҳои ғайриқонунӣ, мефаҳмад[195].

Мафҳумҳои дар боло зикргардида асосан кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро бо шароиту воситаҳои ҳуқуқӣ, инчунин ҳифз ва ҳимояи ин ҳуқуқҳоро аз ҷониби давлат алоқаманд менамояд, яъне дар бораи кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳо тасаввуроти умумии назариявӣ медиҳад. Аммо худи кафолатнокии ҳама гуна ҳуқуқ бояд аз субъектҳои муайян амалӣ карда шаванд. Ба андешаи мо, бояд бештар ба субъектҳои амалигардонии ҳуқуқи муайян (дар мавриди мо ҳуқуқ ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист) бештар диққат дода шавад. Ҳамин тариқ, кафолатҳои ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ба мусофират ва озодона интихоб намудани маҳалли истиқомат бояд ҳамчун як низоми санадҳои ҳуқуқӣ, ки ба татбиқи воқеии ҳуқуқи мазкур мусоидат мекунанд, аз ҷониби давлат эътироф, ҳимоя ва ҳифз карда шаванд, инчунин аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ дуруст ба амал бароварда шаванд. Таҳлили чуқури ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон ба озодии мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист талаб менамояд, ки дар низоми кафолатҳо шароиту воситаҳои татбиқи он қатъиян фарқ карда шаванд. Амалия нишон медиҳад, ки дар айни замон чунин шароитҳои ҳуқуқие зарур аст, ки ҳуқуқи ҳар як фард ба мусофират ва интихоби озоди

[192] Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. – Душанбе: 2010. – С.119.

[193] Ниг.: А. Имомов Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 253.

[194] Ниг.: М.В. Баглай. Конституционное право Российской Федерации: учебник для вузов / Баглай М.В. — 6-ое изд., изм. и доп. — М.: Норма, 2007.

[195] Ниг.: Конституционное право: Энциклопедический словарь. / Отв. ред. С. А. Авакьян. – М.: Изд-во НОРМА, 2001.

маҳалли зист, ки дар Конститутсия сабт шудааст, ба амал бароварда шавад. Ин шартҳо ҳамон санадҳои меъёрии ҳуқуқие мебошанд, ки бо ёрии онҳо ҳуқуқи мазкур мавриди амал қарор дода мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми табрики ба муносибати 12-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа намудаанд, ки «Конститусия силсилаи муккамали ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро эълон намуда, кафолати амалишавии онҳоро муқаррар кардааст, ки ин ҳама дар маҷмуъ шароити заруриро барои инкишофи озодии инсон фароҳам меорад»[196].

Таҷассуми ҳуқуқ ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист дар моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат ва мақомотҳои онро барои таъмин ва ҳифзи он уҳдадор менамояд. Ин маънои онро дорад, ки давлат вазифадор аст, ки барои ҳар як шахс вобаста ба амалигардонии ҳуқуқҳои конститутсионии худ ба мусофират ва интихоб намудани маҳалли зист шароити мусоид фароҳам оварад ва дар сурати вайрон гардидани онҳо  ҳимоя ва барқарорсозии онҳоро самаранок таъмин намояд.

Кафолатнокии ҳуқуқ ба мусофират ва озодона интихоб намудани маҳалли зист, яъне фароҳам овардани шароити мусоид  барои татбиқ ва ҳифзи он аз ҷониби субъектҳои гуногун сурат мегирад. В.В.Путин ба маврид иброз намудааст, ки давлат дар татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқи озодии мусофират, интихоби маҳалли зист ва ҷои будубош нақши муҳим дорад[197]. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон  таъкид карда шудааст, ки давлат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд (қ.3, м.5), дар ҷои дигар давлат ҳамаро дар назди қонун ва суд баробар эътироф намуда, ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат додаст (моддаи 17).

Дар воқеъ, тамоми вазифаҳои дохилию берунии давлат бевосита  ё бавосита ба таҳким ва такмили кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳо нигаронида шудаанд. Тибқи Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳад (моддаи 67). Президент функсияи кафилро ҳам дар фаъолияти шахсии худ, инчунин бо ташаббуси қонунгузорӣ  ва ҳам бо баровардани фармонҳое, ки ба ҳифзу ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон нигаронида шудаанд, ба амал мебарорад.

Вазифаи татбиқи татбирҳо оид ба таъмини ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба озодии мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист дар доираи салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба роҳбари гирифта дар  асоси он  фаъолият менамояд. Дар асоси моддаи 19-и Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001, №28 ҳукумат доир ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон тадбирҳо меандешад, ин

---

[196] Эмомалӣ Раҳмон.  «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» Ҷилди ҳафтум. Суханрони ба муносибати 12-умин солгарди  қабули Конститутсияи Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 334.
[197] Ниг.: Прудников А.С., Эбзеев Б.С. Конституционное право России. – М.: Юнити-Дана, 2010.

тадбирҳоро пеш аз ҳама тавассути Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ амалӣ менамояд.

Бо қарорҳои худ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби татбиқи ҳуқуқи баррасӣ шударо муқаррар менамояд, масалан Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоидаҳои ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, будубош, баромадани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузаштани транзитии онҳо тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 марти соли 2020, №207 тасдиқ карда шудаанд.

Умеди калон вобаста ба таҳкими кафолатҳо ва таъмини ҳуқуқӣ ба институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мавриди назар аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо пешниҳоди Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон - Луиза Арбур, бо мақсади шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зумраи давлатҳои тадбирандеш дар самти ҳуқуқи инсон[198], инчунин бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфтааст, ки дар ин самт Президенти мамлакат соли 2007 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда буд, ки бо мақсади густариши минбаъдаи раванди демократикунонии ҷомеа, инчунин баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи инсон дар мамлакатамон вақти ҳалли масъалаи таъсис додани институти миллии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон расидааст. Ин сохтор ҳамчун яке аз институтҳои демократӣ бояд робита ва ҳамкории мақомоти давлатиро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ боз ҳам тақвият диҳад. Зарур аст, ки барои таъсиси чунин сохтор тадбирҳои ташкиливу ҳуқуқӣ андешида шаванд[199].

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мустақил буда ҳангоми амалӣ намудани ваколатҳои худ ба ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор ҳисоботдиҳанда намебошад, дар асоси Конститутсия ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» аз 20 марти соли 2008, №372 фаъолият намуда, вазафаи асосиаш риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд, такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он, ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Таҳлили амалияи таъсисёбии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, ки воқеан институти ҷомеаи демократӣ мебошад, онро нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои эълонгардидаи инсон ва шаҳрванд қадамҳои устувор гузошта истодааст. Ин амал обрӯ ва эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар миқёси байналмилалӣ ва

---

[198] Ниг.: Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон – Душанбе: 2010. – С. 135.

[199] Ниг.: Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2010. – Д., 2011.

мамлакатҳои мутараққии хориҷии дуру наздикро, ки ба масъалаи риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътибори ҷиддӣ медиҳанд, нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам беҳтар гардонид[200].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои беҳтарсозии вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар мамлакат саъю кӯшишҳои зиёд менамояд ва ҷонибдории худро ба иҷро намудани уҳдадориҳои байналмилалие, ки ба зиммаи худ гирифтааст, нишон медиҳад, мисоли равшани онро таъсис ёфтани мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ташкил медиҳад.

Таъмини амалӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс тавассути аксари вазифаҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи вазъи ҳуқуқии шахс сурат мегирад. Дар баробари ин кафолати ҳуқуқу озодиҳо самти пешбарии фаъолияти онҳо набуда, балки аз ҷониби онҳо асосан вобаста ба истифодаи ваколатҳои умумӣ-мансабӣ ва ваколатҳои маъмурӣ ба амал бароварда мешавад. Фаъолияти мақомотҳои алоҳидаи давалатӣ (шахсони мансабдор) бо таваҷҷуҳи бевоситаи худ ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, яъне бештар муайян намудани характери фаъолияти кафолатҳои ҳуқуқӣ, муайян намудани роҳҳои амалигардонии онҳо ва мустаҳкам намудани механизмҳои махсуси маҷбуркунӣ ба шумор меравад. Ба низоми чунин мақомот суд, прокуратура ва мақомоти ҳокимияти иҷроия дохил мешаванд, ки дар байни онҳо мақомоти корҳои дохилӣ ва Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд. Субъекти бевоситаи таъмини ҳуқуқ ба озодии мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мебошад. Вазорат бевосита ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат карда, сиёсати давлатиро дар соҳаи муҳоҷират амали намуда вазифаҳои ҳифзи ҳуқуқ, назорат ва расонидани хизматҳои давлатиро дар самти муҳоҷират амали менамояд.

Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ваколатҳои фарох ва мухталиф дода шудаанд, ки ба онҳо имкон медиҳанд вайронкуниҳои гуногуни ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, ки бо айби мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ба миён меоянд, зуд ва сари вақт бартараф карда шаванд.

Асоси танзими ҳуқуқии салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ талаботи бунёдии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамин тариқ тибқи Конститутсия ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрвандро ҳифз мекунад ва адолати судиро амалӣ менамояд (моддаи 84). Прокуратура дар ҳудуди Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар доираи ваколати худ татбиқ менамояд (моддаи 93). Предмети назорати прокурорӣ, ки дар моддаи 30 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, №107 риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Дар доираи ин низоми мақомоти корҳои дохилӣ миқдори зиёди корҳоро иҷро менамояд. Самти асосии фаъолияти милитсия, ки ба сохтори

[200] Ниг.: Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 248.

мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад, ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки фаъолияти мақомоти милитсия танҳо бо мубориза бурдан бар зидди ҷинояту ҷиноятқорӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон маҳдуд нагардида, ҳамчунин фаъолиятеро низ ба амал мебарорад, ки онҳо бо ҷинояту ҷиноятқорӣ алоқаманд набуда, барои ба расмият даровардани фактҳои муайяни ҳуқуқӣ, ҳолати шаҳрвандӣ, равона карда шудааст. Ба монанди ба расмият даровардан ва додани ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаи шаҳрвандӣ, дар суроғаи маҳалли зист ба қайд гирифтани шаҳрвандон, додани шиноснома ва монанди инҳо.[201]

Тибқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, №41 яке аз вазифаҳои милитсия додани шиносномаҳо, иҷозатномаҳои ворид шуданро ба минтақаҳои сарҳадӣ, шаҳрвандонро ба қайд гирад ва аз қайд барорад, аз тарафи шаҳрвандон ва шахсони мансабдор риоя шудани қоидаҳои низоми шиносномавиро назорат намояд. Пас аз ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон додани шиносномаҳои умумишаҳрвандӣ, хориҷӣ, аз ҷумла ба мақомоти андози маҳалли истиқомати шаҳрванд то санаи 15-уми моҳе, ки баъди семоҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба таври хаттӣ хабар диҳед; ба расмият даровардан ва додани ҳуҷҷатҳоро оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ, бақайдгирӣ ва додани иҷозатномаи иқоматро ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар доираи салоҳияташ таъмин намояд ва назорат кунад; назорати иҷрои қоидаҳои будубоши шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тариқи транзитӣ ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро убур намудаанд ва аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадани онҳо, масъалаҳои шаҳрвандӣ, инчунин додани вазъи ҳуқуқиро ба гурезагон ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, баррасӣ намояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан лозим аст, ки тамоми механизми давлат, ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд иштирок менамоянд.

Бесабаб нест, ки илми ҳуқуқшиносӣ зарурати таҳия ва татбиқи минбаъдаи консепсияи механизми универсалии (дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ) кафолати ҳуқуқу озодиҳоро, ки бояд ҳамаҷониба ҳамчун системаи механизми ягона муттаҳид ва худтанзимкунанда бошад.[202]

Дар баробари ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаммое вуҷуд дорад, ки дар он дар сатҳи конститутсионӣ мафҳумҳо ва кафолатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ комилан қобили қабули ҳуқуқи мазкурро дар бар мегирад, дар дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки махсусан тамоми паҳлуҳои ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист ва будубошро дар бар мегирад

---

[201] Ниг.: Ростовщиков И.В. Права человека и деятельность органов внутренних дел. Защита прав человека и соблюдение законности органами внутренних дел // Материалы международной научно-практической конференции (10 декабря 1998 г.). – М.: МЮИ МВД России, Изд-во Щит, 1999. – С. 54-57.

[202] Ниг.: Витрук Н.В. Общая теория правового положения личности. —Изд. НОРМА, — М., 2008.

кафолат дода нашудааст, ки дар амалишавиии он мушкилиҳо ба миён меоянд.

Омилҳои гуногун ва сершуморе, ки ҳамчун кафолати ҳуқуқи инсон ба озодии мусофират ва интихоби маҳалли зист амал мекунад, зарурати низомсозӣ ва таснифи кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист муайян мекунад.

Муносибати илмӣ ба проблемаҳои кафолати ҳуқуқи инсон ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист ҳама гуна якҷониба, кам баҳо додан ё аз ҳад зиёд баҳо додан ба гурӯҳҳои гуногуни кафолатҳоро истисно мекунад. Ҳар яке аз намудҳои кафолатҳои дар боло зикргардида ба таври худ аҳаммияти хоса дошта, танҳо якҷоягии онҳо метавонад татбиқи пурра ва ҳамаҷонибаи ҳуқуқи инсонро ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист таъмин намоянд.

Дар хотима бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти воқеияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии имрӯза шароит барои таъмини ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист фароҳам оварда шудааст. Барои самаронок амалӣ намудани ҳуқуқи баррасишаванда бояд бо ҳамкории зичи Хадамоти муҳоҷират бо мақомоти корҳои дохилӣ, ки дар механизми таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба мусофират ва интихоби озоди маҳалли зист мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, таваҷҷуҳи махсус дода шавад.

**Адабиёт:**


1. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ / Зери таҳрири н.и.ҳ Имомов А.И. ва Диноршоев А.М. – Душанбе 2013. – С.184.
2. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон – Душанбе, 2010. – С.119.
3. А. Имомов Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – С.253.
4. Конституционное право: Энциклопедический словарь. / Отв. ред. С. А. Авакьян. М.: Изд-во НОРМА, 2001.
5. М.В. Баглай. Конституционное право Российской Федерации: учебник для вузов / Баглай М.В. — 6-ое изд., изм. и доп. — М.: Норма, 2007.
6. Прудников А.С., Эбзеев Б.С. Конституционное право России.-М.: Юнити-Дана, 2010.
7. Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2010. – Д.,2011.
8. Маҳмудов М.А., Худоёров Б.Т., Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – С.248.
9. Ростовщиков И.В. Права человека и деятельность органов внутренних дел. Защита прав человека и соблюдение законности органами внутренних дел // Материалы международной научно-практической

конференции (10 декабря 1998 г.). – М.: МЮИ МВД России, Изд-во «Щит», 1999. – С. 54-57.

10. Витрук Н.В. Общая теория правового положения личности. —Изд. «НОРМА» — М.,2008.

11. Эмомалӣ Раҳмон «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» Ҷилди ҳафтум. Суханрони ба муносибати 12-умин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистон – Душанбе: «Ирфон», 2007, – С. 334.

## ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03) –
## ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)

# ПРОБЛЕМАИ ТАТБИҚИ ОДАТҲОИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҲУҚУҚ: ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚИИ НАЗАРИЯВӢ

**Раҳимзода Маҳмад Забир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**E-mail:** zabir54@mail.ru
**Тел.:** (+992) 918-86-88-77

**Анушервони Исрофил,**
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқҳои ба номи А. Баҳовадинов Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**E-mail:** stark _1199@mail.ru
**Тел.:** (+992) 901-55-82-28

**Муқарриз:** Бобоҷонзода И.Ҳ., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақола ба омӯзиши проблемаи одатҳои ҳуқуқӣ ва мафҳуми одатҳо дар муомилоти граждании муосир, иҷозадиҳии давлатии он бахшида шудааст ва одатҳои ҳуқуқиро дар адабиёти ҳуқуқӣ аз нуқтаи назари мазмун ва аҳамияти татбиқ, ҷанбаҳои одатҳоро ҷудо намудааст. Мафҳуми одатҳоро баррасӣ намуда, муаллифон ба иҷозатдиҳии давлатӣ, тафриқагузории он ба намудҳои қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва хусусиятҳои одатҳоро таҳлил намудааст. Муаллифон аломатҳои одатҳои ҳуқуқиро ба дақиқии мазмун, амали бефосила (давомнок), давомнокии мавҷудият, ахлоқӣ ва оқилона будани одатҳо, хусусияти маҳаллӣ доштани одатҳо ҷудо намудаанд.

Дар аломати якум муаллифон техникаи ҳуқуқэҷодкуниро барои одатҳои ҳуқуқӣ ҳатмӣ намешуморанд. Ҳамаи талаботҳои расмии ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» зикр шудааст, нисбат ба ҳуқуқи нонавишта – одатҳо зарурат надорад. Муайян будани одатҳо маънои, дарк ва яксела татбиқ намудани онҳоро дар назар дорад.

Муаллифон тахти мазмуни аниқи одати ҳуқуқӣ имкони дарки яксела ва татбиқи он ба муносибатҳои ҳаётӣ мавҷуд мебошад, дар назар дорад. Талаботи мазмуни аниқ тавассути нишондодҳои шоҳидон, намунаҳои

рафтор, ки аз онҳо дар бораи мазмуни одатҳо хулосаи дақиқ баровардан мумкин аст, сурат мегирад.

Хусусияти дуюми одатҳои ҳуқуқӣ амали бефосилаи одатҳои ҳуқуқ мбошад, ки он аломатест, ки ба дигар намудҳои шаклҳои ҳуқуқ амалан ғайриимкон аст. Дар мақола муайян карда шудааст, ки одатҳои ҳуқуқӣ аз сабаби он ки муддати дароз дар асоси он муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд наомадааст, эътибори худро гум намекунад.

Сеюм хусусияти одатҳои ҳуқуқиро давомнокии мавҷудияти он ташкил медиҳад. Ин хусусияти шакли ҳуқуқро ҳамаи муҳаққиқон, аз ҷумлаи ҳамчун хусусиятҳои асосӣ ҷудо кардаанд. Ба аёнии худ нигоҳ накарда, ба далели абстракти ҳиссаи вақт, эътирофи зарурӣ ва кофии одатҳо ҳанӯз баҳсҳо вуҷуд доранд.

Чорум хусусияти одатҳои ҳуқуқиро ахлоқ дар бар мегирад. Таҳти мафҳуми ахлоқи одатҳо мутобиқатии ӯ бо ғояҳои дар ҷомеа мавҷуда, дар бораи адаб, талаботҳои маънавӣ, ахлоқи хуб фаҳмида мешавад.

Панҷум хусусияти маҳаллии одатҳо муайян карда шудааст. Одатҳои ҳуқуқӣ дар доира муносибатҳои одамоне таҳия карда мешаванд, ки худашон дар ин муносибатҳои мушаххас амал мекунанд ва барои аз байн бурдани нофаҳмоиҳо, ихтилофҳо қоидаи рафтор ба вуҷуд омадааст.

Ҳамчунин, дар мақола фикрони олимон дар самти одатҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои он зикр карда шудааст.

**Калидвожаҳо***:* Одатҳо, одатҳои ҳуқуқӣ, одатҳои ғайриҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ, хусусиятҳои одатҳо, мазмуни одатҳо, амали бефосилаи одатҳо, давомнокии мавҷудият, эътиқод, кодекси гражданӣ.

## ПРОБЛЕМА ПРИМЕНЕНИЯ ПРАВОВЫХ ОБЫЧАЕВ КАК ИСТОЧНИКА ПРАВА: ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ

**Рахимзода Махмад Забир,**
доктор юридических наук, профессор, член корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
**E-mail:** zabir54@mail.ru
**Тел.:** (+992) 918-86-88-77

**Анушервони Исрофил,**
соискатель Института философии, политологии и права имени А.Баховадинова Национальной академии наук Таджикистана
**E-mail:** stark _1199@mail.ru
**Тел.:** (+992) 901-55-82-28

**Рецензент:** Бабаджанзода И.Х., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** Статья посвящена исследованию проблемы правовых обычаев и понятия обычаев в современных гражданско-правовых оборотах, их государственной санкционирование, также раскрывает правовые обычаи в юридической литературе с точки зрения содержания и значения реализации, разделил аспекты правовых обычаев. Рассмотрев понятие обычаев, автор проанализировал государственную санкционированность, ее дифференциацию на виды законодательства, правоприменения и анализировал особенности правовых обычаев. Авторы разделили особенности правовых обычаев на определленость содержания, непрерывность действия, продолжительность существования, нравственность и разумность обычаев, локальный характер обычаев.

В первом признаке авторы не считают правотворческую технику обязательным для правовых обычаев. Все официальные требования правотворчества, указанные в Законе Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах», не являются необходимыми для неписаного права-обычаев. Определенность привычек подразумевает их смысл, понимание и единообразное применение.

Авторы считают, что существует возможность его понимания и применения к жизненным отношениям под специфическим содержанием правового обычая. Потребность в ясном содержании производится через показания свидетелей, образцы поведения, из которых можно сделать точные выводы о содержании обычаев.

Второй особенности правовых обычаев является непрерывная практика правовых обычаев, что является признаком, практически невозможным для других видов правовых форм. В статье определено, что обычаи не утрачивает своей силы в связи с тем, что на его основании длительное время не устанавливались правоотношения.

Третьей особенности правовых обычаев является его продолжительность существования. Эту особенность формы права выделяют все исследователи, в том числе и в качестве основных признаков. Несмотря на ее очевидность, до сих пор ведутся споры об абстрактной причине доли времени, признании необходимости и достаточности привычек.

Четвертая особенность правовых обычаев включает нравственность. Под понятием нравственности обычаев понимается ее совместимость с существующими в обществе представлениями о обычаев, нравственных требованиях, добрых нравах.

В пятую особенность определена локальная характеристика обычаев. Правовые обычаи выработаны в сфере отношений людей, которые сами выступают в этих конкретных отношениях, а для устранения недоразумений и разногласий созданы правила поведения. Также в статье упоминаются мнения ученых в отношении правовых обычаев и их особенности.

Ключевые слова: Обычаи, правовые обычаи, незаконные обычаи, правовое поведение, особенности обычаев, содержания обычаев, постоянное действие обычаев, продолжительность существования, убеждение, гражданский кодекс.

## THE PROBLEM OF APPLYING LEGAL CUSTOMS AS A SOURCE OF LAW: THEORETICAL AND LAWYER ANALYSIS

**Rakhimzoda Mahmad Zabir,**
corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctor of Law, Professor
**E-mail:** zabir54@mail.ru
**Phone.:** (+992) 918-86-88-77

**Anushervoni Israfil,**
applicant of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovadinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**E-mail:** stark_1199@mail.ru
**Phone.:** (+992) 901-55-82-28

**Reviewer:** Bobojonzoda I.H., Doctor of Law sciences, professor

**Annotation:** The article is devoted to the study of the problem of legal customs and the concept of customs in modern civil law transactions, their state sanctioning, also reveals legal customs in the legal literature in terms of the content and significance of implementation, divided aspects of legal customs. Having considered the concept of customs, the author analyzed state sanctioning, its differentiation into types of legislation, law enforcement, and analyzed the features of legal customs. The authors divided the peculiarities of legal customs into certainty of content, continuity of action, duration of existence, morality and reasonableness of customs, local nature of customs.

In the first sign, the authors do not consider the law-making technique to be obligatory for legal customs. All official law-making requirements specified in the Law of the Republic of Tajikistan “On Normative Legal Acts” are not necessary for unwritten law-customs. Definiteness of habits implies their meaning, understanding and uniform application.

The authors believe that there is a possibility of its understanding and application to life relations under the specific content of legal custom. The need for a clear content is produced through the testimony of witnesses, patterns of behavior from which accurate conclusions can be drawn about the content of customs.

The second feature of legal customs is the continuous practice of legal customs, which is a feature that is practically impossible for other types of legal forms. The article determines that customs do not lose their force due to the fact that legal relations have not been established on its basis for a long time.

The third feature of legal customs is its duration of existence. This feature of the form of law is distinguished by all researchers, including as the main features. Despite its obviousness, there are still disputes about the abstract reason for the share of time, the recognition of the necessity and sufficiency of habits.

The fourth feature of legal customs includes morality. The concept of morality of customs is understood as its compatibility with the ideas that exist in society about customs, moral requirements, good morals.

The fifth feature defines the local characteristics of customs. Legal customs have been developed in the sphere of relations between people who themselves act in these specific relations, and rules of conduct have been created to eliminate misunderstandings and disagreements. The article also mentions the opinions of scientists regarding legal customs and their features.

**Keywords:** Customs, legal customs, illegal practices, legal behavior, features of customs, content of customs, constant action of customs, duration of existence, belief, civil Code.

Проблемаи татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои фаъолияти соҳибкорӣ чи дар назария ва чи дар амалия баҳснок боқӣ мондаанд. Имрӯз ин масъала на танҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди давлатҳои шӯравӣ ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтаанд. Ин пеш аз ҳама шаҳодати он аст, ки масъалаи татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ дар назарияи илмӣ ҳуқуқшиносӣ ба таври зарурӣ коркард нашудааст. Бинобар ин, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми танзими институтҳои гуногуни он ба ин масъала он қадар таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда нашудааст. Гарчанде дар бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ ишора карда мешавад.

Ба андешаи мо одатҳои ҳуқуқиро бояд дар ду ҷанба баррасӣ карда шаванд. Аз як тараф, ба ӯ тамоми аломатҳои шакли ҳуқуқ хос мебошад ва мо ин падидаро маҳз аз ҳамин нигоҳ мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Аз тарафи дигар, одатҳои ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои хоси худ аз амсоли судӣ ва санади меъёрии ҳуқуқӣ тафовут доранд. Дар айни замон, аломатҳои ҳам навъи аввал ва ҳам навъи дуюмро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор додан мумкин нест, зеро онҳо аксар вақт ҳамчун идомаи ҳамдигар амал мекунанд. Мисол, агар барои ҳама шаклҳои ҳуқуқ аломати давомнокии мавҷудият танҳо муҳим бошад, пас барои одатҳои ҳуқуқӣ он аҳамияти асосӣ пайдо мекунад.

Олимон ва мутахасисон дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо барои додани мафҳуми ҳамаҷониба ва дар айни замон оид ба амалкунии одатҳои ҳуқуқӣ

кӯшишҳо кардаанд. Чунин мафҳумҳо дар асарҳо оид ба шаклҳои ҳуқуқ[203], оид ба ҳуқуқи одатӣ[204], дар адабиёти ғайритахассусӣ ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, мафҳумҳо дар китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, энсиклопедияҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд. Аммо истинодҳои охирин мухтасар ва сарсарӣ мебошанд. Масалан, дар китоби дарсии назарияи ҳуқуқ ва давлат, ки он зери назари профессор В.В. Лазарев ба табъ расидааст, танҳо чунин фактро қайд мекунад, ки одати ҳуқуқӣ «ба ин ё он дараҷа дар ҳамаи оилаҳои ҳуқуқии гузашта ва ҳозира истифода мешавад»[205].

Ба андешаи мо аз мафхумҳое, ки зери таҳлил қарор дода шуд, чун қоида, се ҷанбаро ҷудо намудан мумкин аст: 1) пайдоиши одатро нишон медиҳанд; 2) муҳимтарин хусусиятҳои онро инъикос менамояд; 3) ҷойгиршавии меъёрҳои одатиро тавсиф менамояд.

Маҳз дар ин се ҷанба муқоисаи мавқеъ имконпазир аст. Илова бар ин, барои тавсифи одатҳо робитаи мутақобилаи ӯ бо давлат ва хусусияти чунин робита аҳаммияти принсипиалӣ дорад. Барои ба пурраги муайян намудани ҷанбаҳои ин падида, одатҳои ҳуқуқиро ҳамчун шакли ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

1) **Дақиқии мазмун ҳамчун аломат** танҳо як қисми чунин хусусияти маъмули шаклҳои ҳуқуқ ба монанди итминони расмӣ мебошад, ки ин маънои онро дорад, ки санадҳои давлат дар шакли хаттӣ мутобиқи талаботи техникаи қонунгузорӣ қабул карда мешаванд. Қоидаҳо ба шакли санадҳо, мавзуи танзими он, сохтор, забон ва ҳатто услуби он дахл доранд. Мисол, тибқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 18 майи соли 2017 қабул карда шудааст, санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мутобиқати дохилӣ дошта, аз рӯи мантиқ тартиб дода шавад ва ба техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷавобгӯ бошад[206]. Ҳангоми навиштани матни санади меъёрии ҳуқуқӣ аввал қоидаҳои умумӣ ва сипас қоидаҳои махсус ҷойгир карда мешаванд. Мафҳумҳо ва истилоҳоти дар матни санади меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда бояд фаҳмо ва ҳаммаъно бошанд. Мазмуни матни моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар дигар моддаҳо, қисмҳо ё бандҳо дар ҳамон як санади меъёрии ҳуқуқӣ набояд такроран баён карда шаванд. Номи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва қисмҳои таркибии он бояд возеҳу мухтасар ва фаҳмо бошад, мазмуни асосии матни онро дақиқ ифода намояд. Меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд мушаххас ва дар замони ҳозира ифода шуда, бештар дар шакли тасдиқӣ баён карда шаванд. Тартиби мавриди амал қарор додан ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар қоидаҳои хотимавии худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи намуди якхела дар бораи мавриди амал қарор додани он баён мешавад. Дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқии нав

[203] Ниг.: Шебанов А.Ф. Форма советского права. – М., 1968. – С. 42, 44.
[204] Ниг.: Грязнов Д.Г. Соотношение категорий обычного права и правового обычая в юридической науке. Автореф. дисс.... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 11.
[205] Ниг.: Теория права и государства / Под ред. проф. В.В. Лазарева. – М., 2001. – С. 144.
[206] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271

масъалаи беэътибор донистани санади меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар қоидаҳои хотимавии худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи намудашон якхела ифода мешавад[207].

Аммо гузоштани ҳамаи ин талаботҳои расмӣ нисбат ба ҳуқуқи нонавишта (одатҳо) зарурат надорад. Муайян будани одатҳо маънои, дарк ва якхела татбиқ намудани онҳоро дар назар дорад.

Ба шаклҳои объективии дастуроти ҳуқуқӣ чун одатҳо диққати махсус дода мешавад. Воқеан, барои ҳама шаклҳои ҳуқуқ тарзи мавҷудият, ҷабҳае, ки дар он нигоҳдорӣ мешаванд, амал ва ҳифз мегарданд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Шакли аслии одат рафтор ва маҷмӯи амалҳо мебошад. Ба ҳайси шакли ифода ва интиқол метавонад ҳамчунин забон, намунаи рафтор ва шаклҳои минбаъдаи шакли хаттӣ баромад намоянд. Маҳз барои ҳамин шакл муарифии боэътимод, тафсир дар муқоиса ба қонунҳое, ки одатҳо тавассути онҳо иҷозат дода мешаванд, аҳаммияти принсипиалӣ пайдо мекунанд.

Дар асари К. Анненков «Низоми ҳуқуқии граждании Руссия» ба воқеияти ошкоршавӣ ва устувории одатҳо аҳаммияти калон дода мешавад. Қайд карда мешавад, ки «воситаҳои муайян кардани одатҳо, ба ғайр аз таҷриба ва донишҳои ин муносибат аз ҷониби судя, инчунин нишондодҳои шоҳидон ва шахсони донишманд, қарорҳои суд ва маҷмуа ё навиштаҳо оид ба ҳуқуқи одатӣ, маҷмуаҳои қарорҳо оид ба ҳуқуқи одатӣ, маълумотномаҳои муассисаҳо ва шахсони мансабдор дар бораи мавҷудияти одатҳо, инчунин қарордодҳои ҷамъиятҳои деҳқонон ва ғайра, баромад карда метавонанд»[208].

Хусусияти ин намуди шакли ҳуқуқ пеш аз ҳама дар он дида мешавад, ки мазмуни одат дар ягон шакли муайян ифода карда нашуда, дар шуури халқ мавҷуд мебошад. В.М. Хвостов моҳияти одатро чунин ифода намудааст: «Воқеан, қайди хаттӣ дар шакли тавсифи дастурҳои одати ҳуқуқӣ хусусиятҳои хоси ин падидаро инъикос намекунад. Балки дар матн навиштани одатҳо ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ моҳияти худро гум мекунад»[209].

Дар адабиёти илмӣ шаклҳои зерини ифодаи зоҳирии одатҳо ҷудо карда мешаванд: **эътиқод ва амалия.** Ҳамзамон, ба ҳуқуқи одатӣ аз имкони ба даст овардани шакли хаттӣ дар натиҷаи муроҷиати мақомоти давлатӣ ба он рад карда мешавад; «Одат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ меъёрҳои ҳуқуқиеро дар бар мегирад, ки на қонунгузорон эълон кардаанд ва на аз ҷониби судяҳои соҳибихтисос таҳия шудааст, балки аз нуқтаи назари халқ ва дар амалияи тӯлонии иҷозатдодашуда ба вуҷуд омадаанд»[210]. Минбаъд П.Г. Виноградов зикр мекунад, ки амалия на бояд касбӣ, балки умумихалқӣ бошад. Мавқеи олим муназзам ва асоснок мебошад. Воқеан, ҳангоми ба таври хаттӣ муқаррар кардан имконияти объектикунонии

[207] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271.
[208] Ниг.: Анненков К. Система русского гражданского права. – СПб., 1894. Т. 1. – С. 37, 43.
[209] Ниг.: Хвостов В.М. Общая теория права: Элементарный очерк. М,, 1914. – С. 86.
[209] Ниг.: Виноградов П.Г. Очерки по теории права. – М., 1915. – С. 92.
[210] Ниг.: Регелсбергер Ф. Общее учение о праве. – М., 1987. – С. 69.

мазмуни одатҳо мавҷуд аст. Аммо дар ин ҳолат табиати ин намуди шакли ҳуқуқ аз байн меравад.

Таҳқиқоти роҳҳои объектикунонии меъёрҳои ҳуқуқии одатӣ имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ кунем: «Исботи муқаррароти ҳуқуқи одатӣ метавонад бавосита ва бевосита амалӣ карда шавад. Бавосита – бо нишон додани ҳолатҳои алоҳидаи татбиқ, бевосита – бо тасдиқи мавҷудияти ҳуқуқи одатӣ. Барои исботи бавосита шароитҳои муқаррарии қувваи исботкунандаи воситаҳои гуногуни исбот (қобилияти мушоҳида ва эътимоднокии шоҳид, ҳаққонияти амал ва ғайра) кифояанд. Далели бевосита аз муҳокимаронии шоҳид ё муаллифи ҳуҷҷати ҳуқуқӣ иборат аст. Арзиши ин муҳокимаронӣ ба он вобаста аст, ки шахсе, ки онро баён мекунад, мувофиқи дараҷаи маълумот, мавқеи иҷтимоӣ, таҷрибаи худ, эътимоднок аст ва мавҷудияти одатро бо қувваи ҳатмиаш тасдиқ мекунад».

Аз ин рӯ, мазмуни аниқ вобаста ба одат онро дар назар дорад, ки имкони дарки якхела ва татбиқи он ба муносибатҳои ҳаётӣ мавҷуд мебошад. Тарзҳои анъанавии ба даст овардани мазмуни аниқ бо роҳи мустаҳкам намудан дар шакли хаттӣ қобили қабул ва ҳатто матлуб мебошанд. Чунин нақшро маҷмӯаи одатҳо, сабтҳо дар бораи мазмуни ӯ барои мақсадҳои гуногун, аз ҷумла касбӣ, бозида метавонанд. Талаботи мазмуни аниқ тавассути нишондодҳои шоҳидон, намунаҳои рафтор, ки аз онҳо дар бораи мазмуни одатҳо хулосаи дақиқ баровардан мумкин аст, сурат мегирад.

2) **Амали бефосилаи (давомнокии) одатҳо** – аломатест, ки ба дигар намудҳои шаклҳои ҳуқуқ амалан ғайриимкон аст. Яъне, санади меъёрӣ аз сабаби он ки муддати дароз дар асоси он муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд наомадааст, эътибори худро гум намекунад. Нисбат ба ин намуди шакли ҳуқуқ, дар робита ба ин фақат дар бораи бесамарӣ сухан рондан мумкин аст ва воқеан иҷро нашудани муқарраროти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба хусусиятҳои танзими онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ таъсир намерасонад, онҳоро аз қувваи ҳуқуқӣ маҳрум намекунад.

Бефосилагии одатҳо маънои онро дорад, ки новобаста аз он ки қоидаи мувофиқ чӣ қадар қадима бошад ҳам, он ҳама вақт аз пайдоиш то замони муосир амали худро гум намекунад. Ин аломати таснифкунанда аст. Барои ҳуқуқи нонавишта (одатӣ) хеле муҳим аст, ки он дар рафтори воқеӣ таҷассум ёбад, ки истифодаи он малакаи устувори рафтор бошад, зеро танҳо ба шарофати ҳамин он ҳамчун шакли ҳуқуқ нигоҳ дошта, аз насл ба насл дода мешавад ва амал мекунад. Амали одатро давраҳои беамалӣ ва фаромӯшӣ бурида наметавонад. Одат ҳамчун маҳорат, хулқ ва намунаи муқарраршудаи рафтор амал мекунад. Маҳз амали бефосилагӣ ва доимии он имкон медиҳад, ки қатъ гардидани одатҳоро пешгирӣ намоянд. Хизматҳои бузурги Н. Дувернуа дар омӯзиши нақши одатҳо дар раванди ташаккули ҳуқуқи позитивӣ (мусбӣ) нақши бориз дорад. Ӯ чунин мушоҳидаҳо дорад: «Ин ё он таҷриба, ин ё он тарзи амал тасодуфан ба вуҷд намеояд, балки аз сабаби он ки зарур мешуморанд, пайдо мешаванд, ақида аз беамал тавлид намешавад ва аз ақида амал. Ақида сабабро

ташкил медиҳад, амал бошад оқибати он аст. Ҳамин тавр, аз тарзи амал ва амалияи ҳуқуқӣ мо ба хулосае меоем, ки ба асоси он ақидаи муайян ҷой гирифтааст, ки муқарраroти ҳуқуқи одатӣ мебошад. Ҳуқуқи одатӣ дар ҳолати ибтидоии ҷамъият ҳукмфармост ва дар худи ин шакл тамоми аломатҳои ибтидоии ҳуқуқро дорад»[211].

Дар қувваи боварибахши одатҳо ва бефосилагии мавҷудияти он ҳудуди иловагӣ низ мавҷуданд: «Муқарраroти ҳуқуқи одатӣ вақте ба вуҷуд меояд, ки дар муносибатҳои муайяни ҳаётӣ муддати дароз ягон меъёр ба таври ягона бо чунин ақида ба эътибори ҳуқуқии худ татбиқ карда мешавад, ки ин ақида ҳукмфармо мегардад»[212]. Ҳамин тариқ, зинда будани одатҳо ва хосиятҳои танзимкунандаи он аз талаботи ин дастурҳо вобастагӣ дорад. Маҳорати доимӣ ба одатҳо қувваи ҳуқуқиро медиҳад.

В.И. Сергеевич қайд кардааст, ки «ҳуқуқи одатӣ дар натиҷаи амали ду қувва ба вуҷуд меояд. Якум, шуури инфиродии манфиатҳои ҳаётии шахс, ки зери таъсири он ин ё он тарзи рафтори ӯ муайян карда мешавад. Ин ибтидои худмуайянкунӣ (худмухторӣ) аст. Аммо худмуайянкунӣ худ аз худ ҳануз ҳуқуқи одатиро ба вуҷуд намеоварад. Аз вай танҳо амалҳои алоҳидаи муайян, амалияи маъмул ба миён меояд. Агар амалҳо шахсӣ бошанд, иродаи шахсони гуногун дар ҳолатҳои якхелаву ягона хоҳад буд ва онҳо хело зиёд ҷамъ мешавад ва қувваи дуюме ба вуҷуд меояд, ки ҳамаи онҳоеро, ки мавҷудияти тарзи муайяни амал, амалияи маълумро эътироф мекунанд, водор мекунад, ки ҳамин тавр амал кунанд. Ин аст қувваи бузурги одатҳо[213].

Ба гуфтаи В.И. Сергеевич, одат сарчашмаи аввалини ҳуқуқ аст, ки дигар шаклҳои ҳуқуқ аз он бармеоянд: «Маънои ҳуқуқ ба маънои меъёри умумиҳатмӣ, пеш аз ҳама ба одатҳо эътироф мешавад, ҳуқуқ он чизест, ки бо риоя кардан шинохта мешавад. Эътироф намудани қобилияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз иродаи шоҳ падидаи дуюмдараҷа буда, дар назари таърих ба миён меояд ва хеле суст инкишоф меёбад. Ин мушоҳида дар ибтидои асри XX сурат гирифта, дар оянда ҳам метавонад ба парламентаризм ва ҳуқуқэҷодкунӣ хизмат намояд. Қонунгузор (ҳам инфиродӣ ва ҳам коллективӣ), ки аз ҳокимияти худ ғурур дорад, табиати фиребандаи онро намебинад. Дар мубориза бо одатҳои халқӣ, худ вай ба мағлубият маҳкум аст»[214].

Ба ин монанд Г.Ф. Пухта гуфтааст, ки «сарчашмаи аввалини ҳуқуқ эътиқоди халқ аст, зеро он дар шуури аъзоёни халқ ҳамон хел пайдо мешавад. Зуҳуроти пурраи ин эътиқод аз он иборат аст, ки аъзоёни халқ мувофиқи эътиқоди ҳуқуқии худ амал мекунанд, онро ба воситаи риоя ва татбиқ кардан эътироф менамоянд. Ин риояи шахсони алоҳида дар асоси

---

[211] Ниг.: Дювернуа Н.Л. Источники права и суд в Древней России, – М., 1869. – С. 6.
[212] Ниг.: Регелсбергер Ф. Общее учение о праве. – М., 1987. – С. 63
[213] Ниг.: Сергеевич В.И. Лекции и исследования по древней истории русского права. – СПб., 1910. – С. 10-11.
[214] Ҳамон ҷо.

эътиқод дар ҳолатҳои якхела баробар такрор мешавад, он хусусияти ҳуқуқ ва одатҳоро дорад»[215].

Такрорёбии рафтори муайянро бо далелҳои мавҷудият ва амали воқеии он пурра кардан мумкин аст. Ба андешаи Пухта, «нишондоди шахсони мӯътамад дар бораи мавҷудияти он ва маҷмӯаи хаттӣ метавонад ҳамчун далели ҳуқуқи одатӣ хизмат кунад ё ба нишон додани мавҷудияти он мусоидат намояд»[216].

**Калидвожаҳо:** Соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои таълимӣ, фаъолияти таълимӣ, фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, кооперативи ғайритиҷоратӣ, кооператсияи матлубот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ, ташкилотҳои динӣ, фондҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо, иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо), ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ, хизматрасонӣ, муассисаи таълимӣ.

# О НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМАХ И ПЕРСПЕКТИВАХ РАЗВИТИЯ СУБЪЕКТОВ, ОСУЩЕСТВЛЯЮЩИХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНУЮ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Абдурахимов Сиёвуш Кудратуллоевич,**
заведующий кафедрой права и государственного управления ГОУ «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава», кандидат юридических наук, доцент
**Тел.:** (+992) 93-767-82-92
**E-mail:** abdurakhimov1987@bk.ru

**Рецензент**: Меликов У. А., доктор юридических наук, профессор

**Аннотация:** В данной статье автор высказал свое мнение о некоторых проблемах и перспективах развития субъектов осуществляющих образовательную деятельность в Республике Таджикистан на основе отечественного и зарубежного законодательства и научно-учебной литературы. Автор отмечает, что образовательную деятельность осуществляют два субъекта, один – индивидуальные предприниматели, другой – образовательные организации. Хотя законодательство в сфере образования не устанавливает индивидуальных предпринимателей в качестве субъектов осуществления образовательной деятельности, некоторые положения законодательства свидетельствуют о наличии и явлений деятельности индивидуальных предпринимателей в сфере образования. Предлагается, используя опыт статьи 32 Федерального закона «Об образовании в Российской Федерации», дополнить Закон Республики Таджикистан «Об образовании» отдельной статьей. Автор проанализировал весь перечень организационно-правовых форм некоммерческих организаций, предусмотренных Гражданским кодексом Республики Таджикистан, и пришел к выводу, что помимо учреждений право заниматься образовательной деятельностью имеют и общественные организации. Союзы также имеют право заниматься образовательной деятельностью как отдельный вид объединений юридических лиц на основе создания в их составе образовательных центров. Автор пришел к выводу, что в Республике Таджикистан наряду с учреждениями, а также на базе

автономных некоммерческих организаций возможно осуществление образовательной деятельности с использованием опыта Российской Федерации. Применительно к теме своего исследования, наряду с конкретными научными (теоретическими) и практическими (законодательными) предложениями, автор также предложил новую редакцию статьи 10 Закона Республики Таджикистан «Об образовании», которая предназначена дополнительно уточнить перечень субъектов, осуществляющих деятельность по поддержке образования в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** Юридические лица, организационно-правовые формы, некоммерческие организации, образовательные организации, образовательная деятельность, организации, осуществляющие образовательную деятельность, индивидуальные предприниматели, полезная общественная деятельность, независимо от организационно-правовой формы, некоммерческие кооперативы, потребительские кооперативы, общественные объединения и религиозные организации, государственные фонды, учреждения, объединения юридических лиц (ассоциации и союзы), автономная некоммерческая организация, служба, образовательное учреждение.

## ON SOME PROBLEMS AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF SUBJECTS CARRYING OUT EDUCATIONAL ACTIVITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Abdurahimov Siyovush Qudratulloevich,**
head of the Department of Law and Public Administration, SEI "Bokhtar State University named after Nosir Khusrav", Candidate of Law, Associate Professor
**Phone.:** (+992) 93-767-82-92
**E-mail:** abdurakhimov1987@bk.ru

**Reviewer:** Melikov U.A., doctor of law, professor

**Annotation:** In this article, the author expressed his opinion about some of the problems and prospects for the development of subjects engaged in educational activities in the Republic of Tajikistan on the basis of domestic and foreign legislation and scientific and educational literature. The author notes that educational activities are carried out by two entities, one – individual entrepreneurs, the other – educational organizations. Although the legislation in the field of education does not establish individual entrepreneurs as subjects of educational activities, some provisions of the legislation indicate the presence and phenomena of the activities of individual entrepreneurs in the field of education. It is proposed, using the experience of Article 32 of the Federal Law "On Education in the Russian Federation", to supplement the Law of the Republic of Tajikistan "On Education" with a separate article. The author

analyzed the entire list of organizational and legal forms of non-profit organizations provided for by the Civil Code of the Republic of Tajikistan, and came to the conclusion that in addition to institutions, public organizations also have the right to engage in educational activities. Unions also have the right to engage in educational activities as a separate type of associations of legal entities on the basis of the creation of educational centers within them. The author came to the conclusion that in the Republic of Tajikistan, along with institutions, as well as on the basis of autonomous non-profit organizations, it is possible to carry out educational activities using the experience of the Russian Federation. In relation to the topic of his research, along with specific scientific (theoretical) and practical (legislative) proposals, the author also proposed a new version of Article 10 of the Law of the Republic of Tajikistan "On Education", which is intended to further clarify the list of entities engaged in activities to support education in the Republic of Tajikistan .

**Key words:** Legal entities, organizational-legal forms, non-commercial organizations, educational organizations, educational activities, organizations implementing educational activities, individual entrepreneurs, beneficial public activities, regardless of the organizational-legal form, non-commercial cooperatives, consumer cooperatives, public associations and religious organizations, religious organizations , public funds, institutions, associations of legal entities (associations and unions), non-profit autonomous organization, services, educational institution.

Яке аз субъектҳои фаъол ва намоёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа нақши муҳим ва арзанда доранд, субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ мебошанд. Нақши муҳим ва арзанда доштани субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ пеш аз ҳама, дар тарбия ва ба камол расонидани насли наврас, инчунин тавассути таъмини тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо мутахассисони касбу кори гуногун ва умуман соҳибмаълумот намудани тамоми аъзои ҷомеа зоҳир меёбад. Пас, ба хулоса омадан мумкин аст, ки рушду инкишофи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дар баробари дигар омилҳо, инчунин аз рушду инкишофи мукаммали субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ, ки самти муҳим ва асосии амалисозии сиёсати соҳаи маориф дар мисоли соҳибмаълумот намудани ҷомеа ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, низ вобастагӣ дорад. Бо назардошти ин, тасмим гирифта шуд, ки дар мақолаи мазкур мушкилот ва дурнамои рушди субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шавад.

Саволи матраҳ аз он иборат аст, ки фаъолияти таълимиро ҳамчун фаъолияти асосии ташкилотҳои таълимӣ ва фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ҳамзамон фаъолияти иҷозатномавӣ дар маҷмӯъ кадом субъектҳо ҳуқуқи амалӣ намудан доранд? Ҳарчанд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи маориф»[256] аз 22 июли соли 2013, № 1004 (минбаъд – қонун дар бораи маориф) нисбати саволи мазкур ба таври мушаххас ва алоҳида посух муқаррар накардааст, вале аз муқарраротн моддаи 1 ба хулоса омадан мумкин аст, ки фаъолияти таълимиро шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ (муассисаҳои таълимӣ) ҳуқуқи амалӣ намудан доранд. Сарчашмаҳои расмии ватанӣ низ шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти таълимиро дар маҷмуъ ду субъект яке соҳибкорони инфиродӣ ва дигаре ташкилотҳои таълимӣ, хусусан муассисаҳо ҳуқуқи амалӣ намудан доранд[257]. Қонуни Федералӣ «Дар бораи маориф дар Федератсияи Россия» аз 29 декабри соли 2012, № 273-ФЗ (минбаъд – қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия) бошад ба таври алоҳида ва мушаххас дар моддаи 21, ки он фаъолияти таълимӣ номгӯзорӣ шудааст, номгӯи субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимиро аз ташкилотҳои таълимӣ ва дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонуни мазкур аз ташкилотҳои амалисозандаи таълимӣ, инчунин соҳибкорони инфиродие, ки амалигардонии фаъолияти таълимиро ба зимма доранд, иборат донистааст[258]. Чунонки аз қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия маълум мешавад, фаъолияти таълимиро ғайр аз ташкилотҳо, инчунин соҳибкорони инфиродӣ низ ҳамчун шахсони воқеӣ ҳуқуқи амалӣ намудан доранд.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд қонун дар бораи маориф ва қонунгузории марбут ба зинаҳои таҳсилот соҳибкорони инфиродиро дар баробари ташкилотҳои таълимӣ, хусусан муассисаҳо ҳамчун субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ муқаррар накардаанд, вале, баъзе муқаррароти қонун дар бораи маориф, ки нисбати фаъолияти омӯзгорӣ равона гардидаанд ба мавҷудият ва фаъолияти падидаи соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи маориф шаҳодат медиҳанд. Масалан, дар моддаи 1 қонун дар бораи маориф мафҳуми расмии «фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ» дода шудааст, ки мувофиқи он фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ чунин фаъолияти омӯзгорие, мебошад, ки он аз тарафи омӯзгор дар муассисаи таълимӣ берун аз вақти корӣ ва ё берун аз муассисаи таълимӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад.

Мувофиқи қонун дар бораи маориф фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ, ки ба гирифтани даромад равона шудааст, фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб мешавад ва он бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шавад (қисми 6, моддаи 48). Қонун дар бораи маориф дар моддаи 58 бошад ба тамоми омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти пулакии

---

[256] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, № 1004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532; соли 2014, № 3, мод.156; № 7 қ.2, мод. 422; соли 2016, № 3, мод.1148; соли 2016, № 7, мод. 624; соли 2017, № 7-9, мод.581; соли 2018, № 5, мод.278.

[257] Ниг.: Инобат Садирова. Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 25 августи соли 2022. № 33 (1337) – С. 9. Инобат Садиро.ва Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 22 сентябри соли 2022. № 37 (1341) – С. 8.

[258] Ниг.: Федеральный закон Российской Федерации «Об образовании в Российской Федерации» от 29. 12. 2012 № 273-ФЗ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: // www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_140174/ (санаи муроҷиат: 7.07.2022).

омӯзгориро, инчунин дигар намуди фаъолияти тиҷоратиро, ки барои машғул гардидан ба он қонунгузорӣ манъ накардааст, дар асоси шартнома кафолат додааст. Қонун дар бораи маориф дар моддаи 48 ба кадом сифат ба қайди давлатӣ гирифтани фаъолияти инфиродии омӯзгориро, ки ба гирифтани даромад равона шудааст, пешбинӣ накардааст, вале дар сарчашмаҳои расмии ватанӣ фаъолияти мазкур ҳамчун соҳибкори инфиродӣ, субъекти алоҳидаи хизматрасонии пулакии таълимӣ номбар гардидааст[259]. Масалан, дар замимаи 5 ба Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2022, №151 тасдиқ гардидааст, яке аз номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси шаҳодатнома бо шартҳои махсус амалишаванда ва андозаи пардохт барои шаҳодатнома бо шартҳои махсус, фаъолияти репеторӣ ва таълимии инфиродӣ пешбинӣ шудааст[260]. Пешниҳод мешавад, ки бо истифода аз таҷрибаи моддаи 32 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия дар қонун дар бораи маориф моддаи алоҳида низ таҳти унвони «Соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда» пешбинӣ карда шавад.

Дигар субъекти амалисозандаи фаъолияти таълимӣ ташкилотҳои таълимӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки фаъолияти таълимӣ намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ аст, ки баҳри таълиму тарбияи насли наврас ва ба камол расонидани онҳо, инчунин омода кардани мутахассисони касбу кори гуногун барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат равона гардидааст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо низ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ на аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ, балки маҳз аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақсади асосии онҳо на ба даст овардани фоида ва тақсими фоидаи бадастоварда дар байни аъзои хеш, балки иҷрои корҳои гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ мебошанд ба сифати намуди фаъолияти асосӣ ва иловагии онҳо қобили қабул ва мувофиқи мақсад мебошад.

Мувофиқи сарчашмаҳо шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияти таълимиро амалӣ менамоянд, онҳо танҳо дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд[261]. Вале, қонун дар бораи маориф бошад, ҳамчун қонуни асосии соҳа танҳо аз ҷониби ташкилотҳои

---

[259] Ниг.: Исматуллоева Н.А. Коммерциализация системы образования: достоинства и недостатки. // Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. Душанбе: 2016. – С.458. Исматуллоева Н.А. К вопросу об организационно-правовой форме образовательных организаций. // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. №11. – С.232.

[260] Ниг.: Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2022, №151 тасдиқ гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://andoz.tj/docs/postanovleniya-pravitelstvo/Qaror151_2022_Tj.pdf (санаи муроҷиат: 7.07.2022).

[261] Ниг.: Кудратов Н.А., Зоидбоева М.Б. Высшее учебное заведение как субъект обязательства по договору возмездного оказания образовательных услуг. // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2017. – № 2. – С.243.

ғайритиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимиро муқаррар накардааст. Чунин холигӣ боис гардидааст, ки фаъолияти таълимӣ аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ низ, ки ҳоло оид ба мавҷудияти фаъолияти онҳо дар сарчашмаҳо таъкид гардидааст[262], амалӣ карда шавад. Масалан, ҳоло дар тамоми ҷумҳурӣ 79 адад ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ расман ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки онҳо дар баробари ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ расман ба амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ машғул мебошанд[263]. Аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ба табиати ҳуқуқии мақсади асосии фаъолияти онҳо, ки ба даст овардани фоида ва тақсими чунин фоидаи бадастоварда дар байни аъзоёни хеш аст, мухолифат менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳарчанд ташкилотҳои таълимӣ дар шакли ташкилотҳои тиҷоратӣ таъсис гардида бошанд[264] ҳам, вале онҳо бо мурури замон ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муассиса ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ табдил дода шудаанд[265]. Дар таҳқиқотҳои илмии олимони соҳа низ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифтааст. Масалан, Ю.Е. Гартсева ба чунин хулоса омадааст, ки фаъолияти таълимӣ бояд пурра аз тарафи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ карда шавад[266].

Т.В. Королева низ ба он ақида аст, ки муассисаи олии таълимӣ набояд, дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратӣ таъсис дода шавад[267]. Қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия низ муқаррар намудааст, ки ташкилотҳои таълимӣ дар шакли муқарраркардаи қонунгузории гражданӣ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд (қисми 1 моддаи 22). Зарур аст, ки дар қонун дар бораи маориф бо мақсади танҳо дар заминаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ва роҳ надодан барои амалигардонии фаъолияти таълимӣ дар заминаи ташкилотҳои тиҷоратӣ муқаррароти зарурӣ пешбинӣ карда шавад.

---

[262] Ниг.: Исматуллоева Н.А. Коммерциализация системы образования: достоинства и недостатки. // Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. – Душанбе: 2016. – С. 458. Инобат Садирова. Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 22 сентябри соли 2022. № 37 (1341) – С. 8.

[263] Ниг.: Инобат Садирова. Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 22 сентябри соли 2022. № 37 (1341) – С. 8.

[264] Ниг.: ҶДММ «Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Душанбе» қабули довталабонро барои соли таҳсили 2019-2020 эълон менамояд // Омӯзгор. 7 марти соли 2019. – № 10 (12183) – С. 16.

[265] Ниг.: Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон барои ишғоли вазифаҳои зерин дар соли 2022 озмун эълон мекунад // Омӯзгор. 16 июни соли 2022. – № 24 (12352) – С. 15.

[266] Ниг.: Гарцева Ю.Е. Образовательные организации в системе некоммерческих корпоративных и унитарных организаций // Ежегодник российского образовательного законодательства. – Том. 10. – 2015 (декабрь) – С. 97.

[267] Ниг.: Королева Т.В. Гражданско-правовой статус государственного образовательного учреждения высшего профессионального образования (государственного вуза) и его структурных подразделений: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону. 2007. – С.8-34.

Қонун дар бораи маориф ба таври алоҳида номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқиро ба истиснои муассиса, ки дар заминаи онҳо ташкилотҳои таълимиро, таъсис додан мумкин аст, муқаррар накардааст. Тавре барҳақ Н.А. Исматуллоева қайд менамояд: «На дар матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва на дар матни дигар санадҳои қонунгузорӣ нишондоди аниқ оид ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқие, ки ҳангоми таъсиси ташкилотҳои таълимӣ истифода намудан мумкин бошад, пешбинӣ нагардидааст»[268]. Аз муқаррароти моддаи 1 қонун дар бораи маориф, ки мафҳуми расмии муассисаи таълимиро пешбинӣ намудааст ва моддаҳои 10 ва 11, инчунин дигар муқаррароти он ба хулоса омадан мумкин аст, ки қонун дар бораи маориф ва дар заминаи он қонунгузории марбут ба зинаҳои таҳсилот, хусусан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ»[269], аз 28 декабри соли 2013, (минбаъд – қонун дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ»[270] аз 22 апрели соли 2003, (минбаъд – қонун дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ»[271] аз 8 августи соли 2015, (минбаъд – қонун дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»[272] аз 19 майи соли 2009, (минбаъд – қонун дар бораи таҳсилоти олии касбӣ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»[273] аз 16 апрели 2012, (минбаъд – қонун дар бораи таҳсилоти иловагӣ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон»[274] аз 24 феврали соли 2017, (минбаъд – қонун дар бораи таҳсилоти калонсолон) низ танҳо як шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ, муассисаро муқаррар кардаанд, халос. Нисбати муассисаҳои таълимӣ ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар поён ба таври муфассал дахл хоҳад гардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни ягона ва мукаммал, ки вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро пурра ва ҳаматарафа танзим

---

[268] Исматуллоева Н.А. К вопросу об организационно-правовой форме образовательных организаций. // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. – № 11. – С. 232.

[269] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», аз 28 декабри соли 2013 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2013. – № 12. мод. 900.

[270] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз 22 апрели соли 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2003. – № 4. – мод. 151; соли 2007. – № 7. – мод. 696; соли 2009. № 3. – мод. 84; соли 2012. – № 7. – мод. 718; соли 2014. – № 7, қ. 2, – мод. 424; Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., № 1463.

[271] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2015. – № 7–9. – мод. 713; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., № 1427; аз 28.08.2017 с., № 1464; аз 17.05.2018 с., № 1528.

[272] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2009. – № 5. – мод. 338; соли 2014. – № 7. қ. 2. – мод. 423; соли 2016. – №7. – мод. 628; соли 2017. – № 7–9. мод. 584; Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 с., № 1126, аз 23.07.2016 с., № 1350, аз 28.08.2017 с., № 1465, аз 17.05.2018 с., № 1529.

[273] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели 2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2012. – № 4. – мод. 276.

[274] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» аз 24 феврали соли 2017 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2017. – № 1–2. – мод. 17; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с. № 1486.

намояд, мавҷуд нест. Аз ин рӯ, ҳоло номгӯи ягона ва мукаммали ташкилотҳои ғайритиҷоратиро низ тибқи қонунгузории амалкунанда ба истиснои КГ ҶТ номбар кардан ғайриимкон аст. Бо назардошти чунин фазои холигии қонунгузорӣ пешниҳод мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ», ки ҳоло тамоман дар кишвари мо қабул нагардидааст дар асоси муқаррароти КГ ҶТ таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад. КГ ҶТ бошад, дар маҷмӯъ шаш номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз ҷумла, кооперативи ғайритиҷоратӣ (моддаи 128), кооператсияи матлубот (моддаи 128[1]), иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ (моддаи 129), фондҳои ҷамъиятӣ (моддаи 130), муассисаҳо(моддаи 132) ва иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо)-ро(моддаи 133) пешбинӣ намудааст, ки ҳоло намудҳои фаъолияти онҳоро пайдарҳам таҳлил менамоем.

**Кооперативи ғайритиҷоратӣ** чунин ташкилоти ғайритиҷоратист, ки дар асоси оинномa асосан ба аъзои худ хизмат мерасонад. Даромади софи кооперативи ғайритиҷоратӣ, ки дар натиҷаи хизматрасониҳо ба шахсони сеюм ба даст оварда шудааст, дар байни аъзои он тақсим карда намешавад ва ин даромад ҷиҳати рушди минбаъдаи он сарф карда мешавад (моддаи 128 КГ ҶТ). Ба андешаи мо, чунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳуқуқи ба фаъолияти таълимӣ машғул шудан надоранд. Чунки, ҳарчанд аз миёни тамоми соҳаҳои фаъолияти коопертиви ғайритиҷоратӣ, ки дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» аз 22 июли соли 2013[275] (минбаъд – қонун дар бораи кооперативҳо) танҳо хизматрасонӣ ба фаъолияти таълимӣ наздик бошад ҳам, вале чунин соҳаи фаъолияти он на ба тамоми аъзои ҷомеа, балки танҳо ба аъзои худ расонида мешавад. Вале, фаъолияти таълимӣ бошад, ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ҳамзамон намуди алоҳидаи хизматрасонӣ аз ҷониби субъектҳои амалисозандаи он на ба доираи муайяни шахсон, балки ба дилхоҳ узви ҷомеа расонида мешавад.

**Кооператсияи матлубот** чунин иттиҳоди ихтиёрии шаҳрвандон аст, ки дар асоси узвият бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи моддии саҳмдорон тавассути муттаҳид сохтани аъзоҳаққии онҳо фаъолият менамояд (моддаи 128 КГ ҶТ). Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[276] аз 13 марти соли 1992 муқаррар менамояд, ки кооператсияи матлубот ташкилоти ҷамъиятии хоҷагидории танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки онҳо бо мақсади қонеъ намудани талаботи худ ба мол ва хизматрасонӣ ихтиёран муттаҳид гардидаанд. Ҳамзамон ба ҳайати он корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо низ ҳамчун аъзо, ки ҷонибдори ҳифзи манфиатҳои оинномавии кооператсияи матлубот мебошанд, дохил гардида метавонанд.

---

[275] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» аз 22 июли соли 2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 519.

[276] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 марти соли 1992 // Қонуни ҶТ аз 04.11.1995 № 126, аз 02.12.2002 № 73, аз 05.01.2008 № 348.

Чунин хусусиятҳои кооператсияи матлубот аз қабили иттиҳоди ихтиёрии шаҳрвандон будани кооператсияи матлубот, танҳо бо мақсади қонеъ намудани талаботи худ ба мол ва хизматрасонӣ муттаҳид гардидани шаҳрвандон, тавассути муттаҳид сохтани аъзоҳаққии онҳо фаъолият намудани кооператсия ва амсоли инҳо ба назари мо, имкон намедиҳанд, ки дар айни замон кооператсияи матлубот ҳамчун ташкилоти амалисозандаи фаъолияти таълимӣ баромад намояд.

**Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ** чунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки ба онҳо шаҳрвандон мувофиқи тартиби муқарраргардида аз рӯи умумияти манфиатҳояшон бо мақсади қонеъ намудани талаботҳои маънавӣ ё ғайримоддии худ ихтиёран муттаҳид гардидаанд(моддаи 129 КГ ҶТ). Чунин муқаррарот дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ»[277] аз 12 майи соли 2007 (минбаъд - қонун дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) низ такрор гардидааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ғайриимкон будани интихоби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ташкилоти таълимӣ чунин изҳори ақида гардидааст: «Шакли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ наметавонад, ҳамчун варианти шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти таълимии амалисозандаи ҷараёни таълим, ки дар сатҳи қонунгузорӣ дар назди худ мақсадҳои гуногунро тасдиқ намудааст, баррасӣ шавад: ташкилоти ҷамъиятӣ барои (ҳимояи манфиатҳои умумӣ ва ноилшавӣ ба мақсадҳои оинномавӣ), фонди ҷамъиятӣ(ташаккули молумулк), мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ (ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ), ҳизбҳои сиёсӣ(иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа) ва ташкилоти хусусии таълимӣ(додани дониш, маҳорат ва малака) пешбинӣ гардидаанд»[278].

Гартсева Ю.Е. бошад, муқобили ин андеша буда қайд менамояд, ки ақидаи мазкур каму беш нодуруст аст, чунки ташкилотҳои ҷамъиятӣ ғайр аз ҳифзи манфиатҳои умумӣ, инчунин ба сифати иттиҳодияҳо дар навбати аввал барои қонеъ намудани талаботҳои маънавӣ ва ғайримоддӣ, ки ба он аз ҷумла таҳсилот (маориф) низ дохил аст, баромад менамоянд[279]. Ба андешаи мо, ташкилоти ҷамъиятӣ ҳамчун намуди мустақили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади баланд бардоштани маънавиёти ҷомеа дар соҳаҳои гуногун, маориф, фарҳанг, сиёсат, кишоварзӣ, саноат, сохтмон ва ғайраҳо, ки ба мавзуи фаъолияти онҳо мансуб аст, ҳуқуқи ба фаъолияти таълимӣ машғул шудан дорад.

---

[277] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №5, мод. 363; с. 2008, №3, мод. 202; с.2010, №7, мод. 554; с.2013, №3, мод.202; Қонунҳои ҶТ аз 8.08.с. 2015, № 1210; аз 23.11.2015 с., № 1242; аз 02.01.2019 с., № 1575; ҚҶТ аз 25.06.2021 с., №1801.

[278] Деревянченко О. А. Проблемы определения организационно-правовой формы организаций в области образования // Научный вестник Волгоградской академии государственной службы. Серия «Юриспруденция». 2011. – №1. – С. 59.

[279] Ниг.: Гарцева Ю.Е. Мақолаи илмии номбаршуда. – С.93.

**Ташкилотҳои динӣ** ҳамчун шакли мустақили иттиҳодияи динӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»[280] аз 26 марти соли 2009 (минбаъд - қонун дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ) иттиҳоди ихтиёрӣ ва мустақили шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки он бо мақсади якҷоя анҷом додани ибодат, таълими динӣ ва паҳн кардани эътиқоди динӣ ташкил карда мешавад (қисми 7 моддаи 10 ). Маълум мегардад, ки яке аз мақсади асосии ташкил ва фаъолияти ташкилоти динӣ маҳз таълими динӣ мебошад, ки он дар заминаи таъсис додани ташкилоти муайяни таълимии динӣ амалӣ карда мешавад. Бо ин мақсад, қонун дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ ба ташкилотҳои динӣ дар қисми 2 моддаи 8 ҳуқуқи таъсис додани муассисаҳои таълимии диниро кафолат дода, дар қисми 8 моддаи 10 бошад, муассисаҳои таълимии диниро яке аз шаклҳои ташкилотҳои динӣ номидааст. Ҳамин тавр, ташкилотҳои ҷамъиятии динӣ ҳамчун намуди мустақили иттиҳодияҳои динӣ тавассути таъсис додани муассисаҳои таълимии динӣ дар сохтор хеш ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимии диниро бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд.

**Фондҳои ҷамъиятӣ** ташкилоти ғайритиҷоратии узвиятнадоштае мебошанд, ки онро шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқӣ дар асоси пардохтҳои ихтиёрии молу мулки таъсисгардида, мақсадҳои хайрия, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ ё мақсадҳои дигари умумии муфидро пеш гирифтаанд, таъсис дода мешаванд (моддаи 130 КГ ҶТ). Муҳаққиқони ватанӣ зимни тафсири моддаи 130 КГ ҶТ на ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ доштани фондҳоро ҳамчун ташкилоти таълимӣ, балки барои таъмини талаботи моддӣ ва маънавии кормандони соҳаи маориф ва таҳсилгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ таъсис гардидани онҳоро таъкид намудаанд[281]. О.А. Деревянченко чунин ақида дорад, ки фонд низ наметавонад, ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои давлатӣ ва хусусии таълимӣ баромад намояд[282]. Н.В. Козлова низ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ва илмиро аз ҷониби фондҳо, ки ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратии ба узвият асоснаёфта ва дар заминаи пардохтҳои ихтиёрии молумулкии шаҳрвандон ва (ё) шахсони ҳуқуқӣ таъсис гардида мебошад, номувофиқ донистааст[283].

Вале, Ю.Е. Гартсева бошад, қайд менамояд, ки қонунгузории амалкунанда ягон шакли манъгардонӣ ва маҳдудият барои таъсиси фонд дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти таълимиро муқаррар накардааст.

---

[280] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 3, мод. 82; с. 2011, № 6, мод. 450; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., № 1497.

[281] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К., Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1). – Душанбе: 2010. – С. 358.

[282] Ниг.: Деревянченко О. А. Мақолаи илмии номбаршуда. – С. 59.

[283] Ниг.: Козлова Н.В. Проблемы гражданско-правового статуса научно-образовательных учреждений в свете Концепции развития законодательства Российской Федерации о юридических лицах. // Ежегодник российского образовательного законодательства. – 2009. – Том.4/2. – С.16.

Зиёда аз ин, қонунгузорӣ бевосита муқаррар менамояд, ки фонд ба сифати ташкилоти амалисозандаи мақсадҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла таълимӣ низ таъсис дода мешавад. Ба мақсадҳои таълимӣ бошад, танҳо дар ҷараёни амалигардонии барномаҳои дахлдори таълимӣ ноил гардидан мумкин аст[284].

Вале, қонунгузор дар моддаи 62 қонун дар бораи маориф таъсиси фондҳои гуногунро дар соҳаи маориф на бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ, балки бо мақсади беҳтар намудани раванди таълиму тарбия ва такмили он, таҳкими заминаҳои моддию техникии соҳа, ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳа, инчунин таҳсилгирандагон пешбинӣ намудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ таъсиси фондҳо дар соҳаи маориф маҳз барои беҳтар намудани фаъолияти таълиму тарбия ва такмили вазъи молиявӣ, таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва ҳифзи иҷтимоии омӯзгорону кормандони соҳа ва ғайраҳо равона гардидани фаъолияти фондҳо таъкид гардидааст[285]. Ба андешаи мо, фондҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф на бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор, балки барои ноил гардидан ба мақсадҳои таълиму тарбия, ки дар моддаи 130 КГ ҶТ ҳамчун яке аз мақсадҳои асосии таъсиси фондҳо муқаррар гардидааст, таъсис дода мешаванд.

Муассисаҳо чунин ташкилоти ғайритиҷоратие мебошанд, ки молик онро барои амалӣ намудани вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва вазифаҳои дигари дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ менамояд (моддаи 132 КГ ҶТ). Яке аз вазифаҳои дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ, ки қонун дар бораи маориф ҳамчун қонуни асосии соҳа, ҳамзамон қонунгузории марбут ба зинаҳои таҳсилот ба зиммаи муассисаи таълимӣ ҳамчун ташкилоти давлатӣ ва ғайридавлатии таълимӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ вогузор кардааст, амалӣ намудани раванди муттасили таълиму тарбия (фаъолияти таълимӣ – А.С.) оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ мебошад(моддаи 1 қонун дар бораи маориф). Ҳамин тавр, қонунгузории соҳаи маориф ҳоло барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ танҳо як шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ муассисаро муқаррар кардааст, ки он дар таъмини ҳуқуқи конститутсионии шахс ба таҳсил нақши муҳим ва арзанда дорад.

Зимнан бояд дар назар дошт, ки ҳоло дар таҷриба фаъолияти таълимӣ, на танҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ, ки қонун дар бораи маориф муқаррар кардааст, балки аз ҷониби муассисаҳои илмӣ (Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон[286] ва академияҳои илмҳои соҳавӣ), дар зинаи

---

[284] Ниг.: Гарцева Ю.Е. Мақолаи илмии номбаршуда. – С. 94.

[285] Ниг.: Лукашенко М. Рынок образовательных услуг: десять лет спустя // Высшее образование в России. – 2003. – № 1. – С. 45.

[286] Ниг.: Джамшед Юсупов. Проведены исследования в области прикладной математики. // Народная газета. 11 августа 2021 года. – № 31 (20312) – С.7.

таҳсилоти олии касбӣ, хусусан дараҷаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ (магистратура) ва муассисаҳои тарбиявии беруназмактабӣ[287] дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар навъҳо ва намудҳои муассисаҳо низ амалӣ карда мешаванд, ки қонун дар бораи маориф то ҳол онҳоро муқаррар накардааст.

Зарур аст, ки қонун дар бораи маориф дар баробари муассисаҳои таълимӣ, инчунин муассисаҳои илмӣ ва тарбиявии беруназмактабиро низ ҳамчун ташкилотҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ муқаррар намояд[288]. Ба андешаи мо, фаъолияти таълимӣ аз ҷониби муассисаҳои илмӣ ва тарбиявӣ на ҳамчун ба сифати фаъолияти асосӣ, балки ҳамчун ба сифати фаъолияти иловагӣ, ки барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти онҳо равона гардидаанд, амалӣ карда мешавад. Фаъолияти асосии онҳо бошад, ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мутаносибан фаъолияти илмӣ ва фаъолияти тарбиявӣ мебошанд. Пас, хулоса кардан мумкин аст, ки фаъолияти таълимиро ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳам ба сифати фаъолияти асосӣ ва ҳам ба сифати фаъолияти иловагӣ ҳуқуқи амалӣ намудан доранд.

Ҳамин тавр, ҳоло дар таҷриба фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла таълиму тарбияи насли наврас, ҳамзамон омода кардани кормандон ва мутахассисони тамоми касбу кори гуногун дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, асосан аз ҷониби муассисаҳо ҳамчун шакли мустақили ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ гардида истодааст. Чунонки, Ю. Е. Гартсева таъкид менамояд, дар таҷриба муассиса ягона шакли ташкилӣ-ҳуқуқии аз ҳама паҳнгардидаи ташкилотҳои таълимӣ баромад менамояд[289]. Дигар муҳаққиқон низ муассисаро шакли аз ҳама муносиби ташкилотҳои таълимӣ донистаанд[290].

**Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо)** чунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки ба онҳо ташкилотҳои тиҷоратӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкориашон, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молу мулкӣ дар асоси шартномаи байни худ муттаҳид гардидаанд (моддаи 133 КГ ҶТ).

Бояд қайд кард, ки ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо шакли мустақили муттаҳидшавии на танҳо шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, балки шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ низ мебошанд, ки ба узвият асос ёфтааст. Аз ин рӯ, дар баробари ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ ҳуқуқ доранд, ассотсиатсияҳо ва

[287] Ниг.: Санадҳои меъёрии ҳуқуқии назорат дар соҳаи маориф. – Душанбе: 2018. – С.71.
[288] Ниг.: Абдураҳимов С. Қ. Муассисаи таълимӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2021. – С.39.
[289] Ниг.: Гарцева Ю.Е. Мақолаи илмии номбаршуда. – С. 94.
[290] Ниг.: Смолин О.Н. Законодательное регулирование экономики образования как идеологическая проблема // Право и образование 2002 №3 С.54. Лескова Ю.Г. Правовое положение учреждений по Российскому законодательству: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Белгород. – С. 9. Беляков С.А. О статусе высшего учебного заведения // Университетское управление практика и анализ. 2003. №5 – 6. – С. 52-57.

иттифоқҳои мансуб ба мақсади фаъолияти худро ҳамчун шакли иттиҳодияҳо низ ташкил намоянд. Онҳо дар ҳайати чунин иттиҳодияҳо мустақилияти худро ба таври комил ҳамчун шахси ҳуқуқии мустақил нигоҳ медоранд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо ҳамчун шакли иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, на барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ, балки барои ҳамоҳангсозии мақсади асосии фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои марбут ба мақсади асосии фаъолияти онҳо таъсис дода мешаванд. Зимнан бояд дар назар дошт, ки онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар сохтори хеш марказҳои таълимии кутоҳмуддати ба самти ихтисос ва касбу кори кормандони хеш мувофиқро ташкил ва дар ин замина фаъолияти таълимиро дар намуди таҳсилоти иловагӣ(такмили ихтисоси кормандон) амалӣ намоянд. Чунончи, мувофиқи қисми 4 моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвоктура ва фаъолияти адвокатӣ» (минбаъд – қонун дар бораи адвоктура ва фаъолияти адвокатӣ) аз 18 марти соли 2015 Иттифоқи адвокатҳо ҳуқуқ дорад бо мақсади бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо Маркази такмили ихтисоси адвокатҳо ё курсҳои махсус ташкил намояд[291].

Дигар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки дар моддаи 50 Кодекси граждании Федератсияи Россия (қисми якум) аз 30 ноябри соли 1994, № 51-ФЗ (минбаъд – КГ ФР) ва дар моддаҳои 123,24, 124,25 муфассал танзим гардидааст ва он тамоман дар КГ ҶТ мавҷуд намебошад, ташкилотҳои худмухтори ғайритиҷоратӣ мебошанд[292]. Мувофиқи моддаи 123,24 КГ ФР ташкилоти ғайритиҷоратии воҳиде, ки ба узвият асос наёфта, дар асоси пардохтҳои молумулки шаҳрвандон ва (ё) шахсони ҳуқуқӣ бо мақсади расонидани хизмат дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм ва дигар соҳаҳои фаъолияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода шудааст, ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ дониста мешавад. Дар моддаи 10 Қонуни Федералӣ «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ»[293] аз 12 январи соли 1996, №7-ФЗ (минбаъд – қонун дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) низ чунин мақсад ва вазифаҳои ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ пешбинӣ гардидааст.

Маълум аст, ки яке аз мақсади асосии таъсиси ташкилотҳои худмухтори ғайритиҷоратӣ маҳз дар баробари дигар намудҳои

---

[291] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвоктура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 3, мод. 204; № 11, мод. 958; с. 2016, №5, мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1391; аз 04.07.2020 № 1704.

[292] Ниг.: Граждансский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30 ноября 1994 года. № 51-ФЗ. (последняя редакция). [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_5142/2d5c3e7ade277916ba566670dcab3450bc8dfde1/ (санаи муроҷиат 19.07.2022).

[293] Ниг.: Федеральный закон «О некоммерческих организациях» от 12 января 1996 года № 7-ФЗ. (последняя редакция). [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_8824/c7d4313ea76843ee327f699ed692067c62c65d72/ (санаи муроҷиат 19.07.2022).

хизматрасонӣ, инчунин хизматрасонӣ дар соҳаи таълим мебошад. Мувофиқи қонун дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ ташкилоти ғайритиҷоратие дониста мешавад, ки ба узвият асоснаёфта бо мақсади расонидани хизмат дар соҳаҳои таълим, тиб, фарҳанг, илм, ҳуқуқ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин дигар соҳаҳо таъсис дода мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешавад, ки ташкилотҳои таълимӣ на танҳо дар шакли ташкилӣ – ҳуқуқии муассисаҳо, балки дар дигар шаклҳо, аз ҷумла шарикии ғайритиҷоратӣ ва ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ низ таъсис дода шаванд[294].

В.В. Кванина низ таъсиси ташкилоти таълимиро дар намуди ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ ҷонибдорӣ намуда, ақидаи худро чунин ҷамъбаст намудааст: «Ҳамин тариқ, агар дар соҳаи таҳсилоти олӣ варианти дигари интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти таълимиро ба миён гузоранд, дар ин ҳолат ба сифати чунин ташкилот ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратиро пешниҳод намудан мувофиқи мақсад аст»[295].

С.А. Денисов пешниҳод менамояд, ки зимни таъсиси ташкилотҳои таълимӣ танҳо бо шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муассиса ва ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ маҳдуд шудан лозим аст: «Дар қонунгузории соҳаи маориф бевосита бояд пешниҳод шавад, ки ташкилотҳои таълимӣ метавонанд, танҳо дар шакли муассиса (муассисаи таълимӣ) ё ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ (ташкилоти таълимии худмухтори ғайритиҷоратӣ) таъсис дода шаванд»[296]. Ҳарчанд, дар баъзе сарчашмаҳо таъсиси ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ ҳамчун ташкилоти таълимӣ ҷонибдорӣ нагардидааст[297] бо вуҷуди ин ба андешаи мо, фаъолияти таълимиро дар баробари муассисаҳо, инчунин дар заминаи ташкилотҳои худмухтори ғайритиҷоратӣ низ ҳамчун шакли мустақили ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, вобаста ба таъсиси номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияти таълимиро бояд амалӣ намоянд, миёни олимон фикру ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Ю.Е. Гартсева таъсиси ташкилотҳои таълимиро дар шаклҳои ташкилӣ - ҳуқуқии муқарраркардаи қонунгузории граждонӣ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ассосиатсияҳо (иттифоқҳо), фондҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои динӣ қобили қабул

---

[294] Ниг.: Токмовцева М. Вуз как хозяйствующий субъект. Особенности и проблемы // – Закон. – 2002. – № 4. – С. 21; Лукашенко М. Рынок образовательных услуг: десять лет спустя // Высшее образование в России. – 2003. – № 1. – С. 44; Леонтьева О.Б. Вещные права образовательных организаций: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 15–16; Агеев С.О взаимосвязи оранизационно-правовых форм и экономики учебных заведений // Законодательство и экономика. – 1999. – № 7. – С. 36.

[295] Кванина, В.В. Гражданско-правовое регулирование отношений в сфере высшего профессионального образования: [Текст] / В.В. Кванина. – монография. – М.: Изд-во Готика, 2005. – С.123.

[296] Денисов С. А. Организационно-правовые формы образовательных организаций // Проблемы применения и эффективности норм гражданского права в сфере образования: материалы научно-практического семинара (Южно-Уральский государственный университет, 20–21 сентября 2007 г.) / Под ред. В. В. Кваниной. Челябинск: НТЦ-НИИОГР, 2008. – С. 33.

[297] Ниг.: Королева Т.В. Гражданско-правовой статус государственного образовательного учреждения высшего профессионального образования (государственного вуза) и его структурных подразделений: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону. 2007. – С.35-36.

донистааст[298]. Л.Г. Максиметс бошад, танҳо ҷонибдори амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ тавассути муассисаҳо мебошад[299].

Маълум мегардад, ки як гурӯҳи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла муассисаҳо ва ташкилотҳои худмухтори ғайритиҷоратӣ фаъолияти таълимиро ба сифати намуди асосии фаъолияти худ ва як гурӯҳи дигари ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла муассисаҳои илмӣ ва тарбиявӣ, иттифоқҳо ва ғайраҳо фаъолияти таълимиро ба сифати намуди ғайриасосии фаъолияти худ амалӣ менамоянд. Пас, он ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки фаъолияти таълимиро ба сифати намуди асосии фаъолияти худ амалӣ менамоянд, ташкилотҳои таълимӣ (муассисаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти дахлдор) ва он ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки фаъолияти таълимиро ба сифати намуди ғайриасосии фаъолияти худ амалӣ менамоянд, ташкилотҳои ғайритаълимӣ(муассисаҳои илмӣ ва тарбиявӣ, Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра) номидан мумкин аст. Маҳз ба сифати намуди ғайриасосии фаъолияти худ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ имкон намедиҳад, ки чунин ташкилотҳоро ба қатори ташкилотҳои таълимӣ дохил намоем[300].

Дар маҷмуъ, ғайр аз ташкилотҳои таълимӣ, инчунин дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, хусусан ташкилотҳое, ки намуди асосии фаъолияти онҳо ба дараҷаи дониш ва маҳорати кормандони хеш алоқамандии зич дорад ва ноил гардидан ба мақсад ва намуди асосии фаъолияти худ бидуни амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ба сифати намуди ғайриасосии фаъолияти худ ғайриимкон аст, фаъолияти таълимиро ба сифати намуди ғайриасосии фаъолияти худ амалӣ менамоянд. Ба моддаи 1(мафҳумҳои асосӣ) қонун дар бораи маориф, ки ҳоло дар он мафҳумҳои расмии «фаъолияти таълимӣ», «ташкилоти таълимӣ» ва «ташкилоти амалисозандаи фаъолияти таълимӣ» муқаррар нагардидааст, чунин мафҳумҳо пешниҳод мешаванд: Фаъолияти таълимӣ – ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ намуди асосӣ ва ғайриасосии фаъолияти шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ буда, тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда шуда, дар натиҷа ба таҳсилгиранда оид ба хатми зина ва дараҷаи таҳсилот ҳуҷҷати намунаи муқарраршудаи давлатии таҳсилот (аттестат, шаҳодатнома, диплом ва ғайра) дода мешавад».

«Ташкилоти таълимӣ – шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии муқарраркардаи қонунгузорӣ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода шуда, фаъолияти таълимиро оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таълимии зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилоти дахлдор дар асоси

---

298 Ниг.: Гарцева Ю.Е. Мақолаи илмии номбаршуда.– С. 97.

299 Ниг.: Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва. 2001. – С. 71.

300 Ниг.: Гарцева Ю.Е. Мақолаи илмии номбаршуда. – С.92.

иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба сифати намуди асосии фаъолияти худ, ки ташкилоти мазкур барои ноил гардидан ба чунин мақсад таъсис дода шудааст, амалӣ менамояд.

Ташкилоти амалисозандаи фаъолияти таълимӣ – шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии муқарраркардаи қонунгузорӣ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода шуда, фаъолияти таълимиро оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таълимии зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилоти дахлдор дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар баробари намуди асосии фаъолияти худ ба сифати намуди ғайриасосии (иловагии) фаъолияти худ, ки амалигардонии фаъолияти таълимӣ барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти онҳо зарур мебошад, амалӣ менамояд».

Ҳамин тариқ, дар маҷмӯъ субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, ташкилотҳои таълимӣ ба сифати намуди асосии фаъолият ва ташкилотҳои ғайритаълимӣ бошанд ба сифати намуди ғайриасосии фаъолият мебошанд, ки ҳоло чунин ҳолатро қонун дар бораи маориф ба таври зарурӣ муқаррар накардааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки муқаррароти моддаи 10 қонун дар бораи маориф, ки ҳоло муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он ном дорад дар таркиби моддаи 11 қонун дар бораи маориф муттаҳид карда шуда, худи моддаи 10 қонун дар бораи маориф бошад бо истифода аз таҷрибаи моддаи 21 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия дар таҳрири зерин баён карда шавад:

«Моддаи 10 Фаъолияти таълимӣ

1. Фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ, инчунин дигар ташкилотҳои таълимӣ, ки амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати намуди асосӣ ва ғайриасосии фаъолият ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, амалӣ карда мешавад.

2. Ба субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ дохиланд:

1. Шахсони воқеӣ

1.1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

2. Шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияти таълимиро ба сифати мақсад ва намуди асосии фаъолияти худ амалӣ менамоянд:

2.1. Муассисаҳои таълимӣ, инчунин дигар навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликияти онҳо;

2.2. Ташкилотҳои худмухтори ғайритиҷоратӣ новобаста аз шакли моликияти онҳо;

2.3. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун намуди алоҳидаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

3. Шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияти таълимиро ба сифати мақсад ва намуди ғайриасосии (иловагии) фаъолияти худ амалӣ менамоянд:

3.1. Муассисаҳои илмӣ ва тарбиявӣ, инчунин дигар навъҳо ва намудҳои муассисаҳои илмӣ ва тарбиявӣ новобаста аз шакли моликияти онҳо;

3.2. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла иттифоқҳо.

Тартиби таъсис ва фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ, инчунин дигар ташкилотҳои таълимиро қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд».

Чун сухан оид ба амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ аз ҷониби шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ва ташкилотҳои таълимӣ меравад, пас савол ба миён меояд, ки шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дар кадом зинаҳои таҳсилот доранд? Чунки қонун дар бораи маориф соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи ниҳоят васеъ, мураккаб, аз ҷиҳати фарогирии шумораи аҳолӣ ниҳоят зиёд ва дар айни замон соҳаи афзалиятнок ва стратегӣ дар моддаи 1 ба зинаҳои таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ), ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ҷудо намуда, ҳамзамон дар моддаҳои 21, 22 ва 23 мутаносибан падидаҳои «таҳсилоти иловагӣ», «таҳсилоти махсус» ва «таҳсилоти калонсолон» - ро низ муқаррар кардааст. Ҳар як зинаҳои таҳсилот дар баробари дорои хусусиятҳои умумӣ, инчунин дорои хусусиятҳои ба худ хос ва дар айни замон аз ҳамдигар фарқкунанда буда, ба назари мо онҳо бояд дар қонунгузории амалкунандаи кишварамон муқаррар карда шаванд.

Пас, саволи матраҳ аз он иборат аст, ки шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар кадом зинаҳои таҳсилот ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дорад? Мутаассифона, ба саволи мазкур қонун дар бораи маориф дар мафҳуми расмии фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ (моддаи 1), фаъолияти омӯзгорӣ (моддаи 48), фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимӣ (моддаи 58), ки дар муқаррароти онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба фаъолияти инфиродии омӯзгорӣ танзим гардидаанд ва посухи саволи мазкур низ ба мавзӯи танзими онҳо мансуб аст, посух муқаррар накардааст. Ғайр аз ин, дар моддаҳои 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22 ва 23 қонун дар бораи маориф, ки марбут ба зинаҳои таҳсилот ва падидаҳои таҳсилоти иловагӣ таҳсилоти махсус ва таҳсилоти калонсолон мебошанд аз ҷониби омӯзгорони алоҳида ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба истисной муассисаҳои таълимӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Дар моддаи 32 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия бошад, омадааст, ки соҳибкорони инфиродӣ фаъолияти таълимиро аз рӯи

барномаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи асосӣ ва иловагӣ, инчунин барномаи таҳсилоти касбӣ амалӣ менамоянд. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки пас аз дар қонун дар бораи маориф ҷудо кардани моддаи алоҳида оид ба соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимии онҳо дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор низ муқаррар карда шавад.

Азбаски, ғайр аз шахсони воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ, инчунин ташкилотҳо низ ҳуқуқи амали намудани фаъолияти таълимиро доранд, пас савол ба миён меояд, ки кадом шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳо дар кадом зинаҳои таҳсилот ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро доранд? Бояд қайд кард, ки қонун дар бораи маориф ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дар зинаҳои таҳсилоти томактабӣ (моддаи 15), таҳсилоти миёнаи умумӣ (моддаи 16) ба муассисаҳо ва дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ (моддаи 17) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва курсҳои таълимии назди ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, истеҳсолӣ, корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ, дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (моддаи 18), таҳсилоти олии касбӣ (моддаи 19) ба муассисаҳо ва дар зинаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ(моддаи 20) ба муассисаҳо мансуб донистааст.

Ҳамзамон, қонун дар бораи маориф ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро оид ба таҳсилоти иловагӣ (моддаи 21) ва таҳсилоти махсус (моддаи 22), ки ба зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дохиланд ба муассисаҳои махсуси таҳсилоти умумӣ вогузор намудааст. Инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун намуди алоҳидаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттифоқҳо низ ҳамчун намуди алоҳидаи иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дар зинаи таҳсилоти иловагӣ доранд. Қонун дар бораи маориф ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро оид ба таҳсилоти калонсолон (моддаи 23) бошад, ки ба таркиби таҳсилоти ибтидоии касбӣ дохил аст, ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти калонсолон вогузор намудааст. Минбаъд бо падид омадани дигар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ғайр аз муассисаҳо, ки ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро ба сифати намуди асосӣ ва ғайриасосии фаъолият доранд, вазифаи навбатӣ дар назди қонунгузории соҳаи маориф муқаррар кардани мансубияти ҳуқуқи онҳо барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор аст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур муаллиф ба чунин хулоса омад:

1. Ҳарчанд қонун дар бораи маориф падидаи соҳибкорони инфиродиро, ки фаъолияти таълимиро амалӣ менамоянд, муқаррар накардааст, вале таҷриба собит менамояд, ки ҳоло соҳибкорони инфиродӣ низ дар баробари ташкилотҳои таълимӣ фаъолияти таълимиро амалӣ менамоянд. Бино бар ин, пешниҳод мешавад, ки бо истифода аз таҷрибаи

моддаи 32 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия дар қонун дар бораи маориф моддаи алоҳида таҳти унвони «Соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда» пешбинӣ карда шуда, вазъи ҳуқуқии ин субъектон ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ мушаххас карда шавад. Дар маҷмӯъ, падидаи соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда таҳқиқоти алоҳида ва махсусро тақозо менамояд.

2. Фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, ки ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ равона гардидааст бояд на аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида ва тақсими чунин фоидаи ба дастоварда дар байни аъзоёни хеш аст, балки маҳз аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, амалӣ карда шавад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки қонун дар бораи маориф бо мақсади танҳо аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ва дар ин замина, роҳ надодан ба амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ муқарраароти алоҳида пешбинӣ намояд.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни ягона ва мукаммал, ки вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратиро пурра ва ҳаматарафа танзим намояд, мавҷуд нест. Аз ин рӯ, ҳоло номгӯи ягона ва мукаммали ташкилотҳои ғайритиҷоратиро низ тибқи қонунгузории амалкунанда ба истисноი КГ ҶТ номбар кардан ғайриимкон аст. Бо назардошти чунин фазои холигии қонунгузорӣ пешниҳод мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ», ки ҳоло тамоман дар кишвари мо қабул нагардидааст дар асоси муқаррароти КГ ҶТ вале сарфи назар аз такрори муқаррароти КГ ҶТ таҳия ва мавриди амал қарор дода шавад.

4. Ҳарчанд, дар баъзе сарчашмаҳо таъсиси ташкилоти худмухтори ғайритиҷоратӣ ҳамчун ташкилоти таълимӣ ҷонибдорӣ нагардидааст бо вуҷуди ин ба андешаи мо, фаъолияти таълимиро дар баробари муассисаҳо, инчунин дар заминаи ташкилотҳои худмухтори ғайритиҷоратӣ низ ҳамчун шакли мустақили ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ намудан мумкин аст.

5. Фаъолияти таълимӣ – ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ намуди асосӣ ва ғайриасосии фаъолияти шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ буда, тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ карда шуда, дар натиҷа ба таҳсилгиранда оид ба хатми зина ва дараҷаи таҳсилот ҳуҷҷати намунаи муқарраршудаи давлатии таҳсилот (аттестат, шаҳодатнома, диплом ва ғайра) дода мешавад».

6. Ташкилоти таълимӣ – шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии муқарраркардаи қонунгузорӣ нисбати

ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода шуда, фаъолияти таълимиро оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таълимии зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилоти дахлдор дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба сифати намуди асосии фаъолияти худ, ки ташкилоти мазкур барои ноил гардидан ба чунин мақсад таъсис дода шудааст, амалӣ менамояд.

7. Ташкилоти амалисозандаи фаъолияти таълимӣ – шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии муқарраркардаи қонунгузорӣ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода шуда, фаъолияти таълимиро оид ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатии таълимии зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилоти дахлдор дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар баробари намуди асосии фаъолияти худ ба сифати намуди ғайриасосии (иловагии) фаъолияти худ, ки амалигардонии фаъолияти таълимӣ барои ноил гардидан ба мақсади асосии фаъолияти онҳо зарур мебошад, амалӣ менамояд.

8. Қонунгузории амалкунандаи соҳаи маориф амалигардонии фаъолияти таълимиро ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ дар миёни тамоми шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ маҳз ба муассисаҳо вобаста кардааст. Аз ин рӯ, муассисаҳо ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини ҳуқуқи конститутсионии шахс ба таҳсил тавассути амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ба сифати намуди асосии фаъолияти худ нақши ниҳоят муҳим ва арзанда доранд. Онҳо нисбат ба дигар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, шакли аз ҳама муносиб ва мувофиқи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ дар тамоми зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилот аст. Ба андешаи мо, маҳз тавассути муассисаҳо барои тамоми аҳолӣ таҳсили мувофиқ ва муносиб, хусусан дастрас ва ройгон будани онро, ки яке аз ҳуқуққои конститутсионии шахс мебошад ба таври самаранок ва назаррас таъмин намудан мумкин аст. Зарур аст, ки чунин шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ дар соҳаи маориф маҳз бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ба сифати намуди асосии фаъолият дар тамоми зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилот нигоҳ дошта шавад.

Зимнан бояд дар назар дошт, ки ҳоло дар таҷриба фаъолияти таълимӣ, на танҳо аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ, ки қонун дар бораи маориф муқаррар кардааст, балки аз ҷониби муассисаҳои илмӣ (Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва академияҳои илмҳои соҳавӣ), дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ хусуан дар дараҷаи дуюми таҳсилоти олии касбӣ (магистратура) ва муассисаҳои тарбиявии беруназмактабӣ дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дигар навъҳо ва намудҳои муассисаҳо низ амалӣ карда мешаванд, ки қонун дар бораи маориф онҳоро пешбинӣ накардааст. Зарур аст, ки қонун дар бораи маориф дар баробари муассисаҳои таълимӣ, инчунин муассисаҳои илмӣ ва

тарбиявии беруназмактабиро низ ҳамчун ташкилотҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ муқаррар намояд.

9. Пешниҳод мешавад, ки муқаррароти моддаи 10 қонун дар бораи маориф, ки ҳоло муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он ном дорад, ҳамчун яке аз навъҳои ташкилотҳои таълимӣ дар таркиби моддаи 11 қонун дар бораи маориф муттаҳид карда шуда, худи моддаи 10 қонун дар бораи маориф бошад, бо истифода аз таҷрибаи моддаи 21 қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия дар таҳрири зерин баён карда шавад:

«Моддаи 10 Фаъолияти таълимӣ

1. Фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ, инчунин дигар ташкилотҳои таълимӣ, ки амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати намуди асосӣ ва ғайриасосии фаъолият ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст, амалӣ карда мешавад».

2. Ба субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ дохиланд:

1. Шахсони воқеӣ

1.1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

2. Шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияти таълимиро ба сифати мақсад ва намуди асосии фаъолияти худ амалӣ менамоянд:

2.1. Муассисаҳои таълимӣ, инчунин дигар навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликияти онҳо;

2.2. Ташкилотҳои худмухтори ғайритиҷоратӣ новобаста аз шакли моликияти онҳо;

2.3. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҳамчун намуди алоҳидаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

3. Шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ, ки фаъолияти таълимиро ба сифати мақсад ва намуди ғайриасосии (иловагии) фаъолияти худ амалӣ менамоянд:

3.1. Муассисаҳои тарбиявӣ ва илмӣ, инчунин дигар навъҳо ва намудҳои муассисаҳои тарбиявӣ ва илмӣ новобаста аз шакли моликияти онҳо;

3.2. Иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла иттифоққҳо.

Тартиби таъсис ва фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ, инчунин дигар ташкилотҳои таълимиро қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд».

10.Мутаассифона, қонун дар бораи маориф то ҳол муқаррар накардааст, ки шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дар кадом зинаҳои таҳсилот дорад. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади мукаммал намудани

холигии мазкур дар қонун дар бораи маориф пас аз ҷудо кардани моддаи алоҳида оид ба соҳибкорони инфиродии фаъолияти таълимиро амалисозанда ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимии онҳо дар зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилоти дахлдор муқаррар карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мазкур ҳамчун кушиши нахустини муаллиф нисбати субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ буда, он барои боз ҳам равшантар гардидани фаъолияти субъектҳои номбурда дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ва боз ҳам мукаммалтар гардидани муқарраротi қонунгузорӣ вобаста ба субъектҳои амалисозандаи фаъолияти таълимӣ мусоидат хоҳад кард.

**Адабиёт:**


1. Абдураҳимов С.Қ. Муассисаи таълимӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. – Душанбе: «Ирфон» 2021. – 225 с.
2. Агеев С.О. взаимосвязи оранизационно-правовых форм и экономики учебных заведений // Законодательство и экономика. – 1999. – № 7. – С. 36 – 40.
3. Беляков С.А. О статусе высшего учебного заведения // Университетское управление практика и анализ. 2003. – №5 – 6. – С.52-57.
4. Гарцева Ю.Е. Образовательные организации в системе некоммерческих корпоративных и унитарных организаций // Ежегодник российского образовательного законодательства. – Том. 10. – 2015 (декабрь) – С. 82-98.
5. Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30 ноября 1994 года. – № 51-ФЗ. (последняя редакция). [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_5142/2d5c3e7ade277916ba566670dcab3450bc8dfde1/ (санаи муроҷиат 19.07.2022).
6. Деревянченко О.А. Проблемы определения организационно-правовой формы организаций в области образования // Научный вестник Волгоградской академии государственной службы. Серия «Юриспруденция». 2011. – № 1. – С. 55-61.
7. Джамшед Юсупов. Проведены исследования в области прикладной математики. // Народная газета. 11 августа 2021 года. №31 (20312) – С.7.
8. Денисов С.А. Организационно-правовые формы образовательных организаций // Проблемы применения и эффективности норм гражданского права в сфере образования: материалы научно-практического семинара (Южно-Уральский государственный университет, 20–21 сентября 2007 г.) / Под ред. В. В. Кваниной. Челябинск: НТЦ-НИИОГР, 2008. – С. 33.
9. Инобат Садирова. Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 25 августи соли 2022. – № 33 (1337) – С.9.
10. Инобат Садирова. Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 22 сентябри соли 2022. – № 37 (1341) – С.8.

11. Исматуллоева Н.А. Коммерциализация системы образования: достоинства и недостатки. // Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. – Душанбе: 2016. – С.576.

12. Исматуллоева Н.А. К вопросу об организационно-правовой форме образовательных организаций. // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. – № 11. – С.232-238.

13. Федеральный закон Российской Федерации «Об образовании в Российской Федерации» от 29.12.2012. – № 273-ФЗ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: // www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_140174/ (санаи муроҷиат: 7.07.2022).

14. Федеральный закон «О некоммерческих организациях» от 12 января 1996 г. № 7-ФЗ. (последняя редакция). [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_8824/c7d4313ea76843ee327f699ed692067c62c65d72/ (санаи муроҷиат 19.07.2022).

15. Королева Т.В. Гражданско-правовой статус государственного образовательного учреждения высшего профессионального образования (государственного вуза) и его структурных подразделений: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 – Ростов-на-Дону. 2007. – С. 217.

16. Кудратов Н.А., Зоидбоева М.Б. Высшее учебное заведение как субъект обязательства по договору возмездного оказания образовательных услуг. // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2017. № 2. – С.242-248.

17. Козлова Н.В. Проблемы гражданско-правового статуса научно-образовательных учреждений в свете Концепции развития законодательства Российской Федерации о юридических лицах. // Ежегодник российского образовательного законодательства. – 2009. – Том.4/2. – С. 14-37.

18. Кванина, В.В. Гражданско-правовое регулирование отношений в сфере высшего профессионального образования: монография. – М.: «Готика», 2005. – 432 с.

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532; соли 2014, № 3, мод.156; № 7 қ.2, мод. 422; соли 2016, № 3, мод.1148; соли 2016, № 7, мод. 624; соли 2017, № 7-9, мод.581; соли 2018, № 5, мод.278.

20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», аз 28 декабри соли 2013, № 1056 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2013. № 12. мод. 900.

21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз 22 апрели соли 2003, № 21 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2003. – № 4. – мод. 151; соли 2007. – № 7. – мод. 696; соли 2009. № 3. – мод. 84; соли 2012. – № 7. – мод. 718; соли 2014. – № 7, қ. 2, – мод. 424; Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., № 1463.

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8 августи соли 2015, № 1225 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2015. – № 7-9. – мод. 713; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., № 1427; аз 28.08.2017 с., № 1464; аз 17.05.2018 с., № 1528.

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, №531 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2009. – № 5. – мод. 338; соли 2014. – № 7. қ. 2. – мод. 423; соли 2016. – № 7. – мод. 628; соли 2017. – № 7-9. мод. 584; Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 с., № 1126, аз 23.07.2016 с., № 1350, аз 28.08.2017 с., № 1465, аз 17.05.2018 с., № 1529.

24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» аз 16 апрели 2012, № 826 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2012. – № 4. – мод. 276.

25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон» аз 24 феврали соли 2017, № 1394 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2017. – № 1-2. – мод. 17; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с. № 1486.

26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» аз 22 июли соли 2013, № 991 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 7, мод. 519.

27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 марти соли 1992, №583 // Қонуни ҶТ аз 04.11.1995 № 126, аз 02.12.2002 № 73, аз 05.01.2008 № 348.

28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 12 майи соли 2007, №258 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 5, мод. 363; с. 2008, № 3, мод. 202; с.2010, № 7, мод. 554; с.2013, № 3, мод.202; Қонунҳои ҶТ аз 8.08.с. 2015, № 1210; аз 23.11.2015 с., № 1242; аз 02.01.2019 с., № 1575; ҚҶТ аз 25.06.2021 с., № 1801.

29. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009, № 489 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 3, мод. 82; с. 2011, № 6, мод. 450; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., № 1497.

30. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвоктура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, № 1182 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 3, мод. 204; № 11, мод. 958; с. 2016, № 5, мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1391; аз 04.07.2020 № 1704.

31. Қоидаҳои андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 марти соли 2022, № 151 тасдиқ гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://andoz.tj/docs/postanovleniya-pravitelstvo/Qaror151_2022_Tj.pdf (санаи муроҷиат: 7.07.2022).

32. Лукашенко М. Рынок образовательных услуг: десять лет спустя // Высшее образование в России. – 2003. – № 1. – С. 40-52.

33. Лескова Ю.Г. Правовое положение учреждений по Российскому законодательству: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 – Белгород. – 24 с.

34. Леонтьева О.Б. Вещные права образовательных организаций: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 – М., 2002. –148 с.

35. Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон барои ишғоли вазифаҳои зерин дар соли 2022 озмун эълон мекунад // Омӯзгор. 16 июни соли 2022. – № 24 (12352) – С.15.

36. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Furthermore Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К., Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1). – Душанбе: «ЭР-граф». 2010. –1000 с.

37. Максимец Л.Г. Образовательное учреждение как субъект гражданского права: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 – Москва. 2001. – 164 с.

38. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии назорат дар соҳаи маориф. Душанбе: 2018. – 376 с.

39. Смолин О.Н. Законодательное регулирование экономики образования как идеологическая проблема // Право и образование 2002 №3 С.46-56.

40. Токмовцева М. Вуз как хозяйствующий субъект. Особенности и проблемы // – Закон. – 2002. – № 4. – С.19-24.

41. ҶДММ «Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Душанбе» қабули довталабонро барои соли таҳсили 2019-2020 эълон менамояд // Омӯзгор. 7 марти соли 2019. – № 10 (12183) – С. 16.

## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ БАЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ГАРДИШПАЗИРИИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

**Шабонов Шоҳкарим Султонович,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** +992 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур роҳи автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ, инчунин гардишпазирӣ ва таснифбандии он мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф дар кори мазкур қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, гардишпазир будани роҳҳои автомобилгардро дар шароити инкишофи босуръати сохтмони онҳо дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ мубрам шуморида, баъзе андешаҳоро бобати таснифбандии роҳҳои автомобилгард пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** гардишпазирӣ, роҳҳои автомобилгард, ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, объекти ҳуқуқ, сохтмон, тасниф, моликияти давлатӣ ва хусусӣ, аҳд, қонунгузоӣ, маҳдудият.

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ НЕКОТОРЫХ ВОПРОСОВ ОБОРОТОСПОСОБНОСТИ АВТОМОБИЛЬНЫХ ДОРОГ

**Шабонов Шохкарим Султонович,**
ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** +992 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Аннотация:** В данной статье рассмотрено автомобильная дорога как объект гражданских прав, оборотоспособность автомобильной дороги, а также их классификация. Рассматривая и анализируя законодательство Республики Таджикистана автор рассматривает оборотоспособность автомобильных дорог в контексте стремительного развития их строительства на основе государственно-частного партнерства и предоставляет некоторые идеи по классификации автомобильных дорог.

**Ключевые слова:** Оборотоспособность, автомобильные дороги, республиканский, местный, объект права, строительство, классификация, государственная и частная собственность, сделка, законнодательство, ограничения.

# LEGAL REGULATION OF SOME ASPECTS OF THE TURNOVER OF THE CAR ROAD

**Shabonov Shohkarim Sultonovich,**
assistant at the Department of entrepreneurial and commercial Law, Faculty of Law, Tajik National University
**Phone.:** +992 900078893
**E-mail:** shohkarims.7@gmail.com

**Annotation:** This article considers the road as an object of civil law, the turnover of the road, as well as their classification. Considering and analyzing the legislation of the Republic of Tajikistan, the author examines the turnover capacity of car roads in the context of the rapid development of their construction on the basis of public-private partnerships and provides some ideas for the classification of car roads.

**Keywords:** Turnover, car roads, republican, local, object of law, construction, classification, state and private property, transaction, legislation, restrictions.

Мафҳуми «гардишпазирӣ» дар илми ҳуқуқшиносӣ падидаи нав буда, ҳамчун объекти ҳуқуқ яке аз мавқеи калидиро доро мебошад. Бояд ёдрас шуд, ки дар ҳуқуқи римӣ таснифи ашёҳо ба ашёҳои дар моликияти хусусӣ қарор дошта (res in commercio) ва ашёҳои дар моликияти хусусӣ қарор надошта (res extra commercium) вуҷуд доштанд[301]. «Гардишпазирӣ» - хусусияти ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқҳои дигари ғайримолумулкӣ ба ҳисоб рафта, алоқаи ҳуқуқии шахси соҳибҳуқуқ ва объекти ба ӯ тааллуқдоштаро дар назар дорад. Ба андешаи Ф.С. Сулаймонов агар ашё (дилхоҳ намуд) аз як субъект ба субъекти дигар гузарад, пас маълум мегардад, ки ашё хусусияти гардишпазириро доро мебошад[302]. Ба ақидаи М.А. Рожкова бошад тафсири ҷойдоштаро дар илми ҳуқуқ оид ба «гардишпазирӣ» нокифоя дониста, онро ҳамчун «хусусияти объекти ҳуқуқ», бобати амалӣ намудани амалиётҳои гуногун нисбат ба объект тафсир менамояд, аз ҷумла бастани аҳд, бегона намудан ва таҳвили объект[303]. Аммо на ҳамаи муаллифон ба гуфтаҳои боло розиянд. Ба ақидаи Ю.В. Виниченко таҳти истилоҳи гардишпазирии объекти ҳуқуқи гражданӣ мавҷуд будан ё набудани хусусияти табии объект, ки предмети муомилот (бегона намудан ё ин ки таҳвили объект) будани онро имконият медиҳад, фаҳмида мешавад[304].

---

301 Ниг.: Иво Пухан. Римское право (базовый учебник). 1998 // https://jurisprudence.club/pravo-istoriya/rimskoe-pravo-bazovyiy.html (санаи муроҷиат 10.09.2021)

302 Ниг.: Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ. Монография. – Душанбе, 2015.– 247с

303 Рожкова М.А. Оборотоспособность объектов гражданских прав // Закон. 2009. – № 3. – С. 217.

304 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333, фасли IV; 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод. 176; 2004. –

Аслан қисмати зиёди ашёҳои дар муомилоти гражданӣ қарор дошта, ба монанди дастгоҳҳои кайҳонӣ, объектҳои инфрасохтори кайҳонӣ, объектҳои нигоҳдории яроқи химиявӣ, предметҳои осорхона ва коллексияи онҳо, бо сабаби хусусияти табии худ гардишпазир буда метавонанд, аммо қонунгузор муомилоти онҳоро бо мақсади ҳифзи давлат, ҷамъият ва аҳолӣ маҳдуд намудааст. Дар давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти бозоргонӣ бинобар сабаби дар моликияти давлатӣ қарор доштанашон, масъалаи муомилоти роҳҳои автомобилгард дар муносибатҳои гражданӣ, баррасӣ намегашт.

Қобили зикр аст, ки баҳри баррасии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти дар муомилот қарордошта, таснифи ҳуқуқии онро муайян намудан мувофиқи мақсад мебошад. Аз рӯи шакли моликияташон ва субъектҳои ҳуқуқии моликият ба роҳҳои автомобилгарди давлатӣ (ба моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқдошта), муассисавӣ (роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ) ва хусусӣ (моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) тақсим мешаванд. Аз рӯи таъиноташон бошанд ба роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум (аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) ва истифодаи махсус (аҳамияти муассисавӣ, фаръӣ, технологӣ, дохилихоҷагӣ ва хизматӣ) тақсим мешаванд.

Аз ин рӯ, таҳлили минбаъдаро танҳо бобати дар муомилот қарор доштани роҳҳои автомобилгард дар доираи таснифбандии роҳҳои автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта ва аҳамияти маҳаллӣ дошта баррасӣ менамоем.

Новобаста аз он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» дар моликияти шахсӣ мавҷуд будани роҳҳои автомобилгардро пешбинӣ менамояд, аммо дар таҷриба то ин вақт чунин ҳолат танҳо як маротиба рух додааст, яъне роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Чанок тибқи шартнома доир ба амалӣ ва нигоҳубини роҳ дар чаҳорчӯбаи консессияи 30-сола ғайридавлатӣ гардонида шуд. Боиси тазаккур аст, ки релефи кӯҳсори Тоҷикистон имконият намедиҳад, ки дар ҳамон як хатсайр якчанд роҳи автомобилгард мавҷуд бошад, бинобар ин хусусӣ гардонидан боиси маҳдуд гардидани дастрасии мардум ба ин роҳ мегардад. Дар моликияти хусусӣ роҳи автомобилгард ҳамон вақт ҷой дошта метавонад, агар роҳи автомобилгарди хусусӣ ба таври алтернативӣ дар замине бунёд гардида бошад, ки ҳуқуқи ин замин ба фарди алоҳида тааллуқ дошта, ба талаботи роҳҳои давлатӣ ҷавобгӯ бошад. Дар ҳолати ёдрасшуда дорандаи ҳуқуқи истифодабарии замин метавонад роҳи автомобилгарди хусусии алтернативиро барои муштариён пешкаш намояд.

Дар хусуси гардишпазир будани роҳҳои автомобилгард чунин нуқтаро бояд қайд кард, ки роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ба

№ 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – № 7. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269. – № 8. – Мод. 828.

объектҳои аз муомилот гирифташуда шабоҳат доранд. Чунки чунин роҳҳои автомобилгард (истифодаи умум) дар моликияти давлат ва воҳидҳои марзии он қарор дошта маҷмӯи ягонаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумро ташкил дода, дар нисбати онҳо бояд аҳд ва дигар амалиёти ҳуқуқӣ, ки оқибати табдилёбии молики он мегардад бояд содир нашавад. Нисбат ба роҳҳои автомобилгарди мазкур ҳабс, мусодира бо талаби кредитор ва институти давомнокии муҳлати ба даст овардан татбиқ намегардад.

Дар қонунгузорӣ бошад ба истисно аз роҳҳои автомобилгарди дар моликияти давлатӣ қарор дошта, ки аҳамияти мудофиавиро дороянд дигар ҳеҷ гуна маҳдудият ҷиҳати таҳвили роҳ аз як субъект ба субъекти дигар пешбинӣ нагардидааст.

Агар дар оянда ҳолате ба вуҷуд ояд, ки роҳи автомобилгард хусусӣ гардонида шавад, пас бояд чунин муомилот дар шакли маҳдуд ба роҳ монда шавад.

Тибқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои автомобилгард ба таркиби роҳҳои нақлиётӣ шомил буда, ки тибқи муқаррароти моддаи 2 Кодекси мазкур реҷаи ягона ба ин заминҳо низ паҳн мегардад, аз ҷумла ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, метавонад предмети хариду фурӯш, тухфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад, инчунин, ба тариқи мерос ва бо тартиби умумии ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории гражданӣ муқаррар намудааст, ба дигар шахс мегузарад[305]. Тибқи моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ бошад» объектҳое, ки дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар гардидаанд хусусӣ гардонида намешаванд, аз ҷумла замин ва объектҳое, ки фаоълияти иқтисодиёти шаҳрҳо ва ноҳияҳоро таъмин мекунанд ба монанди иншооти комплекси сӯзишворию энергетикӣ; иншооти хоҷагии об (ба истиснои системаҳои обрасонии оби нӯшокӣ), роҳҳои оҳан ва роҳҳои автомобилгард, шабакаҳои алоқа; объектҳои нигаҳдории тандурустӣ ва маориф бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад[306].

Новобаста аз муқаррароти қонунгузор оид ба хусусигардонии роҳҳои автомобилгарди истифодаи ғайриумум чунин роҳҳо низ тартиби хусусигардониашон тибқи қарори Ҳукумат ба роҳ монда мешавад.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» аз 23.04.2002, ки аз эътибор соқит гардида буд, ба роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуми дорои

[305]Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333, фасли IV; 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод. 176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – № 7. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269. – № 8. – Мод. 828.

[306] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, № 4, қ-1, мод. 296; соли 2009, № 7-8, мод.498; с. 2013, № 7, мод. 527, № 12, мод. 895; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., №1302 // аз 15.03.2016 с., № 1302 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.08.2019, аз эътибор соқит)

аҳамияти ҷумҳуриявӣ роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуме дохил мешаванд, ки маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҳам мепайванданд. Инчунин, роҳҳои автомобилгарди ба моликияти давлатӣ тааллуқдошта, ки аҳамияти мудофиавиро доро мебошанд, онҳоро ғайридавлатӣ ва хусусӣ гардонидан манъ буд. Аз муқаррароти қонуни мазкур чунин бармеояд, ки роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, ки дар моликияти давлатӣ қарор доранд ва дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебошанд, агар аҳамияти мудофиавӣ дошта набошанд, пас онҳоро хусусӣ гардонидан мумкин аст. Қонуни мазкур ҳуқуқи истисноии давлатро нисбат ба роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум муқаррар накарда буд[307].

Дар Қонуни амалкунанда оид ба роҳҳои автомобилгард маҳдудият ҷиҳати хусусигардонӣ бо дарназардошти аҳамияти мудофиавӣ доштанашон муқаррар нагардидааст. Тибқи таснифоти моддаи 4 қонуни мазкур роҳҳои автомобилгард тибқи шартномаи консессия супоридашуда аз роҳҳои автомобилгарди хусусӣ тафовут доранд, аз ин бар меояд, ки дар ҳолати роҳҳои автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявии мудофиавӣ доштаро низ тибқи консессия ба дигар субъектҳо супоридан ба қонунгузорӣ мухолифат накарда, ин роҳҳо хусусӣ ба ҳисоб намераванд[308].

Дар қонунгузорӣ оид ба муомилоти роҳҳои автомобилгарди хусусӣ ягон маҳдудият пешбинӣ нагардидааст, яъне роҳҳои автомобилгарди хусусӣ дар муомилоти озод қарор доранд.

Чуноне, ки дар боло қайд намудем гардишпазир будани роҳҳои автомобилгард дар шароити инкишофи босуръати сохтмони онҳо дар асоси шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар сатҳи қонунгузорӣ имконият фароҳам овардан бобати хусусигардонии роҳҳои автомобилгарди истифодаи махсус, боиси ташаккули соҳаи мазкур мегардад. Ниҳоят тибқи қонунгузории мавҷуда ба объектҳои граждании дар муомилот маҳдудбуда бояд роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва махсусе, ки аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро дороянд шомил гарданд, ба роҳҳои автомобилгарди дар муомилот маҳдуд набуда бошад роҳҳои автомобилгарди хусусии таъиноти махсус шомил гарданд. Аз ин лиҳоз қобили қабул аст, ки роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумие, ки аҳаммияти мудофиавӣ надоранд, аммо бинобар сабаби аҳаммияти иқтисодӣ ва стратегӣ доштанашон, ба шумули роҳҳои автомобилгарди аз муомилот бардошта шуда, дохил карда шаванд.

**Адабиёт:**

[307] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, № 4, қ-1, мод. 296; соли 2009, № 7-8, мод.498; с. 2013, № 7, мод. 527, № 12, мод. 895; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1302 // аз 15.03.2016 с., № 1302 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.08.2019, аз эътибор соқит)

[308] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» // аз 25.06.2021, № 1794.

1. АБР. 2000. Развитие передовых практик для продвижения инвестиций частного сектора в автодорожную инфраструктуру. Манила; CAF. 2010. Infraestructura Pública y Participación Privada. Conceptos y Experiencias en América y España. Cámara Colombiana de Infraestructura; Instituto Nacional de Vias. http://www. invias.gov.co, Agencia Nacional de Infraestructura. http://www.ani.gov.co

2. Виниченко Ю.В. Виды объектов гражданских прав в новой редакции ст. 129 ГК РФ. Проблемы современного российского законодательства Иркутский юридический институт (филиал) ФГБОУ ВПО «Российская Правовая Академия Министерства Юстиции Российской Федерации». Иркутск. – 2013. – С. 115.

3. Иво Пухан. Римское право (базовый учебник). 1998// https://jurisprudence.club/pravo-istoriya/rimskoe-pravo-bazovyiy.html (санаи муроҷиат 10.09.2021)

4. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1996. – № 23. – Мод. 351; 1997. – № 23-24. – Мод. 333, фасли IV; 1999. – № 5. – Мод. 59; 2001. – № 4. – Мод. 176; 2004. – № 2. – Мод. 55. – № 3. – Мод. 190; 2006. – № 7. – Мод. 347; 2008. – № 1. – қ. 2. – Мод. 22. – № 6. – Мод. 463; 2011. – № 3. – Мод. 171; 2012. – № 4. – Мод. 269. – № 8. – Мод. 828.

5.Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, № 10, мод. 160; с. 2002, № 4, қ.1, мод. 167; с. 2003, № 12, мод. 699; с. 2009, № 3, мод. 90; с. 2016, № 7, мод. 630, Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1402; аз 28.01.2020 с., № 1686

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, № 4, қ- 1, мод. 296; соли 2009, № 7-8, мод.498; с. 2013, № 7, мод. 527, № 12, мод. 895; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., № 1302 // аз 15.03.2016с., № 1302 // www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 15.08.2019, аз эътибор соқит)

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» // аз 25.06.2021, № 1794.

8. Сулаймонов Ф.С. Ҳуқуқи ашёӣ. Монография. – Душанбе, 2015. – 247с.

9. Рожкова М.А. Оборотоспособность объектов гражданских прав // Закон. – 2009. – № 3. – С. 217.

# БАҲОДИҲИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА САМАРАНОКИИ ҲАРАКАТИ МАҲСУЛОТИ САЙЁҲӢ

**Абдулхайри Ҳасан**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**E-mail:** abdulkhair@gmail.com
**Тел.:** 008889696

**Роҳбари илмӣ:** Сангинов Д.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз:** Мирзозода П.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Бояд қайд кард, ки дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ нисбати соҳаи сайёҳӣ диққати ҷиддӣ дода намешуд, зеро он замон соҳаи мазкур аҳамияти начандон бузурги ҳуқуқӣ ва ё иқтисодӣ дошт. Бинобар ин, бахши сайёҳӣ амалан дар доираи Иттифоқҳои Касаба ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал менамуд. Баъдан, пас аз эътирофи соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок вобаста ба иқтидорҳои бузурги сайёҳии кишвар Кумитаи махсус оид ба рушди сайёҳӣ таъсис ёфт. Ин аз он далолат медиҳад, ки болоравии самаранокии сайёҳӣ дар шароити иқтисодиёти муосир тағйироти ҷиддиро талаб менамояд ва низоми идоракунии соҳаи зикргардида ба таври инноватсионӣ бояд ба роҳ монда шавад. Дар заминаи он фишангҳои идоракунӣ мукаммал гардида, самаранокии фаъолият дар ин ҷанба бояд боло бардошта шавад.

Ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ба пайдоиш ва рушди ширкатҳои хусусии сайёҳӣ, ки соҳиби иҷозатномаи давлатӣ барои машғул шудан ба фаъолияти сайёҳиро гирифтаанд, мусоидат намудааст. Дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки дар кишварҳои пешрафта дар баробари мавҷудияти ширкатҳои хусусии сайёҳӣ сохторҳои давлатии идоравӣ низ амал намуда, онҳо фаъолияти ин ширкатҳоро идора менамоянд.

Дар мақолаи мазкур масоили баҳодиҳии соҳа ва ҳаракати маҳсулоти сайёҳи ҳамчунин хизматрасонии сайёҳӣ ва дурнамои ташаккули ин соҳа мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҷиҳати таҷдиди соҳа дар шароитҳои муосири иқтисодӣ ва мутобиқ намудани он яке аз мақсадҳои асосии мақола ба ҳисоб меравад. Муаллиф соҳаи мазкурро яке аз соҳаҳои афзалиятноки рушди кишвар маънидод намуда, танзими ҳуқуқии онро зарур мешуморад.

**Калидвожаҳо.** Маҳсулоти сайёҳӣ, ташкилотҳои сайёҳӣ, воситаҳои ҷойгирнамоӣ, омилҳои даромаднокӣ, фаъолияти сайёҳӣ, фурӯш, самаранокӣ, соҳаи сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, сайёҳ, хизматрасонии сайёҳӣ.

# ОЦЕНКА СФЕРЫ ТУРИЗМА И ЭФФЕКТИВНОСТИ ДВИЖЕНИЯ ТУРИСТСКОГО ПРОДУКТА

**Абдулхайр Хасан**
ассистент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета ТНУ
**E-mail:** abdulkhair@gmail.com
**Тел.:** 008889696

**Научный руководитель:** Сангинов Д.Ш., доктор юридических наук, профессор

**Рецензент:** Мирзозода П.З., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация**. Следует отметить, что в первые годы независимости сфере туризма не уделялось серьезного внимания, так как в то время эта сфера не имела большого юридического или экономического значения. Поэтому сфера туризма практически функционировала в рамках профсоюзов и общественных организаций. Затем, после признания туристической отрасли одним из приоритетных в связи с большим туристическим потенциалом страны, был создан специальный Комитет по развитию туризма. Это говорит о том, что повышение эффективности туризма в современной экономике требует существенных изменений, а систему управления в этой сфере необходимо внедрять инновационным образом. На этой основе следует совершенствовать инструменты управления и повышать эффективность деятельности в этой области. Экономические реформы в стране способствовали появлению и развитию частных туристических компаний, получивших государственные лицензии на занятие туристической деятельностью. Следует отметить, что в развитых странах наряду с существованием частных туристических компаний существуют и государственные органы, которые управляют деятельностью этих компаний.

В данной статье рассматриваются вопросы оценки отрасли и движения туристских продуктов, а также туристских услуг и перспективы формирования данной отрасли. Одной из основных задач статьи является модернизация отрасли в современных экономических условиях и ее адаптация. Автор рассматривает это направление как одно из приоритетных направлений развития страны и принимает необходимые меры по его правовому регулированию.

**Ключевые слова**: Туристский продукт, туристские организации, размещение, доходные факторы, туристская деятельность, продажи, эффективность, туризм, развитие туризма, турист, туристские услуги.

# EVALUATION OF THE TOURISM SECTOR AND THE EFFICIENCY OF THE MOVEMENT OF TOURISM PRODUCTS

**Abdulkhairi Hassan**
Assistant of the Department of Entrepreneurship and Business Law, Faculty of Law, TNU
E-mail: abdulkhair@gmail.com
Tel .: 008889696

**Scientific adviser:** Sanginov D.Sh., doctor of law, Professor
**Reviewer:** Mirzozoda P.Z., candidate of law, Associate Professor

**Annotation**: It should be noted that in the first years of independence, the tourism sector was not given serious attention, since at that time this area did not have much legal or economic significance. Therefore, the tourism sector practically functioned within the framework of trade unions and public organizations. Then, after the tourism industry was recognized as one of the priorities due to the country's great tourism potential, a special Committee for Tourism Development was created. This suggests that increasing the efficiency of tourism in the modern economy requires significant changes, and the management system in this area must be implemented in an innovative way. On this basis, management tools should be improved and the efficiency of activities in this area should be increased. Economic reforms in the country contributed to the emergence and development of private travel companies that received state licenses to engage in tourism activities. It should be noted that in developed countries, along with the existence of private travel companies, there are government agencies that manage the activities of these companies.

This article discusses the issues of assessing the industry and the movement of tourism products, as well as tourism services and the prospects for the formation of this industry. One of the main objectives of the article is the modernization of the industry in modern economic conditions and its adaptation. The author considers this direction as one of the priority directions of the country's development and takes the necessary measures for its legal regulation.

**Keywords**: Tourism product, tourism organizations, accommodation, income factors, tourism activities, sales, efficiency, tourism, tourism development, tourist, tourism services.

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ нисбати соҳаи сайёҳӣ диққати ҷиддӣ дода намешуд, зеро он замон соҳаи мазкур аҳамияти чандон бузурги ҳуқуқи ва ё иқтисодӣ надошт. Бинобар ин, бахши сайёҳӣ амалан дар доираи Иттифоқҳои Касаба ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ амал менамуд. Баъдан, пас аз эътирофи соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок вобаста ба иқтидорҳои бузурги сайёҳии кишвар Кумитаи махсус оид ба рушди сайёҳӣ таъсис ёфт. Ин аз он далолат медиҳад, ки болоравии

самаранокии сайёҳӣ дар шароити иқтисодиёти муосир тағйироти ҷиддиро талаб менамояд ва низоми идоракунии соҳаи зикргардида ба таври инноватсионӣ бояд ба роҳ монда шавад. Дар заминаи он фишангҳои идоракунӣ мукаммал гардида, самаранокии фаъолият дар ин ҷанба бояд боло бардошта шавад.

Ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ба пайдоиш ва рушди ширкатҳои хусусии сайёҳӣ, ки соҳиби иҷозатномаи давлатӣ барои машғул шудан ба фаъолияти сайёҳиро гирифтанд, мусоидат намудааст. Дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки дар кишварҳои пешрафта дар баробари мавҷудияти ширкатҳои хусусии сайёҳӣ сохторҳои давлатии идоравӣ низ амал намуда, онҳо фаъолияти ин ширкатҳоро идора менамоянд. Идоракунии фаъолияти ширкатҳо, марказонидашуда ва ғайри марказонидашуда мешаванд. Алҳол қариб дар 140 давлати дунё Вазорат, Кумитаҳои миллӣ ё Шуроҳои миллӣ оид ба сайёҳӣ амал менамоянд. Ҳамзамон дар эъломияи Гаага оид ба сайёҳӣ чунин гуфта шудааст: «Дар бахши сайёҳӣ ва фаъолият дар ин самт ҳадафҳои махсус вуҷуд дорад ва ҷараёни фаъолият дар ин самт бидуни роҳнамоӣ ва идоракунии дурусти сайёҳӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, амал карда наметавонад»[309].

Ҳоло дар шароити демократикунонии идоракунӣ дар ҷумҳурӣ, зарурияти ислоҳоти радикалии сохтори идоракунии рушди сайёҳӣ муҳим аст, яъне ба роҳ мондани идоракунии бисёрзинавӣ ба миён омадааст.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дастгирии давлатӣ ва мусоидат ба фаъолияти онҳо самаранокии раванди фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва субъектҳои хоҷагидории сайёҳиро таъмин намуда метавонад. Яке аз омилҳои муҳим ин маблағгузории давлатӣ барои таблиғоти ширкатҳои миллии сайёҳӣ мебошад. Ин бобат аз ҷониби СУС СММ ба таври васеъ таҳқиқоти комплексӣ гузаронида шуда, самаранокии маблағгузории давлатӣ барои таблиғоти ширкатҳои миллии сайёҳӣ нишон дода шудааст. Новобаста аз ин, индекс ё нишондиҳандаи мазкур ба сифати нишондиҳандаи ягонаи самаранокии маблағгузории буҷавӣ ба таблиғоти ғайритиҷоратии сайёҳӣ баромад карда наметавонад. Аксари кишварҳо вобастагии мустақими афзоиши шумораи сайёҳон ва воридоти маблағ аз сайёҳиро ба баландбардории буҷаи таблиғот нисбат медиҳанд[310].

Масалан, афзуннамоии буҷаи таблиғотии Хитой ба 55% боиси 25% афзоиш ёфтани вориди сайёҳон ба ин кишвар гардид ва воридоти сармоя аз сайёҳӣ ба 157% афзоиш ёфт. Инчунин афзоиши ёфтани буҷаи таблиғотии Маҷористон (Венгрия) ба андозаи 118% боис гардид, то даромад аз ҳисоби сайёҳӣ ба 119% ва зиёдгардии буҷаи таблиғотии Испания ба 5% аз зиёдшавии воридоти сайёҳон ба 16,5% боло равад.

---

[309]Эъломияи Гаага «Оид ба сайёҳӣ» (Ҳоланд) соли 1966 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: (санаи муроҷиат: 03.06.2022).

[310] Азар В.И. Туризм как феномен XXI века. «Туризм: практика, проблемы, перспективы». 2014. – №1. – С. 56-57.

Нишондиҳандаи дигари бозгардиш аз маблағгузорӣ, ин коэффитсенти «хароҷот-натиҷа» ба шумор меравад. Дар ин ҳолат ширкати сайёҳӣ мутаносибан баъзе нишондиҳандаҳоро бо хароҷотҳояш қиёс менамояд.

Ба сифати ин гуна нишондиҳандаҳо метавонанд баромад намоянд:

– хароҷоти ширкати сайёҳӣ барои сафари як нафар сайёҳ, ки бо роҳи тақсими умумии буҷаи ширкати сайёҳӣ ба шумораи сайёҳон, ҳисоб карда мешавад;

– таносуби хароҷоти ширкати сайёҳӣ ба хароҷоти сайёҳон, ки бо роҳи тақсимоти умумии буҷаи ширкати сайёҳӣ ба даромади умумии аз сайёҳон ба даст овардашуда чен карда мешавад;

– хароҷотҳои таблиғотӣ барои як сайёҳ, ки бо роҳи тақсимоти буҷаи таблиғотии ширкати сайёҳӣ ба шумораи умумии сайёҳон ҳисоб карда мешавад;

– таносуби хароҷоти таблиғотии ширкати сайёҳӣ бо хароҷоти сайёҳон, ки бо роҳи тақсими буҷаи умумии таблиғотии ширкати сайёҳӣ ба даромади умумии аз сайёҳон воридшуда, чен карда мешавад;

– хароҷотҳо барои банднамоии воситаҳои ҷойгиркунӣ, зеро афзоиши ташрифоти сайёҳон боиси афзоиш ёфтани мизоҷон дар меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгирнамоӣ мегардад.

Гурӯҳи мизоҷон аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ чунин тасниф мегарданд:

– шумораи асосии сайёҳон аз давлат ё минтақаи алоҳида;

– боздиди гурӯҳи махсуси сайёҳон ва гурӯҳбандии онҳо вобаста ба мақсади сафар;

– ташрифот дар доираи намуди махсуси фаъолият ё унсури бозор;

– ташаккули бозори рушдёфтаистода бо навъҳои нави мизоҷон.

Таҳлилҳои Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки дар раванди рушди сайёҳӣ шарте амал мекунад, ки мутобиқи он ба сифати таъминкунандагони асосӣ ба марказҳои сайёҳӣ бо сайёҳ, ҳудудҳо ва давлатҳое баромад мекунанд, ки бо кишвар аз лиҳози географӣ наздиканд ё фарҳанги наздик доранд. Аксари саёҳоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, аз Ҷумҳуриҳои Халқии Чин, Узбекистон, Эрон ва Афғонистон мебошанд

Мувофиқи таҳлили фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ чунин хулосагирӣ намудан мумкин аст, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани идоракунии фаъолият ширкатҳо имконияти ҳарчӣ бештар ҷалб намудани сайёҳон ва болоравии даромади хешро пайдо менамоянд.

Таҳлилҳо собит месозад, ки раванди ташрифи сайёҳон, фурӯши хадамоти сайёҳӣ сол аз сол зиёд шуда, вобаста ба он сармояи ширкати сайёҳӣ афзоиш меёбад, ки ин ба болоравии дараҷаи даромаднокии ҳам кормандони ширкати сайёҳи ва ҳам муассисаҳои ҳамкори ин ширкатҳо оварда мерасонад. Албатта, он аз идоракунӣ ва ташкили дурусти фаъолият дар ширкатҳои сайёҳи вобаста аст.

Ҳангоми таҳлили фаъолияти баъзе марказҳои сайёҳӣ диққати асосӣ бояд ба шахсоне равона гардад, ки ба навъи махсуси сайёҳӣ ба мисли

кӯҳнавардӣ, пиёдагардӣ ё омӯзандаи фарҳанг, ки барои сайёҳӣ дар кишвари алоҳида ё минтақа аҳамияти бузург доранд, машғуланд. Таҳлили бозгардиш аз маблағгузории буҷавӣ дар асоси саҳми бозор дар даромади ширкат аз ташрифи дӯстдорони ягон навъи сайёҳӣ бунёд мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дуруст ба роҳ мондани низоми идоракунӣ дар ширкати сайёҳӣ ва дуруст танзим намудани пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ, фаъолияти ширкатро даромаднок менамояд. Ба афзоиши нишондиҳандаи даромаднокии ширкати сайёҳӣ омилҳои беруна ва дохила мусоидат менамоянд.

Омилҳои афзоиши даромаднокӣ.

1) Омилҳои муҳити дохила: а) Коҳишдиҳии хароҷот; б) Баландбардории самараноки қарорҳо; В) Ҷоринамоии имтиёзҳо; г) Инноватсияи маҳсулоти сайёҳӣ; ғ) Баландбардории дараҷаи тахассусияти кормандон; д)Тархрезии маҳсулоти сайёҳии рақобатпазир

2) Омилҳои муҳити беруна

а. Интихоби стратегияи самаранок

б. Интихоби усулҳои самараноки сиёсати идоракунӣ ва маркетингӣ

в. Интихоби самтҳо ва шаклҳои самарабахши бозор, номгӯи маҳсулот, усулҳои ташаккули нарх ва гурӯҳбандии бозор

г. Интихоби усули самарабахши фуруши маҳсулот

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» омадааст, ки «маҳсулоти туристӣ – маҷмӯи хизматрасониҳои туристӣ, ки бо назардошти вазъи бозори туристӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботи турист дар асоси шартнома дастрас мебошанд». Хизматрасонии туристӣ – амалӣ гардидани фаъолияти танзимгари туристӣ ё агенти туристӣ аз рӯи салоҳдиди худ ва ё талаботи аниқи дархосткунанда, ки барои таъмин ва барқароркунии қувваи ҷисмонии турист, нигоҳдории фаъолияти ҳаёти мӯътадил, барқароркунии робитаҳои корӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ ва зеҳнии ӯ равона шудааст. Маҳсулоти сайёҳи бо дарназардошти вазъи бозори сайёҳи ё тибқи фармоиши мушаххаси сайёҳи ташаккул меёбад. Фурӯши маҳсулоти сайёҳи дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад. Пешбурди маҳсулоти сайёҳи - маҷмӯи тадбирҳое, ки ба фурӯши маҳсулоти туристӣ (реклама, иштирок дар намоишгоҳҳои махсусгардонидашуда, ярмаркаҳо, ташкилӣ марказҳои иттилоотии туристӣ оид ба фурӯши маҳсулоти сайёҳи, нашри феҳристҳо, буклетҳо ва ғ.) нигаронида шудаанд. Дар Қонун мафҳуми саёҳат (тур) ҳамчун сафари сайёҳи бо пайроҳаҳои муайян дар мӯҳлатҳои муайян бо таъмини маҷмӯи хизматрасониҳо оид ба ҷобаҷокунӣ, ҳамлу нақл, озуқа, хизматрасониҳои экскурсионӣ, инчунин хизматӣ роҳбаладону тарҷумонҳо ва дигар хизматрасониҳо, ки вобаста ба мақсади саёҳат дар мавриди таъмини кафолати амнияти онҳо, ҳимоя ва ҳифзи тандурустии туристон пешниҳод карда мешаванд, муқарар гардидааст.

Дар бозори ҷаҳонии туристӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз иқтидори зарурӣ мавқеи на он қадар намоёнро ишғол менамояд ва

мутобиқан ба ҳиссаи кишвар қисмати ками гардиши туризми ҷаҳонӣ рост меояд. Тибқи нишондиҳандаҳои омории бозори туристӣ, дар давраи солҳои 2000 то 2008 дар ҷумҳурӣ тамоюли устувори баландшавии гардиши туристӣ ба назар мерасад (дар соли 2008 зиёда аз 450 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ ба кишвар ташриф овардааст), ки ба он пеш аз ҳама вазъи мӯътадили сиёсати дохилӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат менамояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити таҳияи маводи туристии миллӣ дар заминаи ёдгориҳои нодири осори фарҳангию таърихӣ ва хусусиятҳои табиию рекреатсионии ҷумҳурӣ ва пешравии самараноки он ба бозори ҷаҳонии хизматрасонии туристӣ, воридшавии бештари туристони хориҷӣ ба Тоҷикистон таъмин карда мешавад. Бинобар ҳамин бо сифат ташкил намудани чорабиниҳои тарғиботӣ оид ба ҷалби туристони хориҷӣ ва васеъ намудани арзҳои меҳмоннавозӣ барои мустаҳкам кардани имиҷи ҷумҳурӣ ҳамчун кишвари туризми байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Маҳсулоти сайёҳӣ аз се унсур иборат мебошад[311].

1) Саёҳат (Тур) – воҳиди аввалини маҳсулоти сайёҳии ба мизоҷ фурӯхташаванда, маҳсули меҳнати танзимгари сайёҳӣ ба пайраҳаи муайян ва дар мӯҳлати муайян амалишаванда аст[312]. Ду шакли асосии саёҳат аз ҳам фарқ карда мешаванд: бо ҳамроҳӣ ва бе ҳамроҳӣ. Саёҳат бо ҳамроҳӣ иникоскунандаи банақшагирии пешакӣ, харидорӣ ва пардохти чиптаҳо, меҳмонхона, кашонидани боғоҷ, нақлиёти автомобилӣ ва хуроки умумӣ, якҷоя бо гурӯҳ 24 соат будан ва ҳалли ҳамаи мушкилот дар ҷойяш аст. Ҳамчун қоида чунин саёҳат барои гурӯҳӣ сайёҳон пешбинӣ мегардад. Саёҳати бе ҳамроҳӣ ифодакунандаи сафари мустақилонаи сайёҳ ба самти пешаки муайянгардида мебошад, ки одатан дарбаргирандаи фармоиш ва пардохти хизматрасонии мазкур мебошад:

- парвоз ба минтақаи саёҳат ва бозгашт ба ҷойи истиқомат;
- трансфер аз фурудгоҳ ба меҳмонхона ва бозгашт;
- экскурсия ва ё сафарҳои махсус дар ҷойи истироҳат бо ихтиёри худ[313].

2) Хизматрасонии иловагии сайёҳию экскурсионӣ – хизматрасоние, ки дар роҳхат пешбинӣ нагардидааст ва ба сайёҳ дар вақти холигияш расонида мешавад. Ба ин хизматрсонӣ иҷора, телефон, хизматрасонии маишӣ, почта, нақлиёти ҷамъиятӣ, нигоҳдории амвол, фароғат, видео, харидории чипта, истифодабарии мини-бар ва ғайра дохил мешаванд. Хизматрасониҳои иловагӣ ба маблағи асосии роҳхат дохил намегарданд.

3) Мол – қисмати хоси маҳсулоти сайёҳӣ буда, дарбаргирандаи нақшаҳои сайёҳӣ, харитаҳои шаҳрҳо, буклетҳо, сувенирҳо, таҷҳизотҳо ва ғайра мебошад.

---

[311]Ниг.: Туризм: управление, экономика, наука: Сборник информационных материалов / Пред. рекол. Путрик Ю. С. Вып. 1. – М.: ВНИЛТЭ, 1991. – С. 66.
[312]Ниг.: Туризм: информация, статистика, анализ (ТИСА): Российский туристский бюллетень – М.: Гос. комитет РФ по физической культуре и туризму, 1995. № 1.
[313]Ниг.: Русский турист. Нормативные акты по спортивно-оздоровительному туризму в России на 1998–2000 гг. / ГКФТ РФ, ТСС России. Выпуск второй. – М., 1998.– С. 39.

Баъзан маҳсулоти сайёҳиро бо мафҳуми «бастаи сайёҳӣ» ҳаммано медонанд, ки он ифодакунандаи комплекси асосии хизматрасонӣ ҳангоми сайёҳат тибқи нақшаи фардӣ ва ё гурӯҳӣ аст.

Бастаи сайёҳӣ дарбаргирандаи чор унсур аст: маркази сайёҳӣ, нақлиёт, хизматрасони оид ба ҷойгиркунӣ ва трансфер[314].

А. Маркази сайёҳӣ – ҷойи истироҳати сайёҳ, ки дарбаргирандаи имкониятҳои барқароршавии ӯро доро аст: имкониятҳои табиӣ, фарҳангию таърихӣ, экологӣ, этникӣ, иҷтимоию демографӣ, саноатӣ. Ин унсур асосӣ аст чунки бе ин манфиатҳо саёҳатро ташкил намудан имконият нест[315].

Объектҳои муҳими диққатҷалбкунанда на танҳо бозор ё гурӯҳи сайёҳони вуҷуддошта, инчунин иқтидорҳои сайёҳии таъминкунандаи рушди босуботи сайёҳӣ мебошанд. Ба шумори онҳо метавонанд чунин гурӯҳҳо ба мисли танҳо сайёҳаткунандагон, занҳо, сайёҳони касбӣ, нафақахӯрон, ҷавонон ва ғайра шомил бошанд. Пас аз муайян намудани ин гуна гурӯҳ симои онҳо мураттаб гардида, омӯзиш шурӯъ мегардад. Масалан, истифодабарандагони Интернет ба сифати мизоҷони интернет-порталҳои бахши сайёҳӣ омӯхта мешаванд. Ин ҳолат боиси рушди соҳа ва ташаккули банднамои тавассути интернет-сомонаҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонаҳо гардидааст. Хизматрасонӣ чун моли ба истеъмолкунанда пешкашшаванда дорои арзиши истеъмолӣ ва арзиш муайян мебошад. Бузургии арзиши хизматрасонӣ бояд ба маблағи масрафҳои меҳнати ҷамъиятии барои истеҳсоли он зарурбуда мувофиқат намояд.

Меҳнат дар соҳаи хизматрасониҳои туристӣ ҷиҳатҳои хос дорад ва аз фаъолияти кормандони дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт машғулбуда тафовут дорад[316].

Айни замон дар бахши фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ техникаи компютерӣ васеъ истифода мешавад ва бидуни истифодаи интернет банднамоии меҳмонхона ё фармоиши чиптаи ҳавопаймоӣ ё роҳи оҳан мушкил мегардад.

Низоми банднамоӣ ва захиранамоӣ-роҳи асосии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ буда, низоми мазкур пас аз ба вуҷуд омадани шабакаи интернет васеъ паҳн гардид. Қайд кардан бо маврид аст, ки айни замон чунин низом ё системаи банднамоӣ ба мисли Amadeus, Sabre, Worldspam, Galileo ва ғайра хеле фаъол мебошанд, ки ҳамасола ба садҳо миллион нафар мизоҷон хизмати сайёҳӣ пешниҳод менамоянд. Низоми мазкур аввалан аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоӣ бо мақсади осон намудани дастрасии иттилоотӣ тарҳрезӣ гардида буд, вале ҳоло дар тамоми бахшҳо, алалхусус, дар сайёҳӣ

[314] Организационно-правовые основы туристского и гостиничного бизнеса: Нормативно-правовые документы / Под ред. Акишина В.Н., Гончаровой И.В., Клебанова А.И., Малахаткиной Н.Д. – М.: Финстатинформ, 1988. – С. 501.

[315]Маринин М.М., Сенин В.С., Хорошилов А.В. Туристские формальности: Учебное пособие для высших учебных заведений. – М.: МЭСИ, 1995. – С. 33.

[316]Балаева Д.А., Дзарасова А.К. К вопросу стратегического планирования предприятий туристской отрасли / В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе // Сб. статей Международной научно-практической конференции. В 3 ч. – 2016. – С. 13-15.

васеъ истифода мешавад. Низоми банднамой ва захиранамой дастрасии автоматикунонидашударо ба иттилоот оид ба нақшабандӣ дар бисёр бахшҳои саноати сайёҳӣ, бо дарназардошти будубош, сафарҳои давриоламӣ, нақлиёт, сайрҳо, мубодилаи асъор, фароғатию саргармӣ ва ғайраро таъмин менамоянд.

Бинобар ин, воридшавии муассисаҳои инфрасохтории Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне меҳмонхонаҳо, ширкатҳои сайёҳӣ, инфрасохтори нақлиёт ва дигар хадамотҳои ба сайёҳӣ алоқаманд, пешрафти фаъолияти онҳоро таъмин менамоянд.

Дар натиҷа ҷараёни пешниҳоди хизматрасонии сайёҳӣ ба мизоҷ осон гардида, самаранокии фаъолияти муассисаҳои инфрасохтории саноати сайёҳӣ боло меравад. Ба андешаи мо, дар замони муосир дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои мустақим ва ғайримустақими ба сайёҳӣ дахлдор, истифодаи дастовардҳои технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ муҳим буда, бидуни он самаранокии фаъолият ғайриимкон аст.

Тақсимбандии сайёҳон, яке аз омилҳои муҳими тадқиқотӣ ба шумор рафта, он инъикоскунандаи муайян намудани таносуби нигоҳи сайёҳон, ки дар як гурӯҳ ворида кишвар мешаванд, мебошанд.

Як нуктаро қайд бояд намуд, ки дар баробари омилҳои ба рушди сайёҳӣ мусоидаткунанда ва ба афзоиши шумораи сайёҳони хориҷии ба Тоҷикистон ташрифоваранда, яке аз унсурҳои муҳим ин хусусиятҳои хоси меҳмондории тоҷикона ба шумор меравад. Аз қабул то гусели сайёҳон (сайёҳ), муносибати хосаеро тақозо менамояд ва зарур аст то муошрати равонӣ аз ҷониби кормандони муассисаҳои сайёҳӣ аз худ карда шавад. Дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои сайёҳӣ усулиҳои хубро истифода баранд, чунки ҷараёни хизматрасонии дуруст ва ба талаботҳои сайёҳ мувофиқ боис мегардад, ки сайёҳи воридшуда ҳангоми баргашт ба ватани хеш ҳудуди сафаркардаашро ба таври мусбӣ муаррифӣ намояд ва дар сурати баръакс боиси коҳишёбии сафарҳои сайёҳӣ ба кишвар мегардад.

Бо мақсади самаранок намудани соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ зарур аст, роҳҳои гуногуни мукаммалгардонии рушди сайёҳӣ, амалӣ карда шавад. Ба андешаи мо мукаммалгардонии рушди сайёҳӣ ҳамчун омили асосии таъсиррасон ба рушди сайёҳӣ буда, самтҳои зерини мукаммалгардониро пешниҳод менамоем.

Самтҳои асосии мукаммалгардонии рушди соҳаи сайёҳӣ:

1. Татбиқи усулҳои барномавии мақсадноки рушди сайёҳӣ дар маҳалҳо ва ҷумҳурӣ.
2. Тарҳрезӣ ва татбиқи барномаҳои васеъмиқёси такмилдиҳии инфрасохтори сайёҳӣ.
3. Мукаммалгардонии механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккулёбӣ барои хизматрасонии сайёҳӣ.
4. Тарҳрезӣ ва татбиқи консепсияи рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо ва дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ.

5. Бунёди шароитҳо барои истифодаи мақсадноки инфрасохтори сайёҳӣ.

6. Танзими фаъолияти сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

7. Такмили чорабиниҳои давлатӣ ҷиҳати нигоҳдошти гуногунрангии ҳудудҳои ҷумҳурӣ, ки дорои захираҳои табиии сайёҳӣ мебошанд.

8. Мукаммалгардонии низоми идоракунии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, тавассути фароҳам овардани имконият ва равона намудани онҳо ба сайёҳии воридотӣ.

9. Таъмини назорат нисбати муассисаҳои хусусии фаъолияткунанда, ки фаъолияташон ба сайёҳи равона гардидааст.

10. Тарҳрезӣ ва таъмини татбиқи амалии барномаҳои комплексии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ.

11. Маблағгузорӣ дар ташкили комплексҳои сайёҳӣ дар ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ.

12. Бунёди модели консептуалии рушди сайёҳӣ ва ташкили бренди ягонаи миллӣ.

13. Татбиқи барномаҳои махсуси омоданамоии мутахассисони касбӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, мукаммалгардонии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ, истифодаи навъҳои гуногуни нишондиҳандаҳои баҳодиҳии бахши сайёҳӣ, истифодаи технологияи иртиботию иттилоотӣ, дуруст ба роҳ мондани маркетинги ширкатҳои сайёҳӣ, таъмини робитаи байниҳамдигарии муассисаҳои сайёҳӣ, ҷараёни ҳаракати маҳсулоти сайёҳиро таъмин менамояд. Бинобар ин, чунин низоми нишондиҳандаҳоро метавон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо, баҳодиҳии сатҳи рушди фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, бунёди замина барои самтҳои асосию гуногуни сайёҳӣ истифода намуд.

**Адабиёт:**


1. Азар В.И. Туризм как феномен XXI века. «Туризм: практика, проблемы, перспективы». 2014. - №1. – С. 52-57.
2. Балаева Д.А., Дзарасова А.К. К вопросу стратегического планирования предприятий туристской отрасли / В сб.: Закономерности и тенденции развития науки в современном обществе // Сб. статей Международной научно-практической конференции. В 3 ч. – 2016. – С. 10-15.
3. Маринин М.М., Сенин В.С., Хорошилов А.В. Туристские формальности: Учебное пособие для высших учебных заведений. – М.: МЭСИ, 1995. – С. 33.
4. Организационно-правовые основы туристского и гостиничного бизнеса: Нормативно-правовые документы / Под ред. Акишина В.Н., Гончаровой И.В., Клебанова А.И., Малахаткиной Н.Д. – М.: Финстатинформ, 1988. – С.501.

5. Русский турист. Нормативные акты по спортивно-оздоровительному туризму в России на 1998-2000 гг. / ГКФТ РФ, ТСС России. Выпуск второй. – М., 1998.– С. 39.

6. Туризм: информация, статистика, анализ (ТИСА): Российский туристский бюллетень – М.: Гос. комитет РФ по физической культуре и туризму, 1995. №1.

7. Туризм: управление, экономика, наука: Сборник информационных материалов / Пред. рекол. Путрик Ю. С. Вып. 1. – М.: ВНИЛТЭ, 1991. – С. 66.

8. Эъломияи Гаага «Оид ба сайёҳӣ» (Ҳоланд) соли 1966 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:  (санаи муроҷиат: 03.06.2022).

## ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ (ИХТИСОС: 12.00.05) – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.05)

# ВОПРОСЫ ЗАКЛЮЧЕНИЯ ТРУДОВОГО ДОГОВОРА, С ЛИЦОМ НА ПЕРИОД ЗАМЕНЫ ВРЕМЕННО ОТСУТСТВУЮЩЕГО РАБОТНИКА, ЗА КОТОРЫМ СОХРАНЯЕТСЯ ЕГО РАБОЧЕЕ МЕСТО

Бобокалонов Гоиб Мерганович
начальник отдела законодательства по труду, миграции и социальной защите Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.к.
**Тел.:** (+992) 907-94-87-73
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Рецензенты:** Азиззода У.А., доктор юридических наук, профессор
Махмадуллозода Н.Р., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** В настоящей статье рассматриваются некоторые проблемы, связанные с заключением трудового договора, с лицом на период замены временно отсутствующего работника, за которым сохраняется его рабочее место в трудовом законодательстве Республики Таджикистан.

В этих целях, был проведен анализ таких нормативных правовых актов, как: Трудовой кодекс Республики Таджикистан от 23 июля 2016 года; Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан от 30 мая 2017 года, №1413; Закон Республики Таджикистан «О воинской обязанности и военной службе» от 29 января 2021 года, № 1753; Закон Республики Таджикистан «О статусе военнослужащих» от 1 марта 2005 года, № 90; Закон Республики Таджикистан «О содействии занятости населения» от 1 августа 2003 года, № 44; Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» от 5 марта 2007 года, № 233, Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 июня 1996 года № 277, «Об утверждении Положения об условиях и порядке предоставления длительного оплачиваемого отпуска сроком до одного года педагогическим работникам, имеющим хроническое заболевание»; а также другие нормативно-правовые акты и литературе.

**Ключевые слова:** Трудовой Кодекс Республики Таджикистан, трудовой договор, рабочее место, отсутствующий работник, военная служба, стаж педагогической работы.

# МАСЪАЛАҲОИ БАСТАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ БО ШАХСЕ, КИ БАРОИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДИ ҲОЗИРНАБУДА ВА ҶОЙИ КОРАШ НИГОҲ ДОШТА ШУДААСТ

**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.ҳ.,
**Тел.:** (+992) 907948773
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Муқарризон:** Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Маҳмадуллозода Н.Р. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Дар мақолаи манзуршуда баъзе масъалаҳое, ки вобаста ба бастани шартномаи меҳнатӣ бо шахсе, барои иҷрои ухдадориҳои корманди ҳозирнабуда, ки ҷойи кораш нигоҳ дошта мешавад, тибқи қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мешавад.

Бо ин мақсадҳо таҳлили чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида шуд: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016; Кодекси тандурустии Чумхурии Точикистон аз 30 майи соли 2017, № 1413; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 январи соли 2021, № 1753; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1 марти соли 2005, № 90; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи соли 2003, №44; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 1996, № 277 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи шартҳо ва тартиби ба кормандони педагогии гирифтори бемориҳои кӯҳна додани рухсатии дарозмудати пулакӣ то як сол», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёт.

**Калидвожаҳо:** Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, ҷойи кор, корманди ҳозирнабуда, хизмати ҳарбӣ, собиқаи кории омӯзгорӣ.

# ISSUES OF THE CONCLUSION OF AN EMPLOYMENT CONTRACT WITH A PERSON FOR THE PERIOD OF REPLACEMENT OF A TEMPORARILY ABSENT EMPLOYEE, WHO RETAINS HIS JOB

**Bobokalonov Goib Merganovich,**
Head of the Department of Labor Law, Migration and Social Protection of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Business and Commercial Law of the Tajik National University, Candidate of Laws
**Phone.:** (+992) 907948773
**E-mail:** bgoib@mail.ru

**Reviewers:** Azizzoda U.A., Doctor of Law, Professor
Mahmadullozoda N.R., candidate of legal sciences, associate professor

**Annotation:** This article discusses some of the problems associated with the conclusion of an employment contract with a person for the period of replacement of a temporarily absent employee, who retains his job in the labor legislation of the Republic of Tajikistan.

For these purposes, an analysis was made of such regulatory legal acts as: the Labor Code of the Republic of Tajikistan dated July 23, 2016; Health Code of the Republic of Tajikistan dated May 30, 2017, № 1413; Law of the Republic of Tajikistan «On military duty and military service» dated January 29, 2021, № 1753; Law of the Republic of Tajikistan «On the status of military personnel» dated March 1, 2005, № 90; Law of the Republic of Tajikistan «On the Promotion of Employment of the Population» dated August 1, 2003, № 44; Law of the Republic of Tajikistan «On Public Service» dated March 5, 2007, № 233, Decrees of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 22, 1996 № 277, on «On approvement of Regulations on the conditions and procedure for granting long-term paid leave for up to one year to teachers with a chronic disease»; as well as other legal acts and literature.

**Keywords:** Labor Code of the Republic of Tajikistan, labor contract, workplace, absent employee, military service, teaching experience.

Трудовой договор является не только центральным институтом трудового права, но и главным фактом, влекущим возникновение трудового правоотношения. Важное значение для работника имеет вид трудового договора, который с ним будет заключен. В связи с этим, с целью определения правового регулирования статьи 25 Трудового кодекса Республики Таджикистан (далее ТК РТ), необходимо проанализировать и рассмотреть с научной точки зрения положения вышеуказанной статьи, чтобы выявить его особенности и недостатки.

Основным законом в трудовом праве является Трудовой кодекс Республики Таджикистан, принятый Парламентом страны 23 июля 2016 года, №1329 и вступившее в действие 28 июля 2016 года[317]. ТК РТ не является конституционным законом, однако занимает особое место в системе трудового законодательства, поскольку все иные законы в части регулирования трудовых и связанных с ними отношений должны соответствовать ТК РТ. Согласно частью 3 ст. 9 ТК РТ нормативными правовыми актами Республики Таджикистан запрещается ограничение прав, свобод и гарантий, установленных ТК РТ. В случае противоречий между ТК РТ и другими законами, содержащими нормы трудового права, применяется ТК РТ. Изменить правила, установленные ТК РТ, можно только путем внесения в него поправок.

Прежде чем перейти к рассмотрению проблем, связанных со срочным трудовым договором, заключаемый с лицом на период замены временно отсутствующего работника, за которым сохраняется его рабочее место, стоит рассмотреть в общем смысле, то есть в рамках определения, которое дает статья 25 ТК РТ.

Статья 25 ТК РТ, которая делит систему сроков трудового договора на несколько видов. Во-первых, на неопределенный срок. Во-вторых, на определенный срок – не менее одного года, за исключением случаев, предусмотренных абзацами третьим, четвертым и пятым данной статьи. В ходе проведения анализа данной нормы, выявлено, что в этой норме есть недостатки, и в связи с этим статья была названа: «Некоторые вопросы правового регулирования трудового договора заключенный на определенный срок»[318]. В-третьих, для выполнения обязанностей отсутствующего работника, за которым в соответствии с настоящим Кодексом сохраняется место работы. В-четвертых, на время выполнения определенной работы. В-пятых, для выполнения сезонных работ.

---

[317] Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2016 года, №7, ст.604. - С. 214-300; См.: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Газета «Чумхурият» от 28 июля 2016 года, №146-149 (22968-971).

[318] См.: Бобокалонов Г.М. Некоторые вопросы правового регулирования трудового договора заключенный на определенный срок (на таджикском языке). Министерство труда, миграции и занятости Республики Таджикистан. Институт труда, миграции и занятости. Научный журнал «Рынок труда» №2 (49) - Душанбе: 2021. - С. 35-44.

Абзац третий статьи 25 ТК РТ предусматривает следующее содержание «трудовой договор может быть заключен для выполнения обязанностей отсутствующего работника, за которым в соответствии с настоящим Кодексом сохраняется место работы».

При таком понимании, из данного содержания можно сделать вывод, что на нем указан что трудовой договор может быть заключен для выполнения обязанностей отсутствующего работника, за которым в соответствии только ТК РТ сохраняется место работы.

Безусловно, заключение срочного трудового договора необходимо для замены временно отсутствующего работника, за которым в соответствии с настоящим Кодексом сохраняется место работы. Ряд случаев, когда за временно отсутствующим работником сохраняется место работы (должность), определен, например, Трудовым кодексом Республики Таджикистан (ст. ст. 46, 128, 164, 177, 215, 223, 224).

Но в ряде случаев на время исполнения обязанностей отсутствующего работника, за которым в соответствии с ТК РТ и другими нормативными правовыми актами Республики Таджикистан, содержащими нормы трудового права, а также, коллективным договором, соглашениями, локальными нормативными актами, трудовым договором сохраняется место работы.

Например, согласно частью 2 статьи 7 Закона Республики Таджикистан «О воинской обязанности и военной службе» от 29 января 2021 года, № 1753, который предусматривает гарантии и компенсации гражданам при исполнении воинской обязанности в период медицинского освидетельствования, диагностики или лечения в связи с воинским учётом, обязательной подготовкой к военной службе, призывом (поступлением) на военную службу, а также в период выполнения других обязанностей, связанных с принятием на воинский учёт, обязательной подготовкой к военной службе и призывом (поступлением) на военную службу гражданин освобождается от работы (учебы) с сохранением места работы (учёбы) и средняя заработная плата по месту работы (учёбы), а также расходы, связанные с поездками за период нахождения в пути выплачиваются ему в порядке, установленном Правительством Республики Таджикистан.

Также, в соответствии с частью 2 статьи 9 Закона Республики Таджикистан «О воинской обязанности и военной службе» за членами комиссии по постановке граждан на воинский учёт, призывных комиссий, врачами и средним медицинским персоналом, техническим и обслуживающим персоналом, привлекаемым для работы на участках по первоначальной постановке граждан на воинский учёт и призыва (поступления) на военную службу или военные сборы для проведения медицинского освидетельствования, а также отправки призывников на сборные пункты и в войска на все время исполнения этих обязанностей,

сохраняется место работы, занимаемая должность и средняя заработная плата[319].

Также, в соответствии с частью 8 статьи 21 Закона Республики Таджикистан «О статусе военнослужащих» от 1 марта 2005 года, №90, который предусматривает увольнение, сохранение в течение трех месяцев после увольнения с военной службы за гражданами, работавшими до призыва (поступления) на военную службу в государственных организациях, права поступления на работу в те же организации, а за проходившими военную службу по призыву (в том числе и за офицерами, призванными на военную службу) - также права на должность не ниже занимаемой до призыва на военную службу; засчет времени военной службы в непрерывный стаж работы в соответствии со статьей 10 настоящего Закона, если перерыв между днем увольнения с военной службы и днем приема на работу (поступления в образовательное учреждение) не превысил одного года, а ветераны боевых действий, исполнявшие обязанности военной службы в условиях чрезвычайного положения и при вооруженных конфликтах и гражданам, общая продолжительность военной службы, которых в льготном исчислении составляет 20 лет и более, независимо от продолжительности перерыва; преимущественное право на оставление на работе, на которую они поступили впервые, при сокращении штата работников; обеспечение гражданам, уволенным с военной службы с правом на пенсию, по состоянию здоровья или в связи с организационно-штатными мероприятиями, бесплатного получения профессионального образования без выплаты им стипендии в период обучения; предоставление гражданам, уволенным после прохождения военной службы по призыву и принятым на прежнее место работы, материальной помощи на первоначальное обзаведение хозяйством в порядке, определяемом Правительством Республики Таджикистан и т.д.[320].

Другим, согласно абзацу четвертый части 1 статьи 34 Закона Республики Таджикистан «О государственной службе» от 5 марта 2007 года, № 233, который предусматривает гарантии для государственного служащего обучение и повышение квалификации с сохранением заработной платы, занимаемой должности или равноценной должности, в порядке, определяемом Президентом Республики Таджикистан за весь период обучения[321].

---

[319]Закон Республики Таджикистан «О государственной службе». – Душанбе [Электронный ресурс] Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. /Режим доступа: URL: www. http: //mmk.tj.

[320] Закон Республики Таджикистан "О статусе военнослужащих " от 1 марта 2005 года, №90 (в редакции Закона РТ от 3.03.2006г.№155, от 18.06.2008 г. №391, от 6.10.2008г. № 418,от 01.08.2012 г. №885, от 02.01.2018г.№1479, от 17.12.2020г.№1737, от 25.06.2021г.№1787) // Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. ADLIA. Версия 7. http//www. Adlia.tj

[321]Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007 г., №3, ст. 166, №6, ст. 429; 2010 г., №3, ст. 158; 2011 г., №6, ст. 452; 2012 г., №8, ст. 834, №12, ч. 1, ст. 1008; 2013 г., №7, ст. 542, №12, ст. 905; 2014 г., №7, ч. 2, ст. 425; 2015 г, №12, ч.1, ст. 1106; 2016 г., №3, ст.156; 2017 г., №1-2, ст. 28, ст. 29, №5, ч.1, ст. 290; 2018 г, №7 - 8, ст. 526; 2019 г., № 4-5, ст. 225); (в редакции Закона РТ от 08.06.2007г.№273, от 11.03.2010г.№603,от 28.06.2011г.№741, от 01.08.2012г.№900,от 28.12.2012г.№914, от 22.07.2013г.№1016, от 28.12.2013г.№1061, от 26.07.2014 г. № 1128, от 25.12.2015 г. № 1260, от 15.03.2016 г. №1303, от 24.02.2017г.№1405,

Согласно абзацу седьмой части 4 статьи 3 Закона Республики Таджикистан «О содействии занятости населения» от 1 августа 2003 года, №44, который предусматривает занятость населения и деятельность, приравненная к занятости к занятому населению (или приравненному к нему) относятся лица в возрасте 15 лет и старше, которые в рассматриваемый период имеющие работу, но временно отсутствующие на рабочем месте в связи с нетрудоспособностью, отпуском, переподготовкой, повышением квалификации, приостановкой производства, в том числе вызванной забастовкой, призывом на военные сборы или иными причинами[322].

Также, согласно части 2 статьи 158 Кодекса здравоохранения Республики Таджикистан от 30 мая 2017 года, №1413 социальная поддержка лиц, больных туберкулезом и или находящихся в связи с ним под диспансерным контролем за гражданами, больными туберкулезом, временно утратившими трудоспособность, сохраняется место работы (должность) на срок, установленный законодательством Республики Таджикистан[323].

Другим нормативным актом, который определяет временно отсутствующего работника, за которым сохраняется его рабочее место, является Постановления Правительства Республики Таджикистан от 22 июня 1996 года № 277, «Об удверждении Положения об условиях и порядке предоставления длительного оплачиваемого отпуска сроком до одного года педагогическим работникам, имеющим хроническое заболевание» за педагогическим работником, находящимися в длительном отпуске.

Согласно пункту 4 Постановления Правительства Республики Таджикистан от 22 июня 1996 года № 277, «о Положении об условиях и порядке предоставления длительного оплачиваемого отпуска сроком до одного года педагогическим работникам, имеющим хроническое заболевание» за период длительного оплачиваемого отпуска педагогическому работнику сохраняется оплата по занимаемой должности не превышающая двух размеров минимальной оплаты труда, установленной в республике. Выплата указанной суммы производится в сроки, установленные для выплаты заработной платы работникам образовательного учреждения. Также пункт 7 гласит, что на период длительного оплачиваемого отпуска за работником сохраняется непрерывный стаж педагогической работы, но очередной трудовой отпуск за текущий год не представляется[324].

---

24.02.2017г.№ 1406, от 30.05.2017 г. № 1433, от 03.08.2018 г. № 1543, от 04.04.2019 г. № 1597, от 02.01.2020г.№1672)

[322] Закон Республики Таджикистан «О содействии занятости населения» (в редакции Закона РТ от 28.12.2005 г. № 137, от 30.07.2007 г. № 325, от 31.12.2008 г. № 472, от 28.06.2011 г. № 724, от 17.05.2018 г. № 1526, от 25.06.2021 г. № 1789) – Душанбе [Электронный ресурс] Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. / Режим доступа: URL: www. http: //mmk.tj.

[323] Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан (в редакции Закона РТ от 29.01.2021г.№1762) - Душанбе [Электронный ресурс] Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. /Режим доступа: URL: www. http: // mmk.tj.

[324] Постановления Правительства Республики Таджикистан от 22 июня 1996 года №277, о «Положения об условиях и порядке предоставления длительного оплачиваемого отпуска сроком до одного года педагогическим работникам, имеющим хроническое заболевание»(в редакции постановления

Так как выше упоминалось, абзац третий статьи 25 ТК РТ предусматривает следующее содержание «-трудовой договор может быть заключен для выполнения обязанностей отсутствующего работника, за которым в соответствии с настоящим Кодексом сохраняется место работы;».

При таком понимании, из данного содержания можно сделать вывод, что на нем указанный трудовой договор может быть заключен для выполнения обязанностей отсутствующего работника, за которым в соответствии только ТК РТ сохраняется место работы.

В связи с проведенным анализом, предлагается логичнее изложить или дополнить абзац третий статьи 25 ТК РТ следующим содержанием «-для выполнения обязанностей отсутствующего работника, за которым в соответствии с настоящим Кодексом и другими нормативными правовыми актами сохраняется место работы;».

**Литература:**

1. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2016 года, №7, ст.604. – С. 214-300.

2. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Газета «Чумхурият» от 28 июля 2016 года, № 146-149 (22968-971).

3. Бобокалонов Г.М. Некоторые вопросы правового регулирования трудового договора заключенный на определенный срок (на таджикском языке). Министерство труда, миграции и занятости Республики Таджикистан. Институт труда, миграции и занятости. Научный журнал «Рынок труда». – № 2 (49). – Душанбе: 2021. – С. 35-44.

4. Закон Республики Таджикистан «О государственной службе». – Душанбе [Электронный ресурс] Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. / Режим доступа: URL: www. http: // mmk.tj.

5. Закон Республики Таджикистан «О статусе военнослужащих» от 1 марта 2005 года, № 90 (в редакции Закона РТ от 3.03.2006 г. № 155, от 18.06.2008 г. № 391, от 6.10.2008 г. № 418,от 01.08.2012 г. № 885, от 02.01.2018 г. № 1479, от 17.12.2020 г. № 1737, от 25.06.2021 г. № 1787) // Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. ADLIA. Версия 7. http//www. Adlia.tj

6. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007 г., №3, ст. 166, №6, ст. 429; 2010 г., №3, ст. 158; 2011 г., №6, ст. 452; 2012 г., №8, ст. 834, №12, ч. 1, ст. 1008; 2013 г., №7, ст. 542, №12, ст. 905; 2014 г., №7, ч. 2, ст. 425; 2015 г, №12, ч.1, ст. 1106; 2016 г., №3, ст.156; 2017 г., №1-2, ст. 28, ст. 29, №5, ч.1, ст. 290; 2018 г, №7 - 8, ст. 526; 2019 г., № 4-5, ст. 225); (в редакции Закона РТ от 08.06.2007г.№273, от 11.03.2010г.№603,от 28.06.2011г.№741, от 01.08.2012г.№900,от 28.12.2012г.№914, от 22.07.2013г.№1016, от 28.12.2013г.№1061, от 26.07.2014г.№1128, от 25.12.2015г.№1260, от 15.03.2016г.№1303, от 24.02.2017г.№1405, 24.02.2017г.№1406, от

Правительства РТ от 10.02.2016г.№66). //Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. ADLIA. Версия 7. http//www. Adlia.tj

30.05.2017г.№1433, от 03.08.2018г.№1543, от 04.04.2019г.№1597, от 02.01.2020г.№1672)

7. Закон Республики Таджикистан «О содействии занятости населения» (в редакции Закона РТ от 28.12.2005г.№137, от 30.07.2007г.№325, от 31.12.2008г.№472, от 28.06.2011г. №724, от 17.05.2018г.№1526, от 25.06.2021г.№1789) – Душанбе: [Электронный ресурс] Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. /Режим доступа: URL: www. http: //mmk.tj.

8. Кодекс здравоохранения Республики Таджикистан (в редакции Закона РТ от 29.01.2021г.№1762) -Душанбе [Электронный ресурс] Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан. /Режим доступа: URL: www. http: //mmk.tj.

9. Постановления Правительства Республики Таджикистан от 22 июня 1996 года №277, «Об утверждении Положения об условиях и порядке предоставления длительного оплачиваемого отпуска сроком до одного года педагогическим работникам, имеющим хроническое заболевание»(в редакции постановления Правительства РТ от 10.02.2016г.№66). //Централизованный банк правовой информации Республики Таджикистан. ADLIA. Версия 7. http//www. Adlia.tj

## ҲУҚУҚҲОИ ИТТИФОҚИ КАСАБА ДАР СОҲАИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ

**Ҷалилов Муҳаммад Шамсилоевич,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгохи Давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
**Тел.:** 901-10-00-39
**E-mail:** jalilovm@mail.ru

**Фишурда:** Мақола ба ҳуқуқҳои иттифоқи касаба дар соҳаи ҳифзи меҳнат бахшида шудааст. Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳамчун намояндагони кормандон ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои худро ҳимоя намуда, дар таҳияи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ширкат варзида, оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки бинобар ихтисор шудани кор ё тағйир ёфтани шароити меҳнат аз корхона аз кор озод мегарданд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд. Иттифоқҳои касаба мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаи (низомномаи) иттифоқҳои касаба ҳангоми ошкор кардани поймолшавии ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоӣ, солимгардонии аъзои худ дорои ҳуқуқи тартиб додани санад, амрнома, тафтиши ҳодисаҳои нохуши истеҳсолӣ ва овардани пешниҳод дар хусуси бартараф кардани чунин норасоиҳо ба корфармоён ва мақомоти дахлдори давлатӣ мебошанд.

**Калидвожаҳо:** Ҳифзи меҳнат, ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, субекти муносибатҳои меҳнатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

## ПРАВА ПРОФСОЮЗОВ В ОБЛАСТИ ОХРАНЫ ТРУДА

**Джалилов Мухаммад Шамсилоевич,**
ассистент кафедры права человека и сравнительное правоведение БГУ имени Носира Хусрава
**Тел.:** 901-10-00-39
**E-mail:** jalilovm@mail.ru

**Аннотация:** Статья посвящена правам профсоюзов в сфере охраны труда. Профсоюзы и их объединения как представители работников защищают трудовые права своих членов и участвуют в разработке государственной политики занятости население, социальной защите лиц, увольняемых с предприятия в связи с сокращением рабочих мест или изменением условий труда, в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, Законом Республики Таджикистан «О

профессиональных союзах», иными нормативными правовыми актами Республики Таджикистан, уставами (положениями) профессиональных союзов, при выявлении нарушений условий труда, социальные и медицинские права своих членов, имеют право оформлять документы, приказы, расследование несчастных случаев на производстве и внесение в закрытом порядке предложений по устранению таких недостатков перед работодателями и соответствующими государственными органами.

**Ключевые слова**: Охрана труда, социальные права, субъект трудовых отношений, физические и юридические лица.

## TRADE UNION RIGHTS IN THE FIELD OF LABOR PROTECTION

**Jalilov Muhammad Shamsiloevich,**
assistant of the Department of Human Rights and Comparative Law, Nosir Khusrav Bokhtar State University
**Phone.:** 901-10-00-39
**E-mail**: jalilovm@mail.ru

**Annotation:** The article is devoted to the rights of trade unions in the field of labor protection. Trade unions and their associations, as representatives of workers, protect the labor rights of their members and participate in the development of state employment policy, social protection of persons dismissed from the enterprise due to job cuts or changes in working conditions. , in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan. The Law of the Republic of Tajikistan "On Trade Unions", other regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan, charters (regulations) of trade unions, in case of violations of working conditions, social and medical rights of their members, have the right to draw up documents, orders ,investigating accidents at work and making closed proposals to eliminate such shortcomings before employers and relevant state bodies.

**Key words**: Labor protection, social rights, subject of labor relations, individuals and legal entities.

Масъалаҳои ҳифзи меҳнат яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад ва дар иртибот ба ин бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию меҳнатии кормандон, ҳифзи саломатӣ ва таъмини бехатарии шароити меҳнат, инчунин ҷалб намудани диққати корфармоён оид ба ташкили корҳои бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дар

корхонаҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати хоса зоҳир менамояд[325].

Ҳифзи меҳнат аз маҷмуи қонунгузории ҷорӣ иборат аст, ки чораҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ, гигиениро дарбар гирифта, баҳри таъмини бехатарии меҳнат равона шудаанд[326].

Ҳифзи меҳнат – низоми чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию техникӣ, санитарию гигиенӣ, табобатию пешгирикунанда ва барқароркунӣ, ки мутобиқи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории шахсро дар раванди меҳнат таъмин мекунад.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳифзи меҳнатро ҳамчун кафолати муҳимми муносибатҳои меҳнатӣ ба танзим даровaрда, барои пешгирии ҳодисаҳои гуногуни нохуш, муносибати хунукназарона ба уҳдадориҳои мекнатӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии корманд, ташкили раванди муътадили истеҳсолот ва монанди инҳо равона карда шудааст, ки сарчашмаи худро аз моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегирад.

Чуноне, ки ба ҳамаи мову шумо маълум аст, дар асоси муқарраротӣ Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати мо давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як шаҳрванд шароити хубу арзандаро фароҳам меоварад[327]. Хушбахтона пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан ҳам қомилу ҳуқуқбунёд мардуми сарбаланди тоҷик тавонист, ки ба зиндагии орому осоишта сазовор гардад[328]. Бояд зикр намуд, ки ҳадафи ягонаи самт оид ба ҳифзи меҳнат дар Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ин ҳифзи ҳимояи ҳуқуки меҳнати кормандон мебошад. Идоракунии ҳифзи меҳнат дар корхонаҳо дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумхурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи меҳнат амалӣ мегардад, ки он уҳдадориҳои корфармоpо дар соҳаи хифзи меҳнат, ухдадориҳои кормандро оид ба ҳифзи меҳнат, кафолати иҷроиши ҳуқуқ ва ҳифзи меҳнатро муқаррар менамояд.

Талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат барои пайдо намудани хислати умумиҳатмӣ, ки тавонад уҳдадории субъектони муносибатҳои меҳнатиро оид ба таъмини иҷрои бечунучарои онҳо ба миён орад, дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешавад. Ба ҷумлаи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, масалан, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

[325] Саъдизода Ҷ., Азимов С.Ш. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва берунӣ / Ҷ. Саъдизода, С.Ш. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 1(17). – С. 16-26.
[326] Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи меҳнат», аз 01.08.2012 № 882.
[327] Муродзода У.У. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / У.У. Муродзода, И.О. Давронов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – № 3. – С. 383-387.
[328] Абдулаҳадзода С.А. Рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. А. Абдулаҳадзода, У.У. Муродзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 6. – С. 266-270.

ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ», кодексҳои меҳнат, тандурустӣ ва шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромад кунанд. Доираи амали ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи меҳнат гуногун буда, қоида, расмиёт ва талаботи бо ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон вобаста ба фаъолияти меҳнатиро муқаррар мекунанд. Масалан, тибқи моддаи 112 Кодекси тандуристии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи санитарию эпидемиологӣ оид ба ҳолатҳои нигахдорӣ ва ба истифода додани иншооти истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ, дастгоҳ, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт, иичунин шароити кор бо манбаҳои омилҳои физикӣ, ки ба инсон таъсир мерасонад ва монанди онҳо муқаррар карда мешавад.

Талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнатро пешбинӣ менамоянд, бояд дар ҳамагуна бахшҳои меҳнат, новобаста аз дараҷа ва шароити меҳнат ба таври қотеона ҳам аз ҷониби корманд ва ҳам аз ҷониби корфармо иҷро ва риоя карда шаванд. Аз ин рӯ, қисми 2 моддаи 349 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба иҷрои талаботи меъёрҳои давлатии ҳифзи меҳнат ягон истисно надорад[329].

Риоя ва иҷро шудани талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо назорати комилии он алоқаи зич дорад. Бо ин мақсад мумкин аст доираи васеи субъектон, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти намояндагии корфармо ва корманд ва дигарҳо ҷалб карда шаванд.

Бо назардошти он ки қонунгузории меҳнат уҳдадории бештарро дар таъмини ҳифзи меҳнат ва фароҳам овардани шароити мусоид ва бехатар бо муқаррар кардани ҷавобгарӣ ба зиммаи корфармо вогузор кардааст, аз ин хотир қисми 3 моддаи 349 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти калидии назорати талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат корфарморо эътироф менамояд. Ин омил субъектони дигар, аз ҷумла, мақомоти намояндагии корманд ва худи кормандро аз уҳдадории назорат аз болои риояи талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат озод карда наметавонад.

Мақомоти намояндагии корманд метавонад назорати ҷамъиятии риояи талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнатро дар ташкилот ба уҳда гирифта, ҳангоми ошкор шудани камбудиву норасоӣ метавонад онро дар мақомоти салоҳиятдор, аз он ҷумла тариқи судӣ мавриди баҳс қарор диҳад[330]. Чунин ташкил ва ба роҳ мондани назорат, кафолати муҳими таъмини ҳифзи меҳнат буда, сатҳи дахлдори муносибатҳои меҳнатиро заминагузорӣ менамояд.

Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои худро ҳимоя намуда, дар таҳияи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ширкат

---

[329] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016 № 478.

[330] Соибов З.М. Конституционно-правовые основы организации органов государственного управления: на примере Республики Таджикистан и Республики Казахстан / З.М. Соибов, У.У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2019. – № 4(16). – С. 142-149.

варзида, оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки бинобар ихтисор шудани кор ё тағйир ёфтани шароити меҳнат аз корхона аз кор озод мегарданд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд.

Иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон аъзои иттифоқи касабаро ҳангоми бастан ё қатъ намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ҳифз мекунанд, дар якҷоягӣ бо корфармо шахсони нав ба кор қабулшударо бо мазмуни созишнома ва шартномаи коллективӣ ва ҳуҷҷати таъсисии шахси ҳуқуқӣ шинос менамоянд. Дар сурати номувофиқии шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созишнома ва шартномаи коллективӣ иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд аз корфармо тағйир додани шартҳои шартномаи (қарордоди) меҳнатиро ба манфиати корманд - узви иттифоқи касаба талаб намоянд. Барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии корхонаҳо ва қисмҳои таркибии сохтории онҳо, қисман ё пурра боздоштани истеҳсолот бо ташаббуси корфармо, соҳибмулк ё мақомоти идоракунии ваколатдори он, ки боиси ихтисори ҷойҳои кор ё бадшавии шароити меҳнат мегарданд, метавонад танҳо дар ҳолати пешакӣ огоҳ намудани (тибқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) иттифоқҳои касабаи дахлдор ва гузаронидани гуфтушунидҳо оид ба риоя намудани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон амалӣ гарданд[331].

Назорати ҷамъиятии риояи меъёру қоидаҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон ба амал бароварда мешавад, ки онҳо бо ин мақсад ҳуқуқ доранд бозрасии худро таъсис диҳанд, инчунин шахсони ваколатдорро оид ба ҳифзи меҳнат интихоб намоянд.

Нозирон ва шахсони ваколатдор оид ба ҳифзи меҳнати иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон ҳуқуқ доранд:

- аз ҷониби корфармоён риоя гардидани санадҳои меъёрии хуқукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳифзи меҳнат назорат кунанд;
- ташхиси мустақилонаи шароити меҳнат ва таъмини бехатарии кормандони ташкилотро гузаронанд;
- дар санҷиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ иштирок кунанд, инчунин мустақилона онҳоро санҷиш намоянд;
- аз роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори ташкилот оид ба шароит ва ҳифзи меҳнат, инчунин дар бораи ҳамаи ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ маълумот гиранд;
- дар бораи боздоштани корҳо дар ҳолатҳои таҳдид ба ҳаёту саломатии кормандон талабот пешниҳод кунанд;
- ба корфармоён барои бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат амрномаҳо медиҳад, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад;

[331] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба».

- санҷиши шароит ва ҳифзи меҳнат, иҷрои уҳдадориҳои корфармоёнро оид ба ҳифзи меҳнат, ки тибқи созишнома ва шартномаҳон коллективӣ пешбинӣ шудаанд, таъмин намоянд;

- дар кори комиссияҳо оид ба санҷиш ва ба истифода додани иншооти истеҳсолӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ ба ҳайси коршиносони мустақил иштирок намоянд;

- дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат иштирок намоянд, инчунин онҳоро бо тартиби муқарраргардида мувофиқа кунанд;

- ба мақомоти дахлдор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки талаботи ҳифзи меҳнатро риоя накардаанд, ҳодисаҳои нохуши дар истеҳсолот рухдодаро пинҳон медоранд, муроҷиат намоянд;

- дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ, ки ба вайронкунии муқаррароти Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, уҳдадориҳои пешбиникардаи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ҷиҳати ҳифзи меҳнат, инчунин тағйирёбии шароити меҳнат алоқаманд мебошанд, иштирок кунанд;

- дорои дигар ҳуқуқ ва уҳдадориҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд[332].

Иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон ҳуқуқ доранд бемамониат дар ташкилот риояи талаботи ҳифзи меҳнатро санҷида, ба шахсони мансабдор таклифи баррасии ҳатмиро оид ба бартараф намудани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат пешниҳод намоянд.

Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд дар таҳияи барномаҳои давлатӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва муҳити зист, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва пешгирии касалиҳои касбӣ ва бехатарии экологиро ба тартиб медароранд, ширкат варзанд.[333]

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти таъсиси нозирон, шахсони ваколатдор оид ба ҳифзи меҳнати иттифоқи касаба ва намояндагони кормандонро муқаррар мекунад.

Мавҷудияти назорати ҷамъиятӣ ва самаранокии он ҳанӯз аз замони Иттиҳоди Шуравӣ маълум буд. Ба он доираи васеи шахсон, бахусус шахсони беғараз ҷалб гардида, онҳо аз нигоҳи воқеият ва ҳақиқат баҳо дода шудани раванди алоҳидаро таъмин мекарданд.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси такя ба таҷрибаи мазкур, ки дар замони муосири пешрафт низ аҳамияти худро гум накардааст, дар соҳаи ҳифзи меҳнат ҷой доштани ҷунин шакли назоратро пешбинӣ менамояд. Ин шакли назорат аз ҷониби иттифоқи касаба ва дигар намояндагони кормандон ба амал бароварда шуда, аз доираи ҳуқуқҳое бархурдор мегардад, ки дар қисми 2 моддаи 357 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар шудааст. Доираи ин ҳуқуқҳо тахминӣ буда, бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад пурра карда шаванд.

---

[332] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016, № 478.
[333] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттифоқҳои касаба".

Ҳангоми амалӣ шудани назорати ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат, аз ҷониби иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон, корфармо уҳдадор аст ба фаъолияти онҳо шароити мусоид фароҳам оварда, дастрасии онҳоро ба тамоми маълумоти зарурӣ таъмин намояд, ба шарте, ки агар ин маълумот бо тартиби муқарраргардида ба ҷумлаи маълумоти сири тиҷоратӣ дошта, шомил карда нашуда бошад. Бинобар ин, аз рӯи талаботи қисми 3 моддаи 357 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ин амал аз ҷонибӣ корфармо ҳатмӣ мебошад ва баҳри бартараф кардани вайронкуниҳои ошкоршудаи талаботи ҳифзи меҳнат равона шудааст.

Иттифоқҳои касаба назорати ҷамъиятии ҳолати ҳифзи меҳнат, аз тарафи корфармо риоя шудани қонунгузории меҳнат, ҳифзи меҳнат ва муҳити атрофро ба амал мебароранд.

Нозирони ҳуқуқ ва меҳнати иттифоқҳои касаба фаъолияташонро аз рӯи Низомномаи тасдиқшуда ба роҳ монда, чун нозирони давлатии меҳнат соҳиби ваколатҳои муайяни назоратӣ мебошад.

Нозирони ҷамъиятӣ оид ба риояи ҳифзи меҳнат чунин ҳуқуқҳо доранд:

- ҳуқуқи кормандонро оид ба ҳифзи меҳнат дар назди корфармо ба воситаи назорати ҷамъиятӣ барои риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистои, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ барои таъмини бехатарии меҳнат, шароити меҳнат ва техникаи бехатарӣ дар ташкилотҳо ҳифз намоянд;

- иштирок намудан дар санҷиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва санҷиши маҷмуи ҳолати бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати аз ҷониби нозирони давлатии меҳнат гузаронидашаванда;

- гирифтани иттилоот ва шарҳдиҳӣ, аз ҷумла дар шакли хаттӣ аз корфармо ва дигар шахсони мансабдори ташкилот барои иҷрои уҳдадориҳои худ;

- аз ҷониби корфармо иҷро шудани уҳдадориҳои дар созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинишударо дар бахши ҳифзи меҳнат назорат намоянд;

- вобаста ба натиҷаи саиҷиш ба номи шахсони мансабдор ирсол намудани пешниҳод дар бораи бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта;

- иштирок иамудан дар кори комиссия оид ба санҷиш ва қабули иншоотҳои истеҳсолӣ ва воситаҳои истеҳсолӣ барои истифодабарӣ;

- иштирок дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ва ҳифзи меҳнат ва пешниҳоди таклифҳо;

- ба мақомоти дахлдори давлатӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани корфармо ва дигар шахсони мансабдори ташкилот барои вайрон намудани саиадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, муқаррароти созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, аз ҷумла пинҳон намудани ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ муроҷиат намоянд;

- иштирок намудан дар баррасии баҳсҳои меҳнатӣ, ки вобаста ба тағйир додани шароити меҳнат, риоя накардани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, иҷро накардани ӯҳдадориҳои дар шартномаҳои меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинишуда;

- муроҷиат намудан бо даъво ба суд бо аризаи корманд барои ҳифзи ҳуқуқи кормандон барои ҷуброни зарари дар натиҷаи маъюбшавӣ ё дигар зарар ба саломатӣ вобаста ба иҷрои ӯҳдадории меҳнатӣ ва дигар ҳолатҳои поймолшавии ҳуқуқи кормандон оид ба меҳнат, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ҳуқуқҳои нозирони ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнатро муқаррар кардааст, ки номгӯи он ба таври васеъ маънидод карда намешавад. Ҳуқуқҳои нозирони ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат, ки дар моддаи зикргардида муқаррар гардидаанд, хислати назоратӣ, ҳимоякунандавии манфиатҳои кормандон, муроҷиат ба мақомоти дахлдори давлатӣ, аз он ҷумла ба суд оид ба масъалаҳои вобаста ба ҳифзи меҳнатро доро мебошад.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Саъдизода Ҷ., Азимов С.Ш. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва берунӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. – № 1(17). – С. 16-26.
2. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи меҳнат», аз 01.08.2012 № 882.
3. Муродзода У.У. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – № 3. – С. 383-387.
4. Абдулаҳадзода С.А. Рушди қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 6. – С. 266-270.
5. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016 № 478
6. Соибов З.М. Конституционно-правовые основы организации органов государственного управления: на примере Республики Таджикистан и Республики Казахстан // Государствоведение и права человека. – 2019. – № 4(16). – С. 142-149.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба».
8. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016 № 478.

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08) – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)

# МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶИНОЯТҲОИ КИБЕРНЕТИКӢ

**Мазарифов Манучехр Каримҷонович,**
саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
**Тел.:** +992 88 321 2222
**E-mail:** 985404848m@gmail.com

**Муқарриз:** Холиқзода Ш.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Имрӯз мо дар ҷаҳони имкониятҳои глобалӣ зиндагонӣ ва фаъолият дорем. Паҳншавии компютерҳои фардӣ, дастрасии умумӣ ба шабакаи интернет ва бозори афзояндаи таҷҳизотҳои нави алоқа муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба вуҷуд овардааст. Дастрасӣ ба технологияҳои ҷаҳонии рақамӣ барои шахсони бевиҷдон имкониятҳои нав муҳайё намудааст. Дар ин росто намудҳои нави ҷинояткорӣ ва тарзҳои нави содир кардани баъзе ҷиноятҳо пайдо гардидааст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рушди пайвастаи илмҳои техникӣ, технологияҳои компютерӣ, шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ содир гардидани шумораи зиёди ҷиноятҳои кибернетикӣ ба назар мерасад. Ҷиноятҳои кибернетикӣ бо хусусияти алоҳидаи худ, яъне бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ содир гардиданашон аз дигар намуди ҷиноятҳо фарқ карда мешаванд. Дар бештари ҳолатҳо аломати трансмиллӣ (фаромиллӣ) нишон медиҳанд, зеро субъектони ҷиноят ва ё маконҳои содиршавии ҷиноят аксар вақт давлатҳои гуногун мебошанд. Мушкилоти асосӣ дар ин росто ошкор ва баъдан тафтиши ин ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад, ки бинобар сабаби дар фаъолияти худ касбӣ будани субъектони ин ҷиноятҳо аломатҳо ва пайҳои онҳоро муайян ва исбот намудан душвор мебошад.

Мавзуи ҷиноятҳои кибернетикӣ яке аз мавзуъҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар тӯли чанд даҳсолаи охир сатҳи содиршавии ин гуруҳи ҷиноятҳо ба таври назаррас афзоиш ёфтааст ва пешрафти технология барои содир кардани шаклҳои гуногуни ин гуна ҷиноятҳо имкониятҳои зиёд фароҳам овардааст.

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст мафҳум ва моҳияти ҷиноятҳои кибернетикӣ, намудҳои онҳо ва самтҳои мубориза бо ин гурӯҳи ҷиноятҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

**Калидвожаҳо:** Ҷиноятҳои кибернетикӣ, технологияи рақамӣ, шабакаи интернет, компютерҳои фардӣ, таҷҳизотҳои алоқа, фазои кибернетикӣ, кибертаҳқир, кибертерроризм, технологияи компютерӣ, технологияи иттилоотӣ, фаромиллӣ, ҷаҳонишавӣ, анонимайзер, рамзбандӣ, дистансия, фишинг, веб-саҳифа, фазои маҷозӣ, амнияти иттилоотӣ.

## ПОНЯТИЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРИЗНАКИ КИБЕРПРЕСТУПЛЕНИЙ

**Мазарифов Манучехр Каримджонович,**
старший преподаватель кафедры права и международных отношений Кулябского государственного университета имени А.Рудаки, кандидат юридических наук
**Тел.:** +992 88 321 2222
**E-mail:** 985404848m@gmail.com

**Рецензент:** Холикзода Ш.Х., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Сегодня мы живем и работаем в мире глобальных возможностей. Распространение персональных компьютеров, всеобщий доступ в Интернет и растущий рынок новых средств связи создали новые социальные отношения. Доступ к глобальным цифровым технологиям открыл новые возможности для недобросовестных лиц. Таким образом, появились новые виды преступлений и новые способы совершения некоторых преступлений. В условиях рыночной экономики и непрерывного развития технических наук, компьютерных технологий, глобальных информационных сетей совершается большое количество киберпреступлений. Киберпреступления отличаются от других видов преступлений своей спецификой, т. е. они совершаются с использованием компьютерных и информационных технологий. В большинстве случаев они носят транснациональный признак, поскольку субъектами преступления или местами совершения преступления зачастую являются разные государства. В связи с этим основной проблемой является выявление и последующее расследование данных преступлений, которые трудно выявить и доказать, так как субъекты этих преступлений являются профессионалли в своей деятельности.

Тематика киберпреступлений считается одной из актуальных тем, поскольку за последние несколько десятилетий уровень совершения данной группы преступлений значительно возрос, а прогресс технологий создал множество возможностей для совершения различных форм таких преступлений.

В данной статье автор попытался проанализировать и рассмотреть понятие и сущность киберпреступлений, их виды и направления борьбы с данной группой преступлений.

**Ключевые слова:** Киберпреступления, цифровые технологии, Интернет, персональные компьютеры, средства связи, киберпространство, киберзапугивание, кибертерроризм, компьютерные технологии, информационные технологии, транснациональные, глобализация, анонимайзер, шифрование, дистанционное, фишинг, веб-страница, виртуальное пространство, информационная безопасность.

## MEANING AND THEORETICAL FEATURES OF CYBERCRIMES

**Mazarifov Manuchehr Karimjonovich,**
senior Lecturer of the Department of Law and International Relations, Kulyab State University. A. Rudaki, candidate in Law
**Тел.:** +992 88 321 2222
**E-mail:** 985404848m@gmail.com

**Reviewer:** Kholiqzoda Sh.Kh., candidate of legal sciences, docent

**Annotation:** Today we live and work in a world of global opportunities. The spread of personal computers, universal access to the Internet and the growing market for new means of communication have created new social relationships. Access to global digital technologies has opened up new opportunities for unscrupulous individuals. Thus, new types of crimes and new ways of committing some crimes have appeared. In a market economy and the continuous development of technical sciences, computer technology, global information networks, a large number of cybercrimes are committed. Cybercrimes differ from other types of crimes in their specificity, i.e. they are committed using computer and information technologies. In most cases, they have a transnational feature, since the subjects of the crime or the places where the crime was committed are often different states. The main problem in this regard is the identification and subsequent investigation of these crimes, which are difficult to identify and prove, due to the fact that the subjects of these crimes are professional in their activities.

The subject of cybercrime is considered one of the hot topics, since over the past few decades the level of commission of this group of crimes has increased significantly, and the progress of technology has created many opportunities for committing various forms of such crimes.

In this article, the author tried to analyze and consider the concept and essence of cybercrime, their types and directions of combating this group of crimes.

**Key words:** Cybercrime, digital technologies, Internet, personal computers, means of communication, cyberspace, cyberbullying, cyberterrorism, computer technologies, information technologies, transnational, globalization,

anonymizer, encryption, remote, phishing, web page, virtual space, information security.

Дар замоне, ки мо қарор дорем, яъне асри пешрафти техникӣ ва инноватсионӣ зарурати истифодаи мошинҳои ҳисоббарори электронӣ, системаҳои компютерӣ, шабакаҳои глобалии иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеа ба миён омадааст.

Рушди пайвастаи илмҳои техникӣ, технологияҳои компютерӣ, шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ боиси содир гардидани шумораи зиёди кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок – ҷиноятҳои «компютерӣ» (кибернетикӣ) гардидааст, ки тавассути онҳо шахсони ҷинояткор ба дастрасии беиҷозат ба иттилооти компютерӣ, нусхабардории ғайриқонунӣ, маҳдуд ва ё манъкунии истифодабарӣ, тағйир додан ва нобуд кардани маълумоти компютерӣ даст меёбанд.

Ҷиноятҳои кибернетикӣ аз дигар намудҳои ҷиноятҳо бо он фарқ карда мешаванд, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ содир карда мешаванд.

Ҷиноятҳои кибернетикӣ ё киберҷиноятҳо – ин ҳама намуди фаъолияти ҷиноятие мебошанд, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ анҷом дода мешаванд. Киберҷиноятҳо асосан тавассути усулҳо ва абзорҳои гуногун, аз қабили барномаҳои ҳархелаи компютерӣ, вирусҳо, нармафзори ҷосусӣ, барномаҳои гуногуни электронӣ ва аксар вақт бо мақсади дуздии маълумоти шахсӣ ё воситаҳои молиявӣ содир карда мешаванд.

Ин намуди ҷиноятҳо бахусус дар асри XXI паҳн гардида, истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» аввалин маротиба дар аввали солҳои 60-ум дар ИМА пайдо шудааст. Дар он солҳо нахустин бор ҷиноятҳо бо истифодаи мошинаҳои ҳисоббарор содир гардида буданд[334].

Киберҷиноятҳо як навъи ҷиноятҳои фаромиллӣ буда, иҷрокунандагон ва қурбониёни он метавонанд дар ҳар гӯшаи ҷаҳон, ки ба шабакаи интернет пайвастагӣ бошад, ҷойгир бошанд. Инчунин, хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои компютерӣ дар он аст, ки онҳо воситаи содир намудани дигар ҷиноятҳои қасдона, аз қабили дуздӣ ё қаллобӣ табдил ёфта, ба содир намудани онҳо мусоидат мекунанд ва осори фаъолияти ҷиноятиро нест мекунанд.

Ин гуруҳи ҷиноятҳо бо хусусиятҳои анонимӣ ва махфияти баланди шахси ҷинояткор фарқ карда мешавад. Тавре маълум аст, дар фазои иттилоотӣ муайян кардани шахсе, ки амали ғайриқонунӣ содир кардааст, хеле душвор мебошад. Аммо андешидани чораҳои амниятии иттилоотӣ ва ташкили барномаҳои махсус (анонимайзерҳо, истифодаи интернет-кафеҳо ва ғайра) барои шахсони ҷинояткор мушкилии ҷиддӣ фароҳам меорад.

---

[334] Волков К.В. Киберпреступность. Виды и особенности ее влияния. // Материалы II Всероссийского научно-практического форума молодых учёных и студентов. – Екатеринбург: «УГЮУ», 2019. – С. 249-255.

Дигар хусусияти киберҷиноятҳо аз он иборат мебошад, ки ин гурӯҳи ҷиноятҳо ғайристандартӣ мебошанд, яъне шакли ягонаи содиршавӣ надоранд. Пешбинӣ намудани амалҳои минбаъдаи киберҷинояткор ва равиши ҳодисаҳо хеле душвор ва баъзан ғайриимкон мебошад[335].

Дар маҷмуъ чунин хусусиятҳои киберҷиноятҳоро пешниҳод намудан мумкин аст:

1) пӯшида (пинҳонӣ) будан, бо истифода аз воситаҳои анонимӣ, ниқобдор, рамзбандишуда содир гардидан;

2) хусусияти фаромиллӣ доштан, яъне дар бисёр ҳолатҳо шахси ҷинояткор ва шахси ҷабрдида дар ҳудудҳои гуногуни ҷуғрофӣ қарор доранд;

3) бо тайёрии хуби касбӣ содир гардидан;

4) шаклҳои гуногуни содиршавӣ, мураккабӣ ва гуногунии тарзҳои содиршавии онҳо ва истифодаи барномаҳои махсуси компютерӣ;

5) дар бисёр ҳолатҳо дарк карда натавонистани ҷабрдидагон аз ин ҷиноятҳо дар фазои иттилоотӣ;

6) хусусияти дистансионӣ (дурӣ) доштани амалҳои ҷиноятӣ, яъне аз нигоҳи физикӣ шахси ҷинояткор бо объекти ҷиноят алоқа надорад;

7) самаранокии ками чораҳои анъанавии пешгирӣ ва бартараф намудан барои ин гуруҳи ҷиноятҳо;

8) мураккабии ҷамъоварии маълумот ва исботи содир гардидани ин ҷиноятҳо.

Дар робита ба ин, муфаттишони ҷиноятҳои киберӣ аксар вақт дастрасии фаромарзӣ ва табодули маълумотро талаб мекунанд. Ин вазифаро метавон танҳо дар ҳолате иҷро кард, агар маълумоти дархостшуда аз ҷониби провайдерҳои хизматрасон нигоҳ дошта шавад ва барои ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо дигар кишварҳо имконият фароҳам оварда шавад[336].

Мушкилоти асосии ҳуқуқӣ дар тафтиши ҷиноятҳои кибернетикӣ инҳо мебошанд: низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар кишварҳо; тафовути қонунгузориҳои миллӣ дар бораи киберҷиноят; фарқиятҳо дар меъёрҳои исботи далелҳо ва адолати судии ҷиноятӣ (масалан, тартиби дастрасӣ ба далелҳои рақамӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ); тафовут дар миқёс ва татбиқи ҷуғрофии созишномаҳои минтақавӣ ва бисёрҷониба дар бораи мубориза бо киберҷиноят; ва тафовут дар тартиби ҳифзи маълумот ва риояи ҳуқуқи инсон[337].

Дар ҷаҳони муосир ҷиноятҳои кибернетикӣ яке аз воситаҳои асосии рушди ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравaнд. Чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ

[335] Николюк М.С. Влияние пандемии на угрозу со стороны киберпреступности в России и мире. // Научные труды Северо-Западного института управления РАНХиГС РФ. Том II, выпуск 4 (46). С-Пб: «СЗИУ РАНХиГС», 2020. – С. 185-192.

[336] Комлев Ю.Ю. Цифровизация, сетевизация общества постмодерна и развитие цифровой криминологии и девиантологии // Вестник КЮИ МВД России №1, 2020. – Казань: «КЮИ МВД РФ», 2020. – С. 31-40.

[337] Борисова Е.С., Белоусов А.Л. Инновации как инструмент обеспечения информационной безопасности и повышения эффективности деятельности банковской системы // Актуальные проблемы экономики и права. – 2019, № 3. – С. 1330-1342.

қариб дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дида мешавад ва гуногуниву миқёси онҳо мунтазам меафзояд.

Бояд қайд намуд, ки ҷиноятҳои кибернетикӣ ба намудҳои мушаххас тақсим карда нашудаанд. Вале, чунин навъҳои муҳимтарин ва паҳншудаи киберҷиноятро метавон ҷудо кард:

1. Ҷиноятҳое, ки бар муқобили системаҳои компютерӣ ва пойгоҳи додаҳо (база данных) равона гардидаанд. Ба ин гурӯҳи ҷиноятҳо метавон ҳамлаҳои ҳакерӣ, сирояти интернет бо вирусҳо ва нармафзорҳои (барномаҳои) зараровар ва ғайрара шомил намуд. Ба ин мисол шуда метавон рахнашавии доимии махзани маълумотҳои операторони мобилӣ, ки маълумоти гирифташуда минбаъд бо мақсадҳои гуногун (ба даст овардани маълумоти шиноснома, ирсоли таблиғот, истифодаи минбаъда бо мақсадҳои қаллобӣ ва ғайра) истифода карда мешавад.

2. Ҷиноятҳое, ки барои ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ содир карда мешаванд. Ба ин мисол шуда метавонад фишинг – маъмултарин намуди қаллобӣ дар шабакаи интернет. Мақсади асосии ин навъи тахриби компютерӣ тасарруфи логин ва пароли ҳисоби виртуалии корбар ва дар натиҷа истифода бурдани маълумоти шахсии ӯ бо ҳадафҳои ҷиноятӣ (маълумоти корти бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ғайра) мебошад.

Аксари қаллобон бо роҳи фишинг, яъне ҷойгир намудани ишораи суроғавӣ (ё ягон намуди реклама) дар саҳифаҳои гуногуни интернетӣ (веб-саҳифаҳо) шахсони ҷоқеӣ ё ҳуқуқиро ба доми худ мекашанд. Дар бештари ҳолатҳо онҳо хабарҳои қонуниро нусхабардорӣ намуда, аз сари нав бо иловаи ишораи суроғавӣ (ссылка) ва ё ишораи таблиғотии (вложение) дигар онро нашр менамоянд. Шахс ҳангоми пахш намудани ишораи суроғавӣ ё ишораи таблиғотӣ ба объекти зараровар, ки дар зери ин ишораҳо пинҳон буд, ворид мегардад. Объекти зараровар бошад маълумоти ба худ зарурро мегирад. Корбарон бехабар ишораро пахш мекунанд, ки аксар вақт барои хакерҳо ҷиҳати идора намудани компютери фардӣ кофӣ мебошад[338].

Киберҷиноятҳо ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ низ равона гардидаанд, ки аксари ҷабрдидагони ин ҷиноятҳо ноболиғон мебошанд. Ин гурухи ҷиноятҳоро кибертаҳқир ё таъқиби интернетӣ низ гуфтан мумкин аст, ки қасдона ва бо мақсади таҳқир, таҳдид, иръоб (шантаж) дар фазои маҷозӣ (интернетӣ) содир гардида, муддати тӯлонӣ идома меёбанд. Кибертаҳқир тавассути почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, порталҳои видеоӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад. Ин гуна амалҳои ҷиноятиро метавон ҳамчун дахолат ба ҳаёти шахсӣ ва поймол кардани озодӣ ва шаъну шарафи шахс маънидод кард.

Гурӯҳи дигари ин ҷиноятҳо кибертерроризм мебошад, ки ин фаҳмиш дар натиҷаи ҳамгироии давлатҳои ҷаҳон дар фазои маҷозӣ (виртуалӣ) ба

---

[338] Николюк М. С. Влияние пандемии на угрозу со стороны киберпреступности в России и мире. // Научные труды Северо-Западного института управления РАНХиГС РФ. Том II, выпуск 4 (46). С-Пб: «СЗИУ РАНХиГС», 2020. – С. 185-192.

вуҷуд омадааст. Дар зери ин мафҳум амалҳои ҷиноятие фаҳмида мешавад, ки ба номуташаккилии системаҳои электронӣ ва иттилоотии ҷомеа оварда мерасонад ва дар натиҷаи онҳо метавонад ба инсон, ҷомеа ва давлат зарари калон расонида шавад. Хусусияти асосии ин намуди киберҷиноят миқёси он мебошад[339].

Хусусиятҳои ҷиноятҳои кибернетикиро таҳлил намуда, ин ҷиноятҳоро чунин таснифбандӣ намудан мумкин аст:

1) аз рӯйи тарзи истифодабарӣ:

А) компютер объекти ҳуқуқвайронкунӣ мебошад;

Б) компютер ҳамчун воситаи хотиррасон истифода карда мешавад;

В) компютер чун воситаи амалишавии киберҷиноят истифода карда мешавад.

2) аз рӯйи мавҷудияти зӯроварӣ:

А) бо таҳдиди зӯроварӣ (кибертерроризм, кибертаъқиб ва ғайра);

Б) бе таҳдиди зӯроварӣ (вайронкунии ҳуқуқи истифодабарӣ, кибердуздӣ, киберқаллобӣ ва ғайра).

3) аз рӯи тарзи таъсиррасонӣ:

А) бо сӯиистифодаи физикӣ;

Б) бо сӯиистифодаи барномавӣ;

В) бо сӯиистифодаи амалиётӣ (оператсионӣ);

Г) бо сӯиистифодаи электронӣ.

Шабакаҳои байналмилалии алоқаи компютерӣ, ба монанди “Internet” муҳити кушодае мебошанд, ки ба истифодабарандагон новобаста аз миллат, касбият, мансубият ба шаҳрвандии ягон давлат имконияти иҷро намудани амалҳои муайянро берун аз давлате, ки дар он қарор доранд, фароҳам меоварад[340].

Дар маҷмуъ киберҷиноятҳо аз марҳилаи ташаккул гузашта, ба сатҳи комилан нав, аз ҷумла тамаъҷӯӣ, ҷосусии саноатӣ, ҳамлаҳои мақсаднок расидааст. Хакерҳо низ тағйир ёфта, аз як шахси хаваскор ба корбари касбӣ (қисми бизнеси ҷиноятӣ) мубаддал шудаанд. Киберҷинояткорон ҳам ба шаҳрвандони алоҳида, ташкилотҳо, корхонаҳо ва ҳам ба тамоми хоҷагии халқ зарари калон мерасонанд.

Мубориза бар зидди ҷиноятҳои кибернетикӣ бинобар такмил ва васеъ шудани доираи технологияҳои иттилоотӣ, ҷаҳонишавии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва пайдоиши шабакаҳои байналмилалии компютерӣ ба як мушкилоти ҷаҳонӣ табдил ёфта истодааст. Ҷинояткорон чанд қадам пеш рафта, системаҳои амниятии иттилоотии корхонаҳоро шикаст медиҳанд. Ҳалли мушкилоти киберҷинояткорӣ на танҳо дар

---

[339] Айков Д., Сейгер К., Фонсторх У. Компьютерные преступления. Руководство по борьбе с компьютерными преступлениями. – М.: Мир, 1999. – С. 80.

[340] Волеводз А.Г. Противодействие компьютерным преступлениям: правовые основы международного сотрудничества. – М.: «Юрлитинформ», 2002. – С. 255.

мутобиқ кардани ширкатҳо ба тамоюлҳои мавҷуда, балки дар таҳияи фаъолонаи стратегияҳои амнияти иттилоотӣ барои корхонаҳо мебошад.

Барои гирифтани пеши роҳи ин гуна ҷиноятҳо то андозаи муайян бояд форумҳо ва конфронсҳо, чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани саводнокии истифодаи технологияҳои компютерӣ, шабакаи интернет, омӯзонидани амнияти кибернетикӣ ба кормандони бонкҳо, таҳияи моделҳои иқтисодӣ ва математикӣ аз ҷониби бонкҳо барои пешгӯии самтҳои ҳамлаҳои киберӣ ва арзёбии хисороти эҳтимолӣ (хавфҳо) ташкил карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Айков Д., Сейгер К., Фонсторх У. Компьютерные преступления. Руководство по борьбе с компьютерными преступлениями. – М.: Мир, 1999. – 230 с.
2. Волеводз А.Г. Противодействие компьютерным преступлениям: правовые основы международного сотрудничества. – М.: «Юрлитинформ», 2002. – 315 с.
3. Волков К.В. Киберпреступность. Виды и особенности ее влияния. // Материалы II Всероссийского научно-практического форума молодых учёных и студентов. – Екатеринбург: УГЮУ, 2019. – 513 с.
4. Жвавый П.С., Добрынин Н.М. К вопросу о преодолении правового нигилизма в современной России // Вестник Тюменского государственного университета. – Том 3. – № 4. – Тюмень: «ТГУ», 2017. – 330 с.
5. Комлев Ю.Ю. Цифровизация, сетевизация общества постмодерна и развитие цифровой криминологии и девиантологии // Вестник КЮИ МВД России №1, 2020. – Казань: «КЮИ МВД РФ», 2020. – 142 с.
6. Николюк М.С. Влияние пандемии на угрозу со стороны киберпреступности в России и мире. // Научные труды Северо-Западного института управления РАНХиГС РФ. Том II, выпуск 4 (46). – С-Пб: «СЗИУ РАНХиГС», 2020. – 400 с.
7. Основные направления развития информационной безопасности кредитно-финансовой сферы на период 2019-2021 годов. – М.: «ЦБ РФ», 2019. – 26 с.
8. Семеко Г.В. Информационная безопасность в финансовом секторе: киберпреступность и стратегия противодействия // Социальные новации и социальные науки. М: «ИНИОН РАН», 2020. – № 1. – 280 с.

# МАВҚЕИ ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ ДАР НИЗОМИ ПРИНСИПҲОИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Камолов Хуршедулло Субҳонқулович,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 554-45-29-29
**E-mail:** kamolov.kh@icloud.com

**Фишурда:** Дар мақолаи мазкур қонуният ҳамчун яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Диққати асоси бештар ба мафҳум, моҳият, мазмун ва хусусиятҳои принсипи мазкур дода шуда, мавқеъ ва аҳамияти принсипи мазкур дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муайян гардидааст. Мувофиқи адабиёти илмӣ, принсипи конуният, ки дар қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо пешбинӣ гардидааст ин ҳамон принсипи «Nullum crimen sine lege ва nullum poena sine lege», ки дар Статути Рими Суди Байналмилалии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, мебошад. Тибқи принсипи мазкур танҳо он амалҳое, ки дар манбаи ҳуқуқи байналмилалии амалкунанда ба таври возеҳ ифода ёфтааст ҷиноят ҳисобида мешавад ва барои содир намудани онҳо бо санксияи муайян ҷавобгарии ҷиноятии фардӣ муқаррар карда мешавад.

**Калидвожахо:** Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ, принсипхои ҳуқуқи чиноятии байналмилалӣ, қонуният, ҷавобгарии фардӣ, Статути Рими Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ, стандартҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон.

# ПОЛОЖЕНИЕ ПРИНЦИПА ЗАКОННОСТИ В СИСТЕМЕ ПРИНЦИПОВ МЕЖДУНАРОДНОГО УГОЛОВНОГО ПРАВА

**Камолов Хуршедулло Субхонкулович,**
ассистент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 554-45-29-29
**E-mail:** kamolov.kh@icloud.com

**Аннотация:** В данной статье законность анализируется как один из основных принципов международного уголовного права. Уделяется большое внимание понятию, сущности, содержанию и признакам данного принципа, определяется место и значение этого принципа в системе принципов международного уголовного права. Согласно с научной

литературой международного уголовного права, принцип законности, который предусмотренно в уголовном законадательстве большинства стран, представляет собой тот же принцип “Nullum crimen sine lege и Nullum poena sine lege», который предусмотрен в Римском статуте Международного уголовно суда. В соотвествии с данным принципом, преступления считается только те дейсвия, которые выражены в источнике применимого международного права, а за их совершение устанавливается индивидуальная уголовная ответственность с определённой санкцией.

**Ключевые слова:** Нормы международного уголовного права, принципы международного уголовного права, законность, индивидуальная ответственность, Римский статут Международного уголовного суда, Международные стандарты защиты прав и свобод человека.

## POSITION OF THE PRINCIPLE OF LEGALITY IN THE SYSTEM OF PRINCIPLES OF INTERNATIONAL CRIMINAL LAW

**Kamolov Khurshedullo Subhonqulovich,**
assistant of the department of criminal law and anti-corruption of the law faculty of Tajik National University
**Phone.:** (+992) 554-45-29-29
**E-mail:** kamolov.kh@icloud.com

**Annotation:** In this article, legality is analyzed as one of the main principles of international criminal law. More attention is paid to the concept, essence, content and features of this principle, the position and significance of this principle in the system of principles of international criminal law is determined. According to the scientific literature of international criminal law, the principle of legality, which is provided for in the criminal legislation of most countries, is the same principle of “Nullum crimen sine lege and Nullum poena sine lege”, which is stipulated in the Rome Statute of the International Criminal Court. Comply with this principle, only those actions that are expressed in the source of applicable international law are considered crimes, and individual criminal liable with a certain sanction is established for their commission.

**Keywords:** Norms of international criminal law, principles of international criminal law, legality, individual liability, Rome statute of International Criminal Court, International standards for the protection of human rights and freedoms etc.,

Тибқи гуфтаи профессор И.И. Лукашук, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ «меъёрҳои умумитарин ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, ки мазмун ва хусусиятҳои хоси онро муайян мекунанд». Дар робита ба ин, принсипҳои соҳавии ҳуқуқи чиноятии байналмилали меъёрҳои калидӣ ва системаи ташаккулёбандаи қисми умумии ҳуқуқи чиноятии байналмилалӣ мебошанд, ки шароити татбиқи ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноятҳо дар назди хукуки байналмилали муайян мекунанд. Дар

шакли мутамарказ, принсипҳои ХЧБ-и муосир дар қисми III-и Статути Рими Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ инъикос ёфтаанд (моддаҳои 22-33).

Баъзе меъёрҳои соҳаи мазкур ба андозаи зиёд аллакай дар қонунгузории ҷиноии Ҷумҳурии Точикистон инъикос ёфтааст. Принсипи қонуният, ки дар моддаҳои 22 [1] ва 23 [2]-и Статути Римии Суди Байналмилалии Ҷиноятӣ (ICC) инъикос ёфтааст, ки мувофиқи он танҳо он амалҳое, ки дар манбаи ҳуқуқи байналмилалии амалкунанда ба таври возеҳ ифода ёфтааст ҷиноят хисобида мешавад ва барои содир намудани онҳо бо санксияи муайян ҷавобгарии ҷиноятии инфиродӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамин тавр, Суди Байналхалқии Ҷиноятӣ аз рӯйи ҳуқуқи байналхалқӣ ба 4 категорияи ҷиноятҳо салоҳият дорад, аммо тибқи моддаи 22-и Статути он ва дигар санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ метавонад дигар намудҳои чиноятҳоро низ баррасӣ намояд. Мувофиқан, давлатҳои иштирокчии чунин санадҳои байналмилалӣ бо ризогии якдигар метавонанд баъзе намудҳои кирдорро низ криминализатсия намоянд, ба ғайр аз он кирдорҳое, ки дар моддаи 5-и Статути Рим оварда шудаанд.

Кирдорҳое, ки аз рӯйи ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои байналмилалӣ ё қонунгузории миллӣ ҳамчун ҷиноят баррасӣ нашудаст, пас ҷиноят эътироф карда нашуда, нисбати он низ ягон навъ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда намешавад. Ҳамзамон барои содиркунии ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии байналхалқӣ вобаста ба лаҳзаи содиршавиаш нисбат ба қонунгузории миллӣ набояд ҷазои сахттар пешбинӣ карда шавад. Қобили тазаккур аст, ки аз рӯи ҳуқуқи байналмилалӣ моддаи 22-и Статут новобаста аз Статути мазкур ба бандубасти кирдори алоҳида таъсир расонида наметавонад.

Бояд қайд намуд, ки барои пурра фаҳмидани маънои принсипи қонунияти чиноятҳо якчанд нуқтаҳои муқаддимавӣ лозим аст.

Низомҳои ҳуқуқии миллӣ, одатан ҳуқуқи ҷиноии худро ё дар асоси таълимоти адолати моддӣ (материальная правосудия) ё таълимоти қонунияти қатъӣ (строгой законности) қабул мекунанд ва ба асос мегиранд. Тибқи доктринаи қаблӣ, волоияти қонун бояд пеш аз ҳама ба манъ ва ҷазо додани ҳама гуна кирдоре, ки зарари иҷтимоӣ мерасонад ё барои ҷомеа хатар эҷод мекунад, равона карда шавад, сарфи назар аз он, ки чунин кирдор дар вақти содир шуданаш ҷиноят ҳисобида мешуд ё не. Манфиати асосӣ ин муҳофизати ҷомеа аз ҳама гуна кирдори девиантӣ мебошад, ки метавонад ба низоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонад ё таҳдид кунад. Аз ин рӯ, ин таълимот нисбати фард бартариро бар ҷомеа медиҳад (ҷомеаро ҷонибдорӣ мекунад). Муҳокимаи пурра ва дурусти ин таълимотро дар низоми ҳуқуқии шуравӣ пайдо кардан мумкин аст (1918-58). Ё дар қонунгузории ҷиноии фашистӣ (1933-45). Аммо, баъзе гунаҳои ин таълимотро дар Олмони муосири демократӣ низ дучор омадан мумкин аст, ки дар он принсипҳои «адолати объективӣ» (materielle Gerrechtigkeit) дар посух ба ҳукуматҳои саркӯбгар, ки ҳуқуқҳои бунёдии инсонро поймол мекунанд, дастгирӣ карда шуданд ва судҳо ба шарафи шӯҳратомез

мушарраф гаштанд – «Формулаи Радбрух». Профессори маъруфи ҳуқуқшиносии олмонӣ Радбрух ин «формула»-ро соли 1946 эҷод кардааст. Дар мавриди истилоҳоте, ки баъдан дар баъзе парвандаҳои Олмон истифода шудааст, ӯ чунин ақидаеро ба миён гузошт, ки ҳуқуқи позитивӣ бояд хилофи адолат ҳисобида шавад ва он бояд дар он ҷое, ки зиддият байни ҳуқуқи статутӣ ва адолат ҷой дорад, татбиқ карда нашавад. Ин «формула» дар адабиёти ҳуқуқӣ эътирофи васеъ пайдо кардааст.

Баръакс, таълимоти қонунияти қатъӣ муқаррар мекунад, ки шахс метавонад танҳо дар сурате ба ҷавобгарӣ кашида ва ҷазо дода шавад, ки агар дар вақти содир кардани кирдораш ин амал тибқи қонунгузории дахлдор ё ба тариқи дигар, тибқи қонуни дахлдори ҷиноятӣ, чиноят ҳисобида шавад. Таърихан, ин таълимот аз мухолифати синфи баронҳо ва ритсарҳо ба худсарии монархҳо сарчашма мегирад ва дар моддаи 39-и Хартияи Бузурги Озодӣ (ба истилоҳ Магна Карта) аз соли 1215 ифода ёфтааст. Аммо, бояд мунтазир шуд, ки мутафаккирони асосии равшанфикр заминаи муносиби фалсафӣ ва сиёсиро пайдо кунанд. Монтеске ва сипас эъломияҳо (прокламатсияхо)-и бузурги Амрикоӣ (1774) ва инқилоби Фаронса (1789) ин таълимотро як роҳи маҳдуд кардани ҳокимияти ҳокимон ва ҳимояи салоҳиятҳои ҳокимияти қонунбарор ва судӣ медонистанд. Чӣ тавре, ки адвокати барҷастаи Олмонӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ Франтс фон Лист дар соли 1893 навиштааст, принсипҳои nullum crimen sine lege ва nulla poena sine lege «Такягоҳи шаҳрвандон бар зидди қудрати давлат мебошанд, онҳо инсонро аз нерӯи бераҳмонаи аксарият, аз Левиафан муҳофизат мекунанд. Ҳарчанд ғайримуқаррарӣ садо диҳад, кодекси ҷиноӣ ин хартияи бузурги ҷинояткорон аст. Вай ҳуқуқ ба ҷазоро танҳо тибқи талаботи муқарраркардаи қонун ва танҳо дар ҳудуди муқарраркардаи қонун кафолат медиҳад».

Бояд кайд намуд, ки принсипи қонунияте, ки дар қонунгузории ҷиноятии аксари давлатҳо пешбинӣ гардидааст ин принсипи «Nullum crimen sine lege ва nullum poena sine lege», ки дар Статути Рими Суди Байналмилалии ҷиноятӣ гирифта шудааст, ки маънои тахтуллафзии он «нест ҷиноят бе нишондоди он дар қонун» ва «нест ҷазо бе нишондоди он дар қонун» мебошад. Ба ақидаи олимони зиёди соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ «Nullum crimen sine lege ва nullum poena sine lege», ки дар моддаҳои 22 ва 23-и статути Рими Суди байналмилалии чиноятӣ пешбинӣ гардидааст, ин ифодакунандаи принсипи адолате, ки дар қонунгузории ҷиноятии аксари давдатҳои ҷаҳон ифода гардидааст, мебошад. Ба ибораи дигар, принсипи мазкур таҷассуми таҳтуллафзии дар ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ формулаи классикии ҳуқуқии Рим «бидуни зикри қонун ҳеҷ гуна ҷиноят ва ҷазо вуҷуд надорад» мебошанд. Ба гуфтаи А.Кассесе, дар низоми ҳуқуқии миллӣ ду доктринаи алтернативиро фарқ кардан мумкин аст, ки дар асоси он «қонуният»-и қонуни ҷиноятӣ асос ёфтааст: доктринаи «субстанциального правосудия» («адолати судӣ») ва доктринаи «қонунияти қатъӣ». Тибқи таълимоти аввал, адолат бояд «пеш аз ҳама

саъй кунад, ки ҳама гуна рафторе, ки барои ҷомеа зараровар ё хатарнок аст, сарфи назар аз он, ки он дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят криминализатсия шудааст ё не, манъ ва ҷазо диҳад». Аммо, айни ҳол, доктринаи дуввум дар низоми ҳуқуқии муосир амалан мавқеи аввалро танг кардааст[341].

Мувофиқи Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ, ҳеҷ кас тибқи Низомномаи мазкур ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, агар чунин кирдор дар лаҳзаи содир шуданаш криминализатсия нашуда бошад ва он ҳамчун ҷинояте, ки ба юрисдиксияи Суд мансуб дониста шуда буд, эътироф карда нашуда бошад. (қ. 1 м. 22). Бесабаб нест, ки аксари муаллифони хориҷӣ ин принсипро «принсипи қонуният» (principle of legality)[342] номидаанд.

Тавре, ки дар навбати аввал ба назар мерасад, сухан танҳо дар бораи ҷиноятҳо меравад, ки таҳти юрисдиксияи Суд қаррор доранд ва ин муқаррот ифодаи махсуси принсипи умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки ба юрисдиксияи Суд дахл дорад , мебошад.

Аммо, комилан ин тавр нест – тасдиқи универсалӣ будани ин принсип барои тамоми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ дар он аст, ки ин принсип, агар дар маънои таҳтуллафзи набошад, пас аз рӯи моҳияти худ қариб дар ҳама гуна меъёрҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятии байналмилали дошта мавҷуд мебошад. Масалан, қ. 1 м. 15 Муоҳидаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз с. 1966, ки қисми ҷудонашавандаи Стандартҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад, ба таври возеҳ муқаррар менамояд; ҳеҷ кас наметавонад дар натиҷаи ягон амал ё беамалие, ки мувофиқи қонунгузории дохилидавлатӣ ё ҳуқуқи байналмилалӣ дар лаҳзаи содир гардидани он амалкунанда ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисоб намешуд, дар содир кардани ягон ҷиноят гунаҳгор дониста. Меъёри шабеҳ дар м. 7 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон мавҷуд аст.

Ҳамзамон, агар кирдор тибқи меъёри дигари ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ то эътибор ҳуқуқӣ пайдо кардани меъёри нав ҷиноят ҳисоб шуда бошад, пас он мутобиқи меъёре, ки дар лаҳзаи содир кардани кирдор амал мекард, банду баст карда мешавад. Чунончӣ , масалан, содир намудани кирдори генотсид то эътибори қонунӣ пайдо кардани Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ, бояд мутобиқи Конвенсияи оид ба генотси с. 1948 банду баст карда шавад, агар кирдор пас аз эътибор пайдо кардани Конвенсия сурат гирифта бошад.

Дар яке аз қарорҳои Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон ба таври возеҳ изҳор мегардад, ки ҳеҷ гуна поймолкунии принсипи «бидуни зикри қонун ҳеҷ гуна ҷиноят вуҷуд надорад», ҳатто «дар вақти ҷанг ё дигар ҳолати фавқулодда» ба мақсадҳои «таъмини ҳадди аксар самаранокии ҳимояи

[341] Cassese A. International Criminal Law. Oxford, 2003. – P. 139.
[342] Kittichaisaree K. International Criminal Law. – P. 43.

шахс аз таъқиби ҷиноятӣ, маҳкумият ва ҷазо, қобили қабул нест»[343]. Инчунин дар яке аз қарорҳои ТБСЮ низ қайд карда шуд, ки мақсади принсипи қонуният ин «пешгирии айбдоркунӣ ва ҷазо додани шахс барои кирдоре, ки ҳангоми содир кардани он вай солимона мулоҳиза карда, тасаввур менамуд, ки дар лаҳзаи содир кардан, онҳо қонунӣ буданд»[344].

Оқибати мантиқии татбиқи муқаррароти санади ҳуқуқии байналмилалии амалкунанда нисбат ба кирдорҳое, ки то эътибор ҳуқуқӣ пайдо кардани он ба амал омадаанд, манъи истифодаи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ аз рӯи қиёс (Lex stricta) мебошад , ки дар м. 22 Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ пешбини шудааст. Бо ин мақсадҳо зарурати ба таври возеҳ муқаррар карда таърифи аниқтари худи ҷиноят мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба миён меояд. Бинобар ин, бояд ба таври возеҳ тавзеҳ дода шавад, ки татбиқи қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ (аз ҷумла, қарорҳом амсолии судӣ судҳои байналмилалӣ) набояд ҳамчун қиёс баҳо дода шаванд - дар ин маврид, чунин қарор меъёреро, ки дар сарчашмаи дигари ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мавҷуд аст, шарҳ медиҳад: "Принсипи қонуният дар худ ҳеҷ чизеро надорад, ки тавзеҳи қонунҳоро тавассути қарори суд манъ кунад ва дар ҷойи зарурӣ, ҳангоми минбаъд барраси кардани парванда ба ин қарорҳо такя кунад[345]. Чизи дигар он аст, ки тавзеҳе, ки дар қарори созмони байналмилалӣ дода шудааст, ҳангоми татбиқи ин ё он меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ҳатмист.

Қисми таркибии принсипи баррасишаванда «қоидаи шубҳа» мебошад, ки тибқи он ҳар гуна шубҳа оид ба эҳтимолият ё дурустии банду баст тибқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ба манфиати айбдоршаванда шарҳ дода мешавад.

Истисно. Аҷиб ин аст, ки маҳз аз рӯи ин принсип, таърихи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ истисноҳои мушаххасро медонад. Сухан дар бораи эътироф кардани гуноҳ ва оид ба муқаррар кардани ҷавобгари барои кирдорҳое, ки то эътибор ҳуқуқи пайдо кардани талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон содир шуда буданд, меравад. Воқеан, дар ҳуҷҷатҳои трибуналҳои Нюрнберг ва Токио гуноҳи ҷинояткорони ҳарбӣ ва он кирдорҳое, ки дар лаҳзаи содир гардиданашон аз рӯи ҳуқуқи байналмилалӣ расман ҷиноят набуданд, муайян карда шудааст. Тавре ки маълум аст, дифоъ бекор кардани худи мурофиаро талаб кард, аммо трибунал ба он ишора кард, ки ҳамаи кирдорҳои ҷинояткорони ҳарбӣ содир карда мувофиқи ҳуқуқи байналмилалии одатӣ ҷиноят ҳисоб карда мешаванд.

Муҳаққиқони соҳа қайд мекунанд, ки истисноӣ будани мавриди мазкур ба шарти вазъияти фавқулоддаи мурофияи судии ҷинояткорони

---

343 S.W. v *United Kingdom.* Судебное решение от 22 ноября 1995 г. // Европейский Суд по правам человека. Т. 2. – С. 161-162.
344 Prosecutor *V. Z.* Delalic, Z. Mucic, H. Delic, E. Landzo. Case № IT-96-21-T. 16 November 1998. § 313.
345 Prosecutor *V. Z.* Aleksovsky. Case № IT-95-14/1-A. 24 March 2000. § 126.

Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ вобаста буд. Бесабаб нест, ки қабули пешакии принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ ва мустаҳкам гардидани меъёрии онҳо дар Оинномаи Трибунали Нюрнберг ба қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалии муосир замина гузоштанд (аз ҷумла Конвенсияи оид ба генотсид с. 1948, Муоҳидаҳои Женева с. 1949 ).

Бешубҳа, мафҳум ва дарки ҷиноят ҳамчун як фактори ҳуқуқӣ, ба вуҷудоварандаи муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ , дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти калидӣ дорад. Аксарияти инситутҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ (ҳам миллӣ ва ҳам байналмилалӣ) бо ин ё он дараҷа ба мафҳуми ҷиноят , ки моҳиятан аз он манша мегиранд вобастаги доранд.. Воқеан универсализатсияи тартиботи ҳуқуқии байналмилалӣ, ки аз он ҷумла тавассути инкишофи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалии ба даст меоянд, амалан универсализатсияи ба худ хоси муқарраротии асосии тамоми соҳаҳои ҳуқуқро тақозо мекунад ва дар ин раванд ҳуқуқи ҷиноятӣ истисно нест.

Принсипи nullum poena sine lege. Маънии принсипи мазкур он аст, ки шахси мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии байналмилӣ гунаҳкор эътироф шуда, метавонад таҳти ҷазое қарор дода шавад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ муқаррар гардидааст..

Ва ин ҷо як масъалаи хеле ҷиддӣ ба миён меояд – дар бораи кадом татбиқи ҷазо "тибқи ҳарфи қонун" метавон сухан равад, гарчанде, ки санадҳои меъёрии байналмилалии кирдори ҷиноятиро муайян кунанд, одатан на намуди ҷазо, на андозаи онро пешбини накардаанд. .

Истисное аз ин қоидаи умумӣ дар Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ мавҷуд аст, ки ҳангоми қабули он масъалаи намуд ва андозаи ҷазо ба таври фаъол мавриди баҳс қарор гирифт буд[346]. Мувофиқи м. 77 Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ бо қаррори худ метавонад шахси гунаҳкорро ба ҷазои маҳрум кардан аз озоди ба мӯҳлати то 30 сол ё якумра аз озодӣ маҳрум кардан ҳукум намоядд (агар ин бо "хусусияти истисноии вазнин будани ҷиноят" асоснок бошад).

Аммо чӣ гуна ва кадом намуди ҷазоро бояд таъин карда шавад, дар сурате, ки таърифи охирин дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ мавҷуд набошад? Ҳалли ин масъала чунин аст. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалии (агар онҳо пешбинӣ нашуда бошанд) имконияти истифодаи ҳуқуқи ҷиноятии миллиро (б "с" қ. 1 м. 21 Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятӣ) иҷозат медиҳанд - эҳтимол ин нишондод пурра ба таъин намудани намуд ва андоза ҷазо барои ҷинояти байналмилалии дар ҳуқуқи миллӣ муайяншуда дахл дорад. Роҳ надодан ба татбиқи ҷазои сахттар ба шахс нисбат ба он, ки қонун дар лаҳзаи содир кардани ҷиноятӣ

[346] Кузьменков С. Ю. О принятии Статута Международного уголовного суда // Вестник Московского университета. Серия 11. Право. 1999. – № 4. – С. 62.

пешбини намудааст, дар сатҳи Аврупо бо қарори Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқ шудааст[347].

**Адабиёт:**

1. CasseseA. International Criminal Law. Oxford, 2003. – P. 300
2. Kittichaisaree K. International Criminal Law. – P. 450.
3. Prosecutor v. Z. Aleksovsky. Case № IT-95-14/1-A. 24 March 2000. § 126.
4. Prosecutor V. Z. Delalic, Z. Mucic, H. Delic, E. Landzo. Case № IT-96-21-T. 16 November 1998. § 313.
5. S.W. v United Kingdom. Судебное решение от 22 ноября 1995 г. // Европейский Суд по правам человека. – Т. 2. – С. 220.
6. Welch v United Kingdom. Судебное решение от 9 февраля 1995 г. // Европейский Суд по правам человека. – Т. 2. – С. 140.
7. Кузьменков С. Ю. О принятии Статута Международного уголовного суда // Вестник Московского университета. Серия 11. Право. 1999. – № 4. – С. 250.

[347] Welch v United Kingdom. Судебное решение от 9 февраля 1995 г. // Европейский Суд по правам человека. – Т. 2. – С. 79-84.

# ХУСУСИЯТҲОИ ОБЪЕКТИ ҶИНОЯТИҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БУДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

**Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 988-14-99-99
**E-mail:** jovid.abdusalomzoda@mail.ru

**Роҳбари илмӣ: Шарипов Т.Ш.,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Муқарриз: Сафарзода А.И.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Фишурда:** Мақола ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии мазмуни аломатҳои объекти ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт будуни мақсади тасарруф дар моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумурии Тоҷикистон пешбинигардида бахшида шудааст. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба масоили ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт будуни мақсади тасарруф то имрӯз аҳаммияти ҷиддӣ дода нашудааст. Одатан ин гуна масъалаҳо дар рафти тадқиқоти босамари корҳои алоҳидаи илмӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Масъалаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт будуни мақсади тасарруф яке аз масоили мушкил ва дар як вақт бисёр масъулиятнок аст. Бинобар ин, тадқиқи масоили мазкур таҳлили ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Муаллиф мавқеи гуруҳҳои гуногуни олимонро вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин асос муаллиф объекти хелӣ, намудӣ ва бевоситаи ҷинояти мазкурро муайян сохтааст. Ҳамчунин ба муносибатҳои ҷамъиятие ишора шудааст, ки ба сифати объекти иловагии ин ҷиноят баромад менамоянд.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, тасарруф, автомобил, воситаи нақлиёт, объекти ҷиноят, амнияти ҷамъиятӣ, моликият, ҳай карда бурдан, муносибатҳои ҷамъиятӣ, истифодаи ғайриқонунӣ.

# ОСОБЕННОСТИ ОБЪЕКТА УГОНА АВТОМОБИЛЯ ИЛИ ИНЫХ ТРАНСПОРТНЫХ СРЕДСТВ БЕЗ ЦЕЛИ ХИЩЕНИЯ

**Абдусаломзода Джовид Абдусалом,**
ассистент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета Таджикского национального университета
**Тел.:** (+992) 988-14-99-99
**E-mail:** jovid.abdusalomzoda@mail.ru

**Научный руководитель:** Шарипов Т.Ш., доктор юридических наук, профессор
**Рецензент:** Сафарзода А.И., доктор юридических наук, профессор

Аннотация: Статья посвящена проблемным теоретическим и практическим вопросам содержания признаков объекта преступлений, предусмотренных угона автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения статья 252 Уголовное кодекс Республики Таджикистан. В науке уголовного права проблеме угона автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения до сих пор не уделено должного внимания. Обычно подобные проблемы изучаются в процессе отдельного научного исследования. Проблема угона автомобиля или иных транспортных средств без цели хищения является одной из важных и в то же время ответственных проблем. Поэтому, исследование данной проблемы требует всестороннего анализа. Автором анализировано позиция различных групп, ученных относительно место незаконного угона автомобиля или других транспортных средств без цели хищения в структуре Уголовное кодекс Республики Таджикистан. На этом основании определён родовой, видовой и основной непосредственный объект, данного преступления. Обозначены общественные отношения, которые могут выступить в качестве дополнительного объекта.

**Ключевые слова:** Уголовный кодек, хищение, автомобиль, транспортное средство, объект преступления, общественная безопасность, собственность, угон, общественные отношения, незаконное использование.

# FEATURES OF THE OBJECT OF STEALING A CAR OR OTHER VEHICLES WITHOUT THE PURPOSE OF THEFT

**Abdusalomzoda Jovid Abdusalom,** assistant of the Department of Criminal Law and Anticorruption Law, Faculty of Law, Tajik National University.
**Phone.:** (+992) 988-14-99-99
**E-mail:** jovid.abdusalomzoda@mail.ru

**Scientific adviser:** Sharipov T.Sh., Doctor of Law, Professor
**Reviewer:** Safarzoda A.I., Doctor of Law, Professor

**Annotation:** The article is devoted to the problematic theoretical and practical issues of the content of the signs of the object of crimes, provided for the theft of a car or other vehicles without the purpose of theft, article 252 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. In the science of criminal law, the problem of stealing a car or other vehicles without the purpose of theft has not yet been given due attention. Usually such problems are studied in the course of a separate scientific research. The problem of stealing a car or other vehicles without the purpose of theft is one of the important and at the same time responsible problems. Therefore, the study of this problem requires a comprehensive analysis. The author analyzed the position of various groups, scientists regarding the place of illegal theft of a car or other vehicles without the purpose of theft in the structure of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. On this basis, the generic, specific and main direct object of this crime is determined. Public relations that can act as an additional object are indicated.

**Keywords:** Criminal code, theft, car, vehicle, object of crime, public safety, property, theft, public relations, illegal use.

Бо инкишофёбии ҷомеаи муосир автомобил барои шаҳрвандон ҳар чӣ бештар на танҳо воситаи ҳаракатнамоӣ, балки ба ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти онҳо табдил ёфтааст. Дар натиҷаи босуръат инкишоф ёфтани нақлиёти автомобил шумораи соҳибони он низ зиёд мегардад, бинобар он автомобили шахсӣ аллакай аз гуруҳи предметҳои шукуҳу ҳашамат баромада ба предмети истифодаи ҳамарӯза табдил ёфтаанд. Ин омилҳо боиси зиёд гардидани таҷовузҳои ҷиноятӣ ва афзун гардидани ҷинояткорӣ дар ин соҳа шуда метавонанд.

Таркиби ҷинояти дилхоҳ аз чор унсур (элемент) ташкил ёфта, кирдори барои ҷамъият хавфнокро чун ҷиноят тавсиф медиҳад. Ба шумули чунин унсурҳо дохил мешаванд: объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят.[348] Барои ҷиноят эътироф намудани кирдор мавҷуду будани ҳар яке аз ин унсурҳо ҳатмӣ мебошад. Аммо дар мақолаи мазкур танҳо объекти ҷиноят вобаста ба ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт будуни мақсади тасарруф мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба объекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт андешаҳои гуногун иброз мегардад, ки метавон онҳоро ба ду гуруҳ ҷудо намуд. Гуруҳи аввали олимон онро тарафдорӣ менамоянд, ки ба сифати объекти ҷинояти мазкур пеш аз ҳама амнияти ҷамъиятӣ баромад менамояд. Чунончӣ, О.В. Фунин ҳангоми содиршавии ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил

[348] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холикзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Хукуки ҷиноятӣ (кисми умумӣ). – Душанбе, 2019. – С.71.

пеш аз ҳама муносибатҳои таъминкунандаи тартиби муқарраршудаи истифодаи воситаи нақлиёт, ки ба сарчашмаи хатари калон дошта мансуб мебошад, халалдор мешаванд, танҳо баъд муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи аз ҷониби соҳибмулк амалисозии ваколатҳои худ[349]. Ба андешаи А. Коробеев "шахси ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро содиркунанда дар як вақт ба маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз менамояд. Аммо, зарар асосан ба амнияти ҷамъиятӣ, мушаххасан ба бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаи нақлиёт (ба унсури амнияти ҷамъиятӣ) расонида мешавад"[350].

Доир ба хавфнокии ҷамъиятии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ақидае иброз мешавад, ки беназорат истифода бурдани сарчашмаи хавфи калон дошта метавонад боиси оқибатҳои зарароварӣ марбут ба расонидани зари моддӣ, зарари ҷисмонӣ ва марги одамон гардад[351].

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ба амнияти ҷамъиятӣ зарар мерасонад, яъне бехатарии ҳаракат дар роҳро коста намуда, боиси марги одамон, расонидани зарар ба саломатии онҳо, несту нобуд ва вайрон гардидани воситаҳои нақлиёт ва иншоотҳои роҳ мегардад[352].

А.И. Узденов хулосабарорӣ намуда, иброз медорад, ки объекти бевоситаи асосии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмин намудани амнияти ҷамъиятӣ, объекти иловагӣ муносибатҳои моликиятӣ дар шакли дилхоҳ, объекти иловагии факултативӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини амнияти саломатии шахсият ҳисоб мешаванд[353]. В.Н. Бурлаков иброз менамояд, ки дар қарори аз 9 декабри соли 2008 "Дар бораи таҷрибаи судӣ аз руи парвандаҳои марбут ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт, инчунин ғайриқонуни ҳай карда бурдани онҳо" модда 166 КҶ ФР-ро дохил намуда, Пленуми Суди Олии ФР қонунгузорро огоҳ намудааст, ки мавқеи ин модда дар КҶ ФР нодуруст муайян шудааст. Ин модда на дар боби 21 КҶ ФР дар бораи ҷиноятҳо ба

[349] Фунин О.В. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: Уголовно-правовой и криминологический аспекты : дисс…канд.юрид.наук. – Рязань,1999. – С. 20.
[350] Коробеев А. Квалификация угонов транспортных средств и их отграничение от смежных составов // Законность.1989 г. № 8. – С. 34-36; Коробеев А.И., Чучаев А.И. Транспортные преступления: проект новый-недостатки старые // Актуальные проблемы российского права. 2019. – №10 (107). – С. 179.
[351] Бондаренко Н.А., Дзюба В.Т. Квалификация преступлений проти! эбщественного порядка и общественной безопасности. Учебное пособие. – К. НИиРИО Киевской высшей школы МВД СССР им. Ф.Э. Дзержинского, 1990. – С. 53.
[352] Галахова АВ. Уголовно-правовая характеристика транспортных преступлений /чебное пособие. – М.: МССШМ МВД СССР, 1990. – С. 39.
[353] Узденов А.И. Угон транспортных средств по уголовному законодательству Российской Федерации : дисс…канд.юрид.наук. – Ростов- на- Дону.2008. – С. 23-24.

муқобили моликият, балки бояд дар боби 27 (Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт) ҷойгир бошад[354].

Объекти бевоситаи ҷинояти мазкурро Ю.С.Белик низ ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятие, ки амниятро дар ҷомеа ҳангоми ҳамкории техника ва инсон таъмин менамояд, баррасӣ намуда, муносибатҳои моликиятиро ҳамчун объекти иловагии ҷиноятӣ мазкур меҳисобад[355].

Бояд иброз намуд, ки ақидаҳои баррасӣ намудани амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун объекти ҷинояти мазкур бештар дар давари амали КҶ ҶТ 1961 сол маъмул буданд, чунки мутобиқи КҶ ҶТ 1961 сол таркиби ҷинояти ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт (м.227) дар боби даҳум "Ҷиноятҳои муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ" ҷойгир шуда буд.

Ба андешаи мо мавқеи олимони зикршуда қобили қабул намебошад, зеро ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт на ҳама вақт амнияти ҷамъиятиро халалдор месозад. Агар дар чунин маврид халалдор гаштани аминяти ҷамъиятӣ сурат гирад меъёрҳои дигари қонуни ҷиноятӣ, ки ба сифати объекти асосии онҳо амнияти ҷамъиятӣ баромад менамоянд, истифода мешаванд, яъне дар чунин ҳолат маҷмуи ҷиноятҳо ҷой дорад.

Гурӯҳи дигари олимон бар он ақидаанд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ин ҷиноят ба муқобили моликият ба ҳисоб рафта,объекти бевоситаи асосии онро муносибатҳои моликиятӣ ташкил намуда, амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ мумкин аст ба сифати объекти факултативӣ баромад намоянд[356]. Н.В. Лаптева объекти хели ва бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро муносибатҳои моликиятӣ, объекти иловагии онро бошад- ҳаёт ва саломатии инсон мешуморад[357]. А.В. Комаров муносибатҳои моликиятӣ аз руи мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он бавуҷуд ояндаро ба сифати объекти намудӣ, муносибатҳои ҷамъятӣ дар соҳаи таъмин намудани амнияти ҷамъиятиро ба сифати объекти иловагии ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт эътироф месозад[358]. Л.Р. Аветисян объекти хелии ҷинояти мазкурро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт, объекти бевоситаи онро муносибатҳои ҷамъиятии бо шакли мушаххасӣ моликият ба воситаи нақлиётӣ ғайриқонунӣ ҳай карда бурда шаванда алоқаманд,

---

[354] Бурлаков В.Н. Сложные вопросы квалификации транспортных преступлений // Правоведение.2009.№1. – С. 126.

[355] Белик Ю.С. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: проблемы предмета, квалификации и предупреждения: Монография. – Екатеринбург, 2016. – С. 29.

[356] Иванов Н.Г. Ответственность за неправомерное завладение транспортным средством // Российская юстиция. 1995. – № 1. – С. 24; Верина Г.В. Преступления против собственности. – Саратов, 2001. – С. 149.

[357] Лаптева Н.В. Иные корыстные преступления против собственности, не связанные с хищением: дисс…канд.юрид.наук. – М.,2005. – С. 7.

[358] Комаров А.В. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения (угон): уголовно-правовые и криминологические аспекты:дисс…канд.юрид.наук. – М.: 2008. – С. 12.

объекти иловагӣ- муносибатҳои ҷамъиятии саломатӣ ва амнияти шахсият, саломатӣ ва амнияти ҳаёти ҷабрдидаро таъминкунанда меҳисобад[359]. Ба андешаи Р.В. Колесников муносибаҳои моликиятӣ объекти бевоситаи асосӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар ҳама ҳолатҳо зарар мебинад, муносибатҳои муътадилӣ таъминкунандаи ҳолати ҳифзи ҷомеа бошанд, ҳангоми истифодаи сарчашмаи хавфи баланд дошта на ҳама вақт зарар мебинанд[360]. А.А. Шербаков ба сифати объекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳуқуқи моликиятии соҳиби воситаи нақлиётиро номбар месозад, ба сифати объекти иловагӣ ба амнияти ҷамъиятӣ, тартиби муносибат бо воситаи нақлиёт, ҳуқуқи моликиятӣ дар фаҳмиши мушаххасӣ он, яъне муваққатан маҳрум намудан аз чунин ҳуқуқ, ки бо зарар расонидан ё ҳатто несту нобуд намудани воситаи нақлиёт алоқаманд мебошад, ҳаёт, саломатӣ ва дахлнопазирии ҷисмии одамон ишора менамояд[361].

Дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ объекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба таври гуногун ҳал гардидааст. Вобаста ба ҷойгиршавии меъёр оид ба ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар системаи Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ метавон се гурӯҳи давлатҳоро ҷудо намуд. Дар як қатор давлатҳо, аз ҷумла дар Фаронса[362], Шветсия[363], Ҷумҳурии Белорус[364], Ҷумҳурии Қирғизистон[365], Федератсияи Руссия[366] объекти ҷинояти мазкур муносибатҳои моликиятӣ эътироф шудаанд. Чунончӣ, дар КҶ Шветсия меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи ғайриқонунӣ гирифтан ва истифодаи воситаи нақлиёти механикӣ дар боби 8 «Дар бораи дуздӣ, роҳзанӣ ва дигар ҷиноятҳои бо тасарруф алоқаманд», дар КҶ Ҷумҳурии Белорус дар боби 24 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» мустаҳакам шудааст.

Дар қонуни ҷиноятии Эстония бошад, ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти механикӣ бо мақсади муваққатан

---

359 Аветисян Л.Р. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дисс…канд.юрид.наук. – – Уфа, 2009. – С. 15.

360 Колесников Р.В. Уголовно-правовые и криминологические аспекты борьбы с угонами и хищениями транспортных средств. – Воронеж, 2013. – С. 14.

361 Энциклопедия уголовного права. Т. 18. Преступления против собственности. – Санкт-Петербург: Издание профессора Малинина. – СПб ГКА, 2011. – С. 816, 819,

362 Уголовный кодекс Франции / Под ред. Л.В. Головко, Н.Е. Крыловой. – СПб., 2002.

363 Уголовный кодекс Швеции / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой. – СПб., 2001. – С.69.

364Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 14.12.2021 г.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414984&pos=1922;-45#pos=1922;-45. (санаи муроҷиат: 20.04.2021).

365Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 127 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// continent-online.com/Document/?doc_id=36675065#pos=2058;-50 (санаи муроҷиат: 22.07.2021).

366Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года № 63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.07.2021 г.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30397073 (санаи муроҷиат: 22.07.2021).

истифода намудани он дар боби 11 «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ» ҷойгир шудааст[367].

Дар гурӯҳи дигари давлатҳо зери ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ пеш аз ҳама бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт гузошта шудааст. Дар КҶ Болгария меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар фасли 2 «Ҷиноятҳо дар нақлиёт ва дигар роҳҳои алоқа» дар боби 11 «Ҷиноятҳои хавфи умум дошта»[368], дар КҶ Ҷумҳурии Узбекистон дар боби 18 «Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт» [369] пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи КҶ ҶТ м. 252 «Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» дар боби 26 фасли XI «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ҷойгир шудааст. Ба фаслҳо ҷудо намудани Қисми махсуси КҶ ҶТ вобаста ба объекти хелӣ ва ба бобҳо ҷудо намудани он аз руи объекти намудӣ анҷом дода мешавад[370].

Объекти хелӣ гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамнавъе мебошанд, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз карда, ҷавобгарӣ барои он дар моддае пешбинӣ шудааст, ки дар ҳамон як фасли Қисми махсуси КҶ ҶТ дохил мешавад[371]. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ақидае ҷой дорад, ки объекти хелӣ аз рӯи фасл ва объекти намуди аз рӯи боби мушаххаси Қисми махсуси КҶ муайян карда мешавад[372].

Вобаста ба мавқеи ҷойгиршавиаш объекти хелии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Иқтисодиёт ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои истеҳсолӣ дар раванди истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба ин объекти хелии ҷиноятҳои иқтисодиро, аз ҷумла ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруфро чун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт муайян кардан мумкин аст, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ равона карда шудаанд[373].

---

[367] Уголовный кодекс Эстонской Республики / науч. ред. В.В. Запевалов. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С.206.

[368] Уголовный кодекс Республики Болгария / науч. ред. А.И. Лукашов. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С.240.

[369] Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 07.12.2021 г.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110&doc_id2=30421110#activate_doc=2& (санаи муроҷиат: 12.07.2021).

[370] Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А.,Холиқов Ш.Л. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2018. – С.76.

[371] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ/ Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С.120.

[372] Иванов Уголовное право. Общая часть: учебник для академического бакалавриата. – М.,2016. – С.164-165.

[373] Рахмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон:дисс...н.и.ҳ. – Душанбе, 2020. – С. 134.

Объекти намудӣ – гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии ҳамнамуде мебошанд, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз карда, ҷавобгарӣ барои он дар моддае пешбинӣ шудааст, ки дар ҳамон як боби Қисми махсуси КҶ ҶТ дохил мешаванд. Объекти намудии ҷиноят асоси ба бобҳо ҷудо намудани фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ шудааст[374]. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар боби 26 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" ҷой гирифтааст, ки аз ин ҷо ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ олимон ҳангоми муайян намудани мафҳуми моликият асосан ба қонунгузории гражданӣ руй меоваранд. Дар қ.1 м.232 КГ ҶТ муайян шудааст, ки ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект оид ба тибқи салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулкаш мебошад.

Объекти бевоситаи ҷинояти баррасишаванда аз ҷониби олимон ба таври гуногун маънидод мешавад. Масалан, ба андешаи Ю.С. Белик ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар он зоҳир мегардад, ки ҷинояткор муносибатҳоро доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ин намуди молу мулк халалдор месозад. Бинобар он муносибатҳои моликиятӣ объекти бевоситаи асосии ин ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки он дар ҳама ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт зарар мебинад[375]. Хусусияти объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт он чӣ ба ҳисоб меравад, ки ҷинояти мазкур аз се танҳо ба ду ҳуқуқи институти ҳуқуқи моликиятиро ташкилдиҳанда- соҳибӣ ва истифода таҷовуз менамояд. Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан халалдор намегардад, ки аз ин мавҷуд набудани мақсади тасарруф дар таркиби мазкур шаҳодат медиҳад[376]. Объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмин намудани тартиби муқарраршудаи истифодаи воситаи нақлиёт, ки сарчашмаи хавфи калон дошта мебошанд, эътироф мешавад[377]. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт метавонад, танҳо ба чунин манфиат, ба монандӣ истифода бурдани воситаи нақлиёт, вобаста ба таъиноти он таҷовуз намояд[378].

Ба андешаи мо мавқеи Ю.С. Белик бештар ҷолиби диққат мебошад. Зеро ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи

---

[374] Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ/ Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 127.

[375] Белик Ю.С. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: проблемы предмета, квалификации и профилактики (предупреждения): дисс…канд…юрид.наук. – Екатеринбург, 2004. – С.34.

[376] Комаров А.В. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения (угон) : уголовно-правовые и криминологические аспекты : дисс... канд.юрид. наук – М, 2008. – С.20.

[377] Грицай Я.Е., Сильченко Е.В. Объект неправомерного завладения автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения. // Интерактивная наука № 6 (28). 2018. – С.102.

[378] Сухомлинов Д.В. Уголовная ответственность за угон транспортного средства и ее дифференциация: дисс…канд. юрид. наук. – М.: 2015. – С.37.

нақлиёт, пеш аз ҳама ҳолати мансубияти неъмати моддӣ (автомобил ё дигар воситаи нақлиёт) халалдор мегардад. Чунин ҳолат дар ҷараёни муайян намудани масъалаи вобаста ба моҳият ва мазмуни муносибатҳои ҷамъиятии ба сифати объекти бевоситаи ҷиноятӣ мазкур баромадкунанда нақши асосӣ дорад. Ҳангоми содир шудани ҷиноятӣ мазкур, молик амалан муваққатан бошад ҳам ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани моликияти худро аз даст медиҳад. Бинобар он ба сифати объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муносибатҳо доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиётӣ мушаххас баромад менамоянд.

Содир гаштани ҷинояти мазкур имконияти таҷовузро ба муносибатҳои дигар, ки ба сифати объекти иловагӣ баромад менамоянд истисно намесозад. Масалан, объекти иловагии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст (б "в" қ.2 м.252 КҶ ҶТ), муносибатҳои ҷамъиятие, ки дахлнопазирии шахсият, саломатии ӯро таъмин менамоянд, нисбат ба б "в" қ.3 м.252- муносибатҳои таъминкунандаи саломатӣ ва амнияти ҳаёти ҷабрдида ба ҳисоб мераванд[379].

Ҳамин тавр, объекти хелии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт муайян кардан мумкин аст, ки онҳо ба истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддиву ғайримоддӣ равона карда шудаанд. Ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд, чунки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар боби 26 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" ҷой гирифтааст. Объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муносибатҳо доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиёти мушаххас баромад менамоянд. Ҳамчун объекти иловагии ин ҷиноят мумкин аст, дахлнопазирии шахсият, ҳаёт ва саломатии ҷабрдида ҷой дошта бошанд.

**Адабиёт:**

1. Аветисян Л.Р. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дисс…канд.юрид.наук. – Уфа, 2009. - 244 с.

2. Белик Ю.С. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: проблемы предмета, квалификации и предупреждения: Монография. – Екатеринбург, 2016. – С. 29.

3. Белик Ю.С. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: проблемы предмета,

[379] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998.

квалификации и профилактики (предупреждения): дисс…канд…юрид.наук. – Екатеринбург, 2004. - 181 с.

4. Бондаренко Н.А., Дзюба В.Т. Квалификация преступлений проти! общественного порядка и общественной безопасности. Учебное пособие. – К. НИиРИО Киевской высшей школы МВД СССР им. Ф.Э. Дзержинского, 1990. - 72 с.

5. Бурлаков В.Н. Сложные вопросы квалификации транспорных преступлений // Правоведение. 2009. - № 1. - С.121-129.

6. Галахова А.В. Уголовно-правовая характеристика транспортных преступлений / чебное пособие. – М.: МССШМ МВД СССР, 1990. – 52 с.

7. Иванов Н.Г. Ответственность за неправомерное завладение транспортным средством // Российская юстиция. 1995. - № 1. - С. 24.

8. Иванов Уголовное право. Общая часть: учебник для академического бакалавриата. – М.,2016. – 559 с.

9. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998.

10. Колесников Р.В. Уголовно-правовые и криминологические аспекты борьбы с угонами и хищениями транспортных средств. – Воронеж, 2013. – 139 с.

11. Комаров А.В. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения (угон): уголовно-правовые и криминологические аспекты : дисс... канд.юрид. наук. – М, 2008. - 209 с.

12. Коробеев А.И., Чучаев А.И. Транспортные преступления: проект новый-недостатки старые // Актуальные проблемы российского права. 2019. - № 10 (107). - С. 172-189.

13. Лаптева Н.В. Иные корыстные преступления против собственности, не связанные с хищением: дисс…канд.юрид.наук. – М.,2005. - 181 с.

14. Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон:дисс...н.и.ҳ. – Душанбе, 2020. - 182 с.

15. Сухомлинов Д.В. Уголовная ответственность за угон транспортного средства и ее дифференциация: дисс…канд.юрид.наук. – М.,2015. – 201с.

16. Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года № 127 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// continent-online.com/Document/?doc_id=36675065#pos=2058;-50 (санаи муроҷиат: 22.07.2021).

17. Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 года № 275-З (с изменениями и дополнениями по состоянию на 14.12.2021 г.)// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30414984&pos=1922;-45#pos=1922;-45 (санаи муроҷиат: 20.04.2021).

18. Уголовный кодекс Республики Болгария / науч. ред. А.И. Лукашов. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. - 291с.

19. Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года № 2012-XII) (с

изменениями и дополнениями по состоянию на 07.12.2021 г.) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110&doc_id2=30421110#activate_doc=2& (санаи муроҷиат: 12.07.2021).

20. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года № 63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.07.2021 г.)// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30397073 (санаи муроҷиат: 22.07.2021).

21. Уголовный кодекс Франции / Под ред. Л.В. Головко, Н.Е. Крыловой. – СПб., 2002. - 320с.

22. Уголовный кодекс Швеции / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой. – СПб., 2001. - 291с.

23. Уголовный кодекс Эстонской Республики / науч. ред. В.В. Запевалов. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. - 262 с.

24. Узденов А.И. Угон транспортных средств по уголовному законодательству Российской Федерации : дисс…канд.юрид.наук. – Ростов-на- Дону. 2008. - 220с.

25. Фунин О.В. Неправомерное завладение автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения: Уголовно-правовой и криминологический аспекты : дисс…канд.юрид.наук. – Рязань, 1999. - 205 с.

26. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ/ Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. ва д.и.ҳ., профессор Species Бобоҷонзода И.Ҳ.- Душанбе: ЭР-граф, 2019. - 550 с.

27. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Хукуки ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2019. - 224 с.

28. Энциклопедия уголовного права. Т. 18. Преступления против собственности. Санкт-Петербург: Издание профессора Малинина – СПб ГКА, 2011. – 1018 с.

29. Я.Е. Грицай, Е.В. Сильченко Объект неправомерного завладения автомобилем или иным транспортным средством без цели хищения. // Интерактивная наука. - № 6 (28).2018. - С.101-103.

# ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.09) – УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.09)

## АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**Искандаров Зайниддин Ҳамидович**,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 918-63-40-75
**E-mail:** ziskan@mail.ru

**Маҳмудов Изатулло Тешаевич,**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Тел.:** (+992) 935-04-43-52
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Муқарриз:** Шарипов Т.Ш., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия

**Фишурда:** Мақола ба баррасии асосҳои конститутсиониву ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар он муаллифон дар асоси истифодаи афкори арзишманди илмӣ-назариявии олимони соҳа ва таҳлили меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳоеро, ки заминаҳои ҳуқуқии иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамоянд, мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар умум таъкид карда мешавад, ки асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ гуфта, меъёрҳои ҳуқуқии хусусияти бунёдӣ ва роҳбарикунандае дар назар дошта мешаванд, ки дар бобҳои алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шуда, асосҳои ҳуқуқии иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ намуда, дар амалисозии таъиноти конститутсонии мақомоти прокуратура ва дигар функсияҳои мақомоти прокуратура дар мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд.

**Калидвожаҳо:** Прокуратура, асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ, қонуният, функсияҳои прокурор, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шохаҳои ҳокимият.

# КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ УЧАСТИЯ ПРОКУРОРА В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

**Искандаров Зайниддин Хамидович,**
доктор юридических наук, профеессор кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета
Тел.: (+992) 918-63-40-75
**E-mail:** ziskan@mail.ru

**Махмудов ИзатуллоТешаевич,**
заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук, доцент
Тел.: (+992) 935-04-43-52
E-mail: 1978_mahmudov@mail.ru

**Рецензент:** Шарипов Т.Ш., профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции, д.ю.н.

**Аннотация:** В статье расматривается конституционно-правовые основы участие прокурора в уголовном процессе. Авторы на основе использование ценных научно-теоретических мнений учёных и анализа нормы Конституции Республики Таджикистан рассматривают факторы, которые составляют правовую основу участия прокурора в уголовном процессе. В целом авторы утверждают, что конституционно-правовые основы участия прокурора в уголовном процессе составляют нормы руководящего и фундаментального характера предусмотренные в отдельных главах Конституции Республики Таджикистан, которые способствуют реализацию конституционного предназначение и иных функций прокуратуры в уголовном процессе.

**Ключевые слова:** Прокуратура, конституционно-правовые основы, уголовный процесс, участие прокурора в уголовном процессе, законность, функции прокурора, защита прав и свобод человека и гражданина, ветви властей.

# CONSTITUTIONAL AND LEGAL BASIS FOR THE PARTICIPATION OF THE PROSECUTOR IN THE CRIMINAL PROCESS

**Iskandarov Zayniddin Hamidovich,**
doctor of Law, Professor of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision of the Law Faculty of the Tajik National University
**Phone.:** (+992) 918-63-40-75
**E-mail:** ziskan@mail.ru

**Makhmudov Izatullo Teshaevich,**
head of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision of the Faculty of Law of the Tajik National University, Candidate of Law, Associate Professor
**Phone.:** (+992) 935-04-43-52
**E-mail:** 1978_mahmudov@mail.ru

**Reviewer:** Sharipov T.Sh., Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption, Doctor of Law

**Annotation:** The article examines the constitutional and legal basis for the participation of the prosecutor in the criminal process. Based on the use of valuable scientific and theoretical opinions of scientists and analysis of the norms of the Constitution of the Republic of Tajikistan, the authors consider the factors that form the legal basis for the participation of the prosecutor in the criminal process. In general, the authors argue that the constitutional and legal foundations for the participation of the prosecutor in the criminal process are the norms of a governing and fundamental nature provided for in certain chapters of the Constitution of the Republic of Tajikistan, which contribute to the implementation of the constitutional mission and other functions of the prosecutor's office in the criminal process.

**Keywords:** Prosecutor's office, constitutional and legal foundations, criminal process, participation of the prosecutor in the criminal process, legality, functions of the prosecutor, protection of human and civil rights and freedoms, branches of government.

Ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994  аз арзишмандтарин ва бузургтарин дастовардҳои халқи Тоҷикистон дар интиҳои садсолаи гузашта ба ҳисоб рафта, ҷиҳати гузариш ба марҳилаи сифатан нави давлатдории миллӣ заминаҳои мусоиди конститутсионӣ-ҳуқуқиро фароҳам оварданд. Қабули Қонуни асосии кишвар боис гардид, ки дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр,

ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад. Қобили қайд аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ба назари эътибор гирифтани беҳтарин арзишҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутаммаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату одатҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шудааст. Бори аввал дар он арзиш ва падидаҳои нав, аз қабили соҳибихтиёрии халқ, усули таҷзияи ҳокимият, пурраҳокимиятии халқ, арзиши олӣ будани инсон ва ҳуқуку озодиҳои ӯ, шаклҳои гуногуни моликият, эътирофи моликияти хусусӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва ғайра мустаҳкам шуданд. Гузашта аз ин, аввалин маротиба дар бобҳои алоҳидаи Конститутсия масъалаҳои марбут ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳамчунин ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд мустаҳкам гардида, кафолатҳои амалишавии онҳо низ муқаррар гардиданд[380].

Қобили қайд аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин муносибатҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии кишварро танзим намуда, дар самти қабули қонунҳои нави ҷавобгуй ба талаботи замон ва такмили низоми ҳуқуқии кишвар нақши арзишманд дорад.

Аз ҷумла, нақши Конститутсияи мамлакат дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти мурофиаи судии ҷиноятӣ ва рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ назаррас аст. Ба ин маънӣ дар моддаи 1-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби пешбурди парвандаи ҷиноятиро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, муайян мекунад.

Дар ҳамин ҳол профессор Искандаров З.Ҳ. бамаврид таъкид менамоянд, ки КМҶ ҶТ дар заминаи асосҳои конститутсионию ҳуқуқӣ (моддаҳои 1, 5, 9, 10, 14, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 32, 84, 87, 88) таҳия шуда, табиати мурофиаи ҷиноятиро муайян намуда, мазмуну мундариҷа, принсип ва шакли мурофиавӣ ба он асосан мувофиқ гардонида шудаанд. Мурофиаи ҷиноятӣ аз мурофиаи таъқиботӣ (айбдоркунӣ) ба мурофиаи типи муҳофизавӣ табдил ёфт. Маъноаш аз он иборат аст, ки дар баробари функсияи айбдоркунӣ функсияи ҳимоя низ дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши кам надошта, мурофиа тарзест, тарҳи ҳуқуқиест, ки аз он ҳама иштирокчиён метавонанд барои ҳифзу ҳимоя намудани манфиатҳои худ истифода баранд[381].

Дар умум, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои зиёди ҳуқуқиеро вохӯрдан мумкин аст, ки онҳо дар танзими фаъолияти прокурор зимни иштирок дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши бевосита ва ё бавосита доранд.

---

[380] Маҳмудов И.Т. Асосҳои сохтори конститутсионие, ки зарурати иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ тақозо менамоянд // Ҳаёти ҳукукӣ. – №4 (32). – Душанбе 2020. – С.98-99. (98-112)

[381] Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эчод», 2008. – С. 21-22.

Дар пайвандӣ ба ҳамин масъала, профессор Искандаров З.Ҳ. зимни баррасии асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ онро бо дарназардошти мансубият ба ин ва он муносибатҳои конститутсионӣ ба намудҳои зерин ҷудо намудааст: 1) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки ба асосҳои сохтори конститутсионӣ иртибот доранд; 2) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос ёфтаанд; 3) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки аз мақомоти қонунгузори ҳокимияти давлатӣ вобастагӣ дорад; 4) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки дар боби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ инъикос ёфтаанд; 5) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки ба ҳокимият ва сохтори судӣ алоқамананд; 6) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ки ба амалисозии назорати прокурорӣ вобастагӣ доранд[382].

Ба ҳамин монанд метавон изҳор дошт, ки асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ишорашуда оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ низ заминаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ ташкил дода, ба он пайванди ногусастанӣ ва робитаи зич дорад. Чунин намуди таснифотро дар пайванди ба масъалаи заминаҳои конститутисониву ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ мо низ комилан ҷонибдор буда, кушиш менамоем, ки аз ҳамин дидгоҳ баъзе аз паҳлуҳои мавзуи барарсишавандаро равшан намоем.

Дар робита ба баррасии асосҳои сохтори конститутсионие, ки зарурати иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ ба миён меорад, зарур мешуморем, ки мафҳум, моҳият ва аҳаммияти асосҳои сохтори конститутсиониро то андозае мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Оид ба ин масъала олими маъруфи давлатшинос А.И. Имомов қайд менамояд, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ ба таври мухтасар ва дар шаклу мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар бораи ҷомеа ва таркиби он, дар хусуси шакл, моҳият ва вазифаҳои давлат, дар бораи вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии инсон ва шаҳрванд, усули ҳокимиятдории халқ, мазмун ва шаклҳои амалигардонии он, дар бораи мавқеи Конститутсия дар низоми қонунгузорӣ, асоси иқтисодии давлат маълумот медиҳад. Ба андешаи ӯ асосҳои сохтори конститутсионӣ узвҳои муҳимтарини сохтори ҷамъият, шакл ва моҳияти давлат, алоқамандии манфиатҳои кулли байни инсон ва шаҳрванд ва ҷамъияту давлатро дар сатҳи олии ҳуқуқӣ муқаррар ва танзим менамояд[383].

Профессор Мирзамонзода Х.М. низ дар заминаи таҳқиқоти маҷмуии асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ чунин андеша дорад, ки онҳо аз муқаррароти асосие иборатанд, ки дар

[382] Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эчод», 2008. – С. 13-14..

[383] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «Эр-граф», 2012.

Конститутсия ифода ёфта, моҳияти ҳокимияти судиро ҳамчун шакли махсуси фаъолияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомот ва шахсони мансабдори он ва принсипҳои ташкил ва фаъолияти онро муайян менамояд[384].

Дар ҳамин ҳол муҳаққиқи ҷавон Ҷ.Ш. Ғаниев (ҳоло Шерализода Ҷ.Ш.) таъкид менамояд, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ усулҳои калидӣ ва бунёдии ташкил ва рушди ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии давлатро меноманд, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди ҷамъиятиву иҷтимоӣ инъикос ёфтаанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути дар худ мустаҳкам намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамояд. Мувофиқи назари ӯ дар боби аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» ном дорад, принсипҳои асосии бунёд ва мавҷудияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишонаҳои хос ва муҳимми давлатдорӣ, паҳлуҳои муҳимми фаъолияти рӯзмарраи он ба монанди: соҳибихтиёрии давлатӣ ва халқ; шакли идоракунӣ; эътирофи инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ; уҳдадории давлат дар самти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; тақсимнашаванда ва дахлнопазир будани ҳудуди Тоҷикистон; асосҳои сиёсати иҷтимоии давлат; афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ; муносибати давлат ва дин; тақсимоти ҳокимият; бисёрҳизбӣ; равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ; дунявӣ будани моҳият давлат; волоият ва амали бевоситаи Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; баробарӣ ва шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ; озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ таҷассум ёфтаанд[385].

Андешае низ ҷой дорад, ки мувофиқи он ҷавҳари асосҳои сохтори конститутсиониро усулҳои бунёдӣ ва роҳбарикунандаи муносибати мутақобилаи инсон, ҷомеа ва давлат ташкил медиҳад. Сохтори конститутсионӣ - чунин шакли ташкили ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятие ба шумор меравад, ки дар он давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ хусусияти демократӣ ва ҳуқуқиро ба худ касб карда, дар он инсон, ҳуқуқу озодӣ ва шаъну шарафи ӯ арзиши олӣ эътироф шуда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд уҳдадории асосии давлат ба ҳисоб меравад[386].

Дар пайванди ба мавзӯи мавриди назар профессор Искандаров З.Ҳ. таъкид менамояд, ки дар Конститутсия муқаддас эътироф гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тақсимоти ҳокимият, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ, мубоҳисавӣ будани мурофиа, эътирофи бартарияти

---

[384] Мирзамонзода Х.М.Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ, танзими қонунгузорӣ ва амалия. Авторефати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии д.и.ҳ. – Душанбе, 2021. – С. 16.

[385] Ганиев Дж.Ш. Основы конституционного строя Республики Таджикистан // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика: материалы 6 международный научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2018 г.) – Душанбе: РТСУ, 2018 (544 с.) – С.292.

[386] Кравченко О.В. Основы конституционного строя современного Таджикистана и пути его реализации // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика: материалы 6 международный научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2018 г.) – Душанбе: РТСУ, 2018 (544 с.) – С. 305.

меъёрҳои ҳуқуқуқии байналмилалӣ, аз он заминаҳои констиутсионӣ-ҳуқуқие мебошанд, ки муносибати навро ба таҳлил ва такмили функсияҳои прокурор, аз он ҷумла оид ба масъалаи таъмини ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба миён оварданд. Кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаъолияти парламенти касбӣ, таъсиси мансаби Президенти Тоҷикистон, нақши махсуси ҳокимияти судӣ, таъсиси прокуратура ҳамчун мақомоти мустақили назорати иҷрои қонунҳо ва фаъолияти адвокатура ба ҳисоб мераванд[387].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили андешаҳои боло чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки дар боби асосҳои сохтори конститутсионӣ усулҳои калидӣ ва бунёдии ташкил ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳими давлатию ҷамъиятӣ инъикос ёфта, меҳвари танзими онро муносибати мутақобилаи инсон, ҷомеа ва давлат ташкил медиҳад. Ба сифати асосҳои сохтори конститутсионие, ки дар зарурати иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ асос мегузоранд, муқарраротн моддаҳои 1 (моҳияти ҳуқуқбунёд ва демократӣ доштани давлат, шакли идораи давлатӣ, давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистон), 5 (арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ; дахлнопазир эътироф шудани ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон; эътироф, риоя ва ҳифз кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат); моддаи 9 (таҷзияи ҳокимияти давлатӣ); 10 (эътибори олӣ доштани Конститутсия, риояи қонуният, афзалияти санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ) баромад менамоянд.

Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Дар муддати 25 соли Истиқлолият мо дар ҳаёти иҷтимоии кишварамон ба дигаргуниҳои куллӣ ноил гардидем ва рушди сармояи инсониро барои пойдори давлати миллиамон дар мадди аввал қарор додем. Дар баробари ин, ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, танзим муҳоҷирати корӣ, идораи равандҳо марбут ба даромад ва хароҷоти пули аҳолӣ, пардохти нафақаю кумакпулиҳо, сохмони иншооти иҷтимоӣ, таъмини ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, беҳтар кардани ҳифзи муҳити зист ва ғайра чандин барномаҳои давлатиро қабул ва дар амал татбиқ намудем. Татбиқи ҳадафҳои дар ин барномаҳо тарҳрезишуда нишон додан, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи мукаррароти Констуитсия ҳамчун давлати иҷтимоӣ, воқеан, ҳаллу фасли масъалаҳои соҳаи иҷтимоии ҳаёти ҷомеаро ба ҳайси самти афзалиятноки сиёсати давлат эътироф ва дар амал татбиқ менамояд»[388].

Дар воқеъ, расидан ба ҳадафҳои ишорашуда танҳо дар заминаи таъмини волоият қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа имконпазир мегардад. Аз ҷумла, дар консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

---

[387] Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). – Душанбе, – №4 (20). 2017. – С. 69.
[388] Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 211.

аз «6» феврали соли 2018, №1005 ба имзо расидааст, ба маврид зикр мешавад, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Дар моддаи 3 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда шуда, ишора меравад, ки мурофиаи судии ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона шудааст. Аз ин рӯ, дар миёни дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ прокурор имконият ва ваколатҳои бештареро дар самти амалисозии вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва таъмини қонуният дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ соҳиб аст.

Масъалаи риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мешавад. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини қонуниятро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ имконияти васеи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад. Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба субъектони дахлдори пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ваколат додааст, ки дар ҳолатҳои бо кодекс пешбинишуда нисбати доираи муайяни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятиро татбиқ намоянд. Гузашта аз ин дар ҷараёни гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ боз ҳам эҳтимолияти дахолат кардан ба чунин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс, аз қабили дахлнопазирии шахс ва манзил, маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, шаъну шараф, озодии мусофират ҷой доранд. Бинобар ҳамин дар мурофиаи судии ҷиноятӣ низоми кафолатҳое ҷой доштанашон зарур ва муҳим аст, ки барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, баррасии холисона ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ дар суд мусоидат намоянд. Яке аз кафолатҳои муҳими конститутсионии таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ин падидаи иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи андешаву назари донишманди тоҷик Ш.Х. Камолов дар зери мафҳуми ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҷмуи уҳдадориҳои конститутсионии давлат оид ба ҳимоя ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлат мустаҳкам шуда ва дар низоми уҳадориҳои давлат мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, фаҳмида

мешавад. Моҳияти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар он ифода меёбад, ки давлат барои амалишавӣ, таъмин ва кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин барои риояи онҳо масъул аст. Дар як маврид давлат барои бемайлон амалишавии ин ҳуқуқ бояд шароит муҳайё созад[389].

Аз ин рӯ, прокуратура яке аз механизмҳои асосии таъмини ҳуқуқу озодии инсон ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ба ҳисоб рафта дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ вазифадор аст, ки бо дарназардошти иҷрои таъиноти конститутсионии худ барои таъмин, ҳифз ва риояи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа чораҳои дахлдор андешад.

Аз ин рӯ, асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд иртибот доранд, меъёрҳои зерин ташкил медиҳанд: ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (қисми 1 моддаи 14); баробарии мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрвандӣ (қисми 2-и моддаи 16); таъмини баробарии ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар назди қонун ва суд (моддаи 17); ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият ва манъ будани шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ (қисми 2-и моддаи 18); ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ (қисми 1-и моддаи 19); манъ будани бе асоси қонунӣ дастгир ва ҳабс кардани шахс (қисми 2-и моддаи 19); ҳуқуқ ба ҳимоя, аз ҷумла ҳуқуқ ба истифодаи ёрии адвокат аз лаҳзаи дастгир шуданаш (қисми 2-и моддаи 19); эҳтимолияти бегуноҳӣ (қисми 1-и моддаи 20); манъ будани ба ҷавобгарӣ кашидани шахс баъди гузаштани мӯҳлати таъқиби ҷиноятӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт (қисми 2-и моддаи 20); қувваи бозгашт доштани қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, ҷазоро сабук ё ба тариқи дигар вазъи шахси ҷиноят содиркардаро беҳтар мекунад (қисми 3-и моддаи 20); ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида ва аз тарафи давлат кафолат дода шудани ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда (моддаи 21); дахлнопазир будани манзил (моддаи 22); ҳуқуқ ба маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс (қисми 1-и моддаи 23); ҳуқуқ ба маҳрамияти ҳаёти шахсии инсон (қисми 2-и моддаи 23); ҳуқуқ ба мусофират ва озодии ҳаракат (моддаи 24); ҳуқуқи шаҳрванд ба шинос шудан бо ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ дахл доранд (моддаи 25); ҳуқуқи шахс ҷиҳати муроҷиат намудан ба мақомоти давлатӣ (моддаи 31); ҳуқуқ ба рӯёнидани товони зарари моддӣ ва маънавӣ, ки ба шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида расонида шудааст (қисми 3-и моддаи 32); ҳуқуқ ба истифодаи забони модарӣ ва бо тарҷумон таъмин намудани шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд (мувофиқан моддаҳои 2 ва қисми 4-и

---

[389] Камолов Ш.Х. Конституционно-правовая регламентация институтов защиты прав и собод человека и гражданина в Республике Таджикистан. Дис… канд.юрид.наук. 12.00.02. – Душанбе, 2019. – С. 12.

моддаи 88); кафолат дода шудани ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ (қисми 1-уми моддаи 92)[390].

Ҳамзамон, зимни баррасии масъалаи кафолатҳои конститутсионии риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва таҳлили далелҳо, аз ҷониби донишманди тоҷик Раупов Ф.Х. меъёрҳои шабеҳ ишора шудаанд, ки минбаъд ифодаи амиқи худро дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пайдо намудаанд[391].

Ҳамзамон бояд таъкид сохт, ки дар Конститутсия меъёрҳое низ мустаҳкам шудаанд, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманди прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамоянд. Моҳияти масъалаи мазкур дар он ифода мегардад, ки прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамкориҳои судмандро амалӣ сохта дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгириву ошкоркунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятҷорӣ тавассути низоми мувозинату боздорӣ саҳми назаррас дорад[392].

Ҷой ва мавкеи мақомоти прокуратура дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун унсури низоми худнигоҳдорӣ ва мувозинат на танҳо шохаҳои алоҳидаи ҳокимиятро аз амалҳои ғайриқонунӣ ва беасос боз медорад, инчунин ҳамоҳангӣ ва ҳамкориҳои онҳоро ба мақсади таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамояд.

Ба мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормадони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба ҷашни 80 солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон баҳои арзанда дода буданд: «Прокуратура яке аз сохторҳои муҳимтарини низоми давлатдорӣ буда, ба ягон шохаи ҳокимият таалуқ надорад ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро аз ҷониби тамоми шохаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон назорат намуда, дар мамлакат фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меорад»[393].

Ҳамкориҳои мақомоти прокуратура бо шохаи ҳокимияти қонунгузор дар он ифода мегардад, ки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси

[390] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе. 2016. – 126 саҳ.

[391] Рауфов Ф.Х. Риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла марбут ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар ҷараёни ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо // Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). 2014. № 5. Нашр махсус. – С.29-30.

[392] Махмудов И.Т. К вопросу о месте органов прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013. – № 3. – С.83.; Махмудов И.Т. Ҳамкориҳои прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. № 2/9. С.263-269.; Маҳмудов И.Т. Мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. – № 2/8. – С.199-204.

[393] Ниг.: Народная газета. № 1. 5 января 2005 г.

намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда метавонад. Аз ҷумла оид ба вазъи риояи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот манзур менамояд ва метавонад дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон иштирок карда оид ба вазъи қонуният дар мамлакат гузориш пешниҳод намояд. Ба ин васила таваҷҷуҳи аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагонро дар хусуси зарурати такмили танзими ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тавассути қабули қонунҳои нав ва ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ҷалб месозад. Мақомоти прокуратура яке аз субъектонест, ки дар амалисозии меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавқеи калидиро ишғол менамояд. Гузашта аз ин мувофиқи муқаррароти банди 4 моддаи 56 Конститутсия Маҷлиси Миллӣ барои ба вазифа таъин кардан ва аз вазифа озод кардан Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ ризоият медиҳад. Аз ин рӯ, Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ ба мафҳуми «прокурор», ки дар моддаи 6 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дохил шуда, функсияҳои мурофиавии прокурорро дар дилхоҳ давраҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ метавонанд анҷом диҳанд. Ҳамкории мақомоти прокуратура инчунин бо мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин зимни роҳандозӣ намудани масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани узви Маҷлиси Миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ифода меёбад. Дар асоси Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси Миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июли соли 2001, № 221 нисбати узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон танҳо Прокурори генералии Тоҷикистон метавонад парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд. Масъалаи маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон низ бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби Маҷлиси дахлдор ҳал карда мешавад. Инчунин дохил шудан ба манзили истиқоматӣ ё утоқи кории узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, ба нақлиёти шахсӣ ё хизматии ӯ, дар он ҷо гузаронидани кофтуков, ёфта гирифтан, гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар сӯҳбатҳои ӯ, кофтукови шахсии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, инчунин гирифтани мукотибот, молу мулк ва ҳуҷҷатҳои ӯ танҳо бо дархости Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозати суди дахлдор фақат бо иртибот доштан ба парвандаи ҷиноятии оғозгардида нисбат ба узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон сурат гирифта метавонад.

Мувофиқи Конститутсия шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Бо дарназардошти муҳимияти мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми шохаи ҳокимияти олии давлатӣ боби 4-уми Конститутсия Президент ном дошта мувофиқи моддаи 64 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ба ҳисоб меравад. Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти

мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳ аст, ки дар аксарияти кишварҳои бо шакли идоракунии президентӣ асосёфта механизмҳои гуногуни таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷомеаву давлат, мубориза бо ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо созмон дода мешаванд, ки дар амалишавии ваколатҳои Сарвари давлат нақши муассир доранд. Дар ин ҷода бешак, таъсиси мақомоти прокуратура ва мансаби Прокурори генералӣ дар мамлакат аз василаҳо ва фишангҳои муҳими амалисозии ваколатҳои Президенти кишвар дар самти таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Дар асоси банди 9 моддаи 69-и Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Маҷлиси Миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд. Мақомоти прокуратура ҳамзамон бо шохаи ҳокимияти иҷроия низ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамкориҳои судмандро анҷом медиҳад. Зимнан бояд таъкид намуд, ки аксарияти мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ (ба истисноИ прокуратура) ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб буда, табиист, ки фаъолияти онҳо дар ин самт бо мақсади ба даст овардани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳамкорӣ бо прокурор ва ё таҳти назорати прокурорӣ амалӣ карда мешавад.

Воқеияти имрӯзаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки прокуратура бо шохаи ҳокимияти судӣ дар самти таъмини адолати судӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар ҳамкориҳои судмандро бо дарназардошти эҳтироми принсипи мустақилияти судҳо амалӣ менамояд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура ин иштирок дар суд аст. Прокурорҳо мувофиқи конунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти принсипи конститутсионии мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо мавриди баррасии парвандаҳо дар суд иштирок намуда дар ба амал баровардани адолати судӣ, таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намуда, нисбати санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси судҳо эътироз меоранд. Ба ин васила функсияи мурофиавии таъқиботи ҷиноятӣ, дастгирии айби давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқро амалӣ месозад.

Дар Конститутсия ҳамзамон дар боби 9, ки ба мақомоти прокуратура бахшида шудааст, меъёрҳои мушаххасе мустаҳкам шудаанд, ки заминаҳои боэътимоди иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ҳамин дар мурофиаи судии ҷиноятӣ низоми кафолатҳое ҷой доштанашон зарур ва муҳим аст, ки барои таъмини воқеии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунӣ гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, баррасии холисона ва одилонаи парвандаи ҷиноятӣ дар суд мусоидат намоянд. Яке аз кафолатҳои муҳими таъмини қонуният ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ин падидаи

иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Таъиноти конститутсиониии мақомоти прокуратура мувофиқи муқаррароти моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон муқаррар шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонии таъсис ва фаъолияти мақомоти прокуратура дар кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки прокуратура аз аз замони таъсис то кунун ҳамеша ба пешбурди истеҳсолоти парвандаҳои ҷиноятӣ робитаи зич ва устувор дорад. Чунин алоқамандӣ аз як қатор омилҳо вобастагӣ доранд. Ба он пеш аз ҳама дохил мешаванд низом ва режими сиёсии давлат, дараҷаи икишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, махсусиятҳои миллӣ, сатҳи инкишофи падидаҳои ҳуқуқӣ, менталитети мардум, воқеияти ҳуқуқӣ ва ғ. Ин омилҳои умумииҷтимоӣ дар умум зарурияти иштироки прокурорро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ рӯйи кор овардаанд. Омили дигар ин хусусияти оммавӣ доштани мурофиаи ҷиноятӣ ва ҷанбаи мубоҳисавиро касб намудани мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар шароити муосир бе иштироки прокурор мурофиаи судии ҷиноятиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Прокурор ягона иштирокчие ҳаст, ки метавонад дар тамоми даврахои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда барои таъмини қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намояд. Покуратура ҳамчун мақомоти мустақили давлатӣ дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ барои амалӣ намудани функсияҳои зерин дар мурофиаи ҷиноятӣ: назорати иҷрои қонунҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ; таъқиботи ҷиноятӣ; дастгирии айби давлатӣ дар суд ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии иштироки прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ гуфта меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии хусусияти бунёдӣ ва роҳбарикунандае дар назар дошта мешавад, ки асосҳои ҳуқуқии иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ намуда, дар амалисозии таъиноти конститутсонии мақомоти прокуратура дар мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд.

**Адабиёт:**

1. Маҳмудов И.Т. Асосҳои сохтори конститутсионие, ки зарурати иштироки прокурорро дар мурофиаи ҷиноятӣ тақозо менамоянд //Ҳаёти ҳукукӣ. – №4 (32). – Душанбе 2020. – С. 98-99. (98-112)
2. Искандаров З.Х. С. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эчод», 2008. – С. 21-22.
3. Искандаров З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эчод», 2008. – С.13-14..
4. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри сеюм. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: «Эр-граф», 2012.

5. Мирзамонзода Х.М.Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ, танзими қонунгузорӣ ва амалия. Авторефати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии д.и.ҳ. – Душанбе, 2021. – С.16.

6. Ганиев Дж.Ш. Основы конституционного строя Республики Таджикистан // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика: материалы 6 международный научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2018 г.) – Душанбе: РТСУ, 2018 (544 с.) – С. 292.

7. Кравченко О.В. Основы конституционного строя современного Таджикистана и пути его реализации // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика: материалы 6 международный научно-практической конференции (Душанбе, 31 октября 2018 г.) – Душанбе: РТСУ, 2018 (544 с.) – С. 305.

8. Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). – Душанбе, – №4 (20).2017. – С. 69.

9. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои Истиқлол. – Душанбе: «Ганҷ-нашриёт», 2018. – С. 211.

10. Камолов Ш.Х. Конституционно-правовая регламентация институтов защиты прав и собод человека и гражданина в Республике Таджикистан. Дис… канд.юрид.наук. 12.00.02. – Душанбе, 2019. – С. 12.

11. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе. 2016. – 126 саҳ.

12. Рауфов Ф.Х. Риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла марбут ба озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар ҷараёни ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо // Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). 2014. – № 5. Нашр махсус. – С. 29-30.

13. Махмудов И.Т. К вопросу о месте органов прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013.- – № 3. – С. 83.;

14. Махмудов И.Т. Ҳамкориҳои прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. – № 2/9. – С. 263-269.;

15. Маҳмудов И.Т. Мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2017. – № 2/8. – С.199-204.

16. Народная газета. № 1. 5 января 2005 г.

# ТАКМИЛИ КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ПАРТАВИ ИСЛОҲОТИ ҚОНУНГУЗОРИҲОИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШУРАВӢ

**Абдуллозода Парвиз Саъдулло,**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ҳ.
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола масъалаҳои муҳими такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар партави ислоҳоти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ тадқиқ гардидааст. Қайд карда мешавад, ки ислоҳот ва тағйиру иловаҳои қонунгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ падидаи маъмул дар қонунгузориҳои давлатҳои пасошуравӣ ба ҳисоб меравад, ки он аслан бо ду шакл: якум бо роҳи қабули кодекси мурофиаи ҷиноятии нав ва дуюм дар доираи кодексҳои мавҷуда пурра аз нав ба танзим даровардани ин масъала ҳал карда мешавад. Боиси зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши бо шакли дуюм такмили кодекси мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалиро пеш гирифтааст, ки шаҳодати ин гуфтаҳо омода намудани лоиҳаи қисми 4-уми Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Дар асоси таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ, ки онҳоро мавқеъи ҷуғрофӣ, заминаҳои таърихӣ ва алоқаҳои ноаён то ҳанӯз якҷо нигоҳ медорад, пешниҳодҳои мушахас оид ба такмили Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии дигар давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҳамкории баёналмилалӣ пешниҳод карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** Ҳамкориҳои байналмилалӣ, ёрии ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, супоридани мурофиаи ҷиноятӣ, истирдод, интиқоли шахс, супоридани ашё, қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ, шартномаи байналмилалӣ, парвандаи ҷиноятӣ, давлатҳои пасошуравӣ.

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОГО КОДЕКСА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О МЕЖДУНАРОДНОМ СОТРУДНИЧЕСТВЕ В КОНТЕКСТЕ РЕФОРМЫ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА ПОСТСОВЕТСКИХ ГОСУДАРСТВ

**Абдуллозода Парвиз Саъдулло,**
доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета, к.ю.н.
**Тел.:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Аннотация:** В статье рассматриваются важные вопросы совершенствования уголовно-процессуального законодательства Республики Таджикистан о международном сотрудничестве в контексте реформы уголовно-процессуального законодательства постсоветских государств. Отмечается, что внесение изменений и дополнений в законодательство о международном сотрудничестве в сфере уголовного судопроизводства является распространённым явлением в законодательстве постсоветских государств, которое осуществляется в основном в двух формах: первая – путём принятия нового Уголовно-процессуального кодекса и вторая – в рамках существующих кодексов полное перерегулирование данного вопроса. Следует отметить, что Республика Таджикистан предприняла попытку усовершенствовать Уголовно-процессуальный кодекс о международном сотрудничестве со второй формой, о чём свидетельствует разработка проекта части 4 Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан о международном сотрудничестве в уголовном судопроизводстве. На основе опыта постсоветских государств, которые всё еще объединены географическим положением, историческим прошлым и невидимыми связями, предлагаются конкретные предложения по совершенствованию Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан и уголовно-процессуального законодательства других постсоветских государств о международном сотрудничестве.

**Ключевые слова:** Международное сотрудничество, международно-правовая помощь, передача уголовного производства, экстрадиция, передача лица, передача имущества, уголовно-процессуальное право, международный договор, уголовное дело, постсоветские государства.

# IMPROVEMENT OF THE CRIMINAL PROCEDURE CODE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON INTERNATIONAL COOPERATION IN THE CONTEXT OF THE LEGISLATION REFORM OF THE POST-SOVIET STATES

**Abdullozoda Parviz Sadullo,**
dotsent of the Department of Judicial Law and Prosecutorial Supervision of the Law Faculty of the Tajik National University, Candidate of law
**Phone:** (+992) 900555167
**E-mail:** 1986_parviz.a@mail.ru

**Annotation:** The article deals with important issues of improving the criminal procedural legislation of the Republic of Tajikistan on international cooperation in the context of the reform of criminal procedural legislation of post-Soviet states. It is noted that the introduction of amendments and additions to the legislation on international cooperation in criminal proceedings is a common phenomenon in the legislation of post-Soviet states, which is carried out mainly in two forms: first - through the adoption of a new Code of Criminal Procedure and second - to completely re-regulate this issue within the existing codes. It is worth noting that the Republic of Tajikistan has attempted to improve the Criminal Procedure Code on international cooperation with the second form, as evidenced by the drafting of Part 4 of the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan on international cooperation in criminal proceedings. Based on the experience of post-Soviet states, which are still united by geographical location, historical background and invisible ties, specific suggestions for improving the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan and the criminal procedure legislation of other post-Soviet states regarding international cooperation.

**Keywords:** International cooperation, international legal assistance, transfer of criminal proceedings, extradition, transfer of a person, transfer of things, criminal procedural law, international treaty, criminal case, post-Soviet states.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, мушоҳидаҳо ва тадқиқи ин мавзуъ нишон медиҳад, ки мубрамияти он дар замони муосир афзун гардида истодааст. Заминаи ин гуфтаҳо пеш аз ҳама назария ва амалияи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дар давлатҳои пасошуравӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, давлатҳои пасошуравӣ дорои заминаҳои ягонаи таърихӣ ва ҳудудӣ-ҷуғрофӣ доранд, ки он аз замони то давраи шуравӣ, давраи шуравӣ ва баъд аз даврони шуравӣ ҳамчун давлатҳои мустақил иборат мебошад. Маҳз заминаҳои таърихӣ ва ҳудудӣ-ҷуғрофӣ имконият медиҳад, ки масъалаи мазкур дар шакли ягона тадқиқ гарданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 20-уми апрели соли 2012 қайд намуданд, ки «Дар доираи ин мавзуъ агар раванди минтақагароӣ ва ё аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ ба ҳам омадани як идда кишварҳои минтақаи муайянро, ки имрӯз як хислати фарққунандаи ҷаҳонишавист, ба назар гирем, пеш аз ҳама, фазои пасошуравӣ ба назар меояд. Ва ин мантиқист, чунки мо бо кишварҳои марбути ин минтақа ду даҳсола қабл зиндагии муштарак доштем ва бо риштаҳои ноаён ҳоло ҳам бо якдигар пайванд дорем»[394]. Борҳо дар суханронӣ ва паёмҳояшон «кишварҳои пасошуравӣ», «давлатҳои пасошуравӣ», «ҳудуди фазои пасошуравӣ» ва «қаламрави пасошуравӣ» истифода намудаанд, ки ин аз мубрам будани масъалаи мазкур шаҳодат медиҳад. Боиси зикр аст, ки дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2018 таъкид намуданд, ки «тайи солҳои зиёд Тоҷикистон ҳамчун сипар на танҳо амнияти худ, балки бехатарии минтақа, кишварҳои пасошуравӣ ва аврупоиро аз паҳншавии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму экстремизм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ таъмин карда истодааст»[395].

Давлатҳои пасошуравӣ дар натиҷаи аз байн рафтани ИҶШС ба вуҷуд омада, истиқлолиятӣ худро эълон кардаанд. Маҳз дар ин замина ҳар як давлат дорои низоми ҳуқуқии миллии худ гардида, субъекти муносибатҳои байналмилалӣ гардидаанд. Аз ин рӯ, ҳар як давлати пасошуравӣ ҳамкории худро бо дигар давлатҳо дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба роҳ монда, масъалаи танзими ин муносибатҳо дар низоми қонунгузории миллии давлатҳои пасошуравӣ аҳмияти хосро касб намудаанд. Қобили зикр аст, ки баъд аз истиқлолият дар аввалин КМҶ миёни давлатҳои пасошуравӣ КМҶ Узбекистон аз соли 1994 ва охирин КМҶ Украина аз соли 2012 ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди танзимӣ ҳуқуқӣ қарор гирифтаанд. Дар давлатҳои пасошуравӣ нақши КМҶ дар танзими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ бузург буда дар аксари ин давлатҳо маҳз масъалаи мазкур дар КМҶ ба тариқи кодификатсионӣ танзим гардидаанд, ба истиснои Грузия, ки қонунҳои алоҳида ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳаро танзим намуда, нақши КМҶ дар танзими муносибатҳои байналмилалӣ чандон назаррас нест. Зиёда аз ин, дар баробари КМҶ қонунҳои махсус дар Белоруссия[396], Молдова[397] ва Озарбойҷон[398] масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалиро дар

[394] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2012 // http://prezident.tj/node/1084#vanj

[395] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 // http://prezident.tj/node/19088

[396] Закон Республики Беларусь о международной правовой помощи по уголовным делам от 18 мая 2004 г. № 284-З // http://www.base. spinform. ru/ show_doc.fwx?Rgn=6484

[397] Закон Республики Молдова о международной правовой помощи по уголовным делам от 1 декабря 2006 г. № 371-xvi // base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=18594

[398] Закон Азербайджанской Республики о выдаче лиц, совершивших преступления (экстрадиции) от 15 мая 2001 года. № 132-IIГ // Сборник законодательных актов Азербайджанской Республики. 2001. № 386 ;

соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба танзим медароранд, ки моҳиятан ин қонунҳо меъёрҳои КМҶ такрор менамоянд[399].

Бинобар инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ зарурати такмил ва ислоҳот дар қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ ба вуҷуд меояд, ки ин бо ду роҳ ҳал карда мешаванд якум ин қабули КМҶ-и нав ё пурра ё қисман таҷдиди ин меъёрҳо дар кодексҳои амалкунанда. Якумин КМҶ Грузия 1998 ҳамкориҳои байналмилалиро ба тариқи кодификатсионӣ ба танзим даровара, КМҶ соли 2009 Грузия масъалаҳои алоҳидаи ҳамкориҳои байналмилалиро ба тариқи маҳдуд ба тазим медарорад. Маҳз танзими нопурраи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар КМҶ Грузия боиси танзими ин масъала дар қонунҳои алоҳидаи махсус ба танзим медарорад[400]. Аввалин маротиба КМҶ Қазоқистон соли 1997 қабул гардидааст ва маротиба дуюм бошад соли 2014 қабул гардида ба роҳу усулҳои нав ҳамкориҳои байналмилалиро ба танзим даровард. Аввалин КМҶ Қирғизистон соли 1999 қабул кард шудааст, ки масъалаи мазкурро ба таври дахлдор ба танзим даровардааааст. Соли 2017 дуюмин КМҶ Қирғизистон қабул гардид, ки чандон меъёрҳои ҳамкориҳои байналмилиро такмил надод ва ин ҳолатро дар сеюмин КМҶ Қирғизистон, ки аз 28 октябри соли 2021 № 129 қабул карда шуд, низ мушоҳида намудан мумкин аст. Якумин КМҶ Арманистон соли 1998 қабул гардид, соли 2004 масълаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар натиҷаи ислоҳоти қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ пурра аз нав дар доираи кодекси мазкур ба танзим даровара шуд. КМҶ нави Арманистон соли 2021 қабул гардид, ҳамкориҳои байналмилалиро ба таври кодификатсионӣ ба танзим надаровард, мутобиқи қисми 16 моддаи 483 муқаррароти бобоҳои 54, 54.1, 54.2, 54.3 ва 54.4 КМҶ Арманистон соли 1998 аз эътибор соқит дониста нашудааст. Ин маънои онро дорад, ки масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалиро новобаста аз мавриди амал қарор гирифтани кодекси нав, кодекси қаблӣ ба танзим медарорад.

Дар доираи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии амалкунанда такмили масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ падидаи маъмул дар давлатҳои пасошуравӣ мебошад. КМҶ Узбекистон соли 1994 қабул гардида, дар чанд модда масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалиро ба танзим медаровард. Соли 2010 ин моддаҳо аз эътибор соқит дониста шуда, фасли алоҳида оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар КМҶ Узбекистон ворид карда шуд. Ба КМҶ Латвия аз соли 2004 соли 2012 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда,

---

Закон Азербайджанской Республики «О правовой помощи по уголовным делам» от 29 июня 2001 г. № 163-IIQ: // http://www.base. spinform.ru/show_ doc.fwx?rgn =2609

[399] Абдуллоев П.С. Национальные подходы к международному сотрудничеству в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах // Научная школа уголовного процесса и криминалистики Санкт-Петербургского государственного университета. Материалы XIII-й Международной конференции. Под редакцией Н.П. Кирилловой, В.Д. Пристанскова, Н.Г. Стойко, В.Ю. Низамова. - Москва, 2022. - С. 9-17.

[400] Закон Грузии о сотрудничестве между Международным уголовным судом и Грузией от 16 ноября 2004 г. // www.icrc.org/rus/resources/documents/misc/georgia-icc-law-161104.htm; Закон Грузии «О международном сотрудничестве в области уголовного права» 21 июля 2010 г. № 3541-вст, введен в действие с 1 октября 2010 г. //https://www.matsne.gov.ge/ka/document/download/112594/2/ru/pdf.

масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ пурра аз нав ба танзим дароварда шуд. КМҶ Эстония аз соли 2003 масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалиро танизим менамуд. Дар натиҷаи тағйиру иловаҳои пай дар пай пурра масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ аз нав дар дораи кодекси мазкур ба танзим дароварда шуд. Дар КМҶ Федератсияи Россия соли 2001 низ ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди тағйиру иловаҳо қарор гирифта як боб пурра таҷдид ва боби дигаре дар соли 2017 илова карда шуд[401]. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вобаста ба мубрамияти танзими ҳакориҳои байналмилӣ дар КМҶ чун дигар давлатҳои пасошуравӣ аҳмияти хосро медиҳад.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ густариш ёфта истодааст. На ҳамаи меъёрҳои амаликунандаи қонунгузории Тоҷикистон талаботи рӯзафзунро дар ин соҳа таъмин менамояд. Бинобар ин зарурати такмили қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ба вуҷуд омадааст. Гурӯҳи корӣ  лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода намудааст. Дар воқеъ ин тағйиру иловаҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ равона карда шудааст. Мутобиқи он Фасли VII  Муқаррароти  асосии тартиби ҳамкории мутақобилаи судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ пурра таҷдид гардида, он дар доираи қисми нави ҚМҶ ҶТ аз соли 2009, яъне қисми 4 КМҶ ҶТ танзим мегардад. Инчунин дар лоиҳа дигар масъалаҳо вобаста ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дар дигар қисмҳои мурофиа низ тағйиру илова карда мешавад.

Натиҷаи омӯзиши лоиҳаи мазкур нишон дод, ки он дар умум ба талаботи кунунии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти мурофиаи ҷиноятӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва имплементатсияи санадҳои байналмилалӣ ба қонунгузории миллии кишвар мутобиқат намуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикисон ва низоми қонунгузорӣ ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон мухолиф нест. Лоиҳаи мазкур баҳри такмили Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ омода шудааст. Дар лоиҳа фасли 12 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда шуда, дар он қисми 4 бо 5 боб, ки аз 56 модда иборат аст, яъне моддаҳои 470-526 илова карда шудаанд. Лоиҳаи мазкур дар умум ба мақсади кам кардани хароҷоти буҷети давлатӣ ҳангоми истирдоди айбдоршаванда ва маҳкумшаванда; рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят ба даст омада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом; бо дарназардошти тараққиёти воситаҳои техникии иттилоотӣ гузаронидани ҳаракатҳои мурофиавӣ тавассути воситаҳои алоқаи видеоӣ таҳия карда

[401] Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. - Москва. 2021. - С. 30-106

шудааст. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекс сатҳу сифати ҳамкориҳои байналмилалиро ғанӣ гардонида, тартиби анҷом додани амалҳои мурофиавӣ ва тафтишотиро дар ин самт мушаххас гардонида, барои субъектони ҳамкорикунанда шароити мусоид фароҳам меорад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон баъзе аз таклифу пешниҳодҳои худро ҷиҳати такмили лоиҳа манзур менамоем:

1. Дар қисми 1 моддаи 470 ибораи «интиқоли маҳкумшудагон» зикр нагардидааст. Дар матни модда ибораи «эътироф ва иҷрои ҳукмҳои судӣ» истифода шудааст, ки аслан он мазмуни интиқоли маҳкушудагонро дода наметавонад. Талаботи интиқоли маҳкумшудагон аз моддаи 16-уми Конститутсияи кишвар, аниқтараш аз қисми 1-уми моддаи мазкур – «Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад» бар меояд. Интиқоли маҳкумшудагоне, ки шаҳрванди ҶТ мебошанд, як навъ ҳимояи шаҳрвандони ҶТ ба ҳисоб меравад. Эътироф ва иҷрои ҳукмҳои судӣ мазмуни интиқоли шахсро ифода карда наметавонад, гарчанде дар таҷрибаи баъзе давлатҳои пасошуравӣ (Қазоқистон) истифода мешавад. Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар қисми 1 моддаи мазкур интиқоли маҳкумшудагон дақиқ пешбинӣ карда шавад.

Як навъи ҳамкориро қ.1 м. 470 «баамалбарории таъқиби ҷиноятӣ” пешбинӣ менамояд. Ҳангоми интиқоли мавод ё парвандаи ҷиноятӣ на танҳо функсияи таъқиботи ҷиноятӣ, балки ҳимоя ва ҳалли масъала ё парванда низ супорида мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи «интиқоли пешбурди ҷиноятӣ» низ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Пешниҳод менамоем, ки дар қисми 1-уми моддаи мазкур ибораи «ҳаракатҳои алоҳидаи мурофиавӣ» ба амалҳои мурофиавӣ ва дар тамоми моддаҳои дахлдори қисми 4-уми лоиҳа ибораҳои «ҳаракатҳои мурофиавӣ ва амалиётҳои мурофиавӣ (тафтишӣ» ба амалҳои мурофивӣ иваз карда шаванд. (ниг. м. 172 КМҶ ҶТ)

2. Боби 48 муқаррароти умумиро оид ба ҳамкории байналмилалӣ-ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд. Аммо моддаи 471 «Расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар асоси принсипи баробарӣ (паритет)»-ро пешбинӣ менамояд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки номи модда ба “Ҳамкорӣ дар асоси принсипи баробарӣ” иваз карда шуда, қисми 1-и моддаи мазкур дар таҳрири зайл пешбинӣ карда шавад: «Дар мавриди мавҷуд набудани шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқӣ ва ё дигар намуди ҳамкорӣ мумкин аст дар асоси дархости давлати хориҷӣ ва ё дархости мақомоти марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи баробарӣ расонида шавад».

3. Дар қ. 3 м. 472 ибораи «санксияи суд» ба ибораи «иҷозати суд» иваз карда шавад.

4. Моддаи 473 дархост оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ номгузорӣ шудааст. Аммо аз мазмуни модда бар меояд, ки ин талабот ба дигар

намудҳои дархостҳои байналмилалӣ низ паҳн мегардад. Аз ин рӯ зарур мешуморем, ки номи моддаи 473 ба «Дархост оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ» иваз карда шавад.

5. Дар қ. 1 м. 476 ибораи «таъқиботи ҷиноятӣ» ба «тафтишоти пешакӣ» иваз карда шавад.

6. Номи моддаи м. 487 «Гузаронидани ҳаракатҳои мурофиавӣ тавассути воситаи алоқаи видеоӣ» ба «Анҷом додани амалҳои мурофиавӣ тавассути воситаи алоқаи видеоӣ» иваз карда шуда дар матни он ибораҳои «ҳаракатҳои мурофиавӣ» ва «амалиётҳои мурофиавӣ» ба «амалҳои мурофиавӣ» иваз карда шаванд.

7. Дар боби 50 аз моддаи 492 то моддаи 496 интиқоли пешбурди ҷиноятӣ истифода шудааст, ки чунин иқдом асоснок ва қобили дастгирист. Аммо муттассифона боби 50 «Давом додани таъқиботи ҷиноятӣ» номгузорӣ шудааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебошад, ки номи боби 50 ба «Интиқоли пешбурди ҷиноятӣ» иваз карда шавад.

8. Боби 51 «Истирдоди шахс (экстрадитсия)» номгузорӣ шудааст. Истифодаи истирдоди шахс дар КМҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ аст. Истирдод дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон низ истифода карда шудааст. Аммо «Истирдоди шахс (экстрадитсия)» такрор намудани якдигар мебошад. Ҳар ду калима муродифи якдигар мебошанд. Зиёда аз ин дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми экстрадитсия ба таври васеъ истифода карда шуда, зери мафҳуми экстрадитсия – истирдоди шахс, интиқоли маҳкумшудагон ва ғ. фаҳмида мешавад. Истифодаи экстрадитсия дар номи боби мазкур ва дигар моддаҳо ба мақсад мувофиқ нест. Ин таҷриба дар Украина ҳангоми қабули КМҶ 2012 дар боби 44 ба таври зайл истифода карда шуда буд: «Истирдоди шахсони ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ содирнамуда (экстрадитсия)». Баъдан соли 2014 ҳангоми қабули КМҶ Қазоқистон дар боби 60 кодекси мазкур «Истирдоди шахс (экстрадитсия)” пешбини карда шуд, аммо аз ҷониби олимони соҳа зери танқиди шадид қарор гирифта дар амалия низ яке аз ин ду мафҳум истифода мегардад. “Истирдоди шахс (экстрадитсия)» истифодаи ду мафҳуми ҳаммаъно аз рӯи техникаи ҳуқуқӣ дуруст набуда, духурагиро дар истифодаи ин мафҳумҳо ба бор меоварад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки калимаи экстрадитсия пурра аз матни лоиҳа хориҷ карда шуда, танҳо истирдоди шахс истифода карда шавад.

9. Дар арсаи байналмилалӣ яке аз нишондиҳандаҳои мусбии қонунгузории миллӣ ин пешбини намудани меъёр дар хусуси истирдоди соддакардашуда мебошад. Аз ин рӯ, дар моддаи алоҳида пешбинӣ намудани меъёр оид ба истирдоди соддакардашударо мувофиқи мақсад мешуморем:

**«Моддаи ... Тартиби соддакардашудаи истирдоди шахс аз Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Шахсе, ки нисбаташ дархост оиди истирдод ворид гардидааст, дар бораи ҳуқуқ доштанаш барои муроҷиат кардан тибқи тартиби

муқаррарнамудаи моддаи мазкур оиди истирдоди соддакардашуда хабардор карда мешавад.

2. Тартиби соддакардашудаи истирдоди шахс аз Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар сурати мавҷуд будани шартномаҳои байналмилалӣ бо давлати хориҷӣ, аризаи хаттии шахс оиди розӣ буданаш барои истирдод, ки бо иштироки ҳимоятгар тартиб дода шуда, аз ҷониби Прокуратураи генералӣ тасдиқ гардидааст ба роҳ монда мешавад. Дар ҳолати қабул гардидани аризаи бо тартиби муқарраргардида омодашуда истирдод бе гузаронидани санҷиш оиди мавҷудияти монеаҳо барои он ба амал бароварда мешавад.

3. Баъди қабул намудани ариза оиди розигии шахс дар бораи истирдоди он ба давлати дархосткунанда ва тасдиқ гардидани он аз ҷониби Прокуратураи генералӣ, дархост барраси шуда, қарори Прокурори генералӣ ва муовинони он дар бораи имконияти татбиқ гардидани истирдоди соддакардашуда қабул карда мешавад.

4. Агар шахсе, ки нисбаташ дархост оиди истирдод ворид гардидааст дар бораи истирдоди соддакардашуда розӣ нашавад, пас тартиби муқаррарии баррасии дархост оиди истирдоди шахс истифода бурда мешавад.

5. Баъди тасдиқ гардидани розигии шахс барои татбиқи тартиби истирдоди соддакардашуда аз Прокуратураи генералӣ он дигар бозхонда намешавад».

10. Боби 52. «Эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ» номгузорӣ шуда, меъёрҳои зиёди баҳснокро фаро мегирад. Аз муҳтавои ин модда бар меояд, ки мақсади пешбинии меъёр дар танзими ҳуқуқии интиқоли шахс мебошад:

А) Эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ як қисми ҷараёни ниҳоии интиқоли маҳкумшудагон мебошад;

Б) Эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ маънои интиқоли маҳкумшудагон ва ғ. аз ҶТ надорад;

В) Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад. Дар масъалаи интиқол зиёда аз ин манфиатҳои шахс ва давлат меистад. Набояд таваҷҷуҳ танҳо ба «эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ» карда шавад. Мақсади асоси интиқоли шахс аст. Мо барои он ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷиро эътироф менамоем, ки ҷараёни интиқоли шахсро таъмин намоем.

Чунин таҷриба дар миёни давлатҳои пасошуравӣ бори аввал нест. Соли 2005 ҳангоми қабули КМҶ Латвия дар қ.4 м. 766 оид ба шартҳои интиқоли шахс барои иҷрои ҷазо пешбини карда шуда буд, ки мумкин ин меъёрҳо нисбат барои интиқоли шахсони бемории рӯҳи дошта низ тадбиқ карда шавад. Масъалаи интиқоли шахсони дорои бемории рӯҳи танҳо дар як меъёр пешбини карда шуда буд.

Соли 2012 КМҶ Украина дар боби 46 эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва интиқоли шахсони маҳкушударо

пешбини намуд. КМҶ Украина дар баробари эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ, шахсони маҳкумшударо дақиқ пешбини намуда дар қисми 2 м. 605 он пешбини намуда буд, ки муқаррарори моддаҳои 605-612 КМҶ Украина мумкин аст, ҳангоми ҳалли масъала оид ба интиқоли шахсе, ки суд ҷораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дошта тадбиқ намудааст, тадбиқ карда шавад. Дар алоҳидагӣ КМҶ Украина интиқоли шахсеро, ки суд нисбати ӯ ҷораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дошта тадбиқ намудааст, пешбини накардааст. Зеро интиқоли маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо аз интиқоли шахсе, ки суд ҷораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дошта тадбиқ намудааст, фарқ дошта он намудҳои мустақили интиқоли шахс ва намуди алоҳидаи ҳамкорӣ мебошад. Аз ин рӯ, танҳо дар доираи ИДМ ду конвенсияи алоҳида оиди ин ду масъала қабул гардидааст: Конвенсияи кишварҳои аъзои ИДМ «Дар бораи бозпас додани ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо» аз 6 марти соли 1998 ва Конвенсияи кишварҳои аъзои ИДМ «Дар бораи интиқоли шахсони бемории рӯҳӣ, барои анҷомдиҳии табобати маҷбурӣ» аз 28 март соли 1997.

Зиёда аз ин дар Федератсияи Россия оид ба интиқол ва қабули шахсони бемории рӯҳӣ, барои анҷомдиҳии табобати маҷбурӣ қонуни алоҳида аз 23 июли соли 2013 № 191-ФЗ ва дар Узбекистон санади зерқонунӣ аз 17.10.2016 № 346 қабул гардидааст.

Мутассифона дар КМҶ Казоқистон ин ду масъалаи мустақил дар боби 62 оид ба «Эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ» дар моддаҳои 601-611 комилан ба таври мухтасар аз таҷрибаи начандон маъмули давлати Литва, ки дар КМҶ масъалаи интиқоли шахсони бемории рӯҳӣ, барои анҷомдиҳии табобати маҷбуриро пешбини накарда бо баъзе давлатҳо, аз қабили Белоруссия ( аз 12 июли соли 1996) ва Қазоқистон «Дар бораи интиқоли шахсони аз озодӣ маҳкумшудагон барои адои минбаъдаи ҷазо ва шахсоне, ки нисбаташон чораҳои хусусияти тиббӣ тадбиқ карда шудааст» истифода гардидааст. Қобили зикр аст, ки гарчанде шартномаи Литва бо Қазоқистон аз 24 апрели соли 2017 имзо гардидидааст, лоиҳаи он чандин солҳо коркард карда шуда буд.

Зиёда аз ин Қазоқистон аъзои Суди байналмилалии ҷиноятӣ намебошад. Ва масъалаи интиқоли шахс ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ дар КМҶ Қазоқистон танзим нагардидааст. Таҷрибаи Қазоқистон таҷрибаи на он қадар эътироф гардида, ва начандон босамар ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи Суди байналмилалии ҷиноятии соли 1998-ро соли 1999 имзо ва ба тасвиб расонида, дар қатори 60 давлате шомил мегардад, ки барои оғози фаъолияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ саҳми арзандаи худро гузоштааст. Аз ин рӯ, интиқоли шахс ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ дар лоиҳаи қисми 4 КМҶ ҶТ танзим бояд карда шавад. Масалан, дар Гурҷистон Қонуни алоҳида «Дар бораи ҳамкории байни Суди байналмилалии ҷиноятӣ ва Гурҷистон» аз 16-уи ноябри соли

2004 қабул гардида, масъалаҳои мазкурро дар ҳаҷми 51 модда танзим менамояд.

Шояд дигар шахсон ҷинояте содир менамоянд, ки ба юрисдиксияи Суди байналмилалии ҷиноятӣ тобеъ мебошанд ва дар ҶТ омада пинҳон мегарданд. Мо бояд дар қонунгузории миллии худ заминаи боэътимоди ҳуқуқиро оиди ҳалли ин масъала дошта бошем.

Аз ин рӯ, боби 52 лоиҳа ниёз ба такмили ҷиддиро дорад. Бисёре аз масъалаҳо вобаста ба фарогирӣ, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, талаботҳои муосири ҳамкорӣ аз мадди назар дур мондааст. Мо бояд аз ҳаҷми зиёди моддаҳои қисми 4 наҳаросем, зеро аз чор як ҳиссаи КМҶ Эстония маҳз масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқиро танзим менамояд.

Соли 2010 ба КМҶ Узбекистон соли 1994 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда Фасли 14. Оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ворид карда шуд. КМҶ Узбекистон то ин вақт ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷинояти ба таври кадификатсионӣ танзим наменамуд. Ин фасл ки аз ду боб иборат мебошад (боби 64-65) бобоҳои 53 ва 54-и КМҶ Федератсияи Россия соли 2001-ро такрор намуд, ки ҳамчун таҷрибаи манфӣ дар таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ дониста мешавад.

Бо дарназардошти омилҳои ҷойдошта, пешниҳод менамоем, ки дар заминаи таҷрибаи давлатҳои пасошуравӣ ва такя ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон чун давлати соҳибистиқлол талаб карда мешавад, ки боби 52 оид ба «Эътироф ва иҷрои ҳукмҳо ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ» ба «Интиқоли шахс» иваз карда шуда моддаҳои он пурра ба таври зайл таҷдид карда шавад:

## БОБИ 52. ИНТИҚОЛИ ШАХС

### Моддаи ... Тартиби интиқоли маҳкумшуда барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст

1. Интиқоли шаҳрванди давлати ҳориҷӣ ё шахси бешаҳрвандии дар ҳудуди давлати хориҷӣ макони истиқомати доимӣ дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои минбаъдаи адои ҷазо ба давлати хориҷӣ дар асоси дархости маҳкумшуда, ҳимоятгар, намояндаи қонунӣ ё хешовандони наздики ӯ, ҳамчунин дар асоси талабномаи мақомоти босалоҳияти давлати дахлдор амалӣ гардонида мешавад.

2. Шахс танҳо баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм бо қарори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ метавонад ба давлати хориҷӣ барои адои минбаъдаи ҷазо супорида шавад ва дар бораи супорида шудани маҳкумшуда ба суде, ки хукм баровардааст, хабар дода мешавад.

**Моддаи ... Баррасии дархости шахси бо ҳукми суди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкумшуда, ки шаҳрванд ё истиқоматкунандаи доимии давлати хориҷӣ мебошад**

1. Маҳкумшуда, хешовандони наздик, ҳимоятгар, ва намояндаи қонунии ӯ, ҳамчунин мақомоти босалоҳияти давлати хориҷӣ бо ризои маҳкумшуда метавонанд дар хусуси интиқоли маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазо ба кишваре, ки маҳкумшуда шаҳрванди он мебошад ва ё дар он ҷойи истиқомати доимӣ дорад, ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост муроҷиат намоянд.

2. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост оид ба интиқолро баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

1) дар бораи интиқоли маҳкумшуда ба мақомоти салоҳиятдори давлати дигар;

2) дар бораи ради интиқоли маҳкумшуда ба мақомоти салоҳиятдори давлати дигар;

3) дар бораи бо дархост оид ба интиқоли маҳкумшуда муроҷиат кардан ба мақомоти салоҳиятдори давлати дигар;

4) дар бораи худдорӣ кардан аз пешниҳоди дархост оид ба интиқоли маҳкумшуда ба мақомоти салоҳиятдори давлати дигар.

3.Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар мӯҳлати 40 рӯзи аз лаҳзаи гирифтани хуҷҷатҳои зарурӣ ба давлати бо дархост дар бораи интиқол муроҷиаткарда, инчунин ба маҳкумшуда ё намояндаи қонунии ӯ дар хусуси қарори қабулкарда хаттӣ хабар диҳад.

**Моддаи ... Ҳуҷҷатҳои вобаста ба интиқоли маҳкумшуда пешниҳодшаванда**

1.Дар сурати бо дархост дар бораи интиқоли маҳкумшудае, ки дар давлати дигар ҷазоро адо менамояд, аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти салоҳиятдори давлати дигар муроҷиат кардан бояд ҳуҷҷатҳои дорои мазмуни зайл пешниҳод гарданд:

1) маълумот дар бораи шахсияти маҳкумшуда, яъне насаб, ном ва номи падар, ҷинс, таърихи таваллуд;

2) маълумот оид ба тобеияти шаҳрвандии маҳкумшуда ё ҷойи истиқомати доимии вай;

3) маълумот дар бораи таърихи рӯз, ҷой ва асосҳои баровардани ҳукм, инчунин ҷои адои ҷазо;

4) матни моддаи қонуне, ки ҷиноят эътироф гаштани кирдори содиркардаи маҳкумшударо тасдиқ менамояд;

5) дигар хуҷҷатҳо, агар инро давлати хукмбароранда зарур шуморад.

2. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати пешниҳоди дархост дар бораи ба мақомоти салоҳиятдори давлати дигар интиқоли маҳкумшуда, бояд ҳуҷҷатҳои дорои мазмуни зайлро пешниҳод созад:

1) маълумот дар бораи шахсияти маҳкумшуда, яъне насаб, ном ва номи падар, ҷинс, таърихи таваллуд;

2) маълумот дар бораи шаҳрвандии маҳкумшуда ё ҷойи истиқомати доимии вай;

3) нусхаи ҳукми тасдиқшуда, инчунин матни муқаррароти дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси он ҳукм баромадааст;

4) нусхаи ҳукм ва қарорҳои аз рӯи парванда мавҷудбудаи мақомоти болоии судӣ, ҳуҷҷатҳо дар бораи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм;

5) маълумотнома дар бораи мӯҳлати адокардаи ҷазо, аз ҷумла ҳабси пешакӣ, инчунин дигар маълумотҳое, ки ба иҷрои ҷазо алоқаманд мебошанд;

6) ҳуҷҷат дар бораи қисми адокардаи ҷазо ва он қисми ҷазое, ки бояд минбаъд адо карда шавад;

7) ҳуҷҷат дар бораи иҷрои ҷазои иловагӣ, агар он таъин шуда бошад;

8) розигии хаттии тасдиқёфтаи маҳкумшуда ё намояндаи қонунии ӯ барои интиқоли вай ҷиҳати иҷрои ҳукм дар ҳудуди давлате, ки шаҳрванди он мебошад ё дар ҳудуди он ҷойи истиқомати доимӣ дорад;

9) маълумотнома дар бораи вазъи саломатии маҳкумшуда ва рафтори ӯ дар вақти адои ҷазо.

10) маълумот дар бораи зарар ва талофии он;

11) дигар хуҷҷатҳо, агар инро давлати ҳукмиҷрокунанда талаб карда бошад.

3. Дар мавридҳои зарурӣ мақомоти салоҳиятдори давлатҳо метавонанд аз ҳамдигар маълумотҳо ё ҳуҷҷатҳои иловагиро талаб намоянд. Ҳуҷҷатҳое, ки онҳо ба ҳамдигар пешниҳод менамоянд, бояд аз тарафи мақомоти салоҳиятдори давлати дахлдор тасдиқ карда шуда бошанд.

4.Дархост дар бораи интиқоли маҳкумшуда бояд бо имзои шахси ваколатдор ва мӯҳри нишондори мақомоти салоҳиятдор тасдиқ карда шавад.

5. Мақомоти салоҳиятдор метавонанд ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршударо то вақти муроҷиат бо дархост дар бораи интиқол ё қабули қарор дар бораи розигӣ барои қабули маҳкумшуда талаб намоянд.

**Моддаи ... Шартҳои интиқоли маҳкумшуда**

Интиқоли шахсе, ки бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, ҳангоми мавҷуд будани чунин шартҳо ба амал баровара мешавад:

1) агар ин шахс шаҳрванди давлати ҳукмиҷрокунанда ё шахси бешаҳрвандии дар ҳудуди давлати ҳукмиҷрокунанда макони истиқомати доими дорад, бошад;

2) агар ҳукми суд дар бораи маҳкумкунии шахс бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ эътибори қонунӣ пайдо карда бошад;

3) агар дар бораи интиқол дархост пешниҳод гашта бошад;

4) агар кирдоре, ки шахс барои он маҳкум шудааст, тибқи қонунгузории давлати ҳукмиҷрокунанда ҳамчун ҷиноят эътироф шуда, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ карда бошад;

5) агар дар бораи интиқол розигии хаттии маҳкумшуда ва ё дар сурати ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ будан розигии хаттии намояндаи қонунии ӯ мавҷуд бошад;

6) агар муҳлати ҷазои адонакардаи маҳкумшуда на камтар аз як солро ташкил диҳад;

7) агар мақомоти салоҳиятдори давлатҳо дар бораи интиқол ба мувофиқа омада бошанд.

**Моддаи ... Рад кардани интиқоли шахси ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкумшуда ба давлати хориҷӣ барои адои ҷазо**

Интиқоли шахси ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкумшуда барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст, дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад:

1) агар кирдоре, ки шахе барои он маҳкум шудааст, бо қонунгузории давлате, ки ӯ шаҳрванди он мебошад, ҷиноят эътироф нагардад;

2) агар бо сабаби гузаштани муҳлат ё бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ адои ҷазо дар ҳудуди давлати хориҷӣ имконнопазир бошад;

3) агар аз тарафи маҳкумшуда ё давлати хориҷӣ кафолати иҷрои ҳукм дар қисми даъвои гражданӣ дода нашуда бошад;

4) агар доир ба интиқоли маҳкумшуда дар асоси шартҳои пешбииинамудаи шартномаи байналмилалӣ мувофиқа ҳосил нашуда бошад;

5) агар маҳкумшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои зисти доимӣ дошта бошад;

6) агар интиқол ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлате, ки маҳкумшуда шаҳрванди он мебошад, зиён расониданаш мумкин бошад, ба соҳибихтиёрӣ, амният, тартиботи ҷамъиятӣ зарар оварад ё ба принсипҳои бунёдии қонунгузории давлатҳои дахлдор мухолиф бошад;

7) агар маҳкумшуда зарари бо ҷиноят расонидаашро талофӣ накарда бошад;

8) агар нисбати маҳкумшуда барои содир намудани ҷинояте, ки ба амнияти давлатӣ зарар мерасонад, ҳукми айбдоркунанда баромада бошад;

9) агар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкумшуда уҳдадории иҷронакарда дошта бошад ё ин, ки нисбати маҳкумшуда парвандаи ҷиноятии дигаре оғоз шуда бошад, ки аз рӯи он ҳукми ниҳоӣ набаромадааст;

10) агар нисбати шахсе, ки интиқоли ӯ дархост карда мешавад, ҳукми қатл ё якумра маҳрум сохтан аз озодӣ баромада бошад.

11) агар маҳкумшуда барои кирдори содиркардааш дар ҳудуди давлати ҳукмиҷрокунанда ҷазо дида ё сафед шуда бошад, ё ин ки парванда нисбати ӯ қатъ ёфта бошад, инчунин агар вай аз тарафи мақомоти салоҳиятдори ин давлат аз ҷазо озод шуда бошад.

**Моддаи ... Амалигардонии интиқоли маҳкумшуда**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазо танҳо бо қарори Прокурори генералии Чумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ метавонад ба давлати дигар супорида шавад ва онҳо вазифадоранд, ки дар бораи супорида шудани маҳкумшуда ба суде, ки ҳукм баровардааст, хабар диҳанд.

2. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд он ҷиҳатро таъмин намояд, ки маҳкумшуда ё намояндаи қонунии ӯ оқибатҳои ҳуқуқии интиқолро пурра дарк намуда, дар бораи он ихтиёран розигӣ диҳад ва ин ҷиҳатро дар аризаи худ оид ба розигӣ барои интиқол тасдиқ намояд.

3. Мақомоти давлатие, ки ҷазоро иҷро менамоянд, бояд дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба мақомоти салоҳиядори давлати дигар дар хусуси вақт, ҷой ва тартиби интиқоли маҳкумшуда, аз ҷумла бо роҳҳои дипломатӣ мувофиқа намоянд.

4. Агар дар асnои амалигардонии интиқоли маҳкумшуда ба интиқоли транзитӣ эҳтиёҷ пайдо гардад, он гоҳ ба давлати сеюм дар бораи амалигардонии транзит дархост ирсол карда мешавад, ба истиснои фуруди ғайринақшавӣ дар ҳудуди давлати дигар ҳангоми истифодаи нақлиёти ҳавоӣ.

**Моддаи ... Таъмини адои минбаъдаи ҷазо**

1.Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар давоми 5 рӯзи аз давлати хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон овардани маҳкумшуда бояд ҳуҷҷатҳоро аз парвандаи шахсии маҳкумшуда нусхабардорӣ карда, бо мактуб дар хусуси зарурати мутобиқгардонии хукми суд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

2.Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо дар давоми 10 рӯз ба суди дахлдор барои мутобиқгардонии ҳукми суд ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мефиристад.

**Моддаи ... Салоҳияти суд ҳангоми баррасии парванда нисбат ба маҳкумшудаи супоридашуда**

1. Нисбат ба маҳкумшудае, ки супорида шудааст, дар сурати баррасии парванда бо иштироки ҳатмии прокурор ҷиҳати ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонидани ҷазои таъиншуда аз тарафи суд чунин чораҳо андешида мешаванд:

1) ҷазо бояд ба ҳолатҳои воқеии кор, ки дар хукм муқаррар шудаанд, асос ёфта бошад;

2) ҷазо набояд ба чораҳои муҷозоти молумулкӣ иваз карда шавад;

3) ҷазо бояд ҳадди аксар ба ҷазое, ки бо ҳукм таъин шудааст, мувофиқат намояд ва дар баробари ин, ҷазои тағйирдода набояд нисбат ба ҷазои давлати хориҷӣ вазнинтар бошад, инчунин аз рӯи мӯҳлат набояд аз ҳадди аксари мӯҳлати ҷазое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамон гуна ҷиноят татбиқ мегардад, баланд бошад;

4) агар аз рӯи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин кирдор мӯҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ нисбат ба мӯҳлати бо ҳукм таъиншуда камтар муқаррар шуда бошад, суд мӯҳлати ҳадди аксари маҳрум сохтан аз озодиро, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, таъин менамояд.

5) маҳдудиятҳое, ки бо ҷазои кам барои ҳамин гуна ҷинояти дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда алоқаманд мебошанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд;

6) қисми ҷазое, ки маҳкумшуда дар ҳудуди давлати хориҷӣ адо кардааст, ҳамчун муҳлати ҳабс ба ҳисоб гирифта мешаванд.

2. Агар хукм нисбати ду ва зиёда кирдоре бароварда шуда бошад, ки як ё якчандтои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят эътироф намегарданд, суд муайян менамояд, ки кадом қисми ҷазо нисбат ба кирдоре, ки ҷиноят ҳисоб меёбад, татбиқ карда мешавад.

3. Қарор дар бораи иҷрои ҷазои иловагӣ аз тарафи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад, агар чунин ҷазо барои кирдори содиршуда бо қонунгузории амалкунанда пешбинӣ гардида бошад. Ҷазои иловагӣ низ бо тартиби муқаррарӣ ба иҷро расонида мешавад.

4. Суд хуқуқ дорад маҳкумшудаеро, ки супорида шудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шакли шартан пеш аз муҳлат озод кардан ва дигар шаклҳо, аз ҷазо озод намояд, инчунин афв ва бахшишро татбиқ намояд ва ё маҳкумшударо дар сурати бемори вазнини табобатнашаванда буданаш аз адои минбаъдаи ҷазо озод кунад.

**Моддаи ... Аз нав баррасӣ кардани ҳукм**

1. Аз нав баррасӣ кардани ҳукм нисбати маҳкумшудае, ки барои адои минбаъдаи ҷазо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст, танҳо аз тарафи суди салоҳиятдори давлати хориҷӣ амалӣ карда мешавад.

2. Агар маҳкумшуда баъди интиқол дар бораи аз нав баррасӣ кардани парванда дархост пешниҳод намояд, он гоҳ Прокуратураи

генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар муҳлати то панҷ шабонарӯз дархостро ба мақомоти салоҳиятдори давлати хукмбароварда фиристонад.

**Моддаи ... Хабардиҳӣ дар хусуси вазъи маҳкумшудае, ки супорида шудааст**

1. Агар баъди интиқоли маҳкумшуда ба давлати хориҷӣ барои адои ҷазо ҳукм аз тарафи суд тағйир дода шавад, он гоҳ нусхаи қарор дар ин бора ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти салоҳиятдори давлати хориҷии иҷрокунандаи ҳукм фиристода мешаванд.

2. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин оид ба иҷрои ҷазо сари вақт ба давлати хориҷӣ иттилоъ пешниҳод менамояд:

1) агар ҷазо пурра ба иҷро расонида шуда бошад;

2) агар маҳкумшуда то анҷоми иҷрои ҷазо фирор ё вафот карда бошад;

3) агар маҳкумшуда тибқи муқаррароти қонун аз ҷазо озод гашта бошад;

4) агар давлати ҳукмбароранда пешниҳоди шарҳҳои махсусро дархост намояд.

**Моддаи ... Асосҳо ва тартиби интиқоли шахсе, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудааст**

1. Дар асоси шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ҳамкории мутақобила Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад шахсеро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар ҳолати номукаллафӣ содир намудаст ё баъди содир намудани кирдори ҷиноятӣ гирифтори бемориҳои руҳӣ шуда, нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудааст, бо розигии ҳатмии ӯ дар асоси муроҷиати ҳимоятгар, намояндаи қонунӣ ё хешовандони наздикаш ва ҳамчунин дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ба давлати шаҳрвандиаш ё давлате, ки дар он макони доимии истиқомат дорад супорад.

2. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахси бешаҳрвандии макони доимии истиқомат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар ҳолати номукаллафӣ содир намудааст ё баъди содир намудани он гирифтори ин гуна бeморӣ гардида, нисбаташ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин гардидааст, мумкин аст ба Ҷумҳурии Торҷикистон супорида шавад. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси розигии ҳатмии шахсе, ки нисбати ӯ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқ гардидааст ва муроҷиати намояндагони қонунӣ ё шахсони наздики ӯ ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ оиди интиқоли ин шахс ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост исрол менамояд.

3. Интиқоли шахс ба давлати шаҳрвандии он ва бешаҳрвандӣ макони доимии зист дошта дар давлати хориҷӣ танҳо то ба охир расидани муҳлати чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта сурат мегирад.

4. Интиқоли шахс танҳо пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани қарори суд оид ба таъин намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта бо қарори Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё муовинони ӯ ба амал бароварда мешавад.

**Моддаи ... Тартиби интиқоли шахсе, ки нисбати ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта татбиқ гардидааст**

1. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди омӯзиш ва санҷидани маводҳо дар ҳолати ба таври дахлдор тартиб дода шудани онҳо ва дар сурати мавҷуд будани асосҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва ё шартномаҳои байналмилалӣ қарор оид ба интиқоли шахсе, ки нисбати ӯ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқ гардидааст қабул намуда, дар ин хусус мақомоти ваколатдори давлати хориҷиро воқиф месозад.

Баъди аз мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ гирифтани маълумот оиди розӣ будани онҳо барои қабул намудани шахсеро, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқ гардидааст, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи қарорро барои иҷро ба мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

2. Интиқоли шахс, ки дар боби  Кодекси мазкур нишон дода шудааст, ҳуқуқи муроҷиат намудани ӯ, намояндаи қонунӣ ва ё хешовандони наздики ӯро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тағйир додани чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта маҳдуд намекунад.

3. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон судеро, ки қарор оиди татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта баровардааст, дар бораи қабул  гардидани қарор дар бораи интиқоли шахс ба давлати хориҷӣ хабардор мекунад.

4. Дар ҳолати тағйир додани чораҳои  хусусияти тиббидошта нисбати шахсе, ки аз давлати хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлати хориҷиро дар ин хусус воқиф месозад.

**Моддаи ... Хабар оиди тағйир ё бекор намудани амалишавии чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта нисбати шаҳрванди давлати хориҷии супоридашуда**

Дар ҳолати тағйир додан ва ё бекор кардани қарори суди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси тағйир додан ё бекор кардани чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта нисбати шахсони дар моддаи 519 Кодекси мазкур

нишондодашуда, ки барои иҷро намудани чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта ба давлати хориҷӣ супорида шудаанд, Прокуратураи генералӣ мақомоти ваколатдори давлати хориҷиро дар ин хусус хабардор ва дар сурати зарурат нусхаи қарори судро ирсол менамояд.

**Моддаи ... Рад кардани интиқоли шахсе, ки нисбати ӯ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта таъин карда шудааст**

Оид ба интиқоли шахсоне, ки дар моддаи ... Кодекси мазкур муқаррар гардидаанд дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад, агар:

- ягон кирдоре, ки барои он нисбати шахс чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта таъин гаридааст, дар давлате, ки шаҳрвандии онро ё макони доимии истиқоматро дорад ҳамчун ҷиноят эътироф карда нашавад;
- агар интиқоли шахсе, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқ гардидааст ба бехатарӣ ва манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонад;
- шахсе, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқ гардидааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои зисти доимӣ дошта, барои интиқол ба давлати шаҳрвандиаш розигии хаттии худро пешниҳод накарда бошад;
- шахси супоридашаванда шаҳрванди давлати дархосткунанда набошад.

**Моддаи ... Асосҳо ва шартҳои интиқоли шахс ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ**

1. Шахсе, ки нисбати он дар Суди байналмилалии ҷиноятӣ айбдорӣ пешбарӣ шудааст ва кирдори содирнамудаи ӯ тобеияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ мебошад, мумкин аст барои баамалбарории таъқиби ҷиноятӣ ва судӣ дар асоси дархости Суди байналмилалии ҷиноятӣ супорида шавад.
2. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои зисти доимӣ дорад, барои баамалбарории таъқиби ҷиноятӣ ва судӣ ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ супорида мешавад, ба шарти додани кафолат оиди он, ки баъди қабули қарори ниҳоӣ шахс ҷазоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон адо мекунад.
3. Ҳангоми аз Суди байналмилалии ҷиноятӣ қабул намудани дархост оиди таҳти ҳабс қарор додани шахс Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсро тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур дастгир ва барои таъини чораҳои пешгирии дар ҳабс нигоҳ доштан ба суд дархост менамояд.

**Моддаи ... Санҷиш, баррасӣ ва иҷро намудани дархост оиди интиқоли шахс**

Дархост оиди интиқоли шахс ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ, дастгир ва таҳти ҳабс қарор додани шахс ва дигар масъалаҳои ба он вобаста бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур баррасӣ карда мешаванд.

Дархости Суди байналмилалии ҷиноятӣ оиди интиқоли шахс нисбат ба дархости пешниҳоднамудаи дигар давлатҳо оиди интиқоли шахс афзалият дорад.

**Моддаи ... Тартиби интиқоли шахс аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Судҳои байналмилалии ҷиноятӣ, ки нисбати он қарори ниҳоӣ қабул карда шудааст**

1. Шахсе, ки нисбати ӯ қарори ниҳоӣ оиди интиқол аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Судҳои байналмилалии ҷиноятӣ қабул карда шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад.

2. Ҳама гуна шахсе, ки нисбати ӯ чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ шудааст, бояд дар мӯҳлати на дертар аз 30 шабонарӯз ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ супорида шавад. Агар ҳолатҳои рафънопазир, ки интиқоли шахсро имконнопазир мегардонад, ба вуҷуд ояд, Прокурори генералии Чумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ метавонанд муҳлатро дароз намоянд.

3. Дар ҳолатҳои истисноӣ дар сурати ҷой доштани асосҳои кофӣ дар хусуси он, ки интиқоли шахс метавонад хатаровар ба ҳаёт ва саломатӣ ва дигар ҳолатҳои бошад, интиқоли шахси таҳти ҳабс қарордошта мумкин аст ба таъхир гузошта шавад. Баъди бартараф намудани ҳолатҳои монеъшаванда Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё муовинони ӯ муҳлати нави интиқоли шахсро муқаррар менамоянд.

**Моддаи ... Асосҳои рад карди интиқоли шахс**

Интиқоли шахс ба Судҳои байналмилалии ҷиноятӣ рад карда мешавад агар ба соҳибихтиёрӣ, амният, тартиботи ҳуқуқӣ ва манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтимоли расидани зарар ҷой дошта бошад.

**Моддаи ... Интиқоли шахс аз Суди байналмилалии ҷиноятӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Агар Суди байналмилалии ҷиноятӣ муқаррар намояд, ки ҷазои ба маҳкумшуда дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ таъингардида бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷро расонида шавад, мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бетаъхир ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ оиди имконияти иҷро намудани ҷазои таъиншуда ва ҳолатҳое, ки ба иҷрои ҷазои ҷиноятии таъиншуда мумкин аст ба таври ҷиддӣ таъсир расонанд, хабар диҳад.

2. Иҷрои ҷазои таъиншуда бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Маҳкумшуда ҳуқуқ дорад бемамониат ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ муроҷиат намояд ва Суди байналмилалии ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад аз рӯи иҷрои ҷазо назорат барад.

3. Ҷазои таиъиннамуда ва муҳлати он танҳо аз ҷониби Суди байналмилалии ҷиноятӣ кам карда ё тағйир дода мешавад.

4. Агар баъди адои ҷазо шахс ҳуқуқи дар он ҷо истоданро надошта бошад ё барои истодан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат надошта бошад, ӯ ба давлати дигар, ки бояд ӯро қабул кунад ё худи ӯ хоҳиши дар он давлат будубошро дорад, бо назардошти хоҳиши ӯ интиқол дода мешавад.

5. Таъқиби ҷиноятӣ, маҳкум намудан ва истирдод ба давлати дигар барои кирдори ҷиноятии то ба Ҷумҳурии Тоҷикистон овардан содирнамуда нисбати шахс танҳо бо розигии Суди байналмилалии ҷиноятӣ мумкин аст, ба истиснои он, ки шахс баъди адои ҷазо ихтиёрона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 30 шабонарӯз истодааст ё ин, ки баъди вуруди сарҳад боз баргашта ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст.

**Моддаи ... Тартиби эътироф ва иҷроиши ҳукм ва дигар қарорҳои ниҳоии судҳои давлатҳои хориҷӣ ва байналмилалии ҷиноятӣ, ки ба интиқоли шахс вобаста намебошанд**

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ҳукм ва дигар қарорҳои ниҳоии судҳои давлатҳои хориҷӣ ва байналмилалии ҷиноятиро оид ба парвандаҳои ҷиноятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба интиқоли шахс вобаста намебошанд тибқи муқаррароти Кодекси мазкур, кодекси ҷиноятӣ дигар қонунҳо ва шарномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст баррасӣ намуда дар сурати эътироф намудан, таъинот мебарорад ва иҷрои онро таъмин менамояд.

- Инчунин лоиҳа аз хатогиҳои имлои орӣ нест. Дар қ. 4. м. 171 «давлти хориҷӣ» навишта шудааст, ки шакли дурусташ «давлати хориҷӣ» аст.

Дар б. 4 қ. 2 м. 477 дар охир бар ивази ; . монда шавад.

Дар қ. 1. М. 485 калимаи андоз ба андоза иваз карда шавад.

- Дар лоиҳаи қисми 4 КМЧ ЧТ як қатор мафҳумҳои нав истифода мешаванд, ки ба мақсад мувофиқ мебошанд. Аммо аз сабаби нав будан ва дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври гуногун фаҳмидани ин мафҳумҳо ба мақсад муфовиқ медонем, ки мафҳумҳои нав аз қабили «ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ», «ёрии ҳуқуқӣ», «супоридани мурофиаи ҷиноятӣ», «истирдоди шахс», «интиқоли шахс» ва ғ. Дар моддаи 6-уми КМҶ ҶТ дар «мафҳумҳои асосӣ» бояд ин калима ва ибораҳо шарҳ дода шаванд. Ин таҷриба дар КМҶ Қирғизистон дар таҳрири соли 2017

истифода карда шудааст. Ва ин амал аз пайвастагии ногусастани доштани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ бо дигар муқарраротҳои умумии қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки мафҳумҳои зерин бо мазмуни зайл дар моддаи 6 КМҶ ҶТ илова карда шаванд:

**1) Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ** – ҳамкории мутақобилаи судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқро бо мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар асоси меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои баамалбарории тафтишоти пешакӣ ва пешбурди судӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ҷалб намудани шахсони ҷиноят содирнамуда, ҳамчунин иҷро намудани ҷазо аз ҷониби онҳоро дар бар мегирад;

**2) Ёрии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ** – ин ҳамкории мутақобилаи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори он бо мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдори ваколатдори давлати хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба амал баровардани амалҳои мурофиавиро бо мақсади ҷамъоварӣ ва санҷиши далелҳо, инчунин ёрие, ки барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани амалҳои мурофиавӣ, ки барои тафтишоти пешакӣ, баррасии судӣ ва иҷрои ҳукми қабулнамудаи судҳои давлати дигар ва ташкилотҳои байналмилалии судӣ заруранд, дар бар мегирад;

3) **Супоридани мурофиаи ҷиноятӣ** – ин гузаронидани тафтишоти пешакӣ ва баррасии судӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори як давлат бо мақсади ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс барои содир намудани ҷиноят дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар асоси дархости он мебошад;

4) **Истирдоди шахс** – ин супоридани шахс ба давлате, ки мавриди ҷустуҷӯи мақомоти ваколатдори ин давлат қарор дорад, бо мақсади ҷалб намудан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё иҷрои ҳукм;

5) **Интиқоли шахс** – бозпас додани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо ба давлати хориҷӣ, супоридани шахси мубталои бемории рӯҳӣ ба давлати хориҷӣ, ки нисбаташ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта татбиқ карда шудааст, супоридани шахс ба суди байналмилалии ҷиноятӣ ва супоридани шахс аз суди байналмилалии ҷиноятӣ фаҳмида мешавад;

**6) Тарафи дархосткунанда** – давлат ё ташкилотҳои байналмилалӣ, ки мақомот ё шахси ваколатдори он бо дархост муроҷиат мекунад;

**7) Тарафи қабулкунанда** – давлат ё ташкилотҳои байналмилалӣ, ки мақомот ё шахси ваколатдори он дархостро қабул ва баррасӣ мекунад;

**8) Мақомоти марказӣ** – мақомоте, ки аз номи давлат барои баррасии дархости мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ ва қабули қарор бо мақсади иҷроиш ва ё ба дигар давлат

фиристодани дархости мақомоти ваколатдор дар ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ваколатдор гардидаанд;

**9) Мақомоти ваколатдор** – мақомоте, ки пешбурди ҷиноятиро ба амал мебарорад, бо дархост дар ҳамкориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ мувофиқи қисми мазкур ё бо мақсади таъмини иҷрои ҳукм муроҷиат мекунад.

Зиёда аз ин масъалаҳои ба таври васеъ истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангомӣ ҳамкориҳои байналмилалӣ ва тартиби истифодаи натиҷаҳои аз он бадастомада, дар аксар давлатҳои пасошуравӣ такмилро талаб менамоянд. Масъалаи такмили масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ёрии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, аз қабилӣ ташкил ва фаъолиятӣ гурӯҳҳои тафтишӣ, даъвати шахси дар хориҷи кишвар қарордошта, муваққатан супоридани шахс ва ғ. дар аксар қонунҳои давлатҳои пасошуравӣ такмилро тақозо менамояд. Падидаи нав ин «супоридани ашё» дар давлатҳои пасошуравӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳоли пайдоиш қарор дошта, танзими он дар қонунгузорӣ муҳим ба ҳисоб меравад[402]. Падидаи «супоридани мурофиаи ҷиноятӣ» такмилӣ хосаро вобаста ба ҳуқуқҳои айбдоршаванда талаб менамояд. Падидаи истирдод новобаста аз заминаҳои азимӣ таърихӣ ва вобаста ба тамоюлҳои нав дар давлатҳои пасошуравӣ, аз қабилӣ тавозунӣ мубориза бо ҷинояткорӣ бо ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини ҳуқуқ бо ҳимоятгар, инкишофи ҳифзи судӣ ва нақши суд дар ҳалли масъалаҳои истирдод, истифодаи дастовардҳои техникӣ, истирдоди соддакардашуда ва ғ. бояд такмил дода шаванд. Интиқоли шахс гуногунҷабҳа буда, тақозои замон мебошад, супоридани маҳкумшудагон супоридани шахсони мубталои бемории рӯҳӣ, супоридани шахс ба Судӣ байналмилалии ҷиноятӣ ва супоридани маҳкумшудагон аз судҳои байналмилалии ҷиноятӣ ба давлат дар якҷоягӣ ба танзим дароварда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои пай дар пай ислоҳотҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва тағйиру иловаҳо оид ба масъалаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ин ба инобат нагирифтанӣ табиати ҳуқуқии ҳар як падидаи ҳамкорҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем ки сохтори КМҶ вобаста ба ҳамкории байналмилалӣ ба тариқи зайл пешбинӣ карда шавад:

**Қисми... Ҳамкориҳои байналмиалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ**
**Фасли ... Муқаррароти асосии тартиби ҳамкориҳои байналмилалӣ**
**Боби ... Муқаррароти умумӣ**
**Боби ... Ёрии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ**
**Боби ... Супоридани мурофиаи ҷиноятӣ**
**Боби ... Истирдод**
**Боби ... Интиқоли шахс**
**Боби ... Супоридани ашё**

## Адабиёт:

[402] Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. – Москва, 2021. – С. 186-201.

1. Абдуллоев П.С. Международное сотрудничество в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах. Юрлитинформ. – Москва, 2021. – 464 с.

2. Абдуллоев П.С. Национальные подходы к международному сотрудничеству в сфере уголовного процесса в постсоветских государствах // Научная школа уголовного процесса и криминалистики Санкт-Петербургского государственного университета. Материалы XIII-й Международной конференции // Под редакцией Н.П. Кирилловой, В.Д. Пристанскова, Н.Г. Стойко, В.Ю. Низамова. – Москва, 2022. – С. 9-17.

# ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (12.00.10) – МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)

# ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ИНСТИТУТА МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОГО ПРИЗНАНИЯ

**Сайфуллоев Салимҷон Рустамович,**
докторант PhD кафедры международного права юридического факультета ТНУ
**Тел.:** 558122221
**E-mail:** sayfullozoda.0000@gmail.com

**Муродзода Умед Уктам,**
ассистент кафедры конституционного права юридического факультета ТНУ,
**Тел.:** 908888111
**E-mail:** murodzoda.umed@mail.ru

**Аннотация:** В статье авторами исследуется проблема признания государств в современном международном праве. Рассматриваются понятие, история возникновения и развития, источники, теории, критерии института признания государств. С учётом положений доктрины и практики международного права анализируются различные теории института признания государств.

Международно-правовое признание — это акт государства, которым констатируется возникновение нового субъекта международного права и с которым этот субъект считает целесообразным установить дипломатические и иные основанные на международном праве отношения. Существует две основных теории международно-правового признания - конститутивная и декларативная. Согласно первой акт признания дестинатора (адресата признания) со стороны уже существующих субъектов международного права играет решающую роль в его международно-правовом статусе. Эта теория имеет два существенных недостатка. Во-первых, на практике новые образования могут вступать в межгосударственные отношения и без признания. Во-вторых, неясно, признания скольких уже существующих государств необходимо для того, чтобы новое образование приобрело международную правосубъектность. Декларативная теория исходит из того, что признание не означает придания ему соответствующего правового статуса, а лишь констатирует факт возникновения нового субъекта международного права и облегчает осуществление с ним контакта. Эта теория в силу демократичности и большего внимания к правовым вопросам статуса государства в настоящее время преобладает в международно-правовой доктрине. Институт признания в международном праве посвящён, прежде всего, новым

политико-правовым территориальным образованиям, претендующим на статус субъекта международного права – государства.

**Ключевые слова**: Институт признания, международное право, теория, доктрина, государство, демократия, ООН, конституция, факт, субъект.

## ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ ПАДИДАИ ЭЪТИРОФИ ҲУҚУҚӢ-БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Сайфуллоев Салимджон Рустамович,**
докторанти PhD- и кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
**Тел:** 558122221
**E-mail:** sayfullozoda.0000@gmail.com

**Муродзода Умед Уктам,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
**Тел.:** 908888111
**E-mail:** murodzoda.umed@mail.ru

**Фишурда:** Дар мақола муаллифон масоили эътирофи давлатҳоро дар ҳуқуқи байналмилалии муосир баррасӣ менамоянд. Дар мақолаи мазкур, мафҳум, таърихи пайдоиш ва рушд, сарчашмаҳо, назарияҳо, меъёрҳои падидаи эътирофи давлатҳо баррасӣ мешаванд. Бо назардошти муқарароти доктрина ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ назарияҳои гуногуни падидаи эътирофи давлатҳо таҳлил карда мешаванд.

Эътирофи ҳуқуқи байналмилалӣ санади давлатест, ки пайдоиши субъекти нави ҳуқуқи байналмилалиро муқаррар менамояд ва бо он субъекти мазкур муқаррар намудани муносибатҳои дипломатӣ ва дигар муносибатҳои дар асоси ҳуқуқи байналмилалиро мувофиқи мақсад мешуморад. Ду назарияи асосии эътирофи ҳуқуқии байналмиллалӣ вуҷуд доранд - конститутивӣ ва декларативӣ. Тибқи аввал, санади эътирофи таъинкунанда (эътироф) аз ҷониби субъектҳои аллакай мавҷудбуда ҳуқуқи байналмилалӣ дар мақоми байналмилалии ҳуқуқии он нақши ҳалкунанда мебозад. Ин назария ду камбудии назаррас дорад. Аввалан, дар амал форматсияҳои нав бе эътироф ба муносибатҳои байнидавлатӣ дохил шуда метавонанд. Баъдан, маълум нест, ки барои ба даст овардани субъекти нави субъекти ҳуқуқии байналмилалӣ чанд давлати мавҷуда бояд эътироф карда шаванд. Назарияи декларативӣ аз он бармеояд, ки эътироф маънои додани мақоми дахлдори хуқуқиро надорад, балки танҳо далели пайдоиши субъекти нави хуқуқи байналмилалиро баён мекунад ва робитаро бо он осон мекунад. Ин назария бо хусусияти демократиаш ва таваҷҷӯҳи бештар ба масъалаҳои ҳуқуқии вазъи давлатӣ дар доктринаи ҳуқуқи байналмилалӣ

мавқеъ дорад. Падидаи эътироф дар ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, ба сохторҳои нави сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки мақоми субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ – давлатро талаб мекунанд, бахшида шудааст.

**Калидвожаҳо:** Падидаи эътироф, ҳуқуқи байналмилалӣ, назария, доктрина, давлат, демократия, СММ, конститутсия, факт, субъект.

## HISTORY OF THE ORIGIN AND DEVELOPMENT OF THE INSTITUTE OF INTERNATIONAL LEGAL RECOGNITION

**Sayfulloev Salimjon Rustamovich,**
PhD Department of International Law, Faculty of Law, TNU
**Phone** : 558122221
**E-mail:** sayfullozoda.0000@gmail.com

**Murodzoda Umed Uktam,**
assistant of the Department of Constitutional Law, Faculty of Law, TNU
**Phone**: 908888111
**E-mail**: murodzoda.umed@mail.ru

**Annotation:** In the article, the authors examine the problem of the recognition of states in modern international law. The concept, history of emergence and development, sources, theories, criteria for the institution of recognition of states are considered. Taking into account the provisions of the doctrine and practice of international law, various theories of the institution of recognition of states are analyzed.

International legal recognition is an act of a state that establishes the emergence of a new subject of international law and with which this subject considers it appropriate to establish diplomatic and other relations based on international law. There are two main theories of international legal recognition - constitutive and declarative. According to the first, the act of recognition of the destinator (addressee of recognition) by already existing subjects of international law plays a decisive role in its international legal status. This theory has two significant shortcomings. First, in practice, new formations can enter into interstate relations without recognition. Secondly, it is not clear how many existing states need to be recognized in order for a new entity to acquire international legal personality. The declarative theory proceeds from the fact that recognition does not mean giving it an appropriate legal status, but only states the fact of the emergence of a new subject of international law and facilitates contact with it. This theory, due to its democratic nature and greater attention to the legal issues of the status of the state, currently prevails in the international legal doctrine. The Institute of Recognition in International Law is devoted, first of all, to new political and legal territorial formations that claim the status of a subject of international law – the state.

**Keywords:** Recognition institute, international law, theory, doctrine, state, democracy, UN, constitution, fact, subject.

С обретением независимости Республика Таджикистан, представившись в международных отношениях в качестве независимого субъекта международного права, объявила, что в своей деятельности как полноправное государство будет придерживаться достижения стабильного мира, уничтожения ядерного оружия и других средств массового поражения, недопущения применения силы в решении споров и разногласий между суверенными государствами. Эти вопросы прямо указаны в Декларации независимости Республики Таджикистан — «Республика Таджикистан как независимый субъект международного права устанавливает дипломатические, консульские, торговые и другие отношения с иностранными государствами, обменивается с ними полномочными представителями и заключает международные договора»[403].

Сегодня государственную независимость Республики Таджикистан официально признали 150 стран мира. Республика Таджикистан с признанием основных документов международных отношений, в том числе Устава Организации Объединённых Наций, Хельсинского Заключительного акта, Парижского Пакта и других актов строит фундамент своей внутренней и внешней политики, считает высшими ценностями человека и защиту его прав и свобод, независимо от национальной, расовой и половой принадлежности[404].

В 1993 году 12 международных организаций, такие как Организация Объединённых Наций, Организация по Безопасности и Сотрудничеству в Европе, Международный Валютный Фонд, Всемирный Банк, Европейский Банк Реконструкции и Развития, в 1994 году 8 международных организаций, 1995 году 2 организации и в 1996 году ещё 2 организации открыли свои представительства в Республике Таджикистан и приступили к осуществлению своей деятельности[405].

Термин «признание» в международном праве применяется в связи с появлением каких-либо новых субъектов, фактов, ситуаций. В этой связи для того, чтобы можно было говорить о международно-правовом признании, необходимо одновременное наличие двух компонентов: а) одностороннего акта (заявления) государства; б) нового субъекта, факта, ситуации, какого-либо изменения на международной арене[406].

В последнее десятилетие возродился интерес к концепции признания в международной теории. Некогда узкое занятие социальных теоретиков, сегодня понятие узнавания используется по крайней мере в трёх разных

403 Муродзода У. У. Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / У. У. Муродзода, И. О. Давронов // Мактаби сиёсии Пешвои миллат. – 2022. – No 3. – С. 384.

404 Там же. – С. 385.

405 Соибов, З. М. Конституционно-правовые основы организации органов государственного управления: на примере Республики Таджикистан и Республики Казахстан / З. М. Соибов, У. У. Муродзода // Государствоведение и права человека. – 2019. – № 4(16). – С. 145.

406 Фельдман Д. И. Признание государств в современном международном праве. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1965. – С. 14-15.

смыслах для объяснения трёх разных вещей. Во-первых, его обычно используют для объяснения того, как государства и их идентичность формируются в результате взаимодействия и как современная международная система возникла как кумулятивное следствие таких моделей взаимодействия. В этом контексте концепция признания используется для объяснения того, как государства индивидуализируются и дифференцируются друг от друга, как международная система тем самым расслаивается по статусным линиям, а также почему конфликты по поводу статуса возможны или даже неизбежны. Во-вторых, хотя концепция признания долгое время пользовалась широким распространением в международно-правовой теории, где она используется для объяснения того, что делает государства юридическими лицами и равноправными членами международного сообщества, недавние исследования сделали многое для того, чтобы усложнить эту точку зрения, указав на то, как практика инклюзии часто шли рука об руку с практикой исключения, и как это привело к неформальному расслоению международного сообщества. В-третьих, эта концепция совсем недавно использовалась, чтобы предложить, как можно смягчить нежелательные последствия международной анархии или даже избежать их путём взаимного признания между политическими сообществами.

Начало истории института признания датируется ещё XVI в., в период отделения Испании от Нидерландов, а затем и Португалии. США признала Франция во время борьбы за независимость (1778 г.), в итоге британское правительство объявило французам войну[407]. Признание занимает центральное место в государственной практике и в литературе, но это не обязательно означает, что оно является собственно правовым институтом. Прежде всего, признание – это политический акт, посредством которого субъект международного права, будь то государство или любой другой субъект, обладающий правосубъектностью, выражает своё одностороннее толкование той или иной фактической ситуации, будь то рождение нового государства, приход к власти нового правительства, создание новой межправительственной организации, статус повстанца, итоги выборов, продолжение прекратившего существование государства другим, конкретное территориальное устройство и так далее. В этом смысле признание является формальным выражением его автора о том, как он воспринимает ситуацию, на которую распространяет признание. Признание одновременно представляет собой средство для его автора сообщить о своём собственном взгляде на ситуацию, включая юридические последствия, если таковые имеются, которые автор приписывает ситуации и на которых автор намеревается основывать свою политику. За некоторыми исключениями, признание остаётся дискреционным. Любой субъект международного права сам решает, как он интерпретирует и толкует факты или ситуацию, являющиеся объектом признания. Субъект также может принять решение вообще не выражать никакой позиции.

[407] Lauterpacht H. Recognition of States in International Law//The Yale Law Journal. Vol. 53, No. 3 (Jun., 1944). – pp. 385-458.

После предоставления признание также может быть впоследствии отозвано, если автор изменит свою интерпретацию (и политику) или пожелает заявить о нем по-другому. Хотя признание является политическим актом, оно оказывает глубокое воздействие на международную правовую систему и влечёт за собой широкомасштабные правовые последствия как в международном, так и во внутреннем правопорядке. Учёные-международники в основном сосредоточили внимание на международных и внутренних правовых последствиях признания, а также на формах и способах его распространения. Примечательно, что формы, способы и правовые последствия признания в первую очередь изучались в связи с рождением или исчезновением государств, а также приходом к власти или свержением правительств. Но, как указывалось ранее, признание потенциально может быть направлено на многие другие ситуации, которые, по мнению государства, требуют реакции. Дискреционный характер признания все больше ограничивается развитием в позитивном международном праве обязательства не признавать, которое было систематизировано и изучено в рамках международной ответственности и применяется во многих ситуациях, помимо рождения новых государств или незаконного приобретения территория. Это представляет собой ещё один, более современный аспект, с которого распознавание рассматривалось в литературе.

Признание – это процесс, в ходе которого признаются определённое факты, которым придаётся определённый правовой статус, например государственность, суверенитет над вновь приобретённой территорией или международные последствия предоставления гражданства. Процесс признания в качестве государства нового образования, соответствующего критериям государственности, является политическим, и каждая страна решает для себя, расширять ли такое признание. Обычные суверенные и дипломатические иммунитеты обычно продлеваются только после того, как исполнительная власть государства официально признала другое государство. Международное признание является важным свидетельством того, что фактические критерии государственности действительно выполнены. Большое количество признаний может подкрепить претензии на государственность даже в обстоятельствах, когда условия государственности выполнены не полностью (например, Босния и Герцеговина в 1992 г.). Согласно «декларативной» теории признания, поддерживаемой международной практикой, акт признания означает не более чем принятие уже существующей фактической ситуации, т. е. соответствие критериям государственности. «Конститутивная» теория, напротив, утверждает, что сам акт признания фактически создаёт государство[408].

Иногда говорят и о признании международных межправительственных организаций со стороны государств, в них

[408] Axel Honneth, “Recognition between States: On the Moral Substrate of International Relations,” in Erik Ringmar and Thomas Lindemann, eds., The International Politics of Recognition (Boulder: Paradigm Publishers, 2014), – pp. 25-38.

участвующих, что, однако, вряд ли уместно. Подобное признание не выражается официально (публично), а подразумевается в силу того, что сами эти страны создали данную организацию. Третьи государства (не являющиеся членами организации) также могут «признать» международную организацию, заключив с ней договор и т.п. Вместе с тем, например, Международный Суд ООН в своем консультативном заключении по вопросу о возмещении убытков, возникших на службе ООН, от 11 апреля 1949 г. отметил, что ООН обладает объективной международной личностью (правосубъектностью), которая не нуждается в формальном признании со стороны государств[409].

Международно-правовое признание может трактоваться как в узком, так и широком смысле. В первом случае речь идёт только о признании субъектов международного права: признание, это акт государства, которым констатируется возникновение нового субъекта международного права.

В широком смысле под международно-правовым признанием понимается акт государства, посредством которого оно констатирует наличие определённого юридически значимого факта или ситуации либо выражает своё согласие с юридически значимыми и международно-правомерными действиями других субъектов.

В обоих случаях признание позволяет установить с соответствующим (признанным) субъектом определённое отношения, которые тем не менее могут быть как официальными, так и неофициальными, как постоянными, так и временными. Признание в большинстве случаев представляет собой односторонний акт (заявление) государства. Тем не менее в практике международных отношений известны случаи, когда декларация о признании включалась в текст договора между государствами. Нормы, регулирующие вопросы признания, образуют совокупность, представляющую собой самостоятельный международно-правовой институт. Следует, однако, отметить, что вплоть до настоящего времени институт признания все ещё не кодифицирован. Объясняется это, по мнению профессора И.И. Лукашука, главным образом, тем, что рассматриваемый международно-правовой институт «особенно тесно связан с политикой, а также тем, что с переменами в международной системе меняется его содержание»[410]. Поэтому неудивительно, что неоднократные попытки Комиссии международного права ООН кодифицировать относящиеся к данному институту нормы так ни к чему и не привели. В этой связи процесс международно-правового признания и в наши дни осуществляется исключительно на основе практики государств, сложившейся за достаточно длительный период времени. Важное значение, которое придаётся международно-правовому признанию, обусловлено пока ещё «несовершенной» природой самого международного права. Там, где процедура признания соответствует установившимся правовым

[409] Устав Организации Объединённых Наций от 26 июня 1945 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.un.org/ru/sections/un-charter/chapteri/index.html.

[410] Матвеева Т. Д. Международное право: учебник для академического бакалавриата. – М.: Издательство Юрайт, 2014. – С. 54.

обычаям, серьёзных проблем, как правило, не наблюдается. Однако в тех случаях, когда политические или идеологические мотивы влияют на окончательное решение о признании (непризнании) того или иного государства, правительства, каких-либо территориальных изменений, сложности могут возникать. Так как международное право пока ещё не в состоянии исключить подобного рода коллизии, чрезвычайно важно, чтобы правовое положение непризнанных субъектов (ситуаций), было чётко определено, выяснено. В любом случае непризнание ни при каких обстоятельствах не должно означать того, что государства свободны в использовании силы против субъекта, которого они не признают.

Неоднозначный характер доктрины признания в международном праве способствовал возникновению значительных научных споров. По меньшей мере, две основные теории были выдвинуты, чтобы обеспечить основу для этой части международного права. «Конститутивная теория» рассматривает признание как добровольный акт признающего государства; «декларативная теория» принимает признание как автоматическое. Признание имеет как юридическое, так и политическое значение, как внутренние, так и внешние последствия для признающего государства. Закон, который применяется в одних обстоятельствах, не обязательно будет применяться в других. В сугубо международном публичном праве принятие декларативной теории, требующей немедленного признания факта существования иностранного государства, представляется необходимым. Однако если в дело также вовлечены внутригосударственные правовые вопросы, государство может законно навязать другие условия своего собственного права и политики, что приведёт к действию некоторых элементов учредительной нормы. Такое различие можно легко обнаружить в рамках существующего права. Оно согласуется как с поддержанием международного порядка, так и с защитой внутренней правовой целостности.

На этом основании, базирование государственной миграционной политики Республики Таджикистан на уровне национального законодательства и международно-правовых актов, признанных нашей

---

[424] См.: Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Право трудовых мигрантов. (Учебное пособие, на таджикском языке) // Под. общ. ред. профессора Рахмон Д.С. – Душанбе. Нушбод, 2021. – С. 23.

[425] См.: Кодиркулов Х.Р. Проблемы правового регулирования трудовых отношений в международном частном праве. Автореф. Дисс. … канд.юрид.наук. 12.00.03. – Душанбе. 2004, – С. 4. 28с.

[426]Прудникова Т.А. Национальное законодательство как основа регулирования миграционных процессов и пути его совершенствования // Труды Академии управления МВД России. 2013. №3 (27). [Текст]: Электронный Ресурс: Режим доступа: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/natsionalnoe-zakonodatelstvo-kak-osnova-regulirovaniya-migratsionnyh-protsessov-i-puti-ego-sovershenstvovaniya (дата обращения: 18.10.2022).

[427] Ходусов А.А. Совершенствование миграционного законодательства как фактор оптимизации государственной миграционной политики Российской Федерации // Вестник Омской юридической академии. Административное право, административный процесс. 2018. – Том 15. – № 1. – С. 80–85.

[428]Сальников В.П., Брылева Е.А. Критерии "правильной миграционной политики": отечественный и зарубежный опыт // Миграционное право. 2018. – № 3. – С. 25-28.

страной, в значительной степени способствуют урегулированию проблемы в этой сфере.

На современном этапе развития Республики Таджикистан, государственная миграционная политика нацелена на предотвращение роста нелегальной и нерегулируемой миграции, совершенствования правовых, экономических и социальных основ миграционных процессов, создания совместно с принимающими наших мигрантов странами, системы слаженной трудовой миграции.

Именно по этому поводу, Лидер нации - Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон в своих выступлениях неоднократно подчеркивает, что основной целью государственной политики Республики Таджикистан в сфере трудовой миграции и социально-правовой защиты граждан Республики Таджикистан, временно работающих за границей, является правовое регулирование перемещения граждан, предупреждение незаконной миграции и соблюдение законности в миграционных процессах[429].

В этой связи, считаем, что на перспективу, приоритетным направлением развития миграционной политики нашего государства должна определиться при одновременном сохранении достаточного потенциала квалифицированных трудовых ресурсов и экспортом квалифицированной рабочей силы в республике.

В юридической науке существуют различные взгляды по определению понятия термина «миграционная политика».

Так, государственная миграционная политика отмечает О.В. Катаева – это совокупность идей государственно-управленческого характера, которые направлены, как на управление миграционных процессов, так и в целях создания необходимых и благоприятных условий цивилизованной миграции с учетом приоритета интересов граждан государства[430].

Вызывает интерес взгляд К.П. Кондрашиной, на основании которого, миграционная политика государства выступает как один из направлений политики государства, в содержании которого входит организация и управление миграционными отношениями со стороны уполномоченных государственных органов, путём использования различных административно-правовых и социально-экономических средств и способов, в целях обеспечения социальных, экономических и демографических интересов страны с соблюдением принципов международного и национального права[431].

О.А. Сазонова приводит, что «миграционную политику следует рассматривать как разновидность государственной политики, которая выражается в совокупности применяемых государством правовых и

---

[429] Послание Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в Маджлиси Оли от 20.04.2006. [Текст]: Электронный Ресурс: Режим доступа: URL: - www.president.tj.

[430] Катаева О.В. Роль миграционной политики РФ в административно-правовом регулировании миграционных процессов // Административное право и процесс, 2021, № 9. [Текст]: Документ предоставлен СПС КонсультантПлюс.

[431] Кондрашина К.П. Административно-правовое регулирование в сфере миграционной политики РФ. Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М.: 2007. – 29 с.

организационных мер, направленных на реализацию комплекса политических, экономических, социальных, культурно-просветительных, информационных мероприятий, обеспечивающих эффективное регулирование миграционных процессов»[432].

Рассматриваемые научные подходы ценны тем, что в них содержаться новые подходы теоретической осмыслении понятия миграционной политики государства.

Однако основной упор исследователей сделан на организационно-управленческий характер миграционной политики государства, что на наш взгляд они не в полной мере раскрывают сущность миграционной политики. В этой связи, полагаем, что такая политика должна быть направлена также на обеспечение защиты прав и законных интересов всей категории мигрантов.

Так, миграционная политика современного Таджикистана базируется на таких принципах как, защита прав и интересов мигрантов независимо от расовой, религиозной и этнической принадлежности, гражданства, социального происхождения политических убеждений, языка, пола и возраста; защита внутренних и внешних интересов страны путем регулирования миграционных процессов; управление миграционными процессами в соответствии с законодательством Республики Таджикистан и международно-правовыми актами, признанными нашей страной[433].

Следовательно, под миграционной политики государства следует понимать систему административно-правовых средств и способов организационно-управленческого характера исходящих из принципов международного права, установленных в нормах национального права и осуществляемых уполномоченными государственными органами, целю которых заключается в обеспечении социальных, экономических и демографических интересов общества и государства в миграционных отношениях.

Полагаем, что государственная миграционная политика в целом должна адекватно отражать количественно-качественные изменения, которые ежедневно происходят в миграционных процессах, и более того, к критериям качественной миграционной политики должны выступить политическая дальновидность государства и уполномоченных государственных органов, реализация его социально-экономических потребностей и распространение обеспечения культурного и научного наследия[434].

В нормативно-правовой регламентации миграционной политики Республики Таджикистан, особое место занимают утвержденные постановлениями Правительства РТ от 8 октября 1998 года за № 411

---

[432]Сазонова О.А. Миграционная политика и миграционно-правовая политика: сравнительный анализ и проблемы дефиниции // Миграционное право, 2021, № 1. Документ предоставлен СПС КонсультантПлюс.

[433]Концепция государственной миграционной политики Республики Таджикистан. Утверждена постановлением Правительства РТ от 8 октября 1998 года за № 411. [Текст]: Документ предоставлен ЦБПИ «ADLIA». v.7.0.

[434]Сальников В.П., Брылева Е.А. Критерии "правильной миграционной политики": отечественный и зарубежный опыт // Миграционное право. 2018. – № 3. – С. 25-28.

«Концепция государственной миграционной политики Республики Таджикистан» (далее Концепция 1998 года), и от 9 июня 2001 г. № 242 Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу (далее Концепция 2001года)[435].

Положения указанных подзаконных нормативных актов устанавливают, что масштабы миграции и разнообразие миграционных процессов обязывают по новому подойти к проблеме демографического развития страны, поднять управление этим процессом на государственный уровень, выработать государственную миграционную политику.

На этом основании, полагаем, что положения этих концепций выступают как базовые основы осуществления государственного управления миграционными процессами в Республике Таджикистан, которые призваны стать гарантом обеспечения не только миграционных процессов, но и обеспечить защиту прав, свобод и законных интересов внутренних и внешних мигрантов страны.

Тем не менее, анализ содержания вышеприведённых Концепций показывают, что в них существуют недостатки, которые препятствуют обеспечению системного подхода в регулировании миграционных отношений и в ряде случаев становятся преградой развития миграционного законодательства страны.

*Во-первых*, считаем неправильным формулировку названия «Концепции государственной миграционной политики Республики Таджикистан» на таджикском языке, т.е. на таджикском языке она называется как Консепсияи сиёсати муҳоҷирати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (в переводе «Концепция миграционной государственной политики Республики Таджикистан»).

Считаем, что миграция не может быть государственной, а наоборот миграционная политики должна быть государственной, ибо в тексте названия ошибочно внесен термин «миграционная государственная политика» нежели «государственная миграционная политики».

*Во – вторых*, положения Концепции 1998 года, диктуют необходимость внедрения современных правовых принципов и теоретически обоснованной системы взглядов и подходов по осуществлению миграционной политики государства, содержания, которых могли бы базировать и предопределят основные направления государственной миграционной политики страны.

Так, Концепция 2001 года, определяет предпосылки трудовой миграции РТ за границу, устанавливает обоснование трудовой миграции и необходимость совершенствования государственной политики в сфере трудовой миграции за границу, и к основным целям такой политики отнесла социально-правовую защиту граждан Республики Таджикистан, временно работающих за рубежом, регулирование миграционных потоков,

---

[435]Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу. Утверждена Правительством Республики Таджикистан от 9 июня 2001 г. № 242. [Текст]: Документ предоставлен ЦБПИ «ADLIA». v.7.0.

предотвращение нелегальной миграции и утверждение законности в миграционном процессе.

В итоге, указанная Концепция определяет три блока направления государственной миграционной политики страны. В первый блок входят экономические цели как:

- перемещение части трудовых ресурсов Республики Таджикистан в другие страны с целью трудоустройства граждан республики на более выгодных условиях, чем на территории республики и как важнейший фактор снижения уровня безработицы.

- государственная политика в области трудовой миграции за границу должна быть направлена на полное использование всех каналов валютных поступлений от экспорта рабочей силы: налогов с прибыли фирм-посредников, непосредственных денежных переводов трудящихся-мигрантов на Родину, на поддержку семьи и родственников; личных инвестирований трудящихся-мигрантов (привоз на Родину средств производства и предметов длительного пользования, покупка недвижимости, приобретение ценных бумаг), капиталов от принимающих рабочую силу из Таджикистана стран, идущих на воспроизводство трудовых ресурсов и в социальную сферу и.т.д.

Во второй блок входят социальные цели:

- подготовка профессиональных кадров из числа мигрантов. Это особенно важно с учетом того обстоятельства, что абсолютное большинство высококвалифицированных кадров индустриальных отраслей экономики покинули республику.

- предусматривать механизмы воздействия на страны найма рабочей силы по созданию нормальных условий труда трудящимся мигрантам. Такими механизмами могут быть многосторонние и двусторонние соглашения, использование рычагов стимулирования мигрантов к повышению образовательного и квалификационного уровня, совершенствованию образа жизни, культуры поведения и общения.

- обеспечение реализации конституционных прав граждан на труд, социально - правовую защиту трудящихся мигрантов в случаях, когда они по тем или иным причинам остаются без работы.

В третий блок входят стратегические цели:

- предотвращение роста нелегальной и нерегулируемой миграции на основе формирования правовых основ и экономических, механизмов миграционных процессов, создания совместно с принимающими странами системы трудовой миграции, включение местных органов самоуправления, общие и общественности, через средства массовой информации в борьбу против нелегальной миграции.

- экспорт квалифицированной рабочей силы при одновременном сохранении достаточного потенциала квалифицированных трудовых ресурсов в республике.

- значительное расширение (диверсификации) регионов Российской Федерации, как основных районов регулируемых миграционных потоков из Таджикистана, тем более, что исторически сложившиеся

производственно-экономические связи в прошлом, знание большинством населения республики русского языка являются весомой предпосылкой развития трудовой миграции в этом направлении.

Итак, анализ целей и задач Концепции 2001 года показывает, что в нём первостепенный приоритет даётся значению валютных поступлений от трудящихся-мигрантов республики из за рубежа, перспектива экспорта квалифицированной рабочей силы при одновременном сохранении достаточного потенциала квалифицированных трудовых ресурсов в республике, однако вопросы планирования практической реализации обеспечения защиты прав и законных интересов мигрантов, которые находятся за пределах территории нашей страны требуют проработки.

Так, п. 21 указанной Концепции гласит, что трудовая миграция за границу сопряжена с риском, который может иметь серьезные последствия для мигранта и его семьи по финансовым причинам, а также из-за того, что мигрант находится в чужой стране.

На этом основании, считаем, что миграционная политика государства, в первую очередь должна обеспечивать не только интересы государства, но и реализацию конституционных прав граждан на труд, социально - правовую защиту трудящихся мигрантов в случаях, когда они по тем или иным причинам остаются без работы.

Полагаем, что перспективе должны разрабатываться и стратегические межгосударственные планы по обеспечению трудовых прав, и законных интересов указанных лиц.

Считаем необходимым, также в перспективе, уделит особое внимание разработки и принятии государственных программ по обеспечению занятости внешних трудящихся – мигрантов и плановые программы по обеспечению занятости указанных лиц после возвращения в страну.

Далее, считаем необходимым устранить дублирования положений Концепции 1998 и Концепции 2001 годов, ибо, несмотря на то, что они определяют целенаправленность миграционной политики страны, их структурные элементы слабо сопряжены между собой и, по сути, развиваются самостоятельно, отдельно друг от друга, и не представляют собой единую систему.

Так, анализ положений Концепции 1998 года показывают, что она определяет государственную политику РТ в сфере внешней и внутренней миграции, несмотря на то, что задачи по определению внешней миграционной политики страны установлены в нормах Концепции 2001 года. Кроме того, в обеих Концепциях отсутствуют периоды их действия и нормы указанных Концепции требуют систематизации, в них содержится немало пробелов и противоречий, также в них отсутствует достаточная внутрисистемная связь и должная содержательная увязка норм, о которых остановимся в других исследованиях.

Таким образом, проведённый анализ привел к таким выводам:

1. Под государственной миграционной политики государства предлагаем понимать систему административно-правовых средств и способов организационно-управленческого характера исходящих из

принципов международного права, установленных в нормах национального права и осуществляемых уполномоченными государственными органами, цель которых заключается в обеспечении социальных, экономических и демографических интересов общества и государства в миграционных отношениях;

2. Считаем, что государственная миграционная политика РТ должна быть направлена на совершенствование системы государственного управления, и повышение качества стратегической планировки государства в указанной сфере, которая может способствовать решению существующих задач в сфере устойчивого социально-экономического развития государства;

3. Предлагаем необходимым совершенствование концептуальной модели понимания административно-правового регулирования миграционных процессов, путём изучения профильного теоретико-прикладного опыта развитых современных зарубежных стран, в целях выявления и чёткой оценки вопросов эффективной практикализации законодательных подходов в рассматриваемой сфере;

4. В свете происходящей трансформации миграционных процессов считаем необходимым принять новую Концепцию государственной миграционной политики на 2023-2028 гг., которая определяет основные цели, принципы, задачи, направления и механизмы реализации государственной миграционной политики Таджикистана.

При разработке и принятия новой Концепции государственной миграционной политики необходимо учитывать:

- нормы Конституции Республики Таджикистан, Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Программы среднесрочного развития Республики Таджикистан, Концепции государственной демографической политики и Программы реализации Концепции государственной демографической политики, и другие документы стратегического планирования, а также нормы общепризнанных принципов международного права и обязательства Республики Таджикистан, вытекающих из международных договоров в сфере миграции;

- основной баланс государственной политики должно направляться на регламентацию внешней миграционной политики (в том числе трудовой миграции), как необходимый стратегический ориентир таджикского общества и политика государства на перспективу экономического, социального и демографического развития государства.

5. Представляется, что принятие новой Концепции государственной миграционной политики Республики Таджикистан будет способствовать последующей разработке и принятию нового закона РТ «О миграции»;

6. В целях формирования условий для целенаправленного притяжения зарубежных квалифицированных кадров с предоставлением им возможности интеграции в наше общество, с учетом внутристрановых дисбалансов и международных обязательств Республики Таджикистан,

предлагаем разработать и принять Концепцию по временному вовлечению высококвалифицированных иностранных специалистов в сфере труда.

**Литература:**

1. Послание Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в Маджлиси Оли от 20.04.2006. [Текст]: Электронный Ресурс: Режим доступа: URL: - www.president.tj.

2. Концепция государственной миграционной политики Республики Таджикистан. Утверждена постановлением Правительства РТ от 8 октября 1998 года за № 411. [Текст]: Документ предоставлен ЦБПИ «ADLIA». v.7.0.

3. Концепция трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу. Утверждена Правительством Республики Таджикистан от 9 июня 2001 г. № 242. [Текст]: Документ предоставлен ЦБПИ «ADLIA». v.7.0.

4. Диноршоев А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в РТ. Дисс. д-ра юрид. наук. 12.00.02. Москва, 2015. 535 с.

5. Кодиркулов Х.Р. Проблемы правового регулирования трудовых отношений в международном частном праве. Автореф. Дисс. … канд.юрид.наук. 12.00.03. Душанбе. 2004, - С. 4. 28с.

6. Катаева О.В. Роль миграционной политики РФ в административно-правовом регулировании миграционных процессов // Административное право и процесс, 2021, № 9. [Текст]: Документ предоставлен СПС КонсультантПлюс

7. Кондрашина К.П. Административно-правовое регулирование в сфере миграционной политики РФ: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. М., 2007. 29с.

8. Махмадуллоев Н.Р. Правовое регулирование трудовых отношений трудящихся - мигрантов в Республике Таджикистан – члене Евразийского экономического союза. Автореф. Дисс. … канд.юрид.наук. 12.00.05. Душанбе, 2013. 27с.

9. Прудникова Т.А. Национальное законодательство как основа регулирования миграционных процессов и пути его совершенствования // Труды Академии управления МВД России. 2013. №3 (27). [Текст]: Электронный Ресурс: Режим доступа: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/natsionalnoe-zakonodatelstvo-kak-osnova-regulirovaniya-migratsionnyh-protsessov-i-puti-ego-sovershenstvovaniya (дата обращения: 18.10.2022).

10. Рахмон Д.С., Саъдизода Дж., Сафарзода Н.Ф., Азимов С.Ш. Право трудовых мигрантов. (Учебное пособие, на таджикском языке) // Под. общ. ред. профессора Рахмон Д.С. – Душанбе. Нушбод, 2021. 192 с.

11. Сальников В.П., Брылева Е.А. Критерии "правильной миграционной политики": отечественный и зарубежный опыт // Миграционное право. 2018. № 3. - С. 25 - 28.

12. Сазонова О.А. Миграционная политика и миграционно-правовая политика: сравнительный анализ и проблемы дефиниции //

Миграционное право, 2021, № 1. Документ предоставлен СПС КонсультантПлюс.
13. Ходусов А.А. Совершенствование миграционного законодательства как фактор оптимизации государственной миграционной политики Российской Федерации // Вестник Омской юридической академии. Административное право, административный процесс. 2018. Том 15. № 1. – С. 80–85.

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯИ УМУМИИ ПРИНСИПҲОИ НАЗОРАТИ МАЪМУРӢ

**Шукуров Нурали Исоқбоевич,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
**Тел.:** +992927427700.
**E-mail:** nurali.shukurov.1982@mail.ru.

**Фишурда:** Дар мақола асосҳои умумӣ-назариявии принсипҳои назорати маъмурӣ таҳлил гардидаанд. Маълум аст, ки назорати маъмурӣ чун яке аз шаклҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини волоияти қонун, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини демократия дар ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад менамояд. Дар асоси ин гуфтаҳо, муаллиф, бо истифода аз андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷии соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, назарияи илми ҳуқуқи маъмурӣ ва қонунгузории амалкунанда, мафҳуми принсипҳои ҳуқуқӣ, мазмун ва моҳияти принсипҳои назорати маъмуриро баррасӣ намуда, ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунанда таклиф ва пешниҳодҳои мушаххасро пешбинӣ намудааст.

**Калидвожаҳо:** Принсип, ғояи умумӣ, қонуният, ҳуқуқ, ҳуқуқи маъмурӣ, танзими ҳуқуқӣ, ошкорбаёнӣ, демократия.

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОБЩЕЙ ТЕОРИИ ПРИНЦИПОВ АДМИНИСТРАТИВНОГО НАДЗОРА

**Шукуров Нурали Исокбоевич,**
старший преподаватель юридического факультета Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафуров
**Тел.:** +992927427700.
**E-mail:** nurali.shukurov.1982@mail.ru.

**Аннотация:** В статье анализируются общетеоретические основы принципов административного надзора. Известно, что в гражданском обществе, административный надзор выступает как один из методов обеспечения законности по обеспечению верховенства закона, демократии и защиты прав и свобод человека. Исходя из изложенного, автор, используя взгляды отечественных и зарубежных ученых теории государства и права, теории административного права и действующего законодательства, рассматривает понятие правовых принципов, содержание и сущность принципов административного надзора.

**Ключевые слова:** Принцип, общие идеи, законность, право, административное право, правовое регулирование, гласность, демократия.

# SOME QUESTIONS OF THE GENERAL THEORY OF THE PRINCIPLES OF ADMINISTRATIVE SUPERVISION

**Shukurov Nuraki Isoqboevich,**
senior Lecturerof the Faculty of Law, Khujand State University named after Academician B. Gafurov
**Тел.:** +992927427700.
**E-mail:** nurali.shukurov.1982@mail.ru.

**Annotation:** The article analyzes the general theoretical foundations of the principles of administrative supervision. It is known that in civil society, administrative oversight acts as one of the methods of ensuring the rule of law, protecting human rights and freedoms and democracy. Based on the foregoing, the author, using the views of domestic and foreign scientists of the theory of state and law, the theory of administrative law and current legislation, examines the concept of legal principles, the content and essence of the principles of administrative supervision.

**Keywords:** Principle, fundamental ideas, legality, law, administrative law, legal regulation, glasnost, democracy.

Мафҳуми принсип чун бисёр мафҳумҳои дигари ҳуқуқӣ аз қонунгузории римӣ омадааст. Мафҳуми ибораи «principium» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш ғоя, асосҳои умумии роҳбарикунанда ва ё замина буда, римиёни қадим онро чунин маънидод кардаанд: «принсип қисми асосии ҳама чиз аст (principium est portissima pars cujuque rei)»[436].

Дар қатори мафҳуми «принсипи ҳуқуқ» дар адабиётҳои илмӣ боз якчанд мафҳумҳои ҳаммаъно ба монанди: «ғояҳои ҳуқуқии роҳбарикунанда», «асосҳои раҳнамокунанда» низ истифода мешаванд. Хулоса, принсипҳо ин маҷмуи ғояҳое мебошанд, ки сохти идеологии на танҳо давлат ва ё ҷамъият, балки тамоми иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятиро таҷассум мекунад.

Дар зери мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ ғояҳои умумии роҳбарикунанда, асос ё ибтидое фаҳмида мешавад, ки сохтори таркибӣ, хусусият ва самтҳои умумии такмили меъёри ҳуқуқро дар ҳудуди низоми ҳуқуқ ё соҳаҳои алоҳидаи он ифода менамояд[437]. Олимони ватанӣ Н. Шонасридинов ва Р.Б. Бозоров низ ҷонибдори андешаи мазкур мебошанд ва менависанд, ки принсипи ҳуқуқӣ ғояи роҳбарикунандаест, ки моҳиятан чун сохтори меъёри ҳуқуқ раванди умумии такмили онҳоро дар худ ифода мекунанд[438].

---

[436] Ниг.: Головин А.Понятие принципа права: некоторые вопросы // Арбитражный и гражданский процесс. – № 4. 2009. – С. 2-6.
[437] Ниг.: Сироватская Л.А. Трудовое право. Учебник, 2– е изд.,перераб. и доп. – С. 51.
[438] Ниг.: Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б. Ҳуқуқи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри 2. – Душанбе: Сомон, 2006.– С. 7.

Ба ақидаи олим – назариётчии ватанӣ С.Ҳ. Ҳасанов: “Принсипҳои ҳуқуқ ин қоидаҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки қонуниятҳои объективии ҳаёти ҷамъиятиро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам мекунанд”[439]. Олими дигари тоҷик Р.Ш. Сотиволдиев менависад, ки принсипҳои ҳуқуқ ин низоми ақидаҳо, асосҳои пешбарандаи ҳуқуқро меноманд, ки дар худ меъёрҳои баробарӣ, озодиву адолатро инъикос намуда, моҳияти ҳуқуқро ифода мекунанд”[440].

Ба андешаи мо, принсипи ҳуқуқ на танҳо ақидаҳои пешбаранда, балки асосҳои умумии роҳбарикунанда ва ғояҳои умумиэътирофшудае мебошанд, ки мақсади асосии онҳо – мустаҳкам намудани таркиб ва сохтори меъёрҳои ҳуқуқ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, меъёрҳои ҳуқуқӣ дар асоси принсипҳои ҳуқуқ таҳрезӣ шуда, онҳо пойдевори асосии низоми ҳуқуқии давлатро ташкил менамоянд. Дар навбати худ, принсипи ҳуқуқ барои аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Яъне, агар ҳуқуқ моҳиятан дар шакли ҳуқуқдоркунӣ, уҳдадоркунӣ ва манъкунӣ ифода ёбад, меъёрҳои ҳуқуқӣ тарзу рафтори одамон, ташкилот, корхонаю муассисаҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқро дар шароити гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ муқаррар ва танзим менамояд. Ин аст, ки ҳуқуқ ва меъёри ҳуқуқӣ аз ғояҳои умумии роҳбарикунанда, яъне принсипҳои ҳуқуқӣ ибтидо гирифта, онҳоро дар худ таҷассум ва дарҷ менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки принсипҳои ҳуқуқӣ на танҳо дар марҳилаи ҳуқуқэҷодкунӣ, балки дар ҷараёни шарҳу эзоҳ ва татбиқи меъёри ҳуқуқӣ низ нақши муассир мебозанд. Принсипҳои ҳуқуқӣ имкони шарҳ, эзоҳ, мазмун ва моҳияти меъёрҳои ҳуқуқиро фароҳам оварда, тарзи татбиқи дурусти онҳоро таъмин мекунанд. Принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ бо ҳам алоқаманд буда, бе якдигар ҷой дошта наметавонанд. Аз ин лиҳоз якмаъно ва якзайл пиндоштани принсипҳои ҳуқуқ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ нодуруст аст.

Омӯзиши масъалаҳои умумӣ – назариявии мафҳуми принсипҳо борҳо диққати олимон ва ҷомеаи илми ҳуқуқшиносии муосирро ба худ ҷалб кардааст.

Муҳаққиқи рус А.Г. Берестенников дуруст қайд менамояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ, вобаста ба муайян намудани мафҳуми принсип, гуногунандешӣ мавҷуд аст. Дар ҳамин асос, номбурда зарур мешуморад, ки новобаста аз мавҷудияти гуногунандешӣ масъалаи мазкур дар адабиёти илмӣ-назариявӣ бояд пурра баррасӣ гардида, хусусиятҳои муҳими онҳо, минбаъд дар таҳким намудани онҳо дар қонунгузорӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ баррасӣ гарданд[441].

---

439 Ниг.: Ҳасанов С.Ҳ., Ҳасанов М. \С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд. “ШАХ”. 2005. – С. 205.

440 Ниг.: Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. Нашри 2. – Душанбе, 2002. – С. 129.

441 Ниг.: Берестенников А.Г. Сущность принципов права: теоретические проблемы понимания / А. Г. Берестенников // Baikal Research Journal. — 2016. — Т. 7, № 3. — DOI : 10.17150/2411– 6262.2016.7(3).25. [Махзани электронӣ]:Дастрас аз: http://brj– bguep.ru. (Санаи муроҷиат 02.11.20).

Ҷонибдории хешро нисбати ин ақида баён медорем ва таъкид менамоем, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ одатан мафҳуми принсип ҳамчун асос ва ё ғояи умумии роҳбарикунандаи ин ё он соҳаи ҳуқуқ маънидод карда шудааст. Дар баробари ин, бисёре аз тадқиқотчиён принсипҳои ҳуқуқро ҳамчун асос, ибтидо, ҳолат ва андешаҳое, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам шудаанд ва ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамоянд маънидод менамоянд[442].

А.М. Дроздова қайд мекунад, ки принсипҳои ҳуқуқ одатан ҳамчун ғояҳои асосии роҳнамо қабул карда мешаванд ва моҳиятан сохтори таркибии меъёри ҳуқуқӣ эътироф шуда, мазмуни онро таъмин ва тавсиф медиҳанд. Онҳо аксар вақт чун заминаи пайдоиши низоми ҳуқуқӣ баромад менамоянд[443]. Баръакс, В.К. Бабаева андеша дорад, ки принсипҳои умумӣ ба мисоли демократия, инсондустӣ, адолат, баробарҳуқуқӣ, қонуният на ҳамавақт принсипҳои ҳуқуқӣ шуда метавонанд, зеро онҳо чун принсипҳои умумии идеологӣ эътироф шудаанд[444].

Доир ба ин масъала, В.Н. Протасов қайд мекунад, ки дар ҳақиқат принсип ҳамчун асосҳои роҳбарикунанда дар ҳуқуқ ё низоми ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад[445]. Одатан зери мафҳуми принсипҳои ҳуқуқ ин маҷмуи ғояҳои роҳбарикунанда ва ё асосҳои умумии роҳбарикунандае фаҳмида мешаванд, ки бо мазмун ва моҳияти худ меъёрҳои ҳуқуқро мустаҳкам менамоянд. Дар навбати худ А.В. Мартынов принсипи ҳуқуқро ҳамчун воситаи зарурии бартараф намудани камбудиҳои қонунгузории амалкунанда ва ҳифзи ҳуқуқ низ номидааст[446].

Ба андешаи мо, принсипҳо ҳамчун ғояҳои умумии роҳбарикунанда, субъектони муносибатҳои ҳуқуқиро уҳдадор мекунад, то ки аз содир намудани амалҳои зиддиҳуқуқӣ худдорӣ намоянд ва мазмуну талаботи меъёрҳои ҳуқуқро эҳтиром намоянд. Онҳо сарчашмаи асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф карда шудаанд.

Агар ба таҳлили принсипҳои алоҳидаи соҳавӣ назар андозем, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ҳангоми муайян кардани принсипҳои вазъи ҳуқуқии шахс, инсон, ҳаёт ва саломатӣ, қадру номус, амният ва дахлнопазирии шахсии ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф карда шудааст[447]. Аз ҳамин хотир, ба принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии шахс, инҳо дохил карда шудаанд:

- ҳуқуқ ва озодиҳо ба шахс, аз лаҳзаи таваллуд;

---

[442] Ниг.: Масалан: Матузов Н.И, Малько А.В. Теория государства и права. – М. 2004. [Махзани электронӣ]: Дастрас аз: https://docviewer.yandex.ru/view/0/?page. (Санаи муроҷиат 01.02.2021).

[443] Ниг.: Дроздова, А.М. Принципы права и некоторые аспекты теоретического понимания прав человека [Текст] / А.М. Дроздова. // Юридическая мысль. – 2017. – № 5. – С. 8-14

[444] Теория государства и права / под ред. В.К. Бабаева. — М.: Юристъ, 2003. — С. 225..

[445] Протасов В.Н., Протасова Н.В. Лекции по общей теории права и теории государства. – М.: Городец. 2010. – С. 517.

[446] Мартынов А.В. Принципы как необходимый элемент правовой конструкции административного надзора // Научный вестник Омской академии МВД России. 2009. [Махзани электронӣ]: Дастрас аз: https:.https://cyberleninka.ru/article/n/printsipy-kak-neobhodimyy-element-pravovoy-konstruktsii-administrativnogo-nadzora. (Санаи муроҷиат 01.02.2021).

[447] Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. – М., 1979. – С. 38.

- ҳеҷ кас шахси дигарро аз ҳуқуқу озодиҳояш беасос маҳрум ва ё маҳдуд карда наметавонад;

- амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои як шахс набояд барои амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои дигарон монеъа шавад;

- ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд;

- истифодаи ҳуқуқу озодиҳо барои маҷбуран тағйир додани сохти конститутсионии давлат манъ аст.

Умуман, то ба имрӯз якчанд гурӯҳҳои принсипҳои ҳуқуқӣ, ба мисоли принсипҳои умумӣ, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ мавҷуд мебошанд. Дар низоми принсипҳои соҳавии ҳуқуқӣ нақши муҳимро принсипҳои ҳуқуқи маъмурӣ мебозанд.

Тибқи назарияи ҳуқуқи маъмурӣ принсипҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ин асосҳои умумии роҳбарикунандае фаҳмида мешаванд, ки қонунӣ, объективӣ ва мақсаднок будани фаъолияти субъектони муносибатҳои маъмуриро муайян намуда, таъиноти ҳар яки онҳоро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мустаҳкам менамояд ва дар навбати худ, арзишҳои асосии онҳоро инъикос мекунанд[448].

Олими ватани Х. Ойев андеша дорад, ки принсипҳои ҳуқуқи маъмурӣ гуфта, «он ғояҳои роҳбарикунандаро меноманд, ки дар меъёрҳои ин соҳаи ҳуқуқӣ муқаррар карда шуда, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва дигар шахсон дар аснои иҷрои вазифаҳои худ ба онҳо такя менамоянд»[449].

Дар ҳуқуқи маъмурии муосир одатан чунин принсипҳои умумӣ фарқ карда мешаванд: ҳуқуқэҷодкунии демократӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқ; баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва ҳифзи ҳуқуқ; масъулияти мутақобилаи давлат ва шахс; инсондустӣ, қонуният ва ғайраҳо.

Ю.А. Тихомиров ба принсипҳои ҳуқуқи маъмурӣ чунин принсипҳоро шомил медонад: 1) принсипи мавҷудияти сохтори зинавии (иерархии) субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ ва алоқамандии муносибатҳои байни онҳо; 2) қонунӣ будани фаъолияти субъектони ҳуқуқи маъмурӣ; 3) хусусияти функсионалӣ ва махсусгардонидашудаи фаъолияти субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ; 4) иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо дар идоракунии давлатӣ; 5) амалӣ намудани ваколатҳои ҳокимиятӣ (оммавӣ) аз ҷониби дастгоҳи касбии махсус таъсисдодашудаи давлатӣ ва шахсони мансабдори он[450]. Бо ин хусусиятҳои худ принсипҳои ҳуқуқи маъмурӣ аз дигар принсипҳои ҳуқуқӣ фарқ менамояд.

Маълум аст, ки назорати маъмурӣ чун яке аз шаклҳои фаъолияти ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини волоияти қонун, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, таъмини демократия дар ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад менамояд[451]. Ба андешаи мо, барои дар сатҳи лозима амалӣ намудани назоратӣ маъмурӣ ҳамчун шакли фаъолияти идоракунӣ ва усули амалигардонии ҳокимияти

[448] Ниг.: Коренев А.П. Административное право России. – М., 1996. – С. 32– 35.
[449] Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. 2013. – С. 47.
[450] Ниг.: Тихомиров Ю.А. Административное право и процесс: полный курс. – М.: 2001. – 652 с.
[451] Ниг.: Беляев В.М. Конроль и надзор как формы юридической деятельности: вопросы теории и практики. Автореф. дисс. … канд. юрид. наук. 12.00.01. – Саратов 2006. – С. 3.

давлатӣ, ба принсипҳои муайяне, ки моҳияти ин падидаи ҳуқуқи маъмуриро ифода мекунанд, бояд асос ёбад. Одатан, бо дарназардошти фаъолияти мақомоти салоҳиятноки соҳаи назорати маъмурӣ, принсипҳои назорати маъмуриро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

- принсипҳои умумии назорати маъмурӣ:
- принсипҳои махсуси назорати маъмурӣ.

Инак назар меандозем ба принсипҳои назорати маъмурӣ, ки дар қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд.

Тибқи талаботи меъёрҳои моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба принсипҳои амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ қонуният, ҳаққоният, мустақилият ва ошкорбаёнӣ дохил мешаванд[452].

Ҳамчунин, дар асоси меъёрҳои моддаи 6-и Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомотҳои прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба принсипҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти прокуратура тобеияти прокурорҳои поёнӣ ба прокурорҳои болоӣ ва ба прокурори генералӣ дар ҳудуди салоҳияти худ таъмин ва ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, баробарии онҳо дар назди қонун, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил,  молу мулк ва мӯътақидоти дигар, хилоф набудани фаъолияти мақомоти прокуратура ба қонунгузорӣ ва ошкоро будани онҳо, сари вақт ошкор ва бартараф кардани ҳар гуна ҳуқуқвайронкунӣ, сарфи назар аз он ки ин кирдор аз тарафи кӣ содир мешавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва бо тартиби муқарраркардаи қонун ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон чора андешидан; ваколатҳои худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳи конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи салоҳияташ қабул намудааст, иҷро намудан дохил мешавад[453].

Дар асоси ин таҳлилҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба принсипҳои асосии назорати маъмурӣ пеш аз ҳама қонуният, демократия, ошкорбаёнӣ ва ба ин монанд принсипҳои умумии ҳуқуқӣ дохил мешаванд[454].

Қонуният ҳамчун принсипи умумии ҳуқуқӣ дар назорати маъмурӣ ба мақсади татбиқи дақиқ ва якхелаи қонунҳо ҳангоми иҷрои фаъолияти субъектҳои амаликунандаи назоратӣ ифода ёфтааст. Принсипи мазкур пеш

[452] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 ноябри соли 2002, № 321. [Махзани электронӣ] // Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://www.mmk.tj.

[453] Ниг.:Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомотҳои прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005, № 107. [Махзани электронӣ] // Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: http://www.mmk.tj.

[454] Масалан, тибқи талаботи моддаи моддаи 4-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба принсипҳои умумии фаъолияти Агентӣ дохил мешаванд: қонуният; эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; баробарии ҳама дар назди қонун.

аз ҳама дар фаъолияти мақомоте, ки дар онҳо назорат қисми таркибии фаъолияти онҳо аст ба роҳ монда мешавад[455].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ нисбати ин масъала андешаҳои гуногун мавҷуд мебошанд ва чи тавре, ки И.А. Нестерова қайд менамояд, танҳо аз нуқтаи назари қонуният ба фаъолияти мақомоти назоратшаванда ва шахсони мансабдори онҳо баҳо додан мумкин аст[456]. Ба андешаи мо, маҳз тавассути принсипи мазкур фаъолияти мақомоти салоҳиятноки назоратӣ тибқи қонунгузорӣ бояд ба роҳ монда мешавад.

Демократия принсипи навбатии умумии назорати маъмурӣ буда, бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроия ва дигар мақомотҳои давлатӣ равона карда шудааст.

Назорати демократӣ – маънои татбиқи он ба манфиати ҷомеа ва аз номи он дар назар дошта шуда, мақсади асосии он мустаҳкам намудани алоқамандии фаъолияти мақомоти назоратӣ ва аҳолӣ мустаҳкам намудани робитаи байни онҳоро дар назар дорад ва бешубҳа риояи қатъии принсипи мазкур ин кафолати таҳкими волоияти қонун аст.

Тибқи принсипи ошкорбаёнӣ, назорати маъмурӣ бо мақсади ҳимояи шахс, давлат ва ҷомеа, сари вақт бартараф кардани ҳама гуна қонуншиканиҳо, сабабҳои сар задани онҳо, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда ва ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани субъектон равона карда шудааст. Мақсади асосии принсипи мазкур ин ошкоро ва тибқи талаботи қонун баррасӣ намудани тамоми парвандаҳо дар соҳаи назорати маъмуриро дар назар дорад. Таъмини ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандон ҷиҳати пешгирӣ ва муайян намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, андешидани чораҳо барои бартараф намудани онҳо, ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон аз ҷониби субъектони ваколатдор танҳо ба манфиати қонун вазифаи аввалиндараҷаи ин принсип маҳсуб меёбад. Ошкорбаёнӣ боз як ҷанбаи дигар дорад – бо назардошти афкори умум танқиди баъзе нуқтаҳо, татбиқ намудани назорати маъмурӣ ба хотири такмили минбаъдаи он.

Ба принсипҳои махсуси назорати маъмурӣ бошад одатан дохил мешаванд:

- ягонагӣ ва мутамарказгардонии назорати маъмурӣ;
- мустақилияти мурофиавӣ;
- мутамарказонидан;
- муносибати ҳамҷоя (комплексӣ) барои амалишавии назорат;
- ягонагии назорат ва татбиқи ҷазо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ.

---

[455] Масалан, тибқи талаботҳои меъёрҳои моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ» аз 21 июли соли 2010, анҷом додани идоракунии молиявӣ дар ҳамаи сохторҳо, барномаҳо, намуди фаъолият ва амалиёт, роҳбарии онҳо мувофиқи принсипҳои қонуният, идоракунии устувори молиявӣ ва шаффофият амалӣ карда мешавад.

[456] Ниг.: Нестерова И.А. Административный надзор // Энциклопедия Нестеровых – [Махзани электронӣ]: Дастрас аз: http://odiplom.ru/lab/administrativnyi–nadzor.html – (Санаи муроҷиат 01.12.2020).

Принсипи ягонагӣ ва мутамарказгардонии назорати маъмурӣ онро дар назар дорад, ки тибқи қонунгузории амалкунанда ваколати амалӣ намудани назорати маъмурӣ танҳо барои мақомоти салоҳиятноки давлатӣ пешбинӣ мешаванд ва иҷроиши онҳо якхела аст.

Принсипи озодии мурофиаи маъмурӣ мустақилияти мақомоти назоратиро дар қабули қароре, ки ба субъектҳои салоҳиятноки маъмурӣ дахл доранд, дар назар дорад.

Принсипи марказонидан мавҷудияти низоми ягонаи марказонидашудаpo дар назар дорад, ки дар асоси принсипҳои ягона ташкил карда шудааст.

Принсипи муносибати ҳамҷоя ба татбиқи назорати маъмурӣ аз он иборат аст, ки низом ва роҳу усулҳои гуногуни амалишавии назорати маъмурӣ мавҷуд аст.

Принсипи ягонагии назорати маъмурӣ – ин амалишавии назорат қатъиян мувофиқи қонун ва татбиқи ҷазои ягона барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. Баррасӣ намудани принсипҳои махсуси назорати маъмурӣ, ба андешаи мо ба сифати матлаби таҳқиқоти минбаъда баромад менамояд.

Хулоса, назорати маъмурӣ ҳамчун як намуди мустақили фаъолияти давлат оид ба таъмини волоияти қонун ва интизом дар раванди амалисозии ҳокимияти иҷроия дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- воситаи муосири таъмин намудани тобеъияти ташкилии субъектҳои назорат ва объектҳои назоратшаванда;

- таъмини фаъолияти объектҳои назоратшаванда танҳо аз нуқтаи назари қонуният;

- имконнопазирии дахолат ба фаъолияти оперативӣ ва хоҷагии объекти назоратшаванда;

- таъмини имконияти истифодаи мустақили чораҳои маҷбуркунии маъмурӣ дар ҳолатҳои ошкор шудани ҳуқуқвайронкунӣ ҷиҳати таъмини амнияти объектҳои гуногун.

Инак, назорати маъмурӣ ҳамчун воситаи замонавии таъмини волоияти қонун ва интизом як намуди махсуси фаъолияти мақомоти ваколатдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори он мебошад, ки ба мақсади иҷрои қатъӣ ва дақиқи қоидаҳои умумиҳатмии барои ҷомеа ва давлат муҳим маҳсуб меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки амалӣ намудани назорати маъмурӣ аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятноки назоратӣ тибқи принсипҳои мазкур яке аз самтҳои асосии таъмини волоияти қонун ба шумор меравад. Дар ҳамин асос, он принсипхое, ки дар қонунгузории амалкунанда вобаста ба назорати маъмурӣ мустаҳкам карда шудаанд, ба таври лозима наметавонанд барои самаранок амалӣ шудани ин падида мусоидат намоянд.

Ба андешаи мо, барои дуруст ба роҳ мондани назорати маъмурӣ, зарурати ворид намудани принсипҳои иловагӣ, ба қонунгузории амалкунанда, яъне принсипи ошкоро будани назорати маъмурӣ ҳангоми

амалӣ намудани фаъолияти назоратӣ ва принсипи мутобиқати фаъолияти мақомоти салоҳиятноки назоратӣ ба меъёрҳои умумидемократӣ ба миён омадааст.

Мувофиқи принсипи якум, он аз талаботи фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти салоҳиятноки назоратӣ, яъне ошкоро будани назорати маъмурӣ ба андешаи мо, барои муайян кардани мақсади асосӣ, вазифа, функсияи он мусоидат мекунад ва дар навбати худ он барои дар асоси талаботи қонунгузорӣ татбиқ намудани он имконият фароҳам меорад.

Принсипи мутобиқати фаъолияти мақомоти салоҳиятноки назоратӣ ба меъёрҳои умумидемократӣ – ин талаботи қонун аст. Аз ин хотир, давлат ва мақомотҳои салоҳиятноки давлатӣ вазифадоранд, назорати маъмуриро тибқи талаботҳои ҷомеаи демократӣ самаранок роҳандозӣ намоянд. Дар ҳамин асос, ҳангоми амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои назорати маъмурӣ, мақомоти салоҳиятноки амаликунандаи назорати маъмурӣ бояд ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсонро таъмин намоянд ва дар навбати дигар, фаъолияти худро тибқи талаботҳои меъёрҳои умумидемократӣ мутобиқ намоянд.

**Адабиёт:**


1. Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005, - № 107. [махзани электронӣ] // Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди президенти ҷумҳурии тоҷикистон: http://www.mmk.tj.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, № 374. [махзани электронӣ] // Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди президенти ҷумҳурии тоҷикистон: http://www.mmk.tj.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 ноябри соли 2002, № 321. [махзани электронӣ] // сомонаи маркази миллии қонунгузории назди президенти ҷумҳурии тоҷикистон: http://www.mmk.tj.
4. Берестенников А.Г. Сущность принципов права: теоретические проблемы понимания / а. Г. Берестенников // baikal research journal. — 2016. — т. 7, № 3. — doi: 10.17150/2411–6262.2016.7(3).25. [махзани электронӣ]: http://brj–bguep.ru. (санаи муроҷиат 02.12.2020).
5. Беляев В.М. Конроль и надзор как формы юридической деятельности: вопросы теории и практики. Автореф. дисс. … канд. юрид. наук. 12.00.01. – Саратов 2006. – С. 3.
6. Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе. – Москва. Наука, 1979. – 229 с.
7. Головин А. Понятие принципа права: некоторые вопросы // арбитражный и гражданский процесс. – № 4. 2009. – С. 2-6.
8. Дроздова А.М. Принципы права и некоторые аспекты теоретического понимания прав человека // Юридическая мысль. – 2017. – № 5. – С. 8 –14

9. Коренев А.П. Административное право россии. – М., 1997. – 279 с.
10. Мартынов А.В. Принципы как необходимый элемент правовой конструкции административного надзора // научный вестник омской академии мвд россии. 2009. [махзани электронӣ]: дастрас аз: https:.https://cyberleninka.ru/article/n/printsipy–kak–neobhodimyy–element–pravovoy–konstruktsii–administrativnogo–nadzora. (санаи муроҷиат 01.02.2021).
11. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права. – М. 2004. [махзани электронӣ]: дастрас аз: https://docviewer.yandex.ru/view/0/?page. (санаи муроҷиат 01.02.2021).
12. Нестерова И.А. Административный надзор // Энциклопедия нестеровых. [махзани электронӣ]: дастрас аз: http://odiplom.ru/lab/administrativnyi–nadzor.html – (дата обращения: 01.12.2020).
13. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии ҷумҳурии тоҷикистон. – Душанбе. 2013. – 564 с.
14. Протасов В.Н., Протасова Н.В. Лекции по общей теории права и теории государства. – М.: Городец. 2010. – 751 с.
15. Сироватская Л.А. Трудовое право. Учебник, 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Юристъ, 1998. – 308 с.
16. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2003. – 552 с.
17. Тихомиров Ю.А. Административное право и процесс: полный курс. – М.: 2001. – 652 с.
18. Теория государства и права / под ред. В.К. Бабаева. – М.: Юристъ, 2003. – С. 225.
19. Ҳасанов С.Ҳ., Ҳасанов М.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Шах, 2005. – 412 с.
20. Шонасридинов Н. Бозоров Р.Б. Ҳуқуқи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри 2. – Душанбе: Сомон. 2006. – С. 7.

# ҶАНБАЪҲОИ ҲУҚУҚӢ-МАЪМУРИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Носиров Алишер Саидбекович,**
унвончӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Тел.:** (+992) 904 58 88 48
**E-mail:** alisher.nosirov94@mail.ru

**Роҳбари илмӣ:** Соибов З.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Муқарриз:** Саъдизода Ҷ., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Фишурда:** Амнияти иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбад. Муҳиммияти таъмини амнияти иқтисодӣ дар он ифода мегардад, бо амалӣ намудани тадбирҳои дахлдор дар ин самт хавфу хатарҳои мавҷуда пешгирӣ гардида, ҳамчунин вазифа ва ҳадафҳои давлатӣ дар заминаи он иҷро мегарданд. Аз он ҷумла, рушди иқтисоди кишвар, таъмини инкишофи ҳамкориҳои иқтисодии кишвар бо кишварҳо ва созмонҳои хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсон ва ғ. Масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи маъмурӣ дар сатҳи дахлдор мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки амнияти иқтисодӣ дар баробари дигар механизмҳо, ҳамчунин тавассути восита ва механизмҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ таъмин мегардад. Ҳамзамон, дар иртибот бо таъмини амнияти иқтисодӣ дар низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мақомоти ваколатдор оид ба таъмини амнияти иқтисодии кишвар таъсис гардидаанд, ки функсияҳои идоракунии давлатиро дар ин самт амалӣ менамоянд. Онҳо дар маҷмуъ сиёсати давлатӣ, вазифа ва функсияҳои идоракунии давлатӣ ва салоҳияти ҳокимиятиро дар самти зикршуда амалӣ менамоянд.

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ баррасӣ гардида, дар он андешаҳои муаллиф иброз гардидааст. Хусусан, аз андешаҳои муаллиф бармеояд, ки дар шароити муосир соҳаи иқтисодиёт ва таъмини амнияти он ба сифати объекти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунад ва зарурият ба таҳқиқоти ҳамаҷониба дорад.

**Калидвожаҳо:** Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ, идоракунии давлатӣ амнияти иқтисодӣ, меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, механизмҳои таъмини амнияти иқтисодӣ, амнияти миллӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, таҳдид ва хатарҳо, ҳолати муҳофизатӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, ваколатҳои ҳокимиятӣ.

# АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Носиров Алишер Саидбекович,**
соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
**Тел.:** (+992) 904 58 88 48.
**E-mail:** alisher.nosirov94@mail.ru

**Научный руководитель:** Соибов З.М., кандидат юридических наук, доцент
**Рецензент:** Саъдизода Дж., кандидат юридических наук, доцент

**Аннотация:** Экономическая безопасность является одним из важнейших вопросов научных исследований в современных условиях. Важность обеспечения экономической безопасности заключается в том, что с реализацией соответствующих мер предотвращаются существующие вызовы и угрозы в этом направлении, а также на её основе выполняются государственные задачи и цели. В том числе, развитие экономики страны, обеспечение развития экономического сотрудничества государства с зарубежными странами и организациями, охрана прав и интересов лиц и др. Этот вопрос был проанализирован в области административного права на соответствующем уровне. Следует отметить, что экономическая безопасность обеспечивается наряду с другими механизмами, а также административно-правовыми средствами и механизмами. Вместе с тем, в связи с обеспечением экономической безопасности в системе органов государственного управления Республики Таджикистан создан ряд уполномоченных органов по обеспечению экономической безопасности страны, которые осуществляют функции государственного управления в этом направлении. Они в целом реализуют государственную политику, задачи и функции государственного управления и властные компетенции в данном направлении.

В данной статье рассматриваются административно-правовые аспекты обеспечения экономической безопасности, в которых высказаны мнения автора. В частности, из мнений автора следует, что в современных условиях отрасль экономики и обеспечение ее безопасности выступает в качестве объекта административно-правового регулирования и имеет необходимость в комплексных исследованиях.

**Ключевые слова:** Административно-правовые регулирование, государственное управление, экономическая безопасность, административно-правовые нормы, механизмы обеспечения экономической безопасности, национальная безопасность, органы государственного управления, экономика, угроза и вызовы, состояние защищенности, хозяйственные субъекты, полномочия власти.

# ADMINISTRATIVE AND LEGAL ASPECTS OF ECONOMIC SECURITY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Nosirov Alisher Saidbekovich,**
applicant of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
**Phone:** (+992) 904 58 88 48.
**E-mail:** alisher.nosirov94@mail.ru

**Scientific adviser:** Soibov.Z.M., Candidate in Law, Associate Professor
**Reviewer:** Sadizoda J., candidate of legal Sciences, associate Professor

**Annotation:** Economic security is considered one of the important issues of scientific research in modern conditions. The importance of ensuring economic security lies in the fact that with the implementation of appropriate measures, existing challenges and threats in this direction are prevented, and state tasks and goals are fulfilled on its basis. Including, the development of the country's economy, ensuring the development of economic cooperation between the state and foreign countries and organizations, protecting the rights and interests of individuals, etc. This issue is analyzed at the appropriate levels in the science of administrative law. It should be noted that economic security is ensured along with other mechanisms, as well as administrative and legal means and mechanisms. At the same time, in connection with ensuring economic security in the system of public administration bodies of the Republic of Tajikistan, a number of authorized bodies have been established to ensure the economic security of the country, which carry out the functions of public administration in this direction. In general, they implement the state policy, tasks and functions of state administration and power competencies in this direction.

This article discusses the administrative and legal aspects of ensuring economic security, in which the author's opinions are expressed. In particular, it follows from the author's opinions that in modern conditions, the branch of the economy and ensuring its security acts as an object of administrative and legal regulation and has a need for comprehensive research.

**Keywords:** Administrative and legal regulation, public administration, economic security, administrative and legal norms, mechanisms for ensuring economic security, national security, public administration, economy, threats and dangers, protective state, economic entities, authorities.

Амнияти иқтисодӣ кайҳо боз дар сатҳи илмҳои муосир, аз қабили иқтисод, ҳуқуқшиносӣ ва ғ. ба ҳайси объекти таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаст. Масъалаи мазкур бештар дар риштаи иқтисод мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷаи маводҳои гуногуни илмӣ таҳия гардиданд. Дар баробари ин, масъалаи амнияти иқтисодӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ дар доираи соҳаҳои алоҳида таҳлил гардидаст. Хусусан, дар илми ҳуқуқи маъмурӣ масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон баррасӣ ва

таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии онҳоро равшан намуда, барои танзими маъмурӣ-ҳуқуқии самараноки он тавсияҳои гуногуни илмӣ пешниҳод кардаанд. Бояд зикр кард, ки амнияти иқтисодӣ ва ҷаньбаҳои маъмурӣ-ҳуқуқии он асосан аз ҷониби мутахассисони хориҷӣ таҳлил гардидааст. Дар илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ бошад, масъалаи танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ аз ҷониби муҳаққиқи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Қайд намудан зарур аст, ки маҳз яке аз мақсадҳои танзими маъмурӣ-ҳуқуқии иқтисодиёт қонунигардонии шакл ва усулҳои муассири таъсиррасонӣ ба фаъолият дар соҳаи мазкур, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди муносибатҳои иқтисодӣ мебошад[457]. Бинобар ҳамин, дар шароити муосир аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ баррасӣ ва таҳлил намудани масъалаи амнияти иқтисодӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ дошта, метавонад, ки мушикилиҳои ҷойдоштаи соҳавиро ошкор карда, барои беҳтар намудани танзими маъмурӣ-ҳуқуқии масъалаи мазкур мусоидат намояд.

Дигар ҷиҳати мубрам ва муҳим будани масъалаи танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ ин дар сатҳи қонунгузории кишвар танзим гардидани он мебошад. Яъне, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти иқтисодиро ҷузъи таркибӣ, ҷудонашаванда ва муҳимми амнияти миллии кишвар муқаррар намуда, тадбирҳои таъминкунандаи онро пешбинӣ менамояд.

Чуноне аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, амнияти иқтисодӣ баёнгари ҳолати муҳофизатии соҳаи иқтисодиёт аз таҳдиду хатарҳои дохилӣ ва берӯна мебошад. Дар сурате, ки амнияти иқтисодӣ ҳолати муҳофизатӣ аст, он бояд таъмин карда шавад. Яъне, тавассути тадбирҳои дахлдор, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, таъмин карда шавад.

Яке аз намудҳои маъмули танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти иқтисодӣ ин танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Албатта, танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ муҳиммияти хоса дошта, ҷавҳари асосии онро меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ташкил дода, тавассути онҳо таъмин карда мешавад. Бояд гуфт, ки дар доираи танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ амнияти иқтисодӣ ифодагари соҳа ва ё муносибати ҷамъиятӣ буда, ба таври мушаххас ҳамчун объекти он баромад менамояд. Яъне, амнияти иқтисодӣ таҳти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ қарор мегирад.

Қайд намудан зарур аст, ки амнияти иқтисодӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ аз соҳаи иқтисодиёти кишвар бар меояд. Амнияти иқтисодӣ воситаи муҳимтарини таъминкунандаи рушду устувории соҳаи иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Дар заминаи таъмини амният хавфу хатарҳо ба пешгирӣ ва бартараф гардида, рушди муттасили он таъмин карда мешавад. Тавре маълум аст, яке аз соҳаҳои васеъпаҳншудаи ҷамъиятӣ, ки таҳти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ қарор мегирад, маҳз соҳаи иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Вазифаҳои танзими маъмурӣ-ҳуқуқии соҳаи иқтисодиёт дар таъмини механизми ҳуқуқии таъсиррасонии давлат

---

[457] Саидов З.А. Административно-правоове регулирование в сфере экономики: автореф. дисс. … док. юрид. наук. – М., 2017. – С. 4.

ба рушди иқтисодиёт, ки ба манфиати тамоми ҷомеа ва ҳар як аъзои он нигаронида шудааст, таъмини фаъолияти озоди иқтисодӣ, ки ба рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ, мустаҳкамии иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии кишвар мусоидат мекунад ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ифода мегардад[458]. Вобаста ба ин, амнияти иқтисодӣ масъалаи марбут ба соҳаи иқтисодиёти кишвар аст, ки фарогири паҳлӯи ҳифозатии он буда, тавассути тадбирҳои гуногун мавриди таъмин қарор мегирад. Модоме, ки соҳаи иқтисодӣ ба сифати объекти муҳимтарини танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунад, амнияти иқтисодӣ низ бе ягон шакку шубҳа мавриди чунин намуди танзими ҳуқуқӣ қарор мегирад. Бинобар ҳамин, амнияти иқтисодӣ ва таъмини он дар баробари дигар намудҳои танзими ҳуқуқӣ, таҳти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ қарор гирифта, дар доираи меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ сурат мегирад.

Барои дарки мазмун ва моҳияти танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ зарур аст, ки хусусиятҳои хоси ин намуди танзими ҳуқуқиро муайян намуд. Вобаста ба ин, танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ чунин хусусиятҳоро доро мебошад:

1. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ пеш аз ҳама хусусияти давлатӣ-ҳокимиятӣ дорад. Ин хусусият танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ маънии онро дорад, ки танзими мазкур дар заминаи муносибати нобаробарии тарафҳо сурат мегирад. Яъне, дар раванди таъмини амнияти иқтисодии кишвар ҳадди аққал як тараф дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ (мақомоти идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдори он) баромад мекунанд. Субъектҳои дорои ваколатҳои ҳокимиятӣ бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ таъсиррасониҳои дахлдорро амалӣ мекунанд[459];

2. Дар заминаи танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ таъсиррасониҳои давлатӣ амалӣ карда мешавад. Ин ифодагари он аст, ки танҳо давлат метавонад, ки амнияти иқтисодии кишварро дар сатҳи пурра ва мукаммал таъмин намуда, дар ин замина ба рушди соҳаи иқтисодии кишвар мусоидат намояд. Ба таври дигар, иродаи давлат нисбати таъмини амнияти иқтисодии мамлакат инъикос карда мешавад;

3. Асоси танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодии кишварро меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Барои он, ки амнияти иқтисодӣ тавассути тадбир, механизм ва фишангҳои дахлдор таъмин карда шавад, сараввал бояд маҷмуи меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва мавриди амал қарор гиранд. Меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор (қонунгузории маъмурӣ) инъикос гардида, мазмунан муқарраротӣ умумиҳатмиро дар иртибот бо таъмини амнияти иқтисодии кишвар пешбинӣ менамояд ва субъектҳои таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ ва дигар шахсони дар соҳаи иқтисодиёт қарордошта онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд;

---

[458] Хаманева Н.Ю., Альхименко В.В., Медведев В.Н., Салищева Н.Г. Административно-правовое регулирование в сфере экономики в условиях модернизации в России // Труды Института государства и права Российской академии наук. – 2012. – №3. – С. 77-78.

[459] Салоҳиддинова С.М., Соибов, З.М. Нақши мақомоти гумрук дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар Салоҳиддинова // Ахбори Суди конститутсионии ҶТ. – 2019. – №3-4. – С. 94.

4. Амнияти иқтисодӣ чуноне зикр гардид, бо назардошти марбут будан ба соҳаи иқтисодиёти кишвар, ҳамчун объекти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунад. Яъне, барои таъмини он механизмҳои дахлдори танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки шакл ва усулҳои маъмурӣ-ҳуқуқиро (идоракунии давлатӣ) инъикос менамоянд[460], истифода мегарданд;

5. Дар шароити муосир таъмини амнияти иқтисодии кишвар яке аз вазифаҳои муҳимтарини идоракунии давлатӣ маҳсуб меёбад. Бо амалӣ гардидани вазифаи мазкур расидан ба ҳадафҳои иқтисодии кишвар таъмин гардида, шароити муносиби рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт фароҳам оварда мешавад. Вазифаи таъмини амнияти иқтисодии кишвар дар идоракунии давлатӣ тавассути функсияҳои дахлдори идоракунии давлатӣ (махсусан функсияи танзим, контрол ва назорати идоракунии давлатӣ) амалӣ мегардад, чунин функсияҳо хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, тавассути меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муқаррар ва мустаҳкам мегарданд. Дар ин замина, дар умум идоракунии давлатӣ дар соҳаи амнияти иқтисодӣ ба амал баровардa мешавад;

6. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ хусусияти меъёрӣ ва инфиродӣ дорад. Хусусияти меъёрӣ доштани танзими мазкур ифодагари он аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ, махсусан меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ коркард гардида, бо мақсади фароҳам овардани реҷаи ҳуқуқии ягона[461] ва муқаррар намудани қоидаҳои умумиҳатмии рафтор равона мегардад. Чунин хусусияти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ асосан дар заминаи таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат гирифта, масъалаҳои гуногуни марбут ба амнияти иқтисодии кишварро муқаррар мекунанд. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии инфиродӣ бошад, нисбати шахсон ва ҳолатҳои алоҳида дахл дошта, ҳалли масъалаҳои гуногуни ба амнияти иқтисодии кишвар рабтдоштаро таъмин мекунад. Чунин танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ асосан тавассути санадҳои инфиродӣ амалӣ мегардад;

7. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодӣ дурнамои рушди механизмҳои таъмини амнияти иқтисодии кишварро муайян менамояд. Дар заминаи муайян намудани дурнамои рушд консепсия, стратегия ва барномаҳои мақсадноки давлатӣ таҳия ва амалӣ мегарданд, ки давра ба давра хатарҳо ва дигар омилҳои манфии ба иқтисодиёт таъсиркунандаро бартараф карда, механизмҳои таъмини амнияти соҳаи мазкурро тақвият намуда, шаклҳои нав ба нави онро рӯи кор меоранд ва дар маҷмуъ рушду мустаҳкамии иқтисодиёти кишварро таъмин мекунанд;

8. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодии кишвар маҳаки муҳимтарини баландгардии эътимоди шахсон, аз ҷумла субъектҳои хоҷагидори хориҷӣ (сармоягузорон ва ширкатҳои хориҷӣ) нисбати иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Сатҳу сифати танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба таъмини амнияти иқтисодӣ метавонад ба соҳаи иқтисодии кишвар таъсир расонад. Яъне, дар сурати танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар самти мазкур созгор ба роҳ монда бошад, дараҷаи боварӣ ба соҳаи

---

[460] Ойев Х.О. Ҳуқуқи маъмурии ҶТ (қ. 1). – Душанбе. 2013. – С. 59.

[461] Теория государства и права: учебное пособие / под ред. А.В. Юрковского. – Иркутск: Иркутский юридический институт (филиал) Академии Генеральной прокуратуры РФ, 2016. – С. 294.

иқтисодиёти кишвар афзун мегардад. Масалан, дар заминаи танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи иқтисодиёт метавон сатҳи амалҳои коррупсионӣ коҳиш гардонида шавад, монеаҳои субъективӣ дар раванди фаъолияти иқтисодӣ бартараф гардад, ҳавасмандии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар сатҳи лозимӣ таъмин шавад ва контрол ва назорат тибқи тартиби муайяншуда роҳандозӣ гардад дар ин сурат ангезаи сармоягузорӣ намудан ба иқтисодиёти ватанӣ, ҳамкории субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо субъектҳои фаъолияти иқтисоди миллӣ, зиёдгардии чунин намудҳои субъектҳо ва ғ. афзоиш меёбад.

Ҳамин тариқ, амнияти иқтисодӣ ҷузъи таркибии амнияти миллиро ташкил дода, фазои муҳофизатиро дар соҳаи иқтисодиёти кишвар фарҳам меоварад. Таъмини амнияти иқтисодии кишвар тавассути фишангҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ амалӣ гардида, асосан дар заминаи тазимнамоии маъмурӣ-ҳуқуқӣ сурат мегирад. Танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ моҳиятан таъсиррасониҳои ҳокимиятиро (маъмурӣ) таҷассум намуда, воситаи муносиби мусоидаткунанда ба рушди иқтисодиёти миллӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад.

**Адабиёт:**


1. Ойев Х.О. Ҳуқуқи маъмурии ҶТ (қ. 1). – Душанбе. 2013. – 564 с.
2. Саидов З.А. Административно-правоове регулирование в сфере экономики: автореф. дисс. … док. юрид. наук. – М., 2017. – 518 с.
3. Салоҳиддинова С.М., Соибов, З.М. Нақши мақомоти гумрук дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар Салоҳиддинова // Ахбори Суди конститутсионии ҶТ. – 2019. – №3-4. – С. 92-96.
4. Теория государства и права: учебное пособие / под ред. А.В. Юрковского. – Иркутск: Иркутский юридический институт (филиал) Академии Генеральной прокуратуры РФ, 2016. – 620 с.
5. Хаманева Н.Ю., Альхименко В.В., Медведев В.Н., Салищева Н.Г. Административно-правовое регулирование в сфере экономики в условиях модернизации в России // Труды Института государства и права Российской академии наук. – 2012. – №3. – С. 75-87.

## ТАҚРИЗҲО – РЕЦЕНЗИИ

### ТАҚРИЗ

**ба китоби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Холиқзода А.Ғ. «Андешаи давлати миллӣ». – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 684 с.**

Асари Холиқзода А.Ғ. «Андешаи давлати миллӣ» аз назари шакл ва мазмун сазовори омӯзиш, таҳлил ва хулосабардориҳои арзандаи илмист. Китоби мазкур, аз шумули беҳтарин асарҳои илмӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аст, ки масъалаҳои назарӣ ва амалии бунёди давлати миллиро дар Тоҷикистони демократӣ ва ҳуқуқбунёд аз назари илми ҳуқуқшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Соҳиби китоб дар ҳаҷми 7 фасл, оғознома ва хотима андешаҳои илмии хешро атрофи вазъи давлат ва ҳуқуқи муосири миллӣ, масъалаҳои ҷаҳонишавӣ ва давлати миллӣ, мафҳумҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ва андешаи давлати миллӣ, манбаъҳои ташаккули давлати миллӣ дар шакли худшиносии миллӣ, динӣ, таърихи хуқуқ, ташаккули нерӯи инсонӣ ва рушди илм ба тадриҷ дар доираи манфиатҳои давлати миллии тоҷикон, бо далелу фактҳои эътирофшуда ба саҳми хонанда иброз намудааст.

Муаллиф ҳамчун як олими тоҷик, ватандӯст ва содиқ ба ғояҳои роҳбари давлат, андеша меронад, ки дастовардҳои навини илми ҳуқуқшиносӣ ва ғояи давлат ва ҳуқуқи миллӣ дар шароити муосир рӯ ба сӯи инсон овардааст… Дар раванди таҳқиқот ӯ ба ҳайси як олими ватанӣ ва як содиқи давлати миллии хеш, дар пайравии андешаҳои давлатсози Пешвои миллат ба кашфи асрори саодати миллати худ аз назари илми ҳуқуқ ва давлатшиносӣ даст зада, хулоса менамояд, ки олами инсонӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ дар оғози қарни XXI қурбони бозӣ бо усулҳои дугона ва сегона шудааст. Дар чунин шароит ҳамчун як ватандӯсти асил тавассути хукуқи одилона саодати халқ ва давлати миллии худро ҷӯё мегардад. Ҳамин ҷустанҳо, кофтанҳо ва пӯйиданҳои олими ватанӣ тайи беш аз даҳ соли фаъолияти илмӣ, ғояи таҳияи ҳамин китоби «Андешаи давлати миллӣ»-ро дар ниҳоди ӯ пайдо менамояд.

Дили пур аз муҳаббат ба ватан ва ояндаи он, меҳр нисбат ба илми ҳуқуқ дар ҳамоҳангӣ бо даъватҳои созандаи Пешвои миллат умед ва боварии олимро дар рушду нумуи давлати миллӣ афзун менамояд. Ӯ эҳсос менамояд, ки дар чунин шароити нооромии олам танҳо инсони намунавӣ ва шаҳрванди идеалӣ, худшиноси сиёсӣ, миллӣ, динӣ ва ҳуқуқӣ соҳибватан ватани худ ва муҳофизи давлати миллии хеш буда метавонад. Навиштаю гуфтаҳои олим шаҳодат бар он доранд, ки ӯ худро қабл аз ҳама бо чунин сифатҳо дар роҳи илми ватанӣ муаррифӣ менамояд… Ӯ на танҳо ба сифати муҳаққиқ ва муаллифи асари гаронбаҳо, балки ба сифати як ватандори асил низ бо навиштаю гуфтаҳои пур аз меҳраш худро муаррифӣ кардааст. Ӯ ин ҳамаро дар роҳи ҷӯёи шакли давлати идеалӣ таҳия менамояд. Аммо воқеияти илми ҷаҳонӣ ва сиёсати башарӣ ба шаклгирии мафкураи ҳуқуқии ӯ ва аъзоёни ҷомеа таъсир мерасонад. Муҳим он аст, ки ӯ ин равандро

эътироф менамояд, аз он намеҳаросад ва усулҳои илмии истодагариро дар роҳи ҳифзи манфиатҳои миллӣ аз назари ҳуқуқ коркард менамояд.

Тавре ӯ ҳақиқатнигорона менависад: Инсон дар зиндагӣ зери таъсири омилҳои мухталиф умр ба сар мебарад. Дар воқеъ «инсон офарандаи таърих ҳаст, вале ӯ на ҳамеша он тавре ки мехоҳад, ҳамон тавр таърихи худро сохта метавонад». Зеро омилҳои мухталиф, зарурият, талабот, манфиатҳо ӯро ногузир дар доираҳои муайяни рафтор устувор нигоҳ медоранд. Муаллиф дар навиштаҳояш собит менамояд, ки давлатҳои миллиро низ дар шоҳроҳи ташаккулашон чунин мушкилиҳо интизоранд.

Ҷаҳонишавии манфиатҳоро ҳамчун зуҳуроти тавсеаёбандаи олами муосир таҳлил намуда, муаллиф ҳақиқатнигорона менависад, ки ҷаҳонишавӣ чун раванди тамаркузхоҳонае, ки теъдоди афзоишёбандаи иттиҳоди одамонро то рафт бештар ба низоми ягонаи молиявию иқтисодӣ, ҷамъиятию сиёсӣ бо алоқаҳои маданию динию забонӣ муттаҳид менамояд, падидаи нав нест. Ин ҳодиса ҳанӯз аз даврони қадим дар доираҳои мухталиф бо тарз ва шаклҳои гуногун худро вонамуд кардааст.

Муаллиф табиат ва мазмуни ҷаҳонишавиро аз назари илмӣ таҳлил намуда, омилҳои такондиҳандаи онро амиқ муайян менамояд. Як махсусияти ҷаҳонишавӣ дар он зоҳир меёбад, ки вай одатан ба яке аз унсурҳои иҷтимоӣ (иқтисодиёт, ҳуқуқ ва ё сиёсат) решаҳо давонда, дар ин раванд вай дар ҳамин гурӯҳи муносибатҳо аз сарҳади зарурӣ берун ҷаста, дигар механизмҳои анъанавии танзими зиндагии халқу миллатҳоро дар ҷанбаҳои мазкур тадриҷан маҳв намуда, заминаи таъсири худро ба дигар паҳноҳо низ мегузорад. Мисол, агар ҷаҳонишавӣ ибтидои худро аз иқтисодиёт сар кунад, бешак, барои худ ҳуқуқро омода менамояд ва сиёсатро ба дом меорад. Агар вай оғози худро аз сиёсат шурӯъ кунад дар чунин сурат иқтисодиётро дар муҳосира гирифта, ҳуқуқро ба коми худ мутобиқ менамояд. Ҳамин тавр ин раванд, дар шароити кунунии рушди технология ва иттилоот дар доираи ҳифзи манфиатҳои кишварҳои рушдкарда, воқеан тавлидгари мушкилиҳои ҷаҳонии сармояҳои бузурги доимо доманзананда мегардад. Зеро технология, асри иттилоот ва алоқаҳои коммуникатсионӣ ба ин раванд такон мебахшанд. (с. 28-29).

Таҳлилҳои муаллиф дар масъалаи он ки ҷаҳонишавӣ ба андозаи муайян барои қудратҳои бузург хизмат мекунад ва инро ҳамонҳое, ки ба ин раванд нерӯ мебахшанд, хуб медонанд. Аммо тарафи дигари ҳамин масъала, ки ба ҳамон андоза ин ҷараён ба манфиати кишварҳои рӯ ба тараққӣ зарар мерасонад, онҳо шунидан намехоҳанд, дуруст ва илмӣ дар асар муаррифӣ мегарданд. Дар паҳнои ҷаҳонишавӣ кишварҳои бузург бо фароҳам овардани имкону шароитҳои муайяни молиявӣ ба фазои кишварҳои хурд ворид шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ тадриҷан ба фурӯбарии арзишҳо ва манфиатҳо оғоз менамоянд. Халқу миллатҳои ҳушёр дарҳол ин дарду иллатҳоро эҳсос мекунанд ва барои пешгирии зарару оқибатҳо чораандешӣ менамоянд. Аммо халқу миллатҳои хобрафта вақте ҳушёр мешаванд, ки на танҳо арзишҳо, балки режиму низомҳои худро аз даст дода, бозича ва воситаи дасти дигарон шудаанд, ҳақиқати талхи сиёсати

имрӯзи ҷаҳон аст (с. 30). Ин ҳама моро хушдор медиҳад, ки ба ин масъалаҳо ҷиддӣ муносибат намоем.

Назари муаллиф дар масъалаи он ки ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди мутамарказхоҳ ба ҳуқуқ васеъ такя мекунад вай бидуни ҳуқуқ таъсири худро ба паҳнои иқтисодиёт, сиёсат ва иҷтимоиёт расонида наметавонад, комилан ҳақ ва илмист. Ва имрӯз мо бо гузашти солҳо ҳаққонияти онро дар шарту шароитҳое, ки аз ҷониби сармоягузорони ташкилотҳои сармоягузору байналмилалӣ масъалагузорӣ мегардад, равшан эҳсос менамоем. Муаллиф дар саҳифаҳои 38-42 таъсири ҷаҳонишавиро ба шаклгирии ҳуқуқ, дар саҳифаҳои 42-43 ба оила, дар саҳифаҳои 43 - 45 ба тақдири ояндаи давлати мо, мухтасаран, вале илман асоснок таҳлил ва муайян кардааст, ки омӯзиш ва бахрабардорӣ аз он барои ҳуқуқшиносону сиёсатмадорон аҳаммияти бориз дорад.

Як нуктаи муҳим ва афзалиятноки аҳаммияти китоби устод Холиқзода А.Ғ. дар он аст, ки ӯ равандҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқиро аз назари илмӣ таҳлил намуда, бо ҳодисоти таърихӣ қиёс карда, ба воқеияти зиндагии халқ қолаб зада, зарару манфиатҳои онро дар тарозӯи адл дар доираи манфиатҳои миллат ва давлат бознигарӣ менамояд. Ӯ дар ҷараёни коркарди консепсияи давлати миллӣ сараввал ҳифзи амният ва низоми онро аз таҳдидҳои мавҷуда масъалагузорӣ карда, чунин навъҳои даъватҳо ва таҳдидҳоро ба давлатдории ҷавони ҳақиқатнигорона муайян намуда, усулҳои посух гардондан ба онҳоро аз назари илмӣ коркард менамояд.

Дар ин маҷро ӯ қабл аз ҳама таваҷҷӯҳ ба таҳдидҳои таърихӣ намуда, усули муносибат ба онҳоро ҷустуҷӯ менамояд (с. 61-68). Аз рӯи инсоф бояд қоил шуд, ки муаллиф дар ин самт дурбинона масъалаҳоеро матраҳ сохтааст, ки барои имрӯзу фардои давлатдории миллии мо аҳаммияти тақдирсоз доранд. Ба вижа пас аз шикасти ғояи «ҷанги тамаддунҳо»-и С. Ҳантингтон, нобарор омадани ғояи «Инсони охирин ва анҷоми таърих»-Ф. Фукуяма, холо дар ғарб муҳандисони сиёсати ҷаҳонӣ барои нооором кардани мардуми қафомондаи олам ғояи бадтарини «қасосгирии ҷуғрофиро» (Р. Каплан) коркард кардаанд, ки таҳкурсиии аслии он маҳз аз ҳамин таҳдидҳои таърихӣ сарчашма мегиранд. Муаллиф гӯё ҳамин равандро қаблан даҳ сол муқаддам дарк намуда, дар пайравӣ бо Пешвои муаззами миллат, дар шароитҳои нави таърихӣ вазифаҳои давлати миллиро дурбинона ва илмӣ аз назари ҳуқуқ муайян кардааст.

Дидгоҳи муаллиф дар масъалаи он ки таҳдидҳои таърихӣ ва проблемаҳои вобаста ба он баамалоянда ба се давраи рушд тақсим мешаванд - ибтидоӣ, миёна ва ниҳоӣ, комилан илмӣ ва ҳаққанд. Таърих сабақ медиҳад, ки марҳилаҳои ибтидоӣ ва миёнаро то андозае метавон ҳамоҳанг сохт. Агар дар ин маврид самтгирӣ дуруст бошад, дар хусуси оянда сухан рондан мумкин аст. Дарк насохтани тағйироти баамалоянда, эҳсос накардани ин раванд дар таърих ҳаммаънои ба шикаст рӯ овардани халқу миллатҳо ва давлатҳост (с. 67).

Назари муаллиф роҷеъ ба даъвату таҳдидҳои аз ҷараёни ҷаҳонишавӣ ба миёноянда тимсоли низоъҳо, ҷангҳои шаҳрвандӣ, таҳдиди демографӣ, таҳдид ба ахлоқи инсонӣ, таҷовузи гуманитарӣ, инқилобҳои фармоишӣ,

дому найрангҳои молиявӣ ва эрозияи истиқлолияти сиёсӣ (с. 67-72) на танҳо дуруст ва илмӣ мебошанд, онҳо дар амалияи сиёсати ҷаҳонӣ ҳаққонияти худро комилан ҳаммаъно муаррифӣ намуда, дуруст будани фикру дидгоҳҳои олимро собит сохтаанд.

Дидгоҳи муаллиф роҷеъ ба масъалаи дар асорат афтидани хуқуқ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳдиду даъватҳо ба низоми ҳуқуқӣ ва роҳҳои халосӣ аз он (с. 77-90) як дастурамали тайёри илмӣ ҷиҳати ҳифзи фазои ҳуқуқии давлатҳои миллӣ аст, гӯем хато нахоҳем кард. Ба хусус роҳҳои ҳуқуқии ҳимоя аз ғарбигароии қонунҳо, ҳифзи покизагии мафкураи ҷавонон аз махлутшавӣ бо ғояҳои ифротӣ, пешгирии сиёсисозии дин, ҳимоя аз амвоҷи забони бегона ва пастшавии мақоми забони модарӣ, кам кардани муҳоҷирати меҳнатӣ ва эҳтиёткорӣ аз хатарҳои таърихӣ як консепсияи мукаммали ҳифзи мафкураи миллӣ ва манфиатҳои давлати миллист, ки дар шароити имрӯзу фардои миллат ва давлати мо аҳаммияти таърихӣ ва тақдирсоз доранд.

Дар фасли 2 соҳиби китоб масъалаи соҳибихтиёрии давлатӣ ва андешаи давлати миллиро ҳамчун ду қирраи як падида ва ду паҳлуи як мизон таҳлил намуда (с. 92-205), муаллиф нуктаҳои муҳимми ин паҳноҳои истиқлолияти давлатиро рӯшноӣ афканда, ҷиҳати такмил бахшидани ҳам соҳибихтиёрии давлатӣ, ҳам халқӣ ва ҳам миллӣ дар давлатҳои нави миллӣ фикрҳои ҷолиби илмӣ гуфтааст. .....

Муаллиф дар фасли се худшиносии миллӣ ва динӣ (205-300) заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии ташаккули худшиносии миллӣ ва диниро дар Тоҷикистон, мушкилиҳои худшиносии миллӣ, динӣ, роҳҳои ҳуқуқии рафъи мушкилиҳо дар ин роҳ, муносибати дин бо давлати миллӣ вазифаҳои дин дар давлати миллӣ ва воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи худшиносӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ фикрҳои судманди илмӣ ва амалӣ иброз намудааст. Фасли мазкур аз назари мазмун ва мундариҷа метавонад як дастурамали кории хубе ба кормандони соҳаи дин дар кишвар гашта, ҷиҳати бедор кардани ҳисси худшиносии миллӣ байни донишҷӯён тарғиб шавад.

Дар фасли 4 асар, ки «Таърихи ҳуқуқ ва худшиносии миллӣ» (с. 302-402) ном дорад, бузургтарин манобеи худшиносии миллӣ таърихи халқро мавриди омӯзиш қарор дода, моҳияти устод будани таърихро дар ҷодаи фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар заминаи таҳлили назари мутафаккирони Шарқу Ғарб ва таносуби дидгоҳи эшон бо таърихи воқеии халқи тоҷик мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст. Хулоса ва андешаҳои олим дар масъалаи ҷараёни нохуби ҷавобгарии таърихӣ дар шароити муосир ҳамчун раванди номатлуби илми ҳуқуқшиносӣ аз назари сиёсат моҳияти прогрессивӣ ва илмию амалиро доро аст.

Назари муаллиф дар масъалаи нақши инсон ва илм дар ташаккули давлати миллӣ, ки дар фасли панҷи китоб (с. 404-510) таҳли шудааст, воқеан як сарчашмаи нодири илмӣ дар ташаккули илми ватанӣ маҳсуб мегардад. Ӯ дар ин фасл масъалаҳои мубрами ташаккули рушди илми ҳуқуқро дар таърих ва шароити муосир таҳлил намуда, мушкилию нобасомониҳои мафкураи илмиро ошкор сохта, ҷиҳати ислоҳи илм дар маҷмӯъ ва омодагии он дар хизмати давлати миллӣ фикрҳои аҷиб ва

ҳикматомӯз гуфтааст. Дар шарҳи масъалаҳои ташаккули илм дар дидгоҳи муаллиф ғояи арзишӣ ғалаба карда, тафовут миёни дидгоҳҳо аз назари манфиати умум ва арзишмандии ғоя гузошта намешавад. Муҳим он аст, ки илм тавонад бори амонати кашфи ҳақиқат ва ба манфиати инсон хизмат намуданро дошта бошад. Масъалаи ташаккули зиёии муосири ватанӣ, ки муаллиф ба он низ диққат додааст, метавонад сарчашами нодир дар ташаккули мафкураи илмии муосир гардад.

Масъалаҳои ҳуқуқи миллӣ (с. 512-602) ва дастовардҳои илмии Шарқу Ғарб дар масъалаи давлати миллӣ (с. 604 -677), ки муаллиф дар фаслҳои 6 ва 7 мавриди таҳлил қарор додааст, сазовор ба таҳлил ва омӯзиши хоса аст. Бо назари маҳдудияти вақт ва ҳаҷми тақриз танҳо ҳаминро метавон гуфт, ки назари муаллиф ба таҳия ва ташаккули ғояи ҳуқуқи миллӣ, ки аз қонунҳои миллии Пешвои муаззами миллат мабдаъ мегирад, воқеан як назари инқилобӣ на танҳо дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик, балки дар фазои илми ҳуқуқи Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва ҷаҳон аст. Таҳлилҳои адолат, инсоф, қонун, баробарӣ, озодӣ бо риояи одоби манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои башарӣ аз назари ахлоқ, фалсафа, илми иҷтимоиёт ва ҳуқуқ на танҳо равияи нави рушди фалсафаи давлат ва ҳуқуқ дар Тоҷикистон аст, балки ба назари мо ин навгонии ҷиддии илми ҳуқуқшиносӣ дар маҷмӯъ ба ҳисоб меравад. Зеро чунин таҳлили илмии арзишҳои башарӣ бо воситаҳою усулҳои илми ҳуқуқ дар доираи тарозуи манфиатҳои давлати миллӣ то ҳол ба мо рӯ ба рӯ нашудааст. Ин навъи кӯшишҳо аз дидгоҳи иқтисодӣ аз ҷониби Г. Хайек (барандаи ҷоизаи нобелӣ), аз назари фалсафӣ Ю. Хабермас (олими сатҳи ҷаҳонии илми фалсафаи иҷтимоӣ) дар асри XX вуҷуд доштанд, вале аз назари ҳуқуқ назар ба ин равандҳои мафкуравӣ ва давлатшиносӣ то ҳол вуҷуд надошт.

Муаллиф дар заминаи назарияҳои муосири фаҳмиши ҳуқуқ ва давлат ва мувофиқоии онҳо ба ҳадафҳои давлатсозии халқи тоҷик ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои муаззами миллат, бо далоили усули қиёси таърихӣ фикрҳои судманд намудааст. Ӯ ҳамоҳангии ҳадафҳои неки давлатдории моро ҳамчун унсури давлати миллӣ ба фазои илмӣ пешниҳод менамояд. Бешак, ӯ аз оини давлатсозии Пешвои миллат илҳом гирифтааст. Нуктаҳои муҳимми ғояи Роҳбари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмонро дар масъалаи давлатсозӣ дар паҳнои илми ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ бо дастрасии асарҳои олимони бузурги ҷаҳонӣ таҳлил намуда, хулосаҳои амиқи илмӣ ва амалӣ нисбати имрӯз ва фардои давлатдории миллии халқи тоҷик пешниҳод кардааст.

Муаллиф воситаи муассири муҳофизати манфиатҳои миллат ва давлатро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва баъд аз он дар садсолаи наздик дуруст, илмӣ ва мантиқан амалӣ дар ҳамбастагӣ бо воқеият дар ташаккули ғояи давлати миллӣ ва ҳуқуқи миллӣ дидааст. Ин дидгоҳ барои мо ҳуқуқшиносон воқеан аҳаммияти бузурги илмӣ ва бунёдӣ дорад.

Китоб бо дастрасии адабиёти сершумори илмӣ сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, таърих, равоншиносӣ ва иҷтимошиносӣ, ки дар фазои илмии Ғарбу Шарқ иншо шудааст, таҳия гашта, бо таҷрибаи таърихии халқи тоҷик, рушди тамаддунҳо ва таърихи халқҳои дигар муқоисаи таҳлилӣ

шуда, вобаста ба шароити муосир ҷиҳати муътадил гардонидани вазъи ҷаҳонӣ ва шароити мусоиди рушди давлатдории миллии тоҷикон хулосаю андешаҳои судманди назарӣ ва амалӣ пешниҳод кардааст.

Қиммати назарию амалии асар аз рӯи усули баррасии масъалаҳо, мантиқи хулосабарориҳо, ҳақиқати дидгоҳҳо ва манфиати пешниҳодҳо дар амалияи бунёди давлати миллӣ ва ташаккули худшинсоии сиёсӣ бебаҳс ва таърихӣ буда, дар илми ҳуқуқшинсоӣ ва давлатшиносии ватанӣ дастоварди нодир аст. Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф дар рушди давлатдорӣ, илми ҳуқуқшиносӣ ва раванди қонунгузорӣ аҳаммияти илмӣ ва амалиро доро аст.

Мутмаинам, ки муаллиф аксари гуфтаю навиштаҳои ислоҳотгароёнаи худро аллакай дар раванди фаъолияти касбиаш дар корпуси қонунгузории кишвар татбиқ намудааст. Ҳамчун муқаррizи чандин рисолаҳои номзадию докторӣ шаҳодат медиҳам, ки гуфтаю навиштаҳои муаллиф аллакай васеъ дар шаклгирии илми ватании ҳуқуқшиносӣ истифода шуда истодааст.

Методологияи таҳлил, усулҳои истифодашудаи илмӣ, сарчашмаҳои истифодагашта мутобиқ ба эҷоди асарҳои бунёдии илмӣ буда, хулосаҳои илмии муаллиф навгонии ҷиддӣ дар омӯзиш ва ташаккули давлат ва ҳуқуқи муосири миллӣ аст.

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн –** Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Талабот ба мақолаҳое, ки барои нашр дар маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» пешниҳод мешаванд**

Ҳаҷми камтарини маводи пешниҳодшаванда – чор саҳифа матн, дар намуди файли MS Word.

Андозаи чоп: 14, Times New Roman, Times New Roman Tj, фосилаи байнисатрии 1,5 (якуним) ҳуруфчинӣ шуда, майдон: боло ва поён – 2,5 см, чап – 1,5 см ва рост – 3,5 см бошад.

Дар мақола ҳатман ҳамроҳ карда мешаванд:

1) номи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
2) насаб, ном ва номи падари муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
3) маълумот барои тамос (телефони мобилӣ ва суроғаи электронии муаллиф);
4) ихтисоси илмӣ (рамз) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
5) насаб, ном ва номи падари роҳбари илмии муаллифи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
6) тақриз;
7) насаб, ном ва номи муқарризи мақола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
8) фишурда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (то 500 аломат ҳар яке, бо назардошти фосила, нуқта ва вергул);
9) калидвожаҳо (панҷ-ҳафт калимаҳои асосии мақола бидуни тавзеҳи онҳо бо ҷудосозии онҳо тавассути аломати вергул) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;
10) рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қисми болоии матн оварда мешаванд, масалан: Ҳамчуноне ки аз ҷониби Ф.М. Шоев ишора гардидааст, «чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…»[1].

Рӯйхати адабиёт бо тартиби алифбо оварда шуда, бо назардошти қоидаҳои байнидавлатӣ (ГОСТ) оро дода шуда, дар охири мақола оварда мешавад. Мақолаҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад (бо имзои муаллиф).

Ба ҳар як мақола ба таври ҳатмӣ аз ҷониби аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла ва ё олимону мутахассиони аз ҷониби идораи маҷалла аз рӯи ихтисос ҷалбгардида тақриз дода мешавад. Тақризи манфӣ асос барои рад намудани чопи мавод мебошад (ба муаллиф дар ин бора ба таври хаттӣ ё электронӣ хабар дода мешавад). Ҳаққи қалам барои чопи мақола пардохт намешавад. Аспирантон барои чопи ройгони мақола ҳуқуқ доранд. Муаллифон ба идораи нашрия ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи асарро бо тарзҳои зерин медиҳанд:

• таҷдид, нашр ва бознашри мақола (ҳуқуқ ба таҷдид ва нашр);
• паҳн намудани мақола бо ҳар роҳ (ҳуқуқ ба паҳн намудан).

Пешниҳоди мавод ба идораи маҷалла амали ҳуқуқиест, ки ба пайдоиши ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдор равона шудааст. Розигии муаллиф ба нашри мавод бо шартҳои зикршуда ҳамчун розигии ӯ оид ба ҷой додани мақола дар шакли электронии маҷалла фаҳмида мешавад. Идораи маҷалла ҳуқуқ дорад мавод ва мақолаҳои маҷалларо дар махзанҳои электронии ҳуқуқӣ ва дигар махзани маълумоти электронӣ ҷойгир созад. Муаллиф метавонад ҳангоми пешниҳоди мақола идораи маҷалларо оид ба норозигии худ дар хусуси шартҳои истифодаи мақолааш огоҳ созад. Дар сурати вайрон кардани талаботи таҳияи мақолаҳо мавод барои коркард ба муаллиф баргардонида мешавад. Муаллиф вазифадор аст, ки дар бораи тағйиротҳои вориднамудааш идораи маҷалларо огоҳ созад (мактуб дар шакли электронӣ). Ҳангоми риояи нашудани талаботи таҳияи мақола аз ҷониби муаллиф, идораи маҷалла ҳуқуқ дорад бо нишон додани далел ва сабабҳо аз нашри маводи пешниҳодшуда даст кашад ва чопи онро рад созад.

**Требования, предъявляемые к статьям соискателей, аспирантов и докторантов для публикации в журнале «Государствоведение и права человека»**

Минимальный объем подачи материала – четыре страницы текста, набранного в формате Word.

Параметры набора: 14-й размер кегля, Times New Roman, полуторный интервал, поля: верхнее и нижнее – по 2, 5 см, левое – по 1, 5 см и правое – по 3, 5 см.

К статье обязательно прилагаются:

1) рецензия;

2) аннотации на русском и английском языках (до 500 знаков каждая, включая пробелы, точки и запятые);

3) ключевые слова (пять – семь основных слов статьи без расшифровки понятий через запятую) на русском и английском языках;

4) перевод на английский язык названия статьи;

5) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества автора статьи;

6) электронный адрес автора;

7) указывается научная специальность (код);

8) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества научного руководителя автора статьи;

9) перевод на английский язык фамилии, имени, отчества рецензента статьи.

10) Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в верхнем уголке текста, например: Как указано Ф.М. Шоевым, «данный эффект проявляется при …»[1].

Список литературы указывается в алфавитном порядке. Страницы должны быть пронумерованы. Статьи принимаются в печатном и электронном экземплярах (подписываются автором).

Статьи в обязательном порядке рецензируются членами Редакционно-экспертного совета журнала в соответствии с профилем представленной работы и (или) привлеченными редакцией учеными и специалистами согласно порядку рецензирования рукописей. Отрицательная рецензия является основанием для отказа в публикации работы (автору сообщается об этом в письменном виде). Гонорар за публикацию статей не выплачивается. Аспиранты имеют право на бесплатную публикацию статей. Авторы передают редакции исключительное право на использование произведения следующими способами:

• воспроизведение статьи (право на воспроизведение);

• распространение экземпляров статьи любым способом (право на распространение).

Представление материала, поступившего в адрес редакции, является конклюдентным действием, направленным на возникновение соответствующих прав и обязанностей. Согласие автора на опубликование материала на указанных условиях, а также на размещение его в электронной версии журнала предполагается. Редакция оставляет за собой право размещать материалы и статьи журнала в электронных правовых системах и иных электронных базах данных. Автор может известить редакцию о своем несогласии с подобным использованием его материала при представлении статьи. В случае нарушения перечисленных редакционных требований материал может быть возвращен автору на доработку. О внесенных изменениях автор обязан сообщить редакции (письмо в электронном виде). При несоблюдении автором предъявляемых требований редакция имеет право отказаться публиковать представленный материал с мотивированным объяснением причин отказа.

Ба матбаа 30.12.2022 супорида шуд.
Ба чопаш 02.01.2023 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 15,8
Супориши №17. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе кӯчаи Лоҳутӣ, 2.